**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ТДУ:** 343+343.13 (575.3)

**ТКБ:** 67.99 (2) 06 (2 Т)

**А** – 14

**АБДУЛЛОЕВА МАДИНА КАМОЛОВНА**

# ДАСТГИР КАРДАНИ ШАХС БО ГУМОНИ СОДИР НАМУДАНИ ҶИНОЯТ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор **ИСКАНДАРОВ З.Ҳ.**

**ДУШАНБЕ – 2023**

## МУНДАРИҶА

**Номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ**..........................................................3
**Муқаддима**..........................................................................................................4-18
**БОБИ 1. МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА АҲАММИЯТИ ДАСТГИР КАРДАНИ ШАХС БО ГУМОНИ СОДИР КАРДАНИ ҶИНОЯТ**..................................19-83
1.1. Мафҳуми гумонбарӣ ва намудҳои он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон....................................................................................................19-41
1.2. Моҳияти мурофиавӣ доштани дастгир кардани гумонбаршуда бо гумони содир кардани ҷиноят..........................................................................................41-65
1.3. Ҳолати мурофиавии шахсе, ки ҳамчун гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноят дастгир шудааст..........................................................................................65-82
**БОБИ 2. АСОС ВА ШАРТҲОИ ДАСТГИР КАРДАНИ ШАХС БО ГУМОНИ СОДИР КАРДАНИ ҶИНОЯТ**..................................................83-140
2.1. Асосҳои дастгир кардани гумонбаршуда: мафҳум, намуд, тавсифи назариявӣ, амалияи татбиқи он....................................................................83-108
2.2. Таҳлили ҳуқуқии «асосҳои дигари кофӣ»-и дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят....................................................................108-122
2.3. Мақсад, ваҷҳнокӣ ва шартҳои дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят.........................................................................................122-140
**БОБИ 3. ТАРТИБИ МУРОФИАВИИ ДАСТГИР КАРДАНИ ГУМОНБАРШУДА БО ГУМОНИ СОДИР КАРДАНИ ҶИНОЯТ**.....141-192
3.1. Тартиби мурофиавии расмиёти дастгир кардани гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноят.........................................................................................141-155
3.2. Таъмини ҳуқуқҳои шахсе, ки бо гумони содир кардани ҷиноят дастгир карда шудааст...................................................................................155-177
3.3. Озод кардани шахсе, ки бо гумони содир кардани ҷиноят дастгир шудааст..........................................................................................................177-192
**Хулоса**..................................................................................................................193-197
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**..............................198
**Рӯйхати адабиёт (маъхазҳо)**.............................................................................199-222
**Феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ**.........................223-225

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**КГ ҶТ – Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**КҶ ҶТ – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**КМҶ ҶТ – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ФР – Федератсияи Россия**

**КМҶ ФР – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия**

**КМҶ ҶФО – Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Федералии Олмон**

**ИДМ – Иттиҳоди давлатҳои мустақил**

**ҶШСТ – Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон**

**ВКД – Вазорати корҳои дохилӣ**

**ШВКД – Шуъбаи вазорати корҳои дохилӣ**

**ФОҶ – Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ**

**с. – сархат**

**қ. – қисм**

**м. – модда**

**м.м. – моддаҳо**

**б. – банд**

**б. – боб**

**с. – саҳифа**

**С. – саҳифа**

**с. – сол**

**ғ. – ғайра**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд дар матн ҶТ) риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби давлат кафолат дода мешавда. Вайрон кардани ин муҳимтарин принсипи давлати демократӣ монеъаи ногузаштание дар роҳи рушди кишвар ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ мешавад. Бо назардошти ин Тоҷикистон, чун дигар давлатҳои пасошуравӣ, як қатор санадҳои қонунӣ қабул карда аксари санадҳои байналмилалиро, ки ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дахл доранд ратификатсия кардааст. Бо назардошти ин, дар навбати аввал зарурарати назаррас фаъол намудани мубориза бо онҳое, ки чунин ҳуқуқу озодиҳоро вайрон мекунанд, ба миён меояд. Аммо масъалаи риояи ҳуқуқҳои шахсият ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ дар рафти мурофиаи судии ҷиноятӣ мубрамияти бештарро мегирад. Ба таҳлили он олимон - ҳуқуқшиносони ватанӣ ва хориҷӣ диққат додаанд, новобаста аз ин дар ин самт «масъалаҳои норавшан» – и зиёд боқӣ мондаанд, ки баъзе аз онҳоро муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар диссертатсияи худ бартараф намояд. Аҳаммияти масъалаи гузошташуда бо он муайян карда мешавд, ки дар сиёсати қонунгузории давлати Тоҷикистон масъала оид ба риояи ҳуқуқҳои инсон дар рафти пешбурди судии ҷиноятӣ (ва на танҳо ҷиноятӣ), махсусан ишора карда мешавад.

Оид ба он, ки ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсият дар суд бояд кафолат дода шаванд, дар аксари ҳуҷҷатҳои хислати ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ дошта ишора карда мешавад. Мутаасифона ин муқаррароти бунёдии давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ на ҳама вақт риоя карда мешавад.

Имрӯз дар Тоҷикистон санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии лозима оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд амал намуда, барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ[1] оид ба мубориза бо ҷинояткорӣ татбиқ мешаванд, ки ҳимояи

[1] Ниг.: Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2019-2021) // Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2019, таҳти №1242 тасдиқ карда шудааст [Захираи электронӣ]. –

ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, манфиатҳои давлат ва ҷамъиятро дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба куллӣ тағйир диҳанд.

Бо назарадошти гуфтаҳои боло, муаллиф зарур мешуморад, ки таҳлили амиқу ва дақиқи маҳдудиятҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои шахсро бо мақсади истисно кардан аз ҳар гуна беасос ва ғайриқонунӣ таъқиб кардани ӯ ва ҳамзамон асоснок кардани иҷрои вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ анҷом диҳад.

Имрӯз, қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ на танҳо шартҳои муайян, балки асосҳо, тартиб ва ҳудуди маҳдудиятҳои озодиҳои шаҳрвандро пешбинӣ мекунад, ки ҳангоми татбиқ кардани онҳо метавонанд кафолатҳои конститутсионии шахс ва ҳуқуқҳои он муваққатан маҳдуд карда шаванд. Барои ин мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, бо мақсади мубориза бо ҷинояткорӣ, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, нигоҳдошти суботи ҷамъиятӣ, пешгирӣ ва саривақт ошкор кардани ҷиноятҳо, бартараф кардани сабабу омилҳое, ки ба содир кардани он мусоидат кардаанд, бояд доимо функсияҳои худро такмил диҳанд, то ки ҳар як мавриди беасос ва ғайриқонунӣ вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд истисно шавад.

Барои таъмини тартиби ягонаи мурофиаи судии ҷиноятӣ, яъне ба амал баровардани адолати судӣ, қонунгузор мақомоти амаликунандаи мурофиаи судии ҷиноятиро (таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд) дар доираи салоҳияти худ ҳуқуқи татбиқ кардани чораҳои маҷбуркунии мурофиавиро нисбати гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда додааст. Татбиқи ғайриқонунии ин салоҳиятҳо дар навбати худ ба маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳо оварда мерасонад. Дар амалия ин салоҳиятҳо бештар дар татбиқ кардани чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ ифода меёбанд. Яке аз онҳо дастгир кардани гумонбаршудагон дар содир кардани ҷиноят мебошад. Он бо вуҷуди сабабҳои гуногун ва проблемаҳои ҳуқуқӣ, бо як қатор мушкилиҳо алоқаманд аст, ки иҷрои чораи номбурда асоснокии дақиқро талаб мекунад.

---

Манбаи дастрасӣ: URL:https://sud.tj/upload/medialibrary/ba2/ba2 c83ec80192d0d7345c252a104d5b5.pdf (санаи муроҷиат: 28.02.2023).

Ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар доираи қонуният, профилактикаи (пешгирии) ҳуқуқвайронкуниҳо, бидуни таъмини волоияти қонун ва такмили батанзимдарории ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, бе амалӣ намудани адолати судӣ ғайриимкон мебошад. Таҳлили алоқамандии ин равандҳо метавонад ба ҳалли асосноки масъалаҳои мурофиавӣ ва такмили танзими муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон, мухолифатҳо дар меъёрҳои ҳуқуқӣ ошкор ва бартараф карда мешаванд, ки дар рафти татбиқи онҳо ишора карда шудаанд.

Дар ин маврид такя ба он ҷанбае бояд кард, ки дар хусуси он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қайд намуданд: «Барои расидан ба мақсадҳои адолати судӣ зарур аст, ки кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бе чуну чаро талаботи қонунро дар фаъолияти худ риоя намуда, намунаи ибрат ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ бошанд»[2]. Дар навбати худ такмили минбаъдаи қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, судӣ ва мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ҳангоми дастгир кардани шахс бо назардошти ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, инчунин дараҷаи маҳдуд кардани онҳо ҳангоми амалӣ кардани адолати судӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ, зарурати тадқиқи амиқи илмӣ-назариявиро талаб мекунад.

Дар ҳар давлати ҳуқуқбунёд бояд принсипи волоияти қонун ҳангоми муносибати шаҳрвандон бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё ин ки шахсони мансабдор риоя карда шавад, ба хусус, вақте ки нисбати шахсон чораҳои маҳдудкунандаи ҳуқуқ ва озодиҳо татбиқ мешаванд. Аммо, тавре маълум аст, ҳангоми татбиқи дастгиркунӣ маҳз ҳуқуқу озодиҳо маҳдуд карда мешавад. Агар дастгиркунӣ беасос ва ғайриқонунӣ иҷро шуда бошад, илова бар ин инсон азобу уқубат мекашад, ҳолати ногувори маънавӣ ва руҳиро эҳсос

[2] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 // Тирози ҷаҳон. – №99-100 (3007). – Душанбе, 22.12.2021.

мекунад. Дар рафти мурофиаи судии ҷиноятӣ на танҳо озодии инсон, балки дахлнопазирии манзили ӯ, мукотиба, гуфтугӯҳои телефонӣ ва муросилоти почта маҳдуд карда мешавад. Агарчи қонун асос ва тартиби махсуси гузаронидани амалҳои тафтиширо пешбинӣ намуда бошад ҳам, дар ин ҷо норасоӣ ва камбудиҳо мавҷуданд, ки ба вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд оварда мерасонанд.

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМҶ ҶТ)[3] асос ва тартиби татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиавиро пешбинӣ намудааст, аммо мафҳум ва моҳияти ин чораҳои маҷбуркунӣ, асосҳои гурӯҳбандӣ, қоидаҳои умумӣ ва махсуси татбиқи онҳо саҳеҳ ифода нашудаанд, ки ин барои давлати ҳуқуқбунёд нораво мебошад. Бинобар ин, дар назарияи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ низ оид ба мафҳуму моҳият ва қоидаҳои татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ, нуқтаи назари гуногун мавҷуд аст, ки таҳлили дақиқи ҳуқуқӣ - назариявиро талаб мекунад.

Бе татбиқи чораҳои маҷбуркунии хусусияти мурофиаи ҷиноятӣ дошта, пешгирӣ ва кушодани ҷиноят мушкил мебошад. Дар ин ҷода чунин чораи мурофиаи ҷиноятӣ – дастгир кардани гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноятро бояд махсусан ишора намуд, ки ба ақидаи як қатор муаллифон, он яке аз чораҳои маҷбуркунии давлатӣ мебошад, ба нуқтаи назари дигарон ин чораи маҷбуркунии таъсиррасонӣ ва маҳдудкунӣ моддӣ мебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳоло фикри дақиқу ягона оид ба мазмун ва моҳияти асосҳое, ки дар қ.1 м.92 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, вуҷуд надоранд. Ин ба тартиби ягонаи татбиқи чораи қайдшуда таъсири манфӣ мерасонад. Дар натиҷа ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои шаҳрвандон дар мурофиаи судии ҷиноятӣ вайрон мегарданд.

Бо вуҷуди ин гуфтаҳо, муаллиф дар сатҳи қонунгузорӣ зарурати муайян кардани намуд ва шаклҳои чораҳои маҷбуркунии мурофиаи ҷиноятӣ,

[3] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009. – №12. – мод 815-816; Қонун ҶТ аз 25.03.11 с., таҳти №692; аз 02.08.17 с., таҳти №755; №1696, аз 04.07.2020, таҳти №1702. – Душанбе: Матн, 2020.

коркарди кафолатҳои иловагии ҳуқуқ ва озодиҳои шахсият, ки бо татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиаи ҷиноятӣ алоқаманд мебошанд, қайд мекунад. Маҳз ҳамин мақсадҳои мубрамро муаллиф дар таҳқиқоти худ гузоштааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ вобаста ба дастгир кардани гумонбаршуда дар асарҳои худ як зумра олимон-ҳуқуқшиносони ватанӣ – А.Л. Арипов[4], М.С. Ғозиев[5], З.Ҳ. Искандаров[6], Н.А. Қудратов[7], И.Т. Маҳмудов[8], Х.М. Мирзамонзода[9], И.С. Мухаммадиев[10], А.А. Муҳитдинов[11], И.А. Одинаев[12], Р.Ҳ. Раҳимзода[13], А.Э. Раҳматулоев[14], Р.Р. Юлдошев (Р.Р. Раҳмадҷонзода)[15] ва инчунин олимон-ҳуқуқшиносони Федератсияи Россия Е.С. Березена[16], Ю.Ю. Ксендзов[17], Н.В. Луговетс[18], В.Ю. Мелников[19], К.В. Питулко[20], Ю.Б. Плоткина[21], В.В. Рудич[22], А.И. Сергеев[23],

---

[4] Ниг.: Арипов А.Л. Деятельность следователя по собиранию и проверке доказательств на предворительном следствии: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2011. – 24 с.

[5] Ниг.: Ғозиев М.С. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Деваштич, 2009. – 403 с.

[6] Ниг.: Искандаров З.Х. Подозреваемый в уголовном процессе / З.Х. Искандаров // Известия АН РТ. Серия: фил. и правоведения. – 1995. – №1. – С. 81-85.

[7] Ниг.: Қудратов Н.А., Холхуҷаев З.И. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Воситаи таълимӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – С. 180.

[8] Ниг.: Махмудов И.Т. Прокурорской надзор за исполнением законов в оперативно-розыскной деятельности: проблемы теории, практики и законодательной регламентации. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 95 с.

[9] Ниг.: Гафуров Х.М. (Мирзамонзода Х.М.) Судебная система Республики Таджикистан: Сравнительно-прававой анализ: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2006. – 31 с.

[10] Ниг.: Мухаммадиев И.С. Образование и становление органов прокуратуры на севере Таджикистана в 1923-1930 гг. (исторический аспект исследования): автореф. дис. … канд. ист. наук. – Худжанд, 2009. – 25с.

[11] Ниг.: Муҳитдинов А.А. Процессуальное положение следователя (по материалам Республики Таджикистан): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Ташкент, 2009. – 24 с.

[12] Ниг.: Одинаев И.А. Уголовно-процессуальное задержание в досудебном производстве Республики Таджикистан и Российской Федерации: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – СПб., 2019. – 20 с.

[13] Ниг.: Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳимояи давлатии иштирокчиёни пешбурди судии ҷиноятӣ. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 100 с.

[14] Ниг.: Раҳматулоев А.Э. Доказательства и вопросы доказывания в отечественном уголовном процессе. – Худжанд: Ношир, 2014. – 300 с.

[15] Ниг.: Юлдошев Р.Р. Уголовное преследование в досудебном производстве по уголовно-процессуальному законодательству Республики Таджикистан: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2013. – 28 с.

[16] Ниг.: Березена Е.С. Задержание подозреваемого как институт уголовного судопроизводства: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2009. – 30 с.

[17] Ниг.: Ксендзов Ю.Ю. Задержание и заключение под стражу подозреваемого: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – СПб., 2010. – 26 с.

[18] Ниг.: Луговец Н.В. Задержание подозреваемого и иные меры процессуального принуждения: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Саратов, 2004. – 32 с.

[19] Ниг.: Мельников В.Ю. Задержание подозреваемого: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Краснадор, 2004. – 28 с.

[20] Ниг.: Питулько К.В. Судебная проверка законности и обоснованности избрания в качестве меры пресечения заключение под стражу и реализация права обвиняемого на защиту в уголовном процессе РФ: дис. ... канд. юрид. наук. – СПб., 2000. – С. 133.

[21] Ниг.: Плоткина Ю.Б. Применение мер пресечения, избираемых по решению суда, в стадии предварительного расследования: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2010. – 227 с.

А.В. Солтанович[24], И.И. Сухова[25], Ю.В. Тсарева[26], А.А. Чувилев[27] ва дигарон навиштаанд. Аммо бо назардошти аҳаммияти таҳқиқотҳои олимони номбурда, камбудиҳои зиёде дар соҳаи омӯзиши муаллиф ҳалли худро наёфтаанд. Дар ин байн аҳамияти ҳуқуқӣ, назариявӣ ва амалии онҳо дар замони ҳозира назаррас афзоиш ёфтааст. Бо назардошти ин муаллиф кӯшиш намудааст, ки дар асоси назари комплексӣ масъалаҳое, ки қаблан мадди назари дигар муҳаққиқон шудаанд, ҳал намояд.

Чунончи, таҳқиқоти комплексии проблемаҳои дастгир кардани гумонбаршуда, моҳияти ҳуқуқии он, таҳлил ва баррасии масъалаҳои зеринро дар назар дорад: мафҳум ва моҳияти «дастгир кардан», «гумонбарӣ», «гумонбаршуда», «дастгиршуда» дар мурофиаи ҷиноятӣ; табиати ҳуқуқӣ ва дар меъёри қонун асоснок кардани дастгир намудани шахс барои содир кардани ҷиноят ҳамчун гумонбар, маҷбуран овардани шахси гумонбар; таъмини ҳуқуқҳои гумонбар; ошкор кардани асосҳои дастгир кардан; ҳолатҳои истифодаи маълумоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳангоми ҳалли масъалаи татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ нисбати гумонбаршуда ва муносибатҳое, ки байни иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, ба вуҷуд меоянд, тартиби табдили дастгиркунии воқеӣ ба дасгиркунии мурофиаи ҷиноятӣ. Ҳамаи ин масъалаҳо рӯзмарра буда, аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ доранд. Зарурати ҳалли онҳо ба интихоби мавзуъи таҳқиқоти илмии муаллиф мусоидат намуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур қисми нақшаи дурнамои корҳои илмии кафедраи

---

[22] Ниг.: Рудич В.В. Механизм применения мер пресечения в российском уголовном судопроизводстве: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – Ульяновск, 2020. – 60 с.

[23] Ниг.: Сергеев А.И. Задержание лиц, подозреваемых в совершении преступления, по советскому уголовно-процессуальному закону. – Горький: ГВШ МВД СССР, 1976. – С. 11.

[24] Ниг.: Солтанович А.В. Право подозреваемого на защиту в уголовном процессе республики Беларусь: дис. … канд. юрид. наук. – Минск, 1992. – 200 с.

[25] Ниг.: Сухова И.И. Нравственные начала решения о необходимости избрания меры пресечения, допускаемой только по судебному решению: дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2021. – 228 с.

[26] Ниг.: Царева Ю.В. Залог как мера пресечения в уголовном процессе России: доктрина, юридическая техника, правоприменительная практика: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Нижний Новгород, 2018. – 35 с.

[27] Ниг.: Чувелев А.А. Анализ статистических данных о законности задержания подозреваемых / А.А. Чувелев // Социалистическая законность. – 1973. – №10. – С. 65-67.

ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 дар самти «Масъалаҳои такмил додани баамалбарории адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар партави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2007-2021)» ва дурнамои корҳои илмии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ барои солҳои 2021-2025 дар самти «Рушди асосҳои адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар партави Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2018-2028)» иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади диссертатсия аз коркарди пешниҳодҳо оид ба бартараф кардани норасоӣ дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва амалияи татбиқи институти дастгир кардани гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноят, инчунин баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии татбиқи ин чораҳо дар тафтишоти пешакӣ, иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Расидан ба мақсади нишондода шуда, иҷрои чунин **вазифаҳои** муайянро тақозо мекунад:

– муайян кардани мафҳум ва моҳияти гумон, боздоштани гумонбаршаванда ва ҳолати ҳуқуқии дастгиршуда дар мурофиаи ҷиноятӣ;

– муайян кардани табиати ҳуқуқӣ ва ташаккули мафҳуми дастгир кардани шахс дар мурофиаи ҷиноятӣ;

– таҳлили асосҳо ва сабабҳое, ки барои татбиқ кардани дастгир кардан бо  бо гумони содир намудани ҷиноят;

– муайян намудани ҳалли масъалаҳое, ки ба татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиаи ҷиноятӣ монеа мекунанд;

– асоснок кардан ва татбиқ кардани усулҳои нави муосир аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ҳангоми дасгир кардани шахси гумонбаршуда;

– таҳияи тавсияҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии мақомот оид ба татбиқи дастгир кардани гумонбаршуда.

**Объекти таҳқиқот** муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ мебошад, ки ҳангоми татбиқи институти дастгир кардан бо гумони содир кардани ҷиноят ба вуҷуд меоянд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** маҷмуи масъалаҳои алоқаманд бо гумонбарӣ ва дастгир кардан дар мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин амалҳо ва воситаҳои таъмини кафолати ҳимояи ҳуқуқҳои дастгиршудагон ва гумонбаршудагон дар Ҷумҳурии Тоҷтикистон.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқот рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро дар солҳои 2009-2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** нуктаҳои назариявию илмӣ ва хулосаҳои асосноки олимони ватанию хориҷӣ вобаста ба амалияи татбиқи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, омор ва дигар маводҳои амалия ва бойгонии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва суди вилояти Суғд ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар кор методи омӯзиши диалектикӣ, аз ҷумла таҳлили чунин методҳо ба монанди ҳуқуқӣ ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, методи таърихӣ, методи абстрактсия, оморӣ, мантиқӣ, шаклбандӣ, тафсир, тарҳрезӣ ва ғ. истифода шудаанд.

Диққати махсус дар диссертатсия ба муқаррароти Конститутсияи ҶТ, КМҶ ҶТ, КҶ ҶТ, қонунгузории маъмурӣ, қарорҳои Суди конститутсионӣ ва Суди Олии ҶТ, қонунгузории байналхалқӣ ва хориҷӣ, санадҳои мақомоти прокуратура ва ВКД ҶТ, дода шудааст.

Асоси назариявию ғоявии рисоларо асарҳо, дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, асарҳои олимони ватанӣ ва давлатҳои аъзои ИДМ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистика, асарҳои илмӣ оид ба назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, нашрияҳои ҳуқуқшиносони тоҷик ва хориҷӣ ташкил додаанд, ки ин ё он гуна ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ алоқаманд мебошанд.

**Заминаҳои эмпирикии** таҳқиқотро маводҳои амалияи прокуратураи вилояти Суғд, РВКД-и ҶТ дар вилояти Суғд, шӯъбаи тафтишотии ШВКД дар шаҳри Хуҷанд, инчунин 104 парвандаҳои ҷиноятии давраи солҳои 2016-2022, аз ҷониби муаллиф мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Асоси амалии таҳқиқотро омузиши парвандаҳои ҷиноятӣ дар вилояти Суғд дар давраи солҳои 2017-2019 оид ба татбиқи ҳолатҳои дасгир кардани гумонбаршуда, ташкил намудааст.

Дар рафти таҳқиқот маводҳои амалияи тафтишотӣ оид ба тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ истифода шуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти** диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар он аввалин бор таҳлили комплексии чунин институти мурофиаи ҷиноятӣ, ба монанди дастгир кардани шахс бо гумонбарӣ дар содир кардани ҷиноят дар тамоми мурофиаи ҷиноятӣ гузаронида шудааст. Дар таҳқиқот муқаррароти назариявие асоснок карда шудаанд, ки моҳияти гумонбарӣ ва дастгир карданро мекушоянд.

Гумонбар донистан ва озод кардан аз гумонбарӣ танҳо дар асоси қарор амалӣ карда мешавад. Дар рисола инчунин ҳолатҳои дигар ҳамчун асос барои татбиқи дастгир кардан баррасӣ карда мешаванд, бо вуҷуди ин муаллиф пешниҳод мекунад, ки аз қонунгузорӣ мафҳуми номуайяни «асосҳои дигари кофӣ» хориҷ карда шуда, дар протокол қайд кардани сабабҳои дастгир кардан истисно карда шавад.

Муаллиф ба зарурати ҷорӣ кардани тартиби ягонаи барасмиятдарории гумонбариро қайд мекунад, ки он кафолати қонунӣ ва асоснок будани дастгир карданро тақвият мебахшад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

Ба мақсади такмил додани қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ, муаллиф мувофиқи мақсад медонад, ки ба меъёрҳои амалкунанда тағйиру иловаҳои илман асоснок ворид карда шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, ки дар шакли тавсияҳо асоснок ва пешбарӣ шуданд, метавонанд дар сурати

пазирой шуданашон мазмуни меъёрҳои ҷориро ғанӣ гардонида, татбиқи самараноки онҳоро дар амалия таъмин намоянд:

**1.** Муаллиф пешниҳод мекунад, ки ба қонунгузорӣ истилоҳи нав «гумонбарӣ» ворид карда шавад. Гумонбарӣ ба институти ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ тааллуқ дошта, заминаи пайдоиш, ба вуҷуд омадани тахмин, шубҳа, хулосаи асосноки мантиқию зеҳнии прокурор, муфаттиш, таҳқиқбарандаро нишон дода, эҳтимолияти асосноки иштироки шахсро дар содир кардани ҷиноят ифода мекунад. Ақидаи шахсӣ, гумонбарии фардӣ, ки ба асосҳои кофӣ такя намекунад, аҳаммияти ҳуқуқӣ надорад. Эълон кардани айб дар ин ҳолат ғайриимкон аст. Гумонбарии асоснок натиҷаи хулосабарории зеҳнӣ ва мантиқии шахсони мансабдори мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба эҳтимолияти иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят аст. Чунин гумонбарӣ ба маълумоти ҷамъоваришудаи мушаххас оид ба ҳолатҳои ҷой доштани кирдори ҷиноятӣ асос меёбад. Ҳолат, маврид, вазъият ё шароити алоҳидаи ҳодисаи рухдода, ки маълум шудаанд, асос ба ташаккулёбии хулосаи тахминӣ дар шакли гумонбарӣ оид ба эҳтимоли иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят баромад мекунанд.

**2.** Муаллиф моҳияти гумонбариро бо назардошти меъёрҳои ҷорӣ муайян кардааст. Мутобиқи хулосаҳои ӯ гумонбарӣ моҳияти расмӣ, мурофиавии ҷиноятӣ дорад: а) гумонбарӣ – унсури асосии таъқиби ҷиноятӣ – функсияе мебошад, ки аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти ваколатдори давлатӣ амалӣ мешавад; б) гумонбарӣ – хулосаи ибтидоӣ ва зеҳнии шахсони мансабдори мақомоти таъқиби ҷиноятӣ дар бораи оне, ки шахс метавонад ба ҷинояти содиршуда дахл дошта бошад; в) гумонбарӣ асос барои оғози парвандаи ҷиноятӣ ва татбиқи чораи дастгиркунӣ мебошад.

**3.** Барои таъмин кардани кафолати қонунӣ будани дастгиркунӣ, зарурати ҷорӣ кардани тартиби ягонаи барасмиятдарории гумонбарӣ лозим аст. Барои гумонбарӣ мавҷуд будани асосҳои воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошад. Асосҳои воқеӣ ҳолатҳои мушаххасе мебошанд, ки дар қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд. Гумонбаршуда эътироф кардан бояд бо қарор

дар ҳолати мавҷуд будани шартҳои зерин барасмият даровarda шавад: агар қаблан нисбати шахс бо асос ва тартиби пешбининамудаи қонун парвандаи ҷиноятӣ оғоз нашуда бошад; ё агар бо сабаби гумонбарӣ дар содир кардани ҷиноят муфаттиш ё таҳқиқбаранда ба ӯ дар ин бора хабар надода бошанд, ё ин ки ӯ дастгир карда нашуда бошад, ё то эълон кардани айб нисбаташ чораи пешгирӣ татбиқ карда нашуда бошад, аммо ӯро ҳамчун гумонбаршуда пурсиш мекунанд.

**4.** Раванди қабули қарор дар бораи гумонбаршуда эътироф кардан дар се марҳила сурат мегирад: 1) шиносоии шахс бо қарор; 2) фаҳмонидаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳояш 3) пурсиши гумонбаршуда.

**5.** Дастгир кардан – маҳдудкунии муваққатии ҳуқуқҳо ва озодии шахс дар содир кардани ҷинояти дараҷаи миёна, вазнин ва махсусан вазнин буда, қарор дар хусуси он танҳо дар асоси қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ қабул карда мешвад. Мазмуни дастгир кардан бо пайдарҳамии якчанд амалҳои мурофиавӣ ифода меёбад: боздошт намудан, иҷборан ба мақомот овардан, фаҳмонидани ҳуқуқу уҳдадориҳо, кофтукови шахсӣ, муоинаи тиббӣ ва нигоҳ доштан дар тафқифгоҳи муваққатӣ.

**6.** Бо мақсади такмили қонунгузорӣ ва бартараф кардани мафҳуми номуайяни «асосҳои дигари кофӣ» дигар ҳолатҳо, ба сифати асоси дастгир кардан пешниҳод шудааст. Қайд карда мешавад, ки мутобиқи қонун, асос барои дастгир кардан, маълумотҳое ба ҳисоб мераванд, ки бо тартиби мурофиавӣ дастрас шуда, барои гумонбар донистани инсон дар содир кардани ҷиноят кифоя мебошанд, ба шарте ки ӯ аз ҷои ҳодиса ё аз мақомоти таъқиби ҷиноятӣ кӯшиши пинҳон шуданро дорад, ё ҷои зисти доимӣ надорад, ё дар минтақаи дигар истиқомат мекунад, ё шахсияти ӯ муайян карда нашудааст.

Диссертант асоснок мекунад, ки ҷои зисти доимӣ надоштан ва ё дар маҳалли дигар истиқомат кардан наметавонанд асос барои гумонбарӣ ва дастгир кардан бошанд.

Яке аз асосҳо барои дастгир кардан маълумоти оперативӣ-ҷустуҷӯие мебошад, ки тибқи қонун ба расмият дароварда шудаанд.

**7.** Дастгир кардани гумонбаршуда, интиқол додани ӯ ба мақомоти тафтишоти пешакӣ, барасмиятдарории протокол қисми таркибии дастгир кардани мурофиавии ҷиноятӣ мебошад. Аз лаҳзаи барасмият даровардани қарор дар бораи гумонбаршуда донистани шахс дар содир кардани ҷиноят ё аз лаҳзаи дастгир кардани воқеӣ, шахс дастгиршуда ба ҳисоб рафта, то қабули қарор дар бораи ба ҷавобгари ҷиноятӣ ба сифати айбдоршаванда кашидан ё то озод кардан дар чунин мавқеъ боқӣ мемонад.

**8.** Мувофиқи мақсад аст, ки дар КМҶ ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия», инчунин дар Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ», мафҳуми «дастгиркунии воқеӣ» (бо асос ва тартиби супоридани дастгиршуда ба мақомоти салоҳиятдор) ворид карда шуда, мафҳуми он шарҳ дода шавад.

Дастгиркунӣ дар қарор қайд карда мешавад. Протоколи дастгиркунӣ бояд дарҳол баъд аз дастгиркунии воқеӣ ба расмият дароварда шавад, дар ҳолатҳои ғайриимкон будани чунин барасмиятдарорӣ (офатҳои табиӣ, дигар ҳодисаҳои иҷтимоӣ), пас аз як соат баъд аз супоридани дастгиршуда ба мақомоти таҳқиқ.

**9.** Муаллиф пешинҳод мекунад, ки мазмуни мафҳуми гумонбаршуда бояд унсурҳои таркибии зеринро дар бар гирад:

– ба вуҷуд омадани гумонбарӣ;

– муайян кардани асосҳои дар м. 92 КМҶ ҶТ пешбинишуда;

– қабули қарор дар бораи гумонбаршуда эътироф кардани шахс, агар парвандаи ҷиноятӣ бинобар ошкор шудани ҳодисаи ҷиноят оғоз шуда бошад;

– пурсиши гумонбаршудаи воқеӣ;

– ба итмом расидани гумонбарӣ (ин эътироф кардани шахс ба сифати айбдоршаванда ё ин ки озод кардани шахс аз гумонбарӣ).

Чораҳои пешгирӣ танҳо пас аз шиносоии гумонбаршуда бо сабабҳои дастгир кардани ӯ ва пас аз пурсиш татбиқ карда мешаванд (м. 101 КМҶ ҶТ).

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки хулоса ва пешниҳодҳои он метавонанд дар такмили КМҶ ҶТ истифода бурда шуда, ба таҳкими қонунӣ ва асоснок будани дастгир кардан, пурзӯр кардани кафолати ҳуқуқҳои гумонбаршуда мусоидат намоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқот, метавонанд ба сифати тавсияҳои методӣ дар фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиқкунӣ, ҳангоми коркарди маводи таълимӣ ва методӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифода бурда шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** ба Конститутсияи ҶТ, қонунгузории байналхалқӣ, КМҶ ҶТ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар ҶТ (2018-2028), КҶ ҶТ, қонунҳои ҶТ «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ», «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда», «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», «Дар бораи милитсия», Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар ҶТ (2007-2021) асос ёфтааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф бо ширкати бевоситаи ӯ дар гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ, пешбарии ақидаҳо, мафҳуму таърифҳо ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии илмии диссертатсия ифода меёбад. Нуктаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии муаллиф, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конфренсияҳои илмӣ-амалӣ таҷассум ёфтаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ дар шаҳри Хуҷанд омода гардида, дар ҷаласаҳои кафедра мавриди муҳокима қарор дода шуда барои ҳимоя 22 апрели соли 2023, протоколи №8 барои ҳимоя тавсия дода шудааст. Диссертатсия инчунин дар семинари илмии Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, муҳокима карда шуда барои ҳимоя тавсия шудааст (05 майи соли 2023, протоколи №9).

Мазмун ва муқаррароти асосии диссертатсия дар интишороти илмӣ ва маърузаҳои конференсияҳои илмӣ-назариявӣ оид ба масъалаҳои амалишавии КМҶ ҶТ, дар Конференсияи байналмилалии «Масъалаҳои актуалии илмии ҳуқуқшиносии муосир ва роҳҳои ҳалли он: назария ва амалия»(29-30 ноябри соли 2018, ки дар ш. Хуҷанд), дар Конференсияи илмӣ-амалии байналхалқии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ», ки аз ҷониби Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст, (7 декабри соли 2018, ш. Душанбе), иникос гардидаанд. Маводи таҳқиқот аз тарафи муаллиф ба Вазорати адлияи ҶТ, Маҷлиси Олии ҶТ фиристода шуда, тавсияҳои амалии он ҳангоми гузаронидани машғулиятҳои амалӣ аз фанҳои «Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ», «Барасмиятдарории санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ» дар факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Факту хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳое, ки дар таҳқиқоти мазкур баён карда шудаанд, дар 11 мақолаи илмӣ инъикос шудаанд. Аз инҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва нуҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсия 225 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА АҲАММИЯТИ ДАСТГИР КАРДАНИ ШАХС БО ГУМОНИ СОДИР КАРДАНИ ҶИНОЯТ

## 1.1. Мафҳуми гумонбарӣ ва намудҳои он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар раванди рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистони муосир, ки он аз рӯзҳои эълон шудани истиқлолияти давлатӣ оғоз ёфтааст, доир ба такмил додани кафолати ҳуқуқу озодиҳои шахс дар пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ силсилаи чораҳои муҳими расмии ҳуқуқӣ андешида шуданд. Дар қатори рушду тағйиротҳо, аз ҷумла масъалаи мушаххас намудани мақоми ҳуқуқии иштирокчиёни фаъолияти мурофиаи ҷиноятӣ ба мадди аввал гузошта шуд ва масъалаи муайян кардани мақоми ҳуқуқии ашхоси барои содир кардани ҷиноят гумонбаршуда низ ҷои муҳимро ишғол кард.

Чӣ тавре, ки амалия нишон медиҳад, маҳз дар марҳилаи ба вуҷуд омадани гумонбарӣ вайронкунии ҳуқуқи инсон бештар ба назар мерасад. Чунки меъёрҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ ниёз ба такмил доранд.

Тағйиротҳое, ки солҳои охир дар мақоми ҳуқуқҳои мурофиавии гумонбаршуда ба амал омаданд – васеъ кардани ҳуқуқи ҳифзи манфиатҳо, татбиқи ҳабси пешакӣ нисбати гумонбаршуда ҳамчун чораи пешгирӣ бо иҷозати суд ва ғайраҳо муаммоҳои назариявӣ ва амалияро пурра ҳаллу фасл накарданд.

Муаммоҳои назариявӣ оид ба мафҳум ва моҳияти гумонбарӣ дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ то ҳол боқӣ мондааст.

Моддаи 46 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ ҶТ ифода мешавад)[28], мафҳуми гумонбариро пурра муайян накарда, ба ҷои он истилоҳи «гумонбаршуда, дастгиршуда»-ро мавриди истифода қарор додааст.

---

[28] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №12. – мод. 815; Қонун ҶТ аз 25.03.11. – №692; аз 02.08.17. – №755; – №1696; аз 04.07.2020. – №1702. – Душанбе: Матн, 2020.

Гумонбарӣ ин эҳтимол, тахмин дар бораи субъекти ҷиноят, маълумот ё хабари нопурра дар бораи ин ё он ҳолати ҳодиса, шарҳи тахминии ин ё он паҳлӯи зоҳирии содир шудани ҷиноят мебошад. Гумоне, ки дар тафаккури муфаттиш дар шакли тахмин ба вуҷуд меояд, расман аз нуқтаи назари мурофиавӣ якбора шахсро ба гумонбаршаванда табдил дода наметавонад.

Чӣ тавре, ки хеле пеш В.Г. Кочетков қайд карда буд, чунин ҳолат барои он ҷой дошт, ки хулосаи таҳқиқбаранда, муфаттиш аз ҷиҳати мурофиавӣ ҳама вақт асоснок нест[29]. З.Ҳ. Искандаров, қайд мекунанд, ки нафарони таҳти таъқиби ҷиноятӣ қарордошта (дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда) «дар шароити мубоҳисаи нобаробар (бо прокурор, айбдоркунандаи давлатӣ) ва эҳтимолияти воқеии татбиқи ҷазои ҷиноятӣ баҳри ҳимояи манфиатҳои худ озодона рафтор карда наметавонанд»[30].

Гумонбарӣ нақши асоси ҳуқуқиро иҷро карда, ба амалӣ шудани на танҳо ҳуқуқҳои гумонбаршуда, балки ба маҳдудиятҳои озодии вай оғоз мебахшад. Аз ҷониби дигар, ба андешаи муаллифон А.Л. Арипов, А.М. Маҳмадализода, Р.Р. Раҳмадҷонзода, Э.Ҳ. Каримов маҳз аз ҳамин лаҳза дар амалия ба таври ҷиддӣ поймол шудани ҳуқуқу озодии гумонбаршуда бештар ба мушоҳида мерасад[31].

Аз ин рӯ, бояд зикр намуд, ки танзим наёфтани масъалаҳои маҳдуд шудани озодии шахс дар асоси гумонбарӣ дар қонуни мурофиавии ҷиноятии амалкунанда ба кафолатҳои конститутсионии таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии гумонбаршуда ҷавобгӯ нест.

КМҶ ҶТ дар асл, табиати мурофиавии шахси гумонбар эътирофшуда, асосҳои қатъии дастгир кардан ва асосҳои боздошти маҷбурии шахсро бетағйир мондааст.

Дар муқоиса, КМҶ ФР мӯҳлати дастгир кардани ашхоси ба сифати гумонбаршударо 48 соат муайян кардааст. Чӣ тавре, ки аз мазмуни м. 94

---

[29] Ниг.: Кочетков В.Г. Подозреваемый в советском уголовном процессе: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1965. – С. 16.
[30] Искандаров З.Ҳ. Асосҳои фаъолияти адвокатӣ. – Душанбе: Эҷод, 2005. – С. 9.
[31] Ниг.: Арипов А.Л., Маҳмадализода А.М., Раҳмадҷонзода Р.Р., Каримов Э.Ҳ. Масоили мубрами пешбурди тосудии мавод ва парвандаҳои ҷиноятӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – С. 84-96.

КМҶ ФР бармеояд, шахси ба сифати гумонбаршуда боздоштшуда 48 соат ва дар ҳолатҳои махсус то 10 шабонарӯз дар тавқифгоҳи муваққатӣ нигоҳ дошта шуданаш мумкин аст (м. 100 КМҶ ФР). Дар қ. 3-юми м. 128 КМҶ ФР омадааст, ки ҳангоми боздошт муҳлати он аз лаҳзаи боздоштшавии воқеӣ ҳисоб карда мешавад[32].

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳоеро, ки аз он гумонбарӣ оғоз меёбад, муайян накардааст, бо меъёри алоҳида муҳлати мурофиавии гумонбариро, ки дар давоми он шахс гумонбар дониста шавад, нишон надодааст.

Чӣ тавре, ки Т.Г. Моршакова қайд мекунад,-»меъёри конститутсионии дастгир кардани гумонбаршуда, ки 48 соатро ташкил мекунад, декларитивӣ буда, он метавонад то 5 шабонарӯз давом кунад»[33].

Аз ин хотир, муаллифони гуногун аз нигоҳи худ муҳлати шахси боздоштшударо ба ҳайси гумонбаршуда, ҳар хел маънидод менамоянд. Масалан, И.А. Одинаев андешаҳои номбаршударо ҷонибдорӣ карда, дар қиёс бо қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Россия, маҳдуд кардани муҳлати муқарраршудаи иҷрои амалҳои мурофиавӣ оид ба дастгир ва маҷбуран ҳозир кардан (се соат) ва нигоҳдории шахсро дар тавқифгоҳи муваққатӣ (72 соат) номбар кардааст[34].

Л.Н. Смирнова қайд мекунад, ки боздошт ва ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ҳозир кардани шахсро «дастгирикунии ҷиноятӣ» номида, баъди ба мақомоти дахлдор ҳозир карданро «дастгиркунии мурофиавии ҷиноятӣ» номидан дуруст аст. Ба андешаи вай муносибати мурофиавии ҷиноятӣ маҳз аз лаҳзаи маҷбуран ҳозир кардани шахс ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ оғоз шуда, муҳлати нигоҳдории гумонбаршуда баъди дастгир кардан на бо розигии прокурор ё иҷозати суд, балки аз лаҳзаи оғози парвандаи ҷиноятӣ

[32] Ниг.: Комментарии к УПК РФ // Под ред. Д.К. Козака, Е.Б. Музулиной. – М.: Спарк, 2002. – С. 157.
[33] Морщакова Т.Г. Общие проблемы судебной власти / Т.Г. Морщакова // В сборнике «Судебная реформа и становление правового государство в Российской Федерации». – М.: МГУ, 2003. – С. 65-68.
[34] Ниг.: Одинаев И.А. Уголовно-процессуальное задержание в досудебном производстве Республики Таджикистан и Российской Федерации: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – СПб., 2019. – С. 20.

ҳисоб карда шавад[35]. Баҳсе ба вуҷуд меояд, ки шаҳрванд то кадом муҳлат чун гумонбаршуда дар ҳолати дастгир кардан нигоҳ дошта мешавад, масалан, агар ӯро, дар шаҳри Исфара дастгир намуда, барои баровардани қарори судӣ ба ш. Хуҷанд, ба макони тафтиши пешакӣ интиқол диҳанд?

Бояд зикр намуд, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ ба сифати иштирокчӣ пайдо шудани «гумонбаршуда», ки дар натиҷа нисбати ӯ чораи маҷбуркунии мурофиавӣ татбиқ карда мешавад, табиати ҳуқуқии гумонбариро пурра кушода наметавонад:

Якум, гумонбарӣ тавассути татбиқи маҷбуркунӣ ба вуҷуд омада, на маҷбуркунӣ ба гумонбарӣ, балки баръакс, гумонбарӣ имконият медиҳад, ки нисбати шахс маҷбуркунӣ татбиқ карда шавад;

Дуюм, дастгир кардани гумонбаршуда, минбаъд ҳатман боиси татбиқи чораҳои пешгирӣ мегардад, қайд мекунад И.А. Одинаев[36].

Аз тарафи муаллифони ватанӣ Н.А.Қудратов, Р.З.Қурбонов, мафҳуми «гумонбаршуда»ро асосан чун аз тарафи мақомоти таҳқиқ нисбати шахс татбиқ намудани чораи маҷбуркунии мурофиавӣ маънидод мекунад[37].

Қонун таҳқиқбаранда, муфаттишро уҳдадор мекунад, ки қарори мурофиавии то ба вазъи гумонбаршуда расонидани шахсро қабул карда, сониян, гумони ӯро оиди шарикии вай дар содир кардани ҷиноят тафтиш намояд.

Калимаҳои «гумонбарӣ» ва «гумонбаршуда», ки нахустин унсураш гумонбарӣ буда, воқеан асосу сабаби пайдо шудани унсури дуюм – «гумонбаршуда» гардида, аҳамияти мурофиавӣ пайдо мекунад. Агар аз рӯйи мантиқ, ба меъёри қонунгузор назар кунем, на гумонбаршуда бо баробари ба

[35] Ниг.: Смиронва Л.Н. Уголовное прававое регулирование задержания лица, совершившего преступление. – СПб.: Юридический центр, 2005. – С. 62.
[36] Ниг.: Одинаев И.А. Процессуальный порядок задержания / И.А. Одинаев // Совершенствование деятельности правоохранительных органов с учетом современных реалий: материалы международной научно-практической конференции (Актюбинск, 17.11.2017). – Актюбинск: Актюбинский юридический институт МВД Республики Казахстан, 2017. – С. 225-229.
[37] Ниг.: Қудратов Н.А. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Таджпринт, 2016. – С. 172; Курбонов Р.З. Некоторые вопросы судебной защиты прав и свобод человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан / Р.З. Курбонов // Верховенство закона – основа укрепления государственной независимости: сборник науч. трудов. – Худжанд, 2010. – №2. – С. 190-195.

вуҷуд омадани гумонбарӣ, балки гумонбарӣ бо баробари муайян шудани гумонбаршуда ба миён меояд.

Ин ҳолат на танҳо ба мантиқи тафтиши ҷиноятӣ мухолиф аст, балки ба категорияҳои фалсафии амалкунандаи ҳуқуқ низ мувофиқ намеояд.

Қонунгузор ҳатто талаб намекунад, ки пеш аз ҷойгир кардани «гумонбаршуда» ба тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ, ҳатман пурсиши «гумонбаршуда»-ро гузаронад. Чӣ тавре, ки аз таҳқиқоти мо маълум гашт, аксарияти мутлақи ақидаҳои гумонбарӣ ба м. 92 КМҶ ҶТ, ки барои вайрон кардани қонун муқаррар карда шудааст, ҳавола карда мешаванд.

Ба ибораи дигар гӯем, имрӯзҳо мақомоти тафтиш то дараҷаи зарурӣ ба таври расмӣ асос ва сабабҳои гумонбариро ба дастгиршуда намефаҳмонад.

Н.С.Манова, Р.Р. Юлдошев, Ю.В.Францифоров оид ба ин масъала қайд мекунанд, ки қонунгузор ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ якбора иҷрои ду вазифаи муҳимро вогузор мекунад: а) таъмини манфиатҳои давлат ва ҷомеа; б) риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки дар амалия кӯшиши мақомот дар иҷрои вазифаи аввал бештар зоҳир мешавад[38].

Аз сабаби он, ки мафҳуми гумонбарӣ то имрӯз маънидоди саҳеҳи худро наёфтааст, муҳим аст, ки таърифи таърифи нави он мавриди муҳокима қарор дода шавад.

Қисми 2-юми моддаи 46 КМҶ ҶТ талаб мекунад, ки бо гумонбаршуда дар давоми 24 соат пурсиш гузаронида шавад. Лекин, қ. 5-уми м. 92 КМҶ ҶТ дар бораи пурсиши фаврии гумонбаршударо баъди тартиб дода шудани протоколи боздошт ва ҷойгир кардани ӯ ба тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ ягон қоидаро пешбинӣ накардааст ва ё ба қ. 2, м. 46 ишора ҳам накардааст.

---

[38] Ниг.: Юлдошев Р.Р. Уголовное преследование в досудебном производстве по уголовно-процессуальному законодательству Республики Таджикистан: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2013. – С. 5; Манова Н.С., Францифоров Ю.В., Юлдошев Р.Р. Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан. – Душанбе: Аделеб-Р, 2016. – С. 101.

Аҳамияти этимологии истилоҳи «гумонбарӣ» бо истилоҳи «гумонбаршуда» алоқаи зич дошта, эҳтимолияти дар асоси шубҳа кардан ба дурустии он, қонунӣ ё ғайриқонунӣ будани ин ё он рафторро мефаҳмонад[39].

Аз нуқтаи назари умум, гумонбарӣ ба ҳар як инсон хос набуда, он дурустӣ ва нодурустии воқеа, рафторро зери шубҳа қарор медиҳад.

В. Даль маънои калимаи «гумонбарӣ»-ро шарҳ дода, онро чун «шубҳа, нобоварӣ» ба «гунаҳкорӣ» маънидод кардааст[40].

Ҳангоми омӯзиши таърихи ташаккул ва инкишофи ниҳоди гумонбарӣ, бояд инкишофи мурофиаи ҷиноятии Россияи подшоҳӣ ва замони шӯравиро ба инобат гирифт. Низоми ҳуқуқии Тоҷикистон, ки дар охири асри XIX ба ҳайати империяи Россия дохил шуда буд, низоми ҳуқуқи романо-германӣ таъсири калон расонидааст. Масалан, дар Оинномаи мурофиаи судии ҷиноятии империяи Россия аз соли 1864 ва моддаи 10-уми он меъёри махсус мавҷуд буд, ки дар асоси он ҳар як судя ва ҳар як прокурор дар ҳудуди минтақаи фаъолияти худ, уҳдадор карда мешаванд шахсеро, ки бидуни қарори ваколатдори маҳал беасос боздошт ва ё ба ҳабс маҳкум шудааст, ё шахси нодуруст аз озодӣ маҳрумшударо фавран озод намоянд[41].

Аз ин рӯ, меъёри зикршуда ба қонунгузории ватанӣ аз оилаи ҳуқуқи англосаксонӣ ва романо-германӣ тавассути қонунгузории Россия ворид шудааст. Чунки аз миёнаи асри XIX дар ҳудуди давлатҳои Осиёи Миёна дар баробари одат ва меъёрҳои шариат, қонунҳои Империяи Россия[42], аз он ҷумла Оинномаи мурофиавии судии ҷиноятии соли 1864 мавриди амал қарор гирифта, қоидаҳои он «ҳифзи шахсии айбдоршаванда ва судшавандаро аз ҳама гуна зулм ва ҳукми ноодилона пешбинӣ мекард[43].

---

[39] Ниг: Ожегов С.И. Словарь русского языка. – М.: Наука, 1970. – С. 530.
[40] Ниг: Даль В. Толковый словарь живого великорусского языка. – М.: Наука, 1982. – Т. III. – С. 174.
[41] Ниг: Устав уголовного судопроизводства // Российское законадательство X-XX вв. Т. 8. Судебная реформа. – М.: Юристъ, 1991. – С. 121.
[42] Ниг: Зоиров Д.М. Таджикистан: От государства Саманидов до суверенной государственности. – Душанбе, 2003, – С. 41-43; Тахиров Ф.Т. Становление советского права в Таджикистане. – Душанбе: Ирфон, 1987. – С. 55; Иванов С.Г. Судебная власть по Положению об управлении Туркестанского края связи с относящимся к нему законоположенинииями / С.Г. Иванов // Туркестанский сборник. – Т. 526. – С. 14.
[43] Ниг: Кони А.Ф. Собрание сочинений. – М.: Юр. издат, 1967. – Т. 4. – С. 341.

Ин ҳолат ҳангоми истифодаи чораҳои пешгирӣ аз ҷониби судҳои оштидиҳанда мутобиқи моддаҳои 77, 80, 81-84 Оинномаи мурофиаи судии ҷиноятии номбаршуда, нисбати айбдоршаванда татбиқи забонхат дар бораи ҳозир шудан, зомин шудан, гарав ва ё ҳабсро пешбинӣ мекард[44].

Минбаъд, баробари дохил гаштани Тоҷикистон ба фазои ягонаи давлатҳои сотсиалистӣ ҳуқуқи шӯравӣ ба ташаккули конунгузории ватанӣ ва инкишофи минбаъдаи он таъсири муайян расонид[45]. Дар ин ҷо бояд қайд кард, ки муайян намудани ҳолати ҳуқуқии шахс бо гумонбарӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ бо истифодаи боздошт кардан ва ё татбиқ кардани чораҳои пешгирӣ алоқамандие надорад. Дар ҳуқуқи пешазинқилобии Россия ниҳоди қабул шудани қарор дар бораи гумонбарӣ мавҷуд буд.

Шахсе, ки муқобили ӯ далели кофӣ мавҷуд набуд, чун гумонбар боқӣ мемонд. Вай шахс ба ҷавобгарӣ кашида намешуд, лекин ӯро пурра сафед ҳам намекарданд[46].

М.А. Челтсов қайд менамояд, ки истилоҳи «гумонбарӣ» дар сатҳи қонунгузорӣ аз оғози асри XVIII мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар «Тасвири мухтасари мурофиаи судӣ»-и соли 1716 фасли махсус ба ин мавзуъ бахшида шуда буд, ки мутобиқи он барои бартараф кардани гумонбарии асоснок дар мурофиаи судӣ оиди аз тарафи шахс содир кардани ҷиноят, истифодаи шиканҷа ҳангоми пурсиш раво диониста мешуд.

Аз ҳамин давра, гумонбарӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ асосан тахмини мақомоти мурофиаи судии ҷиноятиро ифода карда, эҳтимолияти шарикии шахсро дар содир кардани ҷиноят нишон медиҳад.

Дар ҳолати мавҷуд будани гумонбарӣ шахс ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ шуда, нисбати ӯ бо мақсади муайян кардани шарикии ӯ ба

---

[44] Ниг.: Российское законадательство 10-20 веков // Судебная реформа. – М., 1991. – Т. 8. – С. 314.
[45] Ниг.: Тахиров Ф.Т. Правовая культура и формирование правового государства / Ф.Т. Тахиров // Прававое государство и органы юстиции. – Душанбе, 1990. – С. 8-10; Рахматулоев А.Э. Таджикистанская модель правового государства: проблемы разработки и материализации. – Худжанд: Изд.: Р. Джалил, 2005. – С. 131.
[46] Ниг.: Судоустройство и уголовный процесс России: 1864 // Сборник нормативных актов. – Воронеж: Изд-во Воронежского гос. университета, 1997. – С. 82.

ҷиноят, пурсиш гузаронида шуда, оид ба гунаҳкор ва ё бегуноҳ будани ӯ далелҳо ҷамъ карда мешаванд.

Дар «Маҷмуъи қонунҳои империяи Россия»-и соли 1833 истилоҳи «гумонбарӣ» истифода мешавад, ки он «чун гумонбар нигоҳ доштан» маънидод шудааст.

Дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии (соли 1923) РСФСР, ки ҳуқуқи мақомоти таҳқиқро муайян карда буд, мутобиқи моддаи 100 КМҶ шахси барои содир намудани ҷиноят гумонбаршуда баъди пурсиш, ки барои он ҷазои маҳрумӣ аз озодӣ ба муҳлати 1 сол пешбинӣ шудааст, чораи нигоҳ доштан ва ё яке аз чораҳои пешгирӣ, ки дар м. 144 КМҶ нишондодашуда татбиқ карда шавад.

Мақомоти тафтиш (м. 99 КМҶ), ки таҳқиқро оғоз кардааст, муфаттишро дар бораи дастгиршуда ва пурсиши гумонбаршуда, огоҳ мекард.

Пурсиши гумонбаршуда аз тарафи мақомоти таҳқиқ аз ҳолати зарурӣ, минбаъд ба меъёри ҳатмӣ табдил ёфта, баъдтар чунин амалия дар фаъолияти тамоми мақомоти тафтиш паҳн гардид.

Чун анъана, аввал шахс чун гумонбаршуда пурсиш карда шуда, дар ҳолати мавҷуд будани баъзе далелҳои гумонбарӣ шахс аллакай ба сифати гунаҳгор пурсида мешуд[47].

Минбаъд аз тарафи Прокуратураи ИҶШС Дастури махсус аз 5 июни соли 1937, таҳти №41/26 «Дар бораи баланд бардоштани сифати тафтишот» қабул карда шуд, ки дар асоси он мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ вазифадор карда мешуд, ки «ҳангоми пурсиш нисбати шахси барои содир намудани ҷиноят гумонбаршуда, истилоҳи «гумонбаршуда» кор бурда нашуда, умуман дар амалияи тафтиши ягон шахс ба сифати «гумонбаршуда» шинохта нашавад».

Агар нисбати ин ё он шахс, далелҳо оид ба содир намудани ҷиноят вуҷуд дошта бошад, он шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуда, баъд чун

---

[47] Ниг.: Чельцов М.А. Советский уголовнный процесс. – М.: Юр. издат., 1951. – С. 277.

«гунаҳкор» пурсиш карда шавад. Ҳамин тариқ, нишондоди Дастури мазкур, ки санади зерқонунӣ ба ҳисоб мерафт, аз қонун боло гузошта шуда буд, лекин дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии соли 1929 РСФСР ин мавқеи прокуратура инъикоси худро дар шакли тағйироту иловаҳо наёфт.

Вазъи ҳуқуқии гумонбаршуда мисли пештара дар як қатор моддаҳои КМҶ соли 1929 РСФСР (моддаҳои 100, 102, 104, 145) маҳфуз дошта шуд.

Истилоҳи гумонбарӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, ки дар оғози асри XVIII ба миён омада буд, чун сабаби пайдоиши гумонбаршуда дар миёнаи асри XX дар фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ шакли ғайриоддӣ ва таҳрифшударо гирифт: дар ҳолати мавҷудияти маълумоти аниқ, ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ имконият медод, ки шахсро дар содир кардани ҷиноят гумонбаршуда ҳисобанд, лекин он шахс ҳамчун шоҳид, айбдор ё гунаҳкор муаррифӣ мешуд. Меъёрҳои қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ба он равона шуда буданд, ки аз амалияи мурофиавии ҷиноятӣ на танҳо давраи гумонбарӣ, балки умуман симои гумонбаршуда аз байн равад. Ин мушкилотро бояд илми мурофиаи ҷиноятӣ ҳал мекард.

Оид ба ин масъала фикру андешаи М.С. Строгович ҷадид ва муҳим эътироф гардид, ки мутобиқи он «ҳамон шахсро гумонбаршуда ҳисобидан мумкин аст, ки нисбати ӯ то муқаррар шудани айбдорӣ, боздошт ва ё яке аз чораҳои пешгирӣ татбиқ шуда бошад»[48].

Чунин нуқтаи назар, воқеан дар тамоми нашрияҳои илмии замони шӯравӣ то ба наздикӣ инъикоси худро ёфта буд.

Ба нуқтаи назари М.С. Строгович такя намуда, олимон кӯшиш карданд, ки танҳо қонунро шарҳ диҳанд ва ба он таклифу пешниҳодҳои худро дар бобати такмил додани мақоми мурофиавии гумонбаршуда иброз намоянд, вале асосӣ – гумонбарӣ, ки дар мурофиаи ҷиноятӣ вазъи гумонбаршударо муайян мекунад, аз нуқтаи назари онҳо дур мондааст.

[48] Строгович М.С. Уголовное преследование в советском уголовном процессе. – М.: Юриздат., 1951. – С. 118.

Масалан, А.В. Франк барои муайян намудани ин мафҳум, навиштааст: «Гумонбарӣ – ин ақидаи шахсии муфаттиш дар бораи муносибати мутақобила, алоқаманд ва мутобиқ омадаи байни ҳолатҳои маълум ва рафтори шахси муайян мебошад, ки дар асоси далелҳои маълум ва ҳолатҳои номаълум, ки шахсро дар содир намудани ҷиноят зери шубҳа мегузорад, иборат мебошад»[49].

Баъдтар, А.М. Карнеева гумонбариро бо се хусусият баён намуда буд:

– ҳамчун ҳолати психологии дарки муфаттиш, ки муносибати субъективии ӯро ба маълумоти тадқиқшаванда муайян мекунад;

– ҳамчун мафҳуми криминалистӣ, ки ҷамъ овардани маълумотро барои ҳалли масъалаҳо ва ё барои пешгӯии онҳо мусоидат менамояд, дар бар гирифтааст:

– ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ аҳамияти мурофиавӣ доштани онро муайян мекунад[50].

А.М. Ларин масъалаи гумонбариро аз нигоҳи криминалистӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ таҳқиқ карда, зикр намудааст, ки «гумонбарӣ ин хулоса, (қисми фаҳмондадиҳии он), эҳтимолият дар бораи субъекти ҷиноят» мебошад.

Гумонбарӣ аз нуқтаи назари мурофиавии ҷиноятӣ маънои «хулоса ва шубҳа аз гумон, ки асоси онро қонун пешбинӣ мекунад» гирифтааст.

Муаллифони алоҳида қайд менамоянд, ки мувофиқи моддаи 91 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Россия, (моддаи 92 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) асосҳо на барои гумонбаршуда донистан, балки барои дастгир кардан, номбар карда шудаанд[51]. Чӣ тавре, ки мебинем,

---

[49] Ниг.: Франк Л.В. Задержание и арест подазреваемого. – Душанбе: Ирфон, 1963. – С. 64.

[50] Ниг.: Карнеева Л.М. Привлечение к уголовной отвественности // Законность и обоснованность. – М.: Юр. лит., 1971. – С. 61

[51] Ниг.: Уголовный процесс: Учебник для студентов вузов, обучающихся по специальности «Юриспруденция» / Под ред. В.П. Божьева. 3-е изд., испр. и доп. – М.: Спарк, 2002. – С. 180. (704 с.); Ларин А.Т. От следственной версии к истине. – М.: Юрлит., 1976. – С. 140-141.

қонунгузории шӯравӣ мафҳуми гумонбаршударо муайян карда, ба асосӣ гумонбарӣ таваҷҷӯҳ зоҳир накардааст ва ё худ онро истисно кардааст[52].

Азбаски ҳалли ин масъала, мавқеъ ва нақши он баҳсҳои дигарро ба миён овардааст, масъалаи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс низ беҷавоб мондааст.

Дар натиҷа назария ва амалия бо роҳи «гумонбаршуда – гумонбарӣ» рафтааст, ҳол он ки дар фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ он бояд бо роҳи дигар – «аз гумонбарӣ ба гумонбаршавӣ» мерафт.

Н.А. Козловский қайд менамояд, ки «гумонбариро танҳо бо як маъно, маҳз бо маънои мурофиавии ҷиноятӣ тавсиф кардан мумкин аст»[53].

И.А. Пантелеев зикр мекунад, ки «гумонбарӣ – ин хулосаи махсуси мурофиавии мақомоти таъқиби ҷиноятӣ дар бораи шарик будани шахс дар содир кардани ҷиноят мебошад, лекин далелҳои ҷамъкардашуда барои айбдор ва гунаҳгор донистани ӯ ҳоло кофӣ нестанд»[54].

Дар ҳақиқат, мафҳумҳои «гумонбарӣ» ва «гумонбаршуда» бо ҳам робитаи зич дошта, яке бе дигар вуҷуд дошта наметавонад. Ҳамин тариқ, «гумонбарӣ» ин:

а) падидаи ҳуқуқии мурофиавиест, ки мақоми мурофиавии гумонбаршударо муайян намуда, асос ва тартиби ҷалб шудани шахсро ба мурофиаи суди ҷиноятӣ нишон медиҳад;

б) асос барои таъқиби ҷиноятии шахси муайян, бо мақсади дуруст ҳал кардани парвандаи ҷиноятӣ даниста мешавад.

Гумонбарӣ истилоҳи гуногунҷабҳа буда, ба маънои психологӣ, криминалистӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ фаҳмида мешавад. Лекин, ба андешаи

---

[52] Ниг.: Манова Н.С., Францифорова Ф.И., Юлдошев Р.Р. Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан. Учебник. – Душанбе: Андалеб – Р, 2016. – С. 61; Гуткин И.М. Актуальные вопросы уголовно-процессуального задержания. – М.: Юрлит., 1980. – С. 32.

[53] Козловский Н.А. Подозрение в советском уголовном процессе: дис. ... канд. юрид. наук. – Свердловск: Свердловский юрид. инс., 1989. – С. 76.

[54] Пантелеев И.А. Проблема совершенствования института подозрения в уголовном процессе России: дис. ... канд. юрид. наук. – Екатеринбург: СЮИ, 2000. – С. 10.

В.Н. Григорев гумонбарӣ мафҳуми мурофиавии ҷиноятӣ буда, танҳо аз ҳамин нуқтаи назар бояд таҳлил карда шавад[55].

Дар ҳолати мазкур, мо дар бораи гумонбарӣ чун қоидаи мурофиавии ҷиноятӣ сухан меронем.

Гумонбаршударо, ки манфиатҳои шахсии худро ҳифз менамояд, ба гурӯҳи иштирокчиёни муносибати мурофиавӣ дохил карда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки гумонбариро чун категорияи мурофиавии ҷиноятӣ на танҳо чун тахмин ё шубҳа ва хулосаи психологии муфаттиш арзёбӣ кардан мумкин аст, балки дар ин маврид нисбати гумонбаршуда расман қабули санади мурофиавӣ пешбинӣ карда шавад, ки дар он бояд асосҳои гумонбарӣ номбар карда шаванд.

Агар дар зери мафҳуми «гумонбарӣ», дар ҳақиқат ҳамон шакли иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят фаҳмида шавад, пас шахсро бо санади махсус ба сифати гумонбаршуда ба фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ, новобаста аз он ки нисбати шахс чораи маҷбуркунӣ мурофиавӣ татбиқ шудааст ё не, ҷалб кардан лозим аст. Гумонбарӣ – ин хулосаи тахминии прокурор, муфаттиш ё таҳқиқбаранда, шубҳаи онҳо мебошад, ки бо маълумоти ҷамъоваришуда эҳтимоли иштироки шахсро дар содир кардани ҷиноят маълум мекунад ва боиси татбиқ шудани чораҳои маҷбурии мурофиавии ҷиноятӣ мегардад.

Гумонбарӣ нисбати шахс дар содир кардани ҷиноят на танҳо тарафи зеҳнӣ, мантиқӣ, хулосабарорӣ, балки пеш аз ва ё баъди содир кардани ҷиноят дар амалҳои фаъоли мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дастгир кардани шахсро иҷро кардаанд, ба мушоҳида мерасад. Аз ин хотир, зарурати ба таври пурра ва ҳамаҷониба андешаронӣ кардан ба муаммои гумонбарӣ ва гумонбаршуда ба миён омада, тақозо менамояд, ки гумонбарӣ пай дар пай ва ё дар ҳамбастагӣ, берун аз мурофиа ва ё бевосита дар доираи фаъолияти мурофиавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

---

[55] Ниг.: Григорьев В.Н. Задержание подозреваемого органами внутренних дел. – Ташкент: ТВШ МВД СССР, 1989. – С. 9.

Гумонбарӣ, бешубҳа ба институти ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ тааллуқ дорад. Чунки заминаи пайдоиш, ба вуҷуд омадани тахмин, шубҳа, бигзор хулосаи ибтидоии мантиқию зеҳнии прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда аз фактҳои ҳуқуқӣ ё ҳолатҳои мушаххаси ҳодисаи рухдода сарчашма мегиранд, агар онҳо муайян шуда бошанд. Ҳолат, маврид, вазъият ё шароити муайяни ҳодисаи рухдода ба ташаккулёбии хулосаи тахминӣ дар шакли гумонбарӣ такон мебахшанд. Лекин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тахмин, гумон ё шубҳа низ хаёлӣ, эҳтимолӣ ё тасодуфӣ ва бе асос шуда наметавонад. Ба гумонбарӣ омилҳои объективӣ ва субъективӣ таъсири бевосита мерасонанд.

Ба пайдоиши асосҳои гумонбарӣ, муаллифон А.Э. Раҳматулоев ва А.Б. Сангинов ҳамчун омили объективии хулосабарории мантиқӣ маълумот дар бораи ҳолатҳои зеринро, ки аз шарик будани шахс дар содир кардани ҷиноят дарак ё хабар медиҳад, номбар мекунанд[56]:

– шахс дар вақти содир кардани ҷиноят боздошт шудааст ё бевосита баъди содир кардани кирдори хавфнок дар ҷойи ҳодиса қарор дорад ё ҷойи ҳодисаро тарк накардааст ё имконияти тарк карданро надошт;

– дар ҷойи ҳодиса, ҳангоми боздошт шудан ё ба иҷрои он муқобилият нишон додааст, кӯшиш ва ҳаракати пинҳон шудан, гурехтан, нобуд кардани далелҳоро кардааст;

– ба шахси зарардида (ҷабрдида, агар парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда бошад) ё шахсони воқифи ҳодиса (шоҳид, агар парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда бошад) таҳдид кардааст ё кӯшиши забоняккунӣ, ҳавасмандсозӣ, созиш барои фош накардани ҳолати воқеӣ ё кӯшиши нобуд сохтан ё сохтакории изу пайи боқимондаро кардааст;

– дар аъзои бадан, сару либос, пойафзол, ашёи ҳамроҳи шахс буда, яроқ, дар асбобу чизҳои истифодашуда, манзил, ҷои кор ё воситаи нақлиёт осори бараълои ҷиноят ё ки аз шарик будани шахсро дар содир кардани ҷиноят нишон медиҳанд ва бо ёрии амалҳои таъхирнопазири тафтишӣ ё чораҳои оперативию ҷустуҷӯӣ ошкор карда шуда бошанд;

[56] Ниг.: Раҳматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Низом ва шакли мурофиавии ҷиноятии амалҳои тафтишотӣ. – Хуҷанд: Мероҷ, 2011. – С. 76. (134 с.).

– маълумот аз пешбурди парвандаҳои дигари ҷиноятӣ (хотимаёфта, боздошташуда ё қатъ шуда), чораҳои оперативию ҷустуҷӯӣ[57], бойгонии мақомоти оперативӣ, тафтишию судӣ, маркази дактилоскопӣ гирифта, омӯхта шуда бошад, ки ба гумонбарии ҳамин шахс дар содир намудани ҷиноят ишора мекунанд; ин шахс кӯшиши аз мақомоти таъқиби ҷиноятӣ пинҳон шуданро карда истода бошад, дар ҷустуҷӯи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ қарор дошта бошад; кушиши фавран иваз кардани ҷои кор ё зистро карда бошад; қаблан ба маҳалли содир шудани ҷиноят ҳозир шуда ё берун аз он, барои содир кардани ҷиноят шахсони муайянро бо роҳи таҳдид, моил ва ҳавасманд карда, (ки шахсияташон муайян карда шудааст) омода карда бошад; қаблан ҳамин намуди ҷиноятро содир карда айбдор ё маҳкум шудааст; қобилият ва имконияти ташкил ва ё содир кардани ҳамин намуди ҷиноятро ҳамчун касб дорад ё ба он майл дорад; сарчашмаи даромад, ҷойи кори доимӣ надорад; аз оқибати ҳамин ҳодисаи рухдода бештар манфиатдор аст, қаблан нисбати ҷабрдида ангезаи бадбинӣ, ғараз, рақобат ё хусумат зоҳир кардааст, бо ҷабрдида ҳамкорӣ, тиҷорат ё муносибати дигаре дошт, ки боиси мунокиша ё хусумат, қасд ё бадбинӣ шудааст[58].

– маълумот аз шахси ихтёран бо иқрори гуноҳ ҳозиршуда гирифта шуда, дар натиҷаи санҷиш бо ҳолатҳои рух додани ҳодиса, баёноти аризадиҳанда ё шахсони дигари воқиф аз ҳодиса мувофиқат кунад, ки кирдори хавфнок содир кардани ҳамин шахсро тасдиқ мекунад. Ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ кофӣ нест, ки шахс фавран дастгир карда шавад, аммо барои гумонбарӣ кофӣ аст. Барои ҳамин, Н.А. Нозиров дуруст қайд мекунад, ки бо иқрори гуноҳ ҳозир шудан ин сарчашмаи маълумот аст, на асоси оғози парвандаи ҷиноятӣ[59] ва дастгир кардан бо гумони содир кардани ҷиноят мебошад. Агар дар натиҷаи санҷиши маълумот (аз аризаи иқрори гуноҳ) муайян шавад, ки

---

[57] Ниг.: Саматов Т.С. Қоидаҳои асосии ҳамкории муфаттиш бо мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ / Т.С. Саматов // Маводҳои конференсияи илмӣ ба муносибати ҷашни 90 солагии илми криминалистика «Таърихи ташаккули илми криминалистика ва рушди он дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон». ДИС ДДТТ, (01 марти соли 2019). – Хуҷанд: Даврон, 2019. – С. 12-20.
[58] Ниг.: Раҳматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Низом ва шакли мурофиавии ҷиноятии амалҳои тафтишотӣ. – Хуҷанд: Мероҷ, 2011. – С. 76. (134 с.).
[59] Ниг.: Нозиров Н.А. Уголовно-процессуальное законодательство в годы независимости Республики Таджикистан / Н.А. Нозиров // Вестник Конституционного суда Республики Таджикистан. – 2012. – №3. – С. 52-53.

дар ҳодисаи рухдода воқеан аломати ҷиноят мавҷуд бошад ва ин кирдорро шахси ҳозиршуда содир карда бошад, танҳо баъди санҷиши аризаи иқрори гуноҳ, шахси ҳозиршуда дастгир кардан мумкин аст, ки минбаъд вай ҳолати ҳуқуқии гумонбаршавандаро мегирад.

Албатта ҳолатҳои номбаршуда кофӣ нестанд, ки шахс дар содир кардани ҷиноят айбдор дониста шавад, лекин кофӣ мебошанд, ки боиси гумонбарии асоснок дониста шаванд. Ин ақида асоси ҳуқуқӣ низ дорад, чунки сархати 4 қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ «асосҳои дигари кофии гумонбар шудани шахсро дар содир намудани ҷиноят» ҳамчун асоси дастгир кардан пешбинӣ кардааст, лекин кадом ҳолатҳо «асоси дигари кофӣ» дониста мешаванд, шарҳ намедиҳад. Бинобар ин, ақидаи муҳаққиқони номбаршударо оид ба «асосҳои дигари кофии гумонбар шудани шахс дар содир намудани ҷиноят», ки дар як вақт асоси пешбарии гумонбарӣ шуда метавонанд, ҷонибдорӣ кардан мумкин аст.

Дар амалияи тафтишӣ маълумот дар бораи ҳолатҳои номбаршуда на танҳо ба гумонбарӣ, балки барои санҷиши фаврии маълумоти дигари ҷамъовардашуда ва пешбарии фарзияи асоснок ва барои муайян кардани самти минбаъдаи тафтиши ҷиноят ёрӣ мерасонанд.

Ба андешаи мо, омили субъективии ташаккули гумонбарӣ ин бо маҳорати касбӣ ва дарки ҳуқуқии корманди мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ вобаста мебошад. Дарки ҳуқуқии ҳолатҳои номбаршуда ҳамчун асоси гумонбарӣ, дар амалия метавонад ба паст шудани сатҳи вайронкунии қонун, ҳангоми дасгир карда шудани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят мусоидат кунанд. Чунки дарки ҳуқуқӣ ва маҳорати касбии корманд имконият медиҳад, ки;

– алоқамандии байни сабаб ва оқибати зуҳурот, ҳодиса бо амали шахс ё кирдори вай муайян карда шавад;

– алоқамандии моҳият ва мазмуни зуҳурот, ҳодисаи рухдода, ҷиноят, ки сабаби он рафтори шахси муайян аст, дар пайвастагӣ маълум карда шавад;

– робитаи нишондиҳандаҳои сифат, миқдор, шакл, мазмуни рафтори шахс бо ҷараёни пайдоиши изу пай, тағйиротҳо ва оқибат баҳо дода шавад;

– ба муайян кардани алоқамандии хронологии (замон, вақт) рафтори шахс ва маҳалли (макон, муҳит) ҳодиса, ба муайян кардани алоқамандии омилҳое, ки боиси оқибати фаророасида шудаанд, ба хулосабарории мантиқӣ оид ба воқеияти ҷой доштани онҳо ёрӣ расонанд.

Мантиқан муайян кардани алоқамандии унсурҳои номбаршудаи зуҳурот, ҳодиса боиси пешбарӣ ва тасдиқ ёфтани хулосаҳои мантиқӣ оид ба гумонбарӣ мегардад.

Маълумот, дониш, таҷриба, маҳорат ва ҷараёни пайдоиш ва ташаккулёбии чунин хулосаҳои мантиқиро, ки бо аслан ҷой доштани воқеияти рухдода (зуҳурот, ҳодиса) пайванд месозад, гумонбариро тақвият мебахшад[60].

Дар айни замон, гумонбарӣ ба танзими пайваста, пурра ва ҳамаҷонибаи меъёрӣ ниёз дорад, зеро он имконият фароҳам меорад, ки он ба як сохтори фарогир, ҳамоҳанг ва муайяншуда табдил ёбад.

Таҳқиқоти муқоисавии низоми ҳуқуқи хориҷӣ – континентӣ (қитъавӣ) ва англо-амрикоӣ низ ба хулосае меоранд, ки истилоҳи «гумонбарӣ» ба мурофиаи ҷиноятии аксари давлатҳо шинос аст ва татбиқу истифодаи он бо гузаронидани пурсиш оид ба содир намудани ҷиноят, бо маҳдуд кардани озодии ҳаракат, боздошт ва ҳабси шахс алоқаманд аст.

Аз ин рӯ, ба санадҳои ҳуқуқӣ-байналхалқӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ва қисми таркибии меъёрҳои ҳуқуқӣ дониста шуда, муносибатҳои мурофиавии ҷиноятиро ба танзим медароранд, эътибор медиҳем.

Таҳлили меъёрҳои байналхалқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, ба таҳлили хусусиятҳои таъмини ҳуқуқи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ имконият фароҳам меорад. Хусусияти гумонбарӣ дар он зоҳир мегардад, ки вай аз айбдоркунӣ ва гунаҳгорӣ фарқ мекунад, яъне он давраи эҳтимолии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашиданро ташкил медиҳад.

[60] Ниг: Раҳматулоев А.Э. Заруратi такмил дода шудани роҳу услуб ва қоидаҳои тафтиши ҷиноят / А.Э. Раҳматулоев // Маҷмӯаи конференсияи байналхалқии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» (Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 07 апрели соли 2016). – С. 140-143.

Бинобар А.В. Солтанович бар он аст, ки бояд ба қонуни мурофиаи ҷиноятӣ тағйирот ворид карда шуда, мутобиқи он дар қонун давраҳои ғайриҳатмии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ҷорӣ карда шавад, то ки он ба таҳлили дилгиркунандаи ҳолатҳои воқеа мубаддал нагардад[61].

Мусаллам аст, ки ҳангоми оғоз ва тафтиши ҷиноятҳо вазъияти объективие ба вуҷуд меоянд, ки мутобиқи онҳо мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ барои он ки дар содир кардани ҷиноят шахси муайянро гумонбар ҳисобанд ҳам, барои айбдоркунии ин шаҳрванд асос пешниҳод карда наметавонанд.

Ин чунин маъно дорад, ки байни мафҳумҳои гумонбарӣ ва гумонбаршуда ихтилофот ба вуҷуд омада, маҳз ба тавассути ҳамин алоқамандии сабабу оқибат дошта, нақш, мавқеъ ва мақоми гумонбаршуда, аз он ҷумла масъалаҳои мурофиавӣ, ки ба пайдоиш, инкишоф ва ба охир расидани гумонбарӣ муайян карда мешавад, ки онро як давраи фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ номидан мумкин аст.

Сохтори мафҳуми гумонбаршуда дар доираи масъалаҳои муҳокимашуда бояд аз унсурҳои зерин иборат бошад:

1) пешбарии гумон нисбати шахсе, ки амали зиддиқонунӣ содир кардааст;

2) ҳалли масъалаи дастгир кардани гумонбаршуда дар асоси моддаи 92 Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ;

3) ба сифати гумонбаршаванда ҷалб кардани шахс;

4) пурсиши гумонбаршуда;

5) ҳалли масъалаи нисбати гумонбаршуда татбиқ кардани чораҳои пешгирӣ;

6) гумонбаршуда чун ҷалби шахс ба ҳайси айбдор, ё ки озодкунӣ аз гумон қарори махсус оид ба масъалаи вобаста ба сафедкунии гумонбаршуда.

---

[61] Ниг.: Салтанович А.В. Право подозреваемого на защиту в уголовном процессе Республики Белорус: дис. ... канд. юрид. наук. – Минск, 1992. – С. 47-49.

Асоси гумонро нисбати шахсе, ки барои содир кардани ҷиноят гумонбар дониста шудааст, барои дастгир кардани ин шахс, гумонбаршуда шинохта шудани вай, пурсиш, нисбати ӯ мавриди татбиқ қарор додани чораҳои пешгирӣ ташкил мекунад. Дар навбати худ, чораҳои мазкур ҳамон вақт асоснок ва ба шароит мувофиқ дониста мешавад, ки агар онҳо ба талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ (м. 46, 103 КМҶ ҶТ) ҷавобгӯ бошанд.

Дар марҳилаи ибтидоии пешбарӣ кардани гумон нисбати шахси муайян, муфаттиш дар бораи вай маълумоти маҳдуд дорад. Бо гузашти муҳлати муайян, бо баробари ҷамъ шудани далелҳои исботкунанда ва тахминҳо, ин маҳдудият торафт кам мегардад, лекин он аз ҷиҳати сифат муайянкунандаи шакли ҷиноятро пайдо мекунад.

Дар чунин ҳолат гумонбаршуда ҳолати ҳуқуқии мурофиавӣ надорад. Қаблан баъзе муаллифон шахси гумон «гумонбаршудаи психологӣ»[62], «гумонбаршудаи субъективӣ»[63], «шартан гумонбаршуда»[64] маънидод карда, бо ҳамин онро аз гумонбаршуда – иштирокчии фаъолияти мурофиаи ҷиноятӣ, ҷудо намудаанд.

Таҳлили қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чунин хулоса меоварад, ки мақомоти таҳқиқ ва тафтиш маълумотро дар бобати иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят бо роҳи санҷишҳои тотафтишии мурофиавӣ, яъне ва бо роҳи амалҳои тафтишӣ, ё ки гузаронидани маҷмӯи чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба даст меорад (ба м.м. 39, 72, 86, 145, 153 КМҶ ҶТ).

Хулосаҳои эҳтимолӣ дар бораи иштирок ё шарик будани шахс дар содир намудани ҷиноят то он вақт аҳамияти мурофиавӣ надоранд, ки агар маводҳои зарурӣ, ҳолатҳои дар боло номбаршударо инъикос накарда бошанд.

---

[62] Рощин В.И. Обвинямый на предварительном следствии в советском уголовном процессе: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1995. – С. 6.
[63] Карнеева Л.К. К вопросу о подозреваемом в советском уголовном процессе / Л.К. Карнеева // Советская криминалистика на службе следтсвия. – М.: ВМЮИ, 1959. – Вып. 12. – С. 10.
[64] Котровский В.В. Понятие подозреваемого по новому УПК РСФСР / В.В. Котровский // Правоведения. – 1962. – №3. – С. 86.

Маҷмӯи маълумот ҳоло барои эълон кардани гумонбарии шахс кифоя нест, зеро онҳо дар бораи ҷиноят ва шахси ба он алоқаманд маълумоти пурра дода наметавонанд. Гумонбарӣ, ки дар асоси маводҳои ҷамъовардашуда муайян шудааст, бо дастгир кардан чун чораи маҷбурӣ, хусусияти расмӣ пайдо мекунад ва оид ба он ҳуҷҷати мурофиавӣ тартиб дода мешавад, ки ба ҳуқуқу манфиатҳои ӯ дахл дорад.

Пас пайдоиш, ташаккулёбӣ ва маънидодкунии гумонбарӣ бо ҳаракатҳои мурофиавӣ ва хулосабарории мантиқӣ ва ақлонии муфаттиш алоқаманд мебошанд.

Дар баъзе ҳолатҳо миқдори маълумот дар доираи рафтори гумонбаршуда ба дигаргуниҳои сифатӣ оварда расонида, ба гузариш аз эҳтимолияти нисбатан хурд то ба фаҳмиши пурра дар бораи шарикӣ дар содир кардани ҷиноят ва ҷинояткор оварда мерасонад.

Ин ҳолат вақте ба амал меояд, ки маълумоти ҷамъкардашуда аҳамияти мурофиаи далелҳоро пурра гардонида, барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс имконият фароҳам оранд (м. 221 КМҶ ҶТ).

Ҳамин тариқ, агар гумонбарӣ аз тарафи муфаттиш муайян шуда, он тасдиқи худро чун гипотеза (эҳтимолият) ёфта бошад, симои айбдоршавандаро, на ин ки гумонбаршударо, ҳувайдо месозад.

Мо таклиф мекунем, ки ба КМҶ ҶТ моддаи «гумонбаршуда» дар зери чунин таҳрир ворид карда шавад:

«Гумонбарӣ – ин хулосаи расмии мақомоти таъқиби ҷиноятӣ аст, ки дар асоси маводҳои мавҷуда, иштироки шахси муайянро дар содир намудани ҷиноят муайян ва боиси гумон мегардад».

Сониян, ба фикри мо ин меъёр дар таҳрири зайл идома дода шавад: «Асосҳои гумонбарӣ», ки мутобиқи он шахс гумонбаршуда дониста мешавад, бояд чунин бошад:

а) оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати шахсе, ки дар кирдори вай мумкин аст аломати ҷиноят мавҷуд бошад;

б) маълумоте мавҷуд бошад, ки аз сарчашмаи муайян гирифта шуда, воқеан ҷой доштани ҳолатҳои дар қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ пешбинишударо инъикос намояд;

в) мавҷудияти маълумот дар бораи ҳолатҳое, ки ҳавасмандӣ, имконияти иштирок доштан ё манфиатдор будани шахсро дар содир карда шудани ҷиноят инъикос мекунанд;

г) ҷамъбасти таъҷилии баҳодиҳӣ ба маълумоти ҷамъовардашуда, ки боиси пайдоиш ва ташаккулёбии шубҳаи асоснок ё хулосаи ибтидоӣ дар бораи эҳтимол ва имконияти иштироки ҳамин шахс дар содир кардани ҳамин ҷиноят мешавад ва ногузир будани қабули қарори дахлдор ё иҷрои фаврии амалҳои мурофиавиро ба миён меорад.

Маълумоте, ки дар асоси он гумонбарӣ ба вуҷуд меояд ва ташаккул меёбад, ҳам дар ҷараёни исбот ва ҳам ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба даст меоянд.

Қонун бо тариқи ҳатмӣ гирифтани ин маълумотро танҳо бо рафти исботкунӣ алоқаманд намекунад. Маҷмӯи ин маълумот барои эълон кардани айб ҳоло кофӣ нест, зеро онҳо ҳаракати эҳтимолӣ, фаҳмиши маҳдуд дар бораи ҷинояти содиршуда, дахлдории ин шахсро ба ҷинояти содиршуда бо пуррагӣ муайян намекунад.

Дар асоси таҳлили ҳуқуқӣ гумонбариро чун хулосае, ки дар қарори махсуси мурофиави мақомоти таъқиби ҷиноятӣ дар бораи иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят тафтиш шуда истода, лекин далелҳои барои эълон кардани айбдорӣ кофӣ нест, фаҳмидан мумкин аст.

Асоси гумонбарӣ бояд бо роҳи қабули қарор дар бораи ба сифати гумонбаршуда дониста шудани ӯ, баъди пурсиши нахустин ва ё дар ҳолати дастгир кардани шахси гумонбаршуда, баъди се соати ҳозир шудани ӯ ба назди таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ифода карда шавад. Бинобар ин,

муаллифон то оғози парвандаи ҷиноятӣ татбиқ шудани дастгир гардидани шахсро ҳамчун гумонбаршаванда ҷонибдорӣ намекунанд[65].

Ба фикри мо, шакли расмии шинохта шудани шахс чун гумонбаршуда, набояд ки қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати шахси муайян, протокол дар бораи дастгир кардан ва ё нисбати ӯ то эълон кардани айб татбиқ кардани чораҳои пешгирӣ бошад.

Ҳоло қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ танҳо яке аз асосҳои ба вуҷуд омадани гумонбарӣ нисбати шахс мебошад.

Бо баробари ба вуҷуд омадани асос барои гумонбарӣ масъалаи гумонбаршуда эътироф кардан дар асоси қарори зикршуда баррасӣ карда шавад. Зарурати қабули қарор дар бораи ба сифати гумонбаршуда дастгир шудани ӯ, ҳамон вақт ба миён меояд, ки ба муқобили ӯ асос барои гумонбарӣ мавҷуд бошанд. Вобаста ба ин, муфаттиш шахси мазкурро бояд пурсиш намояд ва азбаски мақоми ӯ то ҳол муайян нест, мақомоти тафтишоти пешакӣ уҳдадор аст, ки ба ӯ вазъи аниқи мурофиавиро таъмин намояд.

Танҳо баъди ба гумонбаршуда фаҳмонидани моҳияти гумонбаршавӣ; гузаронидани пурсиш, масъалаи нисбати гумонбаршуда татбиқ кардани чораи пешгирӣ бояд ҳал карда шавад. Пас пайдоиш, ташаккулёбӣ ва маънидодкунии гумонбарӣ бо амалҳои мурофиавӣ ва хулосабарории мантиқӣ ва ақлонии таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор алоқаманд мебошанд, ки самти минбаъдаи амалҳои онҳоро муайян мекунад. Аз ин рӯ, миқдори маълумот дар доираи рафтори гумонбаршуда ба дигаргуниҳои сифатӣ оварда расонида, ба гузариш аз эҳтимолияти нисбӣ то ба эътимоднокӣ дар бораи шарикӣ дар содир кардани ҷиноят ва шахсияти ҷинояткор оварда мерасонад.

Дар муқоиса, асоси пайдоиши гумон дар содир намудани ҷиноят аз асосҳои дастгир кардан нисбатан васеъ мебошад. Чунки, гумон дар шакли гуногун баён ва ифода шуда, бештар мазмуни тахмин ё фарзияро дорад, ки бо

[65] Ниг.: Одинаев И.А. Проблемные аспекты правоприменительной практики уголовно-процессуального задержания в досудебном производстве: опыт России и Таджикистана / И.А. Одинаев // Мир политики и социологии. – 2019. – №9-10. – С. 158-163.

далелҳо тасдиқ наёфтааст. Ба андешаи мо гумонбарӣ бо ду намуд ифода меёбад:

а) гумони содир шудани кирдори ба ҷамъият хавфнок, дар мавриди оғоз нашудани парвандаи ҷиноятӣ, ки дар асоси маводҳои санҷишӣ ё тотафтишӣ ба вуҷуд меояд;

б) гумони содир шудани ҷиноят аз тарафи ҳамин шахс ё иштирок вай дар содир кардани ҳамин ҷиноят баъди оғози парвандаи ҷиноятӣ, дар мавриди ҷой доштани аломати ҷиноят ва иҷрои амалҳои таъхирнопазири тафтишӣ ба вуҷуд меояд.

Дар ҳар ду ҳолати номбаршуда маълумоти ҷамъовардашуда кофӣ нест, ки мақомоти таъқиби ҷиноятӣ хулосаи аниқ барорад. Яъне, маълумоти нисбатан маҳдуди ҷамъовардашуда низ кофӣ аст, ки дар асоси онҳо дастгир кардан бо гумон дар содир намудани ҷиноят амалӣ шавад. Ба андешаи мо, гумони бевосита (яъне, новобаста аз мавқеи аризадиҳанда, шахси зарардида, гувоҳи ҳодиса, баҳои холисона ва новобаста аз хоҳиш ва иродаи шахсони дигар) – ин хулосаи мантиқии мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, дар асоси маълумоти ҷамъовардашуда мебошад, ки ягон паҳлуи иштироки шахси муайянро дар содир кардани ҷиноят инъикос мекунад, лекин барои айбдор кардан кофӣ нест.

Ҳамин тариқ, гумонбарӣ ҳамчун асосҳои умумӣ барои боздошт, аз маҷмӯи маълумот оид ба иштирок шахс ба содир кардани ҷиноят иборат буда, мутобиқи он нисбати ӯ дастгир кардан чун чораи маҷбуркунӣ татбиқ мешавад.

1. Гумонбарӣ ба ниҳоди ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ дониста шуда, заминаи пайдоиш, ба вуҷуд омадани тахмин, шубҳа, хулосаи асосноки мантиқию зеҳнии прокурор, муфаттиш, таҳқиқбарандаро нишон дода, эҳтимолияти иштироки шахсро дар содир кардани ҷиноят ифода мекунад. Гумонбарии фардӣ, хаёлию тахминӣ, ки беасос аст, аҳамияти ҳуқуқӣ надорад. Гумонбарии асоснок натиҷаи хулосабарории зеҳнӣ ва мантиқии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба эҳтимолияти иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят аст, ки сарчашмаи онро маълумоти ҷамъоваришудаи

мушаххас оид ба ҳолатҳои ҳодисаи рухдода ташкил медиҳад. Ҳолат, маврид, вазъият ё шароити муайяни ҳодисаи рухдода, ки маълум шудаанд, ба ташаккулёбии хулосаи тахминӣ дар шакли гумонбарӣ оид ба эҳтимоли асосноки иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят такон мебахшад. Гумонбарӣ моҳияти мурофиавии ҷиноятӣ дорад: а) вай қисми таркибии функсияи таъқиби ҷиноятӣ мебошад; б) чун хулосаи ибтидоии мақомоти таъқиби ҷиноятӣ дар бораи эҳтимолияти алоқамандии шахс ба ҳодисаи содир шудани ҷиноят баромад менамояд; в) ҳамчун шарти умумии истифодаи дастгир кардан баромад менамояд.

2. Тартиби эътироф кардани гумонбаршаванда аз бисёр ҷиҳат ба тартиби пешниҳод кардани айб монанд буда, ба фикри мо он аз се давра иборат мебошад:

1. шинос кардани гумонбаршуда бо қарор дар бораи ҳамчун гумонбаршуда дониста шудани ӯ;

2. кушода додани моҳияти гумонбарӣ ва асосҳои он;

3. фаҳмонида додани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои гумонбаршуда.

3. Бояд ба КМҶ ҶТ моддае, бо номи «Муҳлати гумонбаршавӣ» илова карда шуда, дар қисми якуми он таҳрири зерин пешбинӣ карда шавад: «Муҳлати гумонбаршавӣ аз лаҳзаи қабули қарор дар бораи ба сифати гумонбаршуда донистан ва дастгир кардани он барои содир кардани ҷиноят аз лаҳзаи маҳдуд кардани озодиҳои ӯ ҳисобида шавад»;

Дар қисми 2 ҳамин модда пешбинӣ шавад, ки «Муҳлати гумонбаршавӣ то қабули қарор дар бораи ба ҷавобгарӣ кашидан ба сифати айбдоршаванда ва эълони айб ва дар ҳолати тасдиқ нашудани гумонбарӣ бо баровардани қарор дар бораи озод кардани шахс аз гумонбарӣ ба анҷом мерасад».

## 1.2. Моҳияти мурофиавӣ доштани дастгир кардани гумонбаршуда бо гумони содир кардани ҷиноят

Аз мазмуни меъёрҳои қонун бармеояд, ки дастгир кардани шахсе, ки барои содир кардани ҷиноят гумонбар шудааст, бевосита ба маҳдуд кардани озодии шахс дахл дорад. Ин амал бо иҷрои вазифаҳои саривақтии оғоз ва

тафтиши ҷиноятҳо алоқаманд буда, чораи зарурии маҳдуд кардани озодии шахси барои содир кардани ҷиноят гумонбаршуда мебошад[66].

Мутаассифона, миқдори дастгиршудагон бо гумони содир кардани ҷиноят дар Тоҷикистон дар солҳои охир меафзояд[67].

Чӣ тавре, ки аз баромадҳои расмии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба рӯзи таъсисёбии мақомоти прократураи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, дар тӯли солҳои охир дараҷаи баланди вазъи криминологӣ бетағйир мондааст. Соли 2012 – 18338 ҷиноят ба қайд гирифта шуда, зарари ҷиноятҳои содиршуда ҷуброн карда шудаанд. Соли 2017 бошад, миқдори ҷиноятҳои бақайдгирифташуда алакай ба 22000 расидааст, ки аз афзоиши ҷиноятҳорӣ шаҳодат медиҳад[68].

Дар санадҳои ҳуқуқии байналхалқӣ ва миллӣ меъёр ва кафолати дахлнопазирии шахс, ҳад ва муҳлати амали он ҳангоми дастгиркунии гумонбаршуда муқаррар карда шудаанд. Масалан, дар «Маҷмӯи принсипҳои ҳифзи ҳамаи ашхосе, ки ба ҳама гуна шаклҳои боздошт ва ҳабс гирифтор шудаанд»[69], соҳаҳои татбиқи он муайян карда мешавад.

Ин принсипҳо ҳамчун кафолати ҳифзи ҳамаи шахсоне, ки ба боздошт ва ё ҳабси пешакӣ гирифтор шудаанд, дар кадом шакле, ки бошад ба роҳбарӣ гирифта мешаванд.

Масалан, мутобиқи принсипи 2-юми ин санад «Ҳабс, боздошт ё нигоҳ доштани шахс дар асоси мутобиқати қатъии он ба талаботи қонун ва салоҳияти шахсони мансабдор ва ё шахсоне, ки бо қонун оид ба ин амал ваколатдор карда шудаанд, амалӣ мешавад».

---

[66] Ниг.: Соловьев А.Б., Халиулин А.Г., Токарева Н.Е. Прокурорский надзор за исключением законов при расследовании преступлений. – М: Эксмо, 2000. – С. 14-15.

[67] Ниг.: Маърӯзаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати прокурорӣ аз болои иҷрои қонунҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2006» // Садои мардум. – 14 марти соли 2017. – №22 (3168).

[68] Ниг.: Суханронии ифтитоҳии Президенти Ҷумҳурии Тотористон дар Маҷлиси тантанавӣ бахшида ба рӯзи таъсиси мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.03.2018 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www. President.tj (санаи муроҷиат: 20.03 2018).

[69] Бо Қарори Маҷмааи Умумии СММ аз 9 декабри соли 1998, таҳти №43/173 тасдиқ шудааст.

Тибқи «Маҷмӯи принсипҳо» ибораи «шахси боздоштшуда» ҳамаи ашхосеро дар назар надорад, ки озодии онҳо барои содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ маҳдуд шудааст, балки «боздоштшавӣ» ҳолати шахси бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршударо мефаҳмонад.

Қонунгузории як қатор давлатҳо боздоштро дар ду шакл амалӣ мегардонад: бо қарори пешакӣ дар бораи ҳабс ва бидуни он. Масалан, дар сархати (зербоб) 114 КМҶ Ҷумҳурии Федеративии Олмон нишон дода шудааст, ки пеш аз он ки шахс дастгир карда шавад, аввал политсия бояд аз суд барои ҳабс кардани вай фармон ё иҷозат гирад. Пас аз он дастгиршуда фавран ба назди судя оварда мешавад ва судя уҳдадор аст, ки ӯро на дертар аз рӯзи дигар пурсиш намояд (параграфи 15).

Барои асоснок кардани ҳабс, судя ҳуқуқ дорад нисбати дасгиршуда амалҳои тафтишӣ гузаронад (параграфи 117 КМҶ ҶФО).

Шакли дуюми ба ҳабсгирӣ, ки дастгир кардани муваққатӣ ном дорад, дар параграфи 117 КМҶ ҶФО[70] нишон дода шудааст, ки мутобиқи он:

1) агар шахс дар ҷои содир кардани ҷиноят ва ё баъди содир шудани ҷиноят барои он гумонбар шуда бошад ва ҳангоми аз таъқиб пинҳон шуда бошад ва ё шахсияти ӯ муайян нашуда бошад, ин шахс бе фармони (иҷозати) судя муваққатан дастгир карда мешавад.

2) прокурор ва корманди политсия дар ҳолатҳои таъхирнопазир, ваколат доранд, ки шахсро муваққатан дастгир намоянд, агар барои ин қарори судӣ дар бораи ба ҳабс гирифтан ва ё ҷойгир кардани ӯ дар муассисаи тиббии психиатрӣ мавҷуд бошад[71].

Дар мурофиаи ҷиноятии ИМА ду намуди боздоштро фарқ мекунанд:

1) дар асоси ордери магистр (судя);

2) бидуни ордер, агар корманди политсия ва шахси дигар барои боздошт асос пешниҳод намоянд.

---

[70] Ниг.: Боботов С.В. Буржуазная юстиция: Состояние и перспективы. – М.: Наука, 1989. – С. 68-69.
[71] Ниг.: В УПК ФРГ срок задержания не может превышать более 12 часов с момента задержания (Боботов С.В. Буржуазная юстиция. Состояние и преспективы. – М.: АН СССР, Ин-т госуд. и право, 1989. – С. 189.

Боздошт дар асоси ордер, ҳамчун шакли асосии ба ҳабс гирифтан ҳисобида шавад ҳам, аммо вақтҳои охир бинобар авҷ гирифтани бетартибиҳои оммавӣ, ҷиноятҳои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта, дастгир кардан бе пешниҳоди ордер торафт паҳн шуда истодааст.

Маҷлиси миллии Фаронса моҳи феврали соли 2004 бо ном «Қонуни Пербен»-ро қабул намуд. Яке аз талаботи қонуни нав аз он иборат буд, ки дар асоси он муҳлати нигоҳ доштани ҷинояткорони хатарнок аз ду шабонарӯз, ки дар қонунгузории амалкунандаи Фаронса пешбинӣ шуда буд, бояд то ба чаҳор шабонарӯз дароз карда шавад.

Давъват ва вохӯрии адвокат бо дастгиршуда баъди 2-3 рӯзи боздошт иҷозат дода мешавад. Тибқи маълумоти намояндагони ниҳодҳои ҷамъиятии ҳифзи ҳуқуқи башар нисбати дастгиршудагон аз соатҳои аввал аз ҷониби ҳомиёни тартибот усулҳои «таъсиррасонии руҳию ҷисмонӣ» расонида мешавад[72], ки боиси нигаронӣ аст.

Имрӯз дар Тоҷикистон дар натиҷаи номуайянии ҳуқуқӣ дар амал се намуди дастгиркунии шахс барои содир намудани ҷиноят татбиқ карда мешавад: дастгир кардани шахс, ки дар асоси он озодии шахс маҳдуд карда мешавад (дастгир кардани шахс ва ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ супоридан) ва дастгиркуние, ки нисбати шахси айбдоршаванда; бевосита аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ бо тартиби мурофиавӣ дастгир кардан бо гумони содир кардани ҷиноят, ки бо расмиёти протоколи дастгиркунӣ (м. 94 КМҶ ҶТ) татбиқ карда мешавад.

Дастгир кардани шахс маънои маҳрум кардан аз озодӣ дар натиҷаи маҳкум шуданро барои содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ надорад.

Қонуни мурофиавии ҷиноятӣ асос ва тартиби амалигардонии дастгир кардани мурофиавиро муайян мекунад, вале қоидаҳои дастгир кардани

---

[72] Ниг.: Деревенченко Г.О. Необходимости ратификации факультативного протоколо к Конвенции против пыток и других жестоких, бесчеловеческих и унижающих достоинство обращений и наказания и создания независимого превентивного механизма в Республике Таджикистан / Аналетическая записка. – Душанбе: Общ. фонд «Нотабене», 2012. – 91 с.; Свобода от пыток в Таджикистане: Обзор рекомендаций органов ООН и институтов гражданского общества. – Душанбе: Общ. фонд «Нотабене», 2013. – 180 с.

ҷисмонии шахси гумонбаршударо ба низоми муайян пешбинӣ накардааст. Лекин, дар байни дастгир кардани ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ, таносуби вақт, ки бо ҷорӣ шудани фосилаи вақт бо соатҳо ҳисоб мешавад, дар шароити имрӯза як «холигии ҳуқуқӣ» ҷой дорад.

Аз мазмуни м. 94 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тартиби дастгир намудани гумонбаршуда» бармеояд, ки он муносибатҳои мурофиавии байни мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва дастгиршударо танҳо баъди ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ супоридани дастгиршуда ба танзим медарорад.

Аз мазмуни м.м. 92, 94 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълум мешавад, ки дастгир кардани шахс чӣ тавр амалӣ карда мешавад, бо кадом ҳуҷҷат натиҷаи он расмӣ карда мешавад, ва дастгиршударо дар куҷо ва дар кадом мӯҳлат нигоҳ медоранд.

Бо таҳқиқоти мазкур, мо аз назари қонунгузор истифода бурда, дастгиршударо гумонбаршуда меномем, вале ба фикри мо то қабули қарор дар бораи ба сифати гумонбаршуда дониста шуданаш, ӯ танҳо шахси гумонбар дониста шавад.

Баъзе аз муаллифон бар он ақидаанд, ки дастгир кардани воқеӣ ва ё «дастгиркунии оперативӣ» аз рӯйи моҳияти худ чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба ҳисоб рафта, лекин шакли расмиёти он дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» инъикоси худро наёфтааст.

Ба ин фикр розӣ шудан мумкин ва дастгир кардани оперативиро танҳо ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мутааллиқ донистан муҳим аст.

Қаблан, меъёрҳо оид ба боздошти шахс бо гумони содир кардани ҷиноят дар м. 412.1-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶШС Тоҷикистони соли 1961 инъикоси худро ёфта буданд ва дар боби дар бораи таҳқиқ, аз рӯйи қоидаҳои

он давр, қонун мақомоти таҳқиқро барои дидани чораҳои пешгирӣ вазифадор карда буд, ки ҳангоми таҳкиқ гумонбаршударо боздошт намояд[73].

Минбаъд, амалияи тафтишӣ, ин амалро нодуруст ҳисобида, ба м. 412.1 КМҶ ҶТ тағйиротҳо оид ба татбиқи дастгир кардан ворид намуд.

Дар Кодекси нави мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2009) боздошт мазмуни дигар гирифта, мақоми васеъ пайдо кард. Он ба чораи маҷбуркунии мурофиавии ҷиноятӣ табдил ёфта, акнун танҳо аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ба амал бароварда мешавад.

Дар натиҷаи он ин амали мурофиавӣ, чун чораи умумии маҷбуркунӣ дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ паҳн ва мавриди истифода қарор гирифт.

КМҶ ҶТ боздоштро чун амал барои ҷамъ намудани далелҳо нишон надодааст. Ин ҳолат дар матни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда»[74] низ пешбинӣ карда нашудааст.

Дастгиркунӣ бо амалиёти оперативию ҷустуҷӯӣ ва шаҳодаткунонӣ фарогир нест. Дар айни замон дастгир кардани шахсе, ки барои содир намудани ҷиноят гумонбар дониста шудааст, ба раванди исботкунӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Он барои ба даст овардани далелҳо заминаҳои зарурӣ, муайян ва мустаҳкам кардани нишонаҳои ҷиноят: (м.м. 72, 95 КМҶ ҶТ) ва инчунин амалӣ гардонидани дигар амалҳои тафтишӣ: тартиби дастгир кардани гумонбаршаванда, кофтукови шахсӣ (м.м. 94, 193 КМҶ ҶТ), пурсиши гумонбаршуда (м.м. 46, 75, 199-201 КМҶ ҶТ), (м.м. 86, 182 КМҶ ҶТ), шаҳодаткунонӣ (м. 186 КМҶ ҶТ) мусоидат менамояд.

Чораи маҷбуркунии мурофиавии мазкур барои рафти дурусти минбаъдаи мурофиаи ҷиноятӣ, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси

[73] Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 17 августи соли 1961, таҳти №110 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http:mmk.tj / ru / legislation base (санаи муроҷиат: 20.03 2022).
[74] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2011, таҳти №720.

дастгиршуда кӯмаки амалӣ мерасонад. Он барои саривақт ва пурра ошкор кардани ҷиноят, ҷустуҷӯ ва ғанӣ гардонидани далелҳо оид ба ҷинояти содиршуда мусоидат намуда, баъди ба даст овардани маводҳои оперативӣ – ҷустуҷӯӣ, имконияти дастгиршударо бо шахсони дигар барои муқовимат ё саркашӣ маҳдуд мекунад. Аз ин рӯ, дастгиркунӣ дар аксари ҳолатҳо дар давраи санҷиши натиҷаи чораҳои оперативӣ, дар давраи ибтидоии тафтишот амалӣ мешавад.

Таҳлили меъёрии қонунгузорӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки тартиби махсуси мурофиавии дастгир кардани гумонбаршуда арзи вуҷуд мекунад, ки нисбати категорияҳои алоҳидаи шаҳрвандон мавриди истифода қарор дода мешавад (м. 427 КМҶ ҶТ).

Сухан, пеш аз ҳама, дар бораи хусусияти дастгир кардани ноболиғон, шахсони дорои дахлнопазирии дипломатӣ, вакили мақомоти намояндагӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ меравад. Қисми зиёди чунин масъуният дар таркиби худ, инчунин дахлнопазирии худи шахсро низ дар бар мегирад.

Кафолати дахлнопазирии шахс талаб мекунад, ки ҳангоми гузаронидани ҳаракат ё амалҳои мурофиавӣ нисбати дастгиршуда ба ягон маҳдудият ё қонуншиканӣ роҳ дода нашавад.

Дар хусуси як масъалаи дигар андешаи худро баён мекунем. Дар адабиёти ҳуқуқӣ пешниҳод мешавад, ки муҳлати дастгир кардани гумонбаршуда барои содир кардани ҷиноятҳои террористӣ, махсусан дар маҳалҳои баргузории ҷои гузаштани чорабиниҳои зиддитеррористӣ дароз карда шавад[75].

Ба фикри мо, ба ин пешниҳод розӣ шудан мумкин нест, зеро мутобиқи КМҶ ҶТ муҳлати охирини дастгир кардан то 72 соат муқаррар карда шуда, имконияти дароз кардани он пешбинӣ нашудааст. Дар ҳолатҳои зарурӣ, баъди гузашти 72 соати дар тавқифгоҳи муваққатӣ нигоҳ доштан ,

---

[75] Ниг.: Одинаев И.А. Понятие и правовая регламентация задержания подозреваемого в России и некоторых зарубежных странах / И.А. Одинаев // Уголовное судопроизводство России: проблемы и перспективы развития: материалы всероссийской научно-практической конференции (Санкт-Петербург, 16.11.2018). – Санкт-Петербург: Изд-во СПб. ун-та МВД России, 2018. – С. 203-208.

таҳқиқбаранда, муфаттиш ба прокурор ва суд дар бораи ба сифати чораи пешгирӣ дар намуди дар ҳабси пешакӣ қарор қабул карда метавонад.

Муайян кардани моҳияти ниҳоди боздошт дар мурофиаи ҷиноятӣ аз нуқтаи назари риояи қонунияти конститутсионӣ, ба мо имконият медиҳад, ки нишонаҳои фарққунандаи онро аз ниҳодҳои дигари шабеҳи мурофиавӣ муайян кунем, нақши онро дар низоми чорабиниҳои мурофиавӣ баён намоем. Лекин, номуайянии истилоҳи «гумони бевосита», ки дар м. 92 КМҶ ҶТ омадааст, ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ имконият намедиҳад, ки дар давраи гумонбарӣ ҳолатҳоеро, ки мутобиқи онҳо шоҳиди ҳақиқӣ ба гумонбаршуда табдил дода мешавад, дақиқ муайян кунад.

Имконияти истифодаи ин чораи маҷбуркунии мурофиавиро дар назар дошта, қонун тамоми масъалаҳои асосии вобаста ба татбиқи онро муайян кардааст.

Ин чора бо мақсади ташаккул додани низоми самарабахшии кафолати ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс андешида шуда, ҳама гуна амали мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакиро аз дастгир кардани ғайриқонунӣ ва беасос истисно мекунад.

Бояд қайд намуд, ки мушкилоти чунин зуҳуроти мураккаб, яъне дастгир кардани гумонбаршуда, якчанд сарчашмаҳо ва ё худ саромадҳо дорад. Онро ба якчанд қисмҳо гуруҳбандӣ кардан мумкин аст, ки дар байни онҳо:

1) гуногуншаклии истифодаи мафҳуми дастгир кардани гумонбаршуда дар қонунгузорӣ;

2) лаҳзавӣ будани танзими қонунгузорӣ, ки ба мазмуни дастгир кардани гумонбаршуда алоқаманд мебошад;

3) дар назарияи ҳуқуқ мавҷуд набудани мавқеи ягона дар бораи моҳият ва мазмуни боздошт;

4) ҳолатҳои вайрон шудани қонун ва суистеъмоли бенизомии зиёд ҳангоми амалигардонии дастгир кардани гумонбаршуда, ки дар натиҷаи фаҳмиши ғалат ва татбиқи нодурусти меъёри мурофиавӣ ба қонуншиканӣ роҳ дода мешавад.

Чӣ тавре, ки аз таҳқиқоти гузаронидаи мо оид ба мафҳуми дастгир кардани мурофиавӣ маълум мешавад, фикрҳои ба ҳам мухолиф вуҷуд доранд, яъне аз як тараф он чораи маҷбуркунии мурофиавӣ, аз тарафи дигар амали таъхирнопазири тафтишӣ номбар шудааст[76].

Дар айни замон, м. 153 КМҶ ҶТ дастгиркунӣ ва пурсиши гумонбаршаванда ҳамчун чораи таъхирнопазири тафтишӣ арзёбӣ (он қаблан дар м. 115 КМҶ ҶШС Тоҷикистон пешбинӣ шуда буд) менамояд[77].

Мақомоти таҳқиқ ҳуқуқ дорад шахсро барои содир намудани ҷиноят ҳамчун гумонбар дастгир намояд (қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ) ва ба зиммаи он мақомот гузаронидани чораҳои таъхирнопазири тафтишӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ вогузор карда шудааст (м. 40, қ. 1 м. 153 КМҶ ҶТ).

Дар ин маврид ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дастгир кардан аз тарафи қонунгузор чун чораи маҷбуркунӣ ва аз тарафи дигар чун амали таъхирнопазири тафтишӣ фаҳмида мешавад, ки аз тарафи мақомоти таҳқиқ амалӣ гардонида мешавад. Дар айни замон, дастгир кардан то оғози парвандаи ҷиноятӣ амали таъхирнопазири тафтиш дониста намешавад.

Истифодаи истилоҳи «боздошт» бо моҳияти гуногун дар амалия ва адабиёт то имрӯз боқӣ мондааст. Ба ин масъала на аз нуқтаи назари истилоҳпардозӣ, балки бартараф кардани душворӣ дар амалияи ҳуқуқӣ бояд нигоҳ кард.

Истилоҳи «дастгир», «дастгиршуда» барои қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ ва мурофиаи маъмурӣ маълуманд[78].

Боздошт ё дастгир намудан аз рӯйи моҳияти мурофиавии ҷиноятияш ба чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ дахл дорад.

Дастгир кардан аз боздошт аз ҷиҳати дақиқ ифода намудани вақт, ҳолат бо фарқият мекунад.

---

[76] Ниг.: Раҳматулоев А.Э., Сангинов А.С. Система и процессуальная форма производтсва следственных действий. – Худжанд: Меъроҷ, 2011. – С. 75.
[77] Кодекси мурофиавии ҷиноятии РСС Тоҷикистон (аз 17.08.1961). – Душанбе: Ирфон, 1989. – С. 34.
[78] Кодекси мурофиавии ҷиноятии РСС Тоҷикистон (аз 17.08.1961). – Душанбе: Ирфон, 1989. – С. 34; Кодекси мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ (моддаи 61). – Душанбе: Матн, 2013. – С. 32.

Дастгир кардан – ин амали мурофиавие, ки баҳри саривақт ошкор намудан, ҷой доштани аломати ҷиноят, боздошти шахсе, ки гумонбар шудааст ва барои таъхирнопазир иҷро шудани амалҳои мурофиавӣ равона мешавад.

Боздошт – муваққатан нигоҳ доштани шахси дастгиршударо дар назар дорад. Ин пеш аз ҳама ҳолати баъд аз дастгиркунӣ мебошад. Яъне вай, иҷборан бо мақсади таъмин кардани шароити муътадил баҳри пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, гузаронида мешавад.

Аз рӯйи ин нишона чораи номбурда аз чораҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ ва интизомӣ (маҳрум сохтан аз озодӣ чун ҷазои ҷиноятӣ, ҳабси маъмурӣ, ҳабси интизомӣ) ҷудо карда мешавад.

Чӣ тавре, ки В.М. Савитский, дуруст зикр карда буд дар низоми истилоҳотии қонуни мурофиавӣ (ҷиноятӣ, гражданӣ, маъмурӣ) номутобиқати мазмуни истилоҳ бо мафҳум ба мушоҳида мерасад («маънидоди ғалати истилоҳ»)[79].

Ба андешаи мо, чунин ҳолат ҳангоми истифодаи истилоҳи «боздошт» мушоҳида карда мешавад, гарчанде, ки боздошт ва мақсади он гуногун мебошад. Лекин мазмуни он дар ҳама ҳолатҳо маънои маҳдудкунии озодии шахсе, ки нисбати ӯ ин чора андешида мешавад, дониста мешавад.

Ҳар як ҳолати боздошт, ки дар қонун муайян шудааст, аз рӯйи табиати ҳуқуқии худ, мазмун, субъектҳо, асосҳо ва тартиби татбиқи худ дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад.

Дар фаъолияти ҳаррӯзаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ намудҳои гуногуни дастгиркунӣ дар ҳолати якҷоя ва омехта мавриди истифода қарор меёбанд.

Меъёрҳои ҳуқуқ, ки дастгир кардани шахс, гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноятро бо танзим медороранд, ниҳоди мустақили мурофиавии

---

[79] Ниг.: Савитский В.Т. Язык процессуального закона. – М.: Юрлит., 1987. – С. 23.

ҳуқуқиро ташкил дода, дар назарияи мурофиаи ҷиноятии давлатҳои ИДМ ҷойи муайян пайдо кардаанд[80].

Муаллифони алоҳида изҳори ақида менамоянд, ки мақсаднок мебуд, агар дар ин бобат истилоҳи «дастгир кардани мурофиавӣ» истифода бурда шавад, ки он аз як тараф аҳамияти мурофиавӣ доштани ин чораи маҷбуркуниро ифода мекард, аз тарафи дигар ба хусусиятҳои ин тадбири равшанӣ меандохт[81].

Истилоҳи боздошт бояд чун чораи маҷбуркунии мурофиавии ҷиноятӣ ба танзим даровarda мешуд. Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҳозираи Тоҷикистон барои татбиқи боздошт ё дастгир кардан иҷозати прокурор ва қарори судро пешбинӣ намекунад.

Дастгир кардан чун чораи маҷбуркунии мурофиавӣ ва амали тафтишӣ мебошад, ки тартиби иҷрои онро қонун муқаррар кардааст.

Боздошт баръакс бо он фарқ мекунад, дастгир кардан ҳолати мувақатии нигоҳ доштани шахсеро ифода менамояд, ки дар содир кардани ҷиноят гумонбар шудааст, боздошт дар ҷойи ҳодиса, ҷузъи дастгир кардани шахс то ҳозир кардан ба мақомот ифода меёбад.

Мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ шахси дастгиршуда, баъди ба ҳабс гирифта шудан, ба мақомоти суд ва дигар мақомот, ки қонун муайян кардааст, супорида мешавад. Чунин мақомот, ҷойгир кардани дастгиршударо дар ҷои нигоҳдории махсус муайян мекунад.

Мутобиқи қонун (қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ) мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ё прокурор ҳуқуқ доранд, ки шахсро бо гумони содир кардани ҷиноят дастгир кунанд.

---

[80] Ниг.: Искандаров З.Х. Национальный механизм защиты прав человека. – Душанбе: Ирфон, 2007. – С. 131; Петрухин И.Л. Неприкосновенность личности и принуждение в уголовном процессе. – М.: Наука, 1989. – С. 9; Абдымомунова Э.А. Проблемы применение мер процессуального принуждение в уголовном процессе Кыргызской Республики: морально-правовой аспект / Э.А. Абдымомунова // Вестник Академии МВД Кыргызской Республики. – 2012. – Вып.: 1. – С. 137-143.
[81] Ниг.: Гуляев А.П. Понятие процессуального задержания лиц подозреваемых в совершении преступления / А.П. Гуляев // Труды ВНИИ МВД СССР. – 1975. – Выпуск 35. – С. 98.

Мақомоти тафтиши пешакӣ «дар ҳолати мавҷуд будани ҳолатҳои муайяни асоснок на танҳо метавонанд, балки аз ҷиҳати ҳуқуқи уҳдадоранд, ки меъёрҳои хуқуқиро истифода баранд»[82].

Бояд ба фикри В.Г. Кочетков розӣ шуд, ки «дар ҳолатҳои таъхирнопазирии мутлақ дастгиркунӣ бояд нисбати шахс дар лаҳзаи содир кардани ҷиноят ва ё бевосита баъди анҷоми ҷиноят, ки шахсони аз ҳодиса воқиф онро тасдиқ мекунанд, то оғози парвандаи ҷиноятӣ амалӣ намояд. Дастгиркунӣ дар ин ҳолат ба шахси гумонбаршуда имконият намедиҳад, ки ҷиноятро то ба охир расонад, аз мақомоти таҳқиқ пинҳон шавад, ё кирдори ҷиноятиашро идома диҳад, ки боиси оқибатҳои дигар гардад[83].

Қаблан, қонунгузор асоси меъёрии фаъолияти мақомоти таҳқиқро муайян карда, дар он нуқтаи назар буд, ки агар вазифаи асосии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз ҳифз кардани тартиботи ҷамъиятӣ иборат бошад, пас он якумин шуда аз содир шудани ҷиноят огоҳӣ ёфта, гумонбаршударо аз ҷиҳати ҷисмонӣ боздошт менамояд, ки онро талаботи қ. 1 м.м. 114-115 КМҶ ҶШС Тоҷикистон 1961 тақозо менамуд.

Дастгир кардан дар чунин ҳолат, аз марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ ба давраи тафтиши пешакӣ гузаронида шуда, бо ин фаъолияти дастгиркунӣ, овардани шахси барои содир кардани ҷиноят гумонбаршударо дар назди мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор аз пинҳоншавӣ маҳрум мегардонад.

Бо мурури замон аён гардид, ки шакли ифодаи моддаи 115 КМҶ ҶШС Тоҷикистон 1961 ба мазмуни он мутобиқат надорад ва ҳам аз тарафи муҳаққиқон маънидоди духеларо ба миён овард.

Ҳамаи амали тафтишӣ, ба ғайр аз азназаргузаронии ҷои ҳодиса, аз тарафи мақомоти таҳқиқ ва муфаттиш танҳо баъди оғози парвандаи ҷиноятӣ, яъне дар давраи тафтиши пешакӣ гузаронида мешаванд. Ба андешаи мо, кофтукови шахсӣ ва муоинаи тиббӣ, ки дар ҷараёни дастгир кардан иҷро мешаванд, на ҳамчун амалҳои мустақили мурофиавӣ, балки

---

[82] Алексеева С.С. Проблемы теории право. Курс лекций в 2-х томах. – М: Юрлит., 1966. – Т. 2. – С. 216.
[83] Ниг.: Кочетков В.Г. Подозреваемый в советском уголовном процессе. – М.: Госиздат., 1965. – С. 16.

ҳамчун ҷузъи таркибии дастгир кардан пайдарҳамии дастгир кардан ва дар тавқифгоҳи муваққатӣ нигоҳ доштанро ифода мекунанд.

Дастгир кардан аз чорабинии оперативӣ тадриҷан ба чораи маҷбуркунӣ табдил ёфта, бо риояи шартҳое, ки қонун барои чораҳои маҷбуркунии мурофиавии ҷиноятӣ муқаррар кардааст, сурат мегирад. Аз м. 92 КМҶ ҶТ бармеояд, ки гумонбаршударо танҳо баъди оғози парвандаи ҷиноятӣ дастгир кардан мумкин аст, зеро:

а) шахс дар давраи тафтиши пешакӣ мақоми гумонбаршударо гирифта, дар давраи дигари мурофиаи ҷиноятӣ ин мақом истисно карда мешавад;

б) ба сифати субъекти ваколатдори чунин дастгиркунии мурофиавӣ корманди мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор баромад мекунанд.

в) то оғози парвандаи ҷиноятӣ дастгир карда шудани шахсро қ. 2 м. 92 КМҶ ҶТ ҳамчун истисно аз қоидаҳои умумӣ пешбинӣ кардааст, ки бояд ихтисор шавад.

Чӣ тавре, ки таҳқиқоти мо нишон медиҳад, дар амал дастгир кардан то оғози парвандаи ҷиноятӣ, аз нигоҳи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бо назардошти хавфнокии кирдори шахс ба ҷамъият амалӣ мешавад.

Дар чунин ҳолат боздошт бо истифодаи «маҳдудкунии озодии рафтор ё амал кардан» ва «ҳозиркунии маҷбурии шахс ба мақомот» татбиқ шуда, минбаъд масъалаи дастгир кардани мурофиавӣ ва ба сифати гумонбаршуда дастгир шудани ӯ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Агар хавфи ҷамъиятӣ доштани кирдор, бевосита муайян гардад, дастгир кардани шахси гумонбаршуда ҳамеша ҳамон вақт иҷро мешавад, ки парвандаи ҷиноятӣ ҳоло оғоз нашудааст, лекин эҳтимоли рад кардани оғози он ҷой дорад. Чораи маҷбуркунии мурофиаи ҷиноятӣ то оғоз шудани парвандаи ҷиноятӣ аз лаҳзаи дастгиркунии он амалӣ карда мешавад. Мумкин аст, барои оғози парванда аз сабаби мавҷуд набудани далелҳо оид ба воқеан ҷой доштани аломати ҷиноят амалӣ карда нашавад.

И.А. Одинаев қайд мекунад, ки татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиавии ҷиноятӣ бидуни оғози парвандаи ҷиноятӣ ба вуҷуд меоянд, ки

он аз нуқтаи назари ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсият мумкин нест[84].

Ба ин муносибат, ба фикри мо, боздошти маҷбурӣ ва ба мақомоти таҳқиқ маҷбуран ҳозир кардани шахси бо гумони содир кардани кирдори барои ҷамъият хавфнок гумонбаршуда, бояд аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ то оғози парвандаи ҷиноятӣ ҳам анҷом дода шавад.

Ҳангоми дастгир кардан мавҷуд набудани қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ на ҳамеша маънои ғайриқонунӣ будани дастгиркуниро дорад.

Агар шахси гумонбаршуда аз тарафи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар лаҳзаи содир кардани ҷиноят дастгир гардад ва дар он нишонаҳои ҷиноят мавҷуд бошад, протоколи дастгиркунии мурофиавӣ мувофиқи тартиби муқарраркардаи м. 94 КМҶ ҶТ дар як вақт бо қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ қабул карда мешавад. Ҳангоми ба прокурор ирсол кардани қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ, баробари маводҳои азназаргузаронӣ, хабар дар бораи ҷиноят, протоколҳо ва қарорҳо дар бораи гузаронидани таҳқиқ, ҳамчунин ба онҳо замима кардани протоколи дастгиркунии гумонбаршуда низ мувофиқи мақсад мебуд.

Дар навбати худ ҳолатҳое, ки аз қонун (м.м. 92, 140, 145 КМҶ ҶТ) бармеояд, агар барои дастгиркунии мурофиавии ҷиноятӣ асосҳои зарурӣ мавҷуд бошад, пас онҳо барои оғози парвандаи ҷиноят низ асос шуда метавонанд.

Дар ҳолати мазкур хабар дар бораи содир кардани ҷиноят ва тайёрӣ барои содир кардани он, ки ба шахси мансабдор дастрас шудааст, асос барои оғози парвандаи ҷиноятӣ шуда метавонад.

Маълумоти аввала, ки ҳангоми дастгиркунии ҷисмонӣ ба даст омадааст, ҳолати шахси дастгиршударо дар ҷои содир кардани ҷиноят, рафтори ӯро

---

[84] Ниг.: Одинаев И.А. Процессуальный порядок задержания / И.А. Одинаев // Совершенствование деятельности правоохранительных органов с учетом современных реалий: материалы международной научно-практической конференции (Актюбинск, 17.11.2017). – Актюбинск: Актюбинский юридический институт МВД Республики Казахстан, 2017. – С. 225-229.

ҳангоми боздошт, нишон додани муқобилияти ҷисмонӣ ва мусаллаҳона, кӯшиши халос шудани ӯ аз маводҳои нишонаҳои ҷиноят инъикос мекунанд, бояд дар гузориши кормандони оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки дар боздошти маҷбурии гумонбаршуда ширкат варзидаанд, зикр карда шаванд (м. 94 КМҶ ҶТ). Минбаъд, агар зарурат ба ифодаи шакли мурофиавӣ ояд, он маълумоте, ки аз тарафи кормандони оперативӣ ба қайд гирифта шудаанд, ҳамчун натиҷаи амали мурофиавӣ дар протоколи пурсиш ба сифати нишондоди шоҳид қайд мешаванд.

КМҶ ҶТ меъёри манъкунандаи истифодаи чораҳои маҷбуркунӣ – боздоштро то оғози парвандаи ҷиноятӣ истисно кардааст. Дастгиркунии шахс дар асоси қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ то оғози парвандаи ҷиноятӣ низ амалӣ мешавад. Дар баробари ин, масъалаи оғози парвандаи ҷиноятӣ аз тарафи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, дар давоми на дертар аз 12 соат аз лаҳзаи боздошт бояд ҳаллу фасли худро ёбад. Дар ҳолати рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ ва ё дар ин муҳлат, қабул нагардидани қарор оид ба оғози парвандаи ҷиноятӣ, гумонбаршуда озод карда мешавад. Дар рафти баррасии масъалаи дастгиршуда баробари ҳалли масъалаи оғози парвандаи ҷиноятӣ, ҳамзамон аз тарафи гумонбаршуда иқрор шудан ба содир кардани ҷиноят ба инобат гирифта мешавад.

Мутобиқи қ. 2 м. 94 КМҶ ҶТ барои тартиб додани протоколи дастгиркунӣ се соат ҷудо карда шуда, масъалаҳои вобаста ба оғози парвандаи ҷиноятӣ вобаста низ бояд ҳалли худро ёбад.

Қонунгузорӣ муқаррар кардааст, ки дастгиркунӣ чун чораи маҷбуркунии мурофиавӣ бояд ҳанӯз пеш аз лаҳзаи оғози парвандаи ҷиноятӣ ба амал бароварда шавад.

Муфаттиш, мақомоти таҳқиқ вобаста бо маълумоти мавҷуда оид ба дастгиркунии ҷисмонии шахс, ки мутобиқи м. 92 КМҶ ҶТ асоснок карда шудааст; маълумоти пешниҳодкардаи кормандони мақомоти таҳқиқ; маводҳои ошкоршуда; маълумот оид ба ҷои содир шудани ҳодиса; баёноти шоҳид ва ҷабрдидаро ба назар гирифта, метавонад шахсро гумонбар донад.

Агар фаъолияти муфаттишро аз нуқтаи назари мантиқӣ таҳлил намоем, дар шароити мазкур ӯ ҳуқуқ дорад, протоколи дастгиркуниро тартиб дода, бо иштироки прокурор пурсиши гумонбаршударо гузаронида, нисбати ӯ чораи пешгириро татбиқ намуда, айб эълон намояд (м. 103 КМҶ ҶТ) ва ё дастгиршударо озод кунад.

Дар ҳақиқат, дастгир кардан чораи маҷбуркунии мурофиаи ҷиноятӣ буда, он аз чиҳати хусусияти маҳдудсозии озодии шахсӣ ба нигоҳ доштан дар ҳабси пешакӣ монандӣ дорад, зеро дар ҳар ду ҳолат ҳам озодии шахс маҳдуд карда шуда, онҳоро аз ҷомеа ҷудо менамоянд.

Хусусияти дастгиркунӣ чун як намуди амали мустақили маҳдуд кардани озодӣ буда, амалҳои пайдарҳами мурофиавӣ чунин арзёбӣ карда мешавад: дастгиркунӣ давраи кутоҳмуддати маҳрум сохтан аз озодӣ буда, он нисбати шахсе, ки барои содир кардани ҷиноят гумонбар дониста мешавад, татбиқ карда мешавад; нишонаи муҳими дастгир кардан таъхирнопазирии объективии он мебошад: барои гузаронидани ин чораи маҷбуркунии мурофиавӣ прокурор, мақомоти таҳқиқ, муфаттиш бидуни иҷозати прокурор ва қарори суд ваколатдор карда мешаванд; дастгир кардани шахс танҳо дар муҳлате, ки барои муайян кардани иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят, муайян кардани асосҳо барои гумонбаршуда ва имконияти асосноки гумонбаршаванда дониста шудан, амалӣ карда мешавад.

Моддаи 103 КМҶ ҶТ ба ҷои асоси муайяни татбиқи чораҳои пешгирӣ нисбати дастгир кардани гумонбаршуда то эълон кардани айб, маҳфуми баҳодиҳии «бо назардошти ҳолатҳоро», ки дар м.м. 101-102 КМҶ ҶТ зикр шудааст, мавриди истифода қарор додааст. Нишондод, дар бораи дар чунин ҳолатҳо ва нисбати гумонбаршуда татбиқ шудани чораҳои маҷбуркунӣ маънои онро дорад, ки шахс пешакӣ гумонбар ҳисобида мешавад.

Ба фикри мо, қонунгузор ба таҳрири м. 103 КМҶ ҶТ истинод карда, дар назар дорад, ки мафҳуми «гумонбаршуда» маънои онро дорад, ки мутобиқи он, шахс барои содир кардани ҷиноят танҳо «гумонбар» дониста шудааст, на гумонбаршуда ба маънои мурофиавӣ.

Ба фикри мо, ба таҳрири м. 103 КМҶ ҶТ иловаи зеринро дохил кардан зарур аст: «дар ҳолати мавҷуд будани маълумоти асоснок, ки имкон медиҳанд шахс барои содир намудани ҷиноят гумонбар дониста шавад, аммо нисбати гумонваршуда айб эълон кардан ва ё озод кардани ӯ аз гумонбарӣ» нокифояанд.

Дар айни замон, дар парванда мавҷуд будани далелҳои айб, ки минбаъд барои ба гумонбаршуда эълон намудан кофӣ мебошанд, ҳамчун шароит барои ба амал омадани ҳуқуқ ва дар як вақт иҷрои уҳдадории мақомоти тафтиши пешакӣ дар бораи андешидани чораҳо нисбати гумонбаршуда маҳсуб меёбад, вале онро асос барои амалишавии салоҳият арзёбӣ кардан мумкин нест.

Муфаттиш, таҳқиқбаранда ин далелҳоро дастрас ва тафтиш намуда, мумкин аст, чораи пешгириро интихоб ва татбиқ накунад.

Бояд зикр намуд, ки низоми дар қ. 3 м. 111 КМҶ ҶТ муқарраркарда дар бораи он, ки дастгиршуда мутобиқи талаботи м. 92 ва 94 КМҶ ҶТ ба маҷлиси судӣ интиқол дода мешавад, дар амалия на ҳамеша татбиқ мешавад, ки он сабаби аз тарафи суд рад кардани дархости ба ҳабс гирифтан мегардад.

Аз ин рӯ, мо ба мазмуни моддаи мазкур тағйиротҳои ба қ.3 м. 111 КМҶ ҶТ монандро пешниҳод мекунем: «гумонбаршудаи дастгиршуда мутобиқи тартиби муқарраркардаи м. 92 ва 94 КМҶ ҶТ ба маҷлиси судӣ интиқол дода мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки гумонбаршуда дар ташхиси судӣ-психиатрӣ қарор дошта бошад ё дигар ҳолатҳое ба суд интиқол додани ӯро номумкин мегардонад ва оид ба ин бояд ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда мавҷуд бошанд. Дар ин ҳолат иштироки ҳимоятгари гумонбаршуда дар маҷлиси судӣ ҳатмӣ мебошад». Дар ҳолати муайян кардани аломатҳои ҷиноят, асоси оғози парвандаи ҷиноятӣ маълумоте мебошад, ки мансубият, иштирок, шарикии гумонбаршударо ба ҷинояти содиршуда тасдиқ менамоянд.

Аз тарафи мақомоти таҳқиқ бевосита ошкор кардани аломатҳои ҷиноятро ҳамчун ҳолати воқеӣ дониста, бо назардошти мавҷуд будани

аломатҳои ҷиноят, он ҳолати ҳатмии оғози парвандаи ҷиноятиро тақозо менамояд.

Р.Р. Юлдошев ва муаллифони дигар ошкор кардани аломатҳои бевоситаи ҷиноятро на «сабаб», балки «асос» барои оғози парвандаи ҷиноятӣ меҳисобанд[85].

Муайян кардани асос барои оғози парвандаи ҷиноятӣ, дар як вақт дақиқ намудани асос барои дастгир кардани шахси муайян низ шуданаш мумкин аст.

Асоси муайянсозии табиати ҳуқуқии ин ё он унсури ҳатмии дастгиркунии шахси гумонбаршударо, маҷмӯи нишонаҳо ҳамчун сарчашмаи танзими меъёрӣ, субъект ва фаъолияти мақсадноки он ташкил мекунанд.

Дар ҳолате, ки парвандаи ҷиноятӣ аллакай оғоз шудааст, дастгиркунӣ дар ҳолатҳои зарурӣ аз тарафи прокурор ва муфаттиш ва инчунин бо супориши онҳо аз ҷониби мақомоти таҳқиқ амалӣ карда мешавад (м.м. 26, 36, 39, КМҶ ҶТ).

Дастгир кардани гумонбаршударо аз нигоҳи чораҳои ташкилӣ-тактикӣ, бо истифодаи чораҳои таъсири ҷисмонӣ ва психикӣ, бо риояи кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрванд ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ, инчунин ба ҳайси чораи таъсиррасонии мурофиавии ҷиноятӣ, бояд ягонагии мақсади ин чораҳоро инъикос намояд.

Қабули қарор дар бораи дастгиркунӣ ва бо таври мурофиавӣ асоснок кардани онро талаб мекунад, ки ҳолати равонӣ ва хусусиятҳои рафтори онҳо ба инобат гирифта шавад.

З.Ҳ. Искандаров ҳам қайд мекунанд, ки агар пеш аз ба мақомот овардани дастгиршуда, қарор дар бораи дастгир кардани шахсе, ки ба содир кардани ҷиноят гумонбар дониста шуда бошад, пас ин амал хусусияти мурофиавии ҷиноятӣ дорад[86].

---

[85] Ниг.: Юлдошев Р.Р. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – С. 285; Савитский В.М. Очерк теории прокурорского надзора в уголовном судопроизводстве. – М.: Юрлит., 1975. – С. 83.

[86] Ниг.: Искандаров З.Х. Подозреваемый в уголовном процессе / З.Х. Искандаров // Известия АН РТ. Серия: фил. и правоведения. – 1995. – №1. – С. 81-85.

Дар ҳолати муайян шудани амали барои ҷамъият хавфнок, агар қарор дар бораи дастгир кардан пешакӣ қабул нашуда бошад, пас боздошт ва ба мақомот овардани шахс хусусияти маъмурӣ дошта, лекин ҷиноятро дорост, ба муфаттиш ва ё шахси барои гузаронандаи тафтиш супориш дода мешавад, ки таҳқиқро нисбати дастгиршуда амалӣ намояд. Танҳо баъди ин давра, фаъолияти онҳоро мурофиавии ҷиноятӣ ҳисобидан мумкин аст[87].

Танҳо дар ҳамин асос, дастгир карданро бо ду маъно – дастгиркунии воқеӣ ва дастгиркунии мурофиавӣ тақсим кардан мумкин аст.

Чӣ тавре, ки амалия нишон медиҳад, оид ба масъалаи дастгиршуда аз кадом лаҳза гумонбаршуда мегардад, баҳсҳо идома доранд: аз лаҳзаи дастгир кардан (м. 46 КМҶ ҶТ) ё баъди тартиб додани протоколи дастгиркунӣ.

Дар ҳарду ҳолат ҳам озодии шахс маҳдуд карда шуда, барои ҳамин дар КМҶ ҶТ мафҳуми «лаҳзаи воқеии дастгиркунӣ» ҷорӣ карда шудааст. (с. 1 қ. 4, м. 46 КМҶ ҶТ ва қ.1 м. 94 ва 100 КМҶ ҶТ).

Муаллифони алоҳида асосҳои дастгир карданро, ки қонуни мурофиавии ҷиноятӣ муайян кардаанд, дар шакли умумӣ маънидод менамоянд[88].

Дигар муаллифон қайд менамоянд: «Агар гумонбаршударо шахсони мансабдор, ки ба тартиб додани протоколи дастгиркунӣ ҳуқуқ надоранд (шаҳрвандон, навбатдори корхона, муҳофиз, милитсионер ва ғайраҳо) дастгир намоянд, амали онҳо бешубҳа хусусияти мурофиавӣ дошта, то ба имрӯз дар санадҳои меъёрии идоравӣ чун тартиби кӯҳнаи гузаронидани дастгиркунии ҷисмонӣ боқӣ мондааст. Дар онҳо масъалаҳои вобаста ба фаҳмонида додани ҳуқуқу ухдадории дастгиршудагон пешбинӣ нашудааст»[89].

Дар асоси талаботи қ. 4 м. 46 КМҶ ҶТ шахси барои содир кардани ҷиноят гумонбаршуда аз лаҳзаи дастгир шудан мавқеъ ва ҳолати мурофиавиро доро мебошад.

---

[87] Ниг.: Булатов Б.Б. Основания задержания подозреваемого по УПК РФ / Б.Б. Булатов // Материалы международной научно-практической конференции, посвещенной принятию нового УПК РФ / Отв. ред. П.А. Лупинская. – М.: Спарк, 2002. – С. 110-111.

[88] Ниг.: Баулин Ю.В. Право граждан за задержание преступника по советскому уголовному законадательству: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Харьков, 1981. – С. 11.

[89] Шейфер С.А. Доказательственное значение задержания подозреваемого / С.А. Шейфер // Соц. законность. – 1972. – №3. – С. 56.

КМҶ ҶТ мафҳуми «боздошт, дастгиршуда, гумонбаршуда»-ро (с. 8, м.6, м. 49, м. 92 КМҶ ҶТ) истифода мебарад. Ин қоидаро мо дар м. 46 ва м. 92 КМҶ ҶТ вохӯрда метавонем.

Дар айни замон дар қ. 6 м. 50 КМҶ ҶТ мафҳуми «лаҳзаи дастгиркунӣ» истифода шудааст. Дар м. 103 КМҶ ҶТ гуфта мешавад, ки агар гумонбаршуда дастгир шуда бошад, пас айб дар давоми 10 шабонарӯзи баъди «лаҳзаи дастгир» бояд эълон карда шавад.

И.Л. Петрухин қайд мекунад, ки боздошт дар ҷои ҳодиса ва ба мақомоти таҳқиқ ва муфатиш интиқол додани шахси ба содир кардани ҷиноят гумонбаршударо ба доираи амали қоидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ дохил кардан зарур аст. Ин амал барои адолати судӣ хизмат мекунад, зеро асос ва тартиби дастгир кардан дар ҷои ҳодиса ва интиқоли гумонбаршуда барои иҷрои вазифаҳои мурофиавии ҷиноятӣ мусоидат мекунад[90]. Чунин меҳисобем, ки дар ҳолати аз тарафи шахс содир кардани ҷиноят воқеан дастгир кардани шахси гумонбаршуда аз тарафи коркунони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ набояд дар доираи муносибатҳои ҳуқуқи маъмурӣ амалӣ карда шавад, зеро он ба қонун, мақсад ва вазифаҳои дастгир кардани маъмурӣ мухолифат менамояд. Онҳо бояд хусусияти мурофиавӣ дошта, ба талаботи ниҳоди гумонбарӣ мувофиқ бошанд. Ба андешаи мо, масъала набояд ин тавр ҳал карда шавад: оё воқеан дастгир кардани шахс, интиқоли дастгиршуда ва низоми дастгиршавӣ дар асоси қонуни амалкунандаи мурофиавии ҷиноятӣ ба танзим дароварда нашудааст? Асоси дастгир кардани гумонбаршуда, ки дар м. 92 КМҶ ҶТ нишон дода шудааст, вазъи воқеан дастгир кардани шахсро инъикос мекунад.

Якум, хусусияти он ҳолатҳо, ки асоси дастгиркунӣ дониста шудааст, дар бораи он шаҳодат медиҳад, ки дастгир кардани шахси дастгиршуда то оғози парвандаи ҷиноятӣ на аз тарафи муфаттиш, ки дар ин вақт дар утоқи кориаш ҳузур дошт, балки аз тарафи мақомоти таҳқиқ амалӣ карда шудааст.

---

[90] Ниг.: Петрухин И.Л. Неприкосновенность личности и принуждение в уголовном процессе. – М.: Наука, 1989. – С. 19.

Дуюм, дастгиркунӣ бо протоколи дастгир кардан расмӣ мешавад, агарчанде, ки андешидани ҳамаи чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ бояд танҳо баъди оғози парвандаи ҷиноятӣ ва танҳо бо қарори муфаттиш амалӣ карда шаванд. Ба фикре розӣ нашудан мумкин нест, ки дар асоси м. 92 КМҶ ҶТ зикршуда, оид ба вазъи бевосита муайян кардани амали барои ҷамъият хавфнок чизе гуфта шудааст. Аз ин рӯ ба амали кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар бобати дастгиркунӣ баҳои ҳуқуқӣ додан душвор аст; нисбати он парвандаи ҷиноятӣ оғоз кардан, ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан ва ё аз сабаби мавҷуд набудани нишонаи ҳуқуқвайронкунӣ, масъалаи озод кардани ӯ номуайян боқӣ мемонад.

Дар ҳақиқат, пеш аз он ки шахси гумонбаршуда ба тариқи ҷисмонӣ дастгир карда шавад, кирдори вай бояд бо моддаҳои муайяни КҶ ҶТ тасниф карда шавад. Оё тибқи КҶ ҶТ нисбати гумонбаршуда ҷазо дар шакли маҳрум кардан аз озодӣ татбиқ карда мешавад, барои он асосҳои объективӣ, далелҳои шайъӣ ва ҳолатҳои тасдиқкунанда мавҷуд аст ё не (?) ва ғайраҳо.

Мутаассифона, ҳангоми дастгир кардан ба хатогиҳо роҳ дода шуда, дар баъзе ҳолатҳо, дастнорас будани маълумоти электронӣ, муайян набудани ҷои истиқомат ва дигар амалҳо таҳқиқи саривақтии парвандаҳоро душвор мегардонанд.

Ақидае вуҷуд дорад, ки дастгиркунии шахс аз рӯйи қоидаи мурофиавӣ гузаронида шуда, барои банизомдарории иловагии қонунгузорӣ ниёз надорад, ғайр аз он ки расонидани зарар мумкин аст ба ниҳоди ҳуқуқи ҷиноятӣ тааллуқ дошта бошад[91].

Ин нуқтаи назар нодуруст аст, зеро кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ мебошанд, на дар ҳолати мудофиаи зарурӣ.

Мусаллам аст, ки ҳаракатҳои дар боло зикршуда, дастгир кардан, интиқоли шахси барои содир кардани ҷиноят гумонбаршуда, ҷойгиркунии

[91] Ниг.: Комментария к УК РФ. Общая часть / Под ред. Ю.И. Скуратова, В.М. Лебедова. – М.: Спарк, 1996. – С. 97.

вай ба тавқифгоҳи муваққатӣ дар доираи қонунгузории мурофиавӣ амалӣ мешавад.

Таҳлили амалияи фаъолияти кормандони мақомоти таҳқиқ аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷисман дастгир кардани шахс танҳо бо мақсади пешгирии амали барои ҷамъият хавфнок гузаронида шуда, маълумоти воқеиро инъикос менамоянд:

1) дар бораи ба ҷамъият хавфнок будани ин кирдор;

2) нишон додани иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят ва нисбати ӯ оғоз кардани парванда.

Ин нишонаҳо дар якҷоягӣ ба мо асос медиҳанд, ки амали мазкурро ба амали мурофиавии ҷиноятӣ мутааллиқ донем.

Қонунгузории мурофиави ҷиноятӣ бояд дар м. 92 КМҶ ҶТ қоидаи «дастгир кардани воқеӣ»-ро вобаста ба дараҷаи хавфнокии ҷинояти содиршуда муайян намояд.

Асос ва тартиби чунин дасгиркунӣ барои шаҳрвандон бояд фаҳмо ва дастрас бошад, зеро он бояд ба дахлнопазирии шахсият, ки онро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат додааст, мухолифат накунад.

Андешаҳои иброзшуда имконият медиҳанд, то ба чунин хулоса оем:

1) Дастгир карда шудани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят моҳияти расмӣ ва ҳуқуқию мурофиавии ҷиноятӣ дорад. Чунки тибқи қонун, аз номи давлат, аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ, бо асос ва риояи тартиби қатъиян муайяни мурофиавии ҷиноятӣ, ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ амалӣ мешавад. Лаҳзаи дастгир кардани шахси дар содиркунии ҷиноят гумонбаршуда, лаҳзаи воқеан маҳдуд кардани озодии шахс, аз ҷумла имконияти озодона ҳаракат намудан, маҷбуран овардан ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, кофтукови шахсӣ, муоинаи тиббӣ ва маҷбуран дар тавқифгоҳи нигоҳдории мувваққатӣ нигоҳ доштан ва бо ин роҳ мамониат кардан ба тибқи иродаи худ анҷом додани дигар ҳаракатҳои зиддиҳуқуқии шахс, вобаста ба расман (бо қабули қарор) додани мақоми мурофиавӣ ба

шахси дастгиршуда ва иҷро намудани дигар расмиёти муқарраршуда бояд қисми таркибии дастгир кардани мурофиавии ҷиноятӣ ҳисобида шаванд.

2) Ба андешаи мо, дастгиркунӣ набояд ба амали «то мурофиавӣ» ҷудо карда шавад. Он бояд ба мафҳуми ягона чун дастгир кардани мурофиавии ҷиноятӣ муттаҳид карда шавад. Умумияти чораҳои ҳуқуқии дар боло қайдшуда дар он аст, ки дастгиркунӣ ҳамчун чораи маҷбуркунии давлатӣ буда, он озодии шахс, хуқуқ ва манфиатҳои танҳо иштирокчиёни мурофиавии ҷиноятиро муваққатан фақат ҳангоми оғози пешбурди парвандаи ҷиноятӣ маҳдуд мекунад.

3) Амали ҷисман дастгир кардан ва маҷбуран ҳозир кардани вай ба мақомот бояд асоси ҳуқуқӣ дошта бошад. Ба КМҶ ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативи-ҷустуҷӯӣ», Қонуни ҶТ «Дар бораи милитсия» асосҳои дастгиркунии ҷисмонӣ аз ҷиҳати мурофиавии ҷиноятӣ, бояд муайян карда шуда, ин гуна дастгиркунӣ, маҷбуран ҳозир кардани вай ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва прокурор бо назардошти риояи ҳуқуқу озодиҳои шахс амалӣ карда шавад. Чунки ҳама гуна муқаррароти мурофиавии ҷиноятӣ, ки дар дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мешаванд, бояд ба муқаррароти Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумхурии Тоҷикистон мутобиқ бошанд, на баръакси он. Пеш аз ҳама қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ тақозо мекунад, ки ба шахси дастгиршуда бояд ҳуқуқ ва уҳдадориҳои вай фаҳмонида шуда, сабаб ва асосҳои дастгир кардан ба ӯ фаҳмонида, вай бо маводҳои ҷамъоварда шуда шинос карда шавад.

4) Дастгир кардан аз нуқтаи назари мурофиавии ҷиноятӣ аз тарафи шахсони ваколатдор, ки талаботи қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ муқаррар кардааст, амалӣ карда мешавад.

Ин дастгиркунӣ, ки озодии шахсро муваққатан маҳдуд мекунад, тибқи қонун мухлат муайян карда шавад, ки (на дертар аз 12 соат) шахси дастгиршуда дар асоси далелҳо бо қабули қарори дахлдор ҳамчун

гумонбаршаванда эътироф шавад ва ё дар сурати мавҷуд набудани нишонаҳои ҳуқуқвайронкунӣ бояд озод карда шаванд[92].

5) Дар с. 2 қ.1 КМҶ ҶТ қоидаи «бо тартиби пешбининамудаи м. 94 Кодекси мазкур» мувофиқан «бо тартиби пешбининамудаи м. 93 Кодекси мазкур» иваз карда шавад. Чунки мувофиқи м. 93 КМҶ ҶТ омадааст: Ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ дорад шахсеро, ки ҷиноят содир кардааст ё баъди содир кардани ҷиноят кӯшиши пинҳон шуданро дорад, дастгир карда, маҷбуран ба мақомоти ҳокимият супорад. Шоҳидони ҳодиса ё шахсони воқифи ҳодиса, аз он ҷумла, шахси аз ҷиноят зарардида (ҷабрдида) бевосита шахси содирнамудаи ҷиноятро нишон медиҳанд, лекин бо тартиби пешбининамудаи м. 94 КМҶ ҶТ салоҳияти аз номи давлат амал карданро надоранд, имконияти мурофиавии мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва прокуратураро оид ба кофтукови шахсӣ, муоинаи тиббӣ, тартиб додани протоколи дастгиркунӣ ва амалҳои дигарро надоранд.

6) Ва ниҳоят, дар с. 2, қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ ба м. 94 КМҶ ҶТ ишора шудани боздошти шахс бо гумони содир кардани ҷиноят аз ҷониби шоҳиди (гувоҳи) ҳодиса ва шахси зарардида, аз хатогии таҳияи рақамгузорӣ холӣ нест. Чунки тибқи м. 93 КМҶ ҶТ (на ин ки м. 94 чӣ хеле, ки дар матн омадааст) шаҳрвандон ҳуқуқ доранд (лекин уҳдадор нестанд) шахсеро, ки ҷиноят содир кардааст ё баъди содир кардани ҷиноят кӯшиши пинҳон шуданро дорад, дастгир карда, маҷбуран ба мақомоти ваколатдор супоранд. Шаҳрвандон, аз ҷумла шоҳид ё ҷабрдида (зарардида) имконияти татбиқ кардани қоидаҳоеро, ки дар м. 94 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд (фаҳмонидани ҳуқуқу уҳдадорӣ, кофтукови шахсӣ, муоинаи тиббӣ, тартиб додани протокол ва ғайра), ҳамчун мақомоти ваколатдори давлатӣ надоранд. Бинобар ин, дар матни с. 2 қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ қоидаи «бо тартиби пешбининамудаи м. 94 Кодекси мазкур» мувофиқан бо тағйироти зерин «бо тартиби пешбининамудаи м. 93 Кодекси мазкур» пешбинӣ карда шавад.

---

[92] Ниг.: Абдуллоева М.К. Риояи ҳуқуқҳои гумонбаршуда ва масъалаҳои назариявии дастгир кардан / М.К. Абдуллоева // Материалы международной научно-теоретической конференции «Права человека и globолизация» (Академия МВД РТ, 7 декабря 2018). – Душанбе: Академия МВД РТ, 2018. – С. 3-8.

## 1.3. Ҳолати мурофиавии шахсе, ки ҳамчун гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноят дастгир шудааст

Гумонбарӣ аз тарафи муфаттиш оиди аз тарафи шахси муайян содир карда шудани ҷиноят, ҳоло ба муносибатҳои мурофиавӣ ҷалб шудани гумонбаршударо ифода намекунад.

Шахсе иштирокчии муносибатҳои мурофиавӣ мегардад, ки ба сифати яке аз иштирокчиёни муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ расман ҷалб шуда, аз тарафи мақомоти давлатие, ки пешбурди парвандаи ҷиноятиро ба зимма дорад, расман эътироф шуда бошад.

Нахустин заминаҳои ҷудосозии вазъи ҳуқуқии айбдоршаванда ва гумонбаршударо мо дар санад оид ба «Муассисаҳо оиди идораи губернияҳо»-и Малика Екатеринаи 2, соли 1775 (м. 401) мушоҳида карда метавонем. Дуюмин санади меъёрии Екатеринаи 2 «Оинномаи некрӯзӣ ё ин ки номинатсиягӣ»-и соли 1782, ки гузаронидани таҳқиқ, боздошт ва ҳабси ҷинояткорро ба зиммаи политсия вогузор намуда, лекин ҳолати ҳуқуқии гумонбаршударо муайян накардааст[93].

Дар асоси КМҶ ҶШС Тоҷикистон соли 1961 гумонбаршуда гуфта, ҳама гуна шахсро, ки нисбати онҳо аз тарафи мақомоти таҳқиқ ё ин ки тафтиши пешакӣ гумонбаршуда дониста мешудаанд, меномиданд. Ягон санади мурофиавии махсус, ки шаҳрвандро дар мақоми гумонбаршуда гузорад, дар қонунгузории мурофиави ҷиноятии муосир низ арзи вуҷуд накардааст.

Чӣ тавре, ки В.И.Чуприненко қайд мекунад, «Саволҳои зиёд вобаста ба дастгир кардани гумонбаршуда ҳал мешуданд, агар КМҶ ба саволи: аз кадом лаҳза дастгиршуда, яъне сухан дар бораи воқеан боздошт ва маҷбуран ба мақомот оварда шудани шахс меравад, мақоми мурофиавии «гумонбаршударо» мегирифт, ҷавоб дода тавонад»[94].

---

[93] Ниг.: Российское законадательство X-XX веков. В. 9-ти томах / Под. общей редакции О.Н. Чистякова. Законодательства периода расцвета абсолютизма. – Том. 5. – М.: Юрлит., 1987. – С. 276.

[94] Чуприненко В.И. Судебная реформа и стоновление правового государства в Российской Федерации. – М.: Эксмо, 2003. – С. 44.

Дар қиёс бо моддаи 47 КМҶ ҶТ, ки нисбати айбдоршаванда қабул шудани қарори махсусро пешбинӣ мекунад, қ.1. м. 46 КМҶ нисбати гумонбаршуда қабул шудани қарори махсуси гумонбаршуда, эътироф шудани шахс пешбинӣ нашудааст. Ба ҷои ингуна қарор, қарори оғози парвандаи ҷиноятӣ воқеан дастгиршудани шахс ва қарори татбиқи чораи пешгирӣ нишон дода шудааст.

Бо ҳамин зикр карда мешавад, ки шахс аз ҳуқуқҳое, ки ин меъёр муқаррар кардааст, новобаста ба он, ки гумонбаршуда аст ё не, истифода карда метавонад. Шахси гумонбар аз нуқтаи назари қонун аз лаҳзаи дастгир шуданаш аз озодона амал кардан маҳрум карда шуда (м. 94 КМҶ ҶТ), новобаста ба муҳлати ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва ё прокурор ҳозир карда шуданаш, гумонбаршуда дониста мешавад.

Дар айни замон, чӣ тавре, ки таҳқиқот нишон медиҳанд, дар амалия ва назария бо сабаби ҷудо нашудани мафҳуми «то мурофиа» ва «дар рафти мурофиа», дастгир кардан танҳо баъди гумонбар шудан, ба тариқи мурофиавӣ ва тартиб додани протоколи дастгир кардан асоснок мегардад. Маҳз дар ҳамин ҳолат бори нахустин ба гумонбаршуда ҳуқуқу уҳдадориҳояш фаҳмонида мешаванд.

Истилоҳи «гумонбаршуда» ва «гумонбарӣ» мумкин аст, ки якчанд маънӣ дошта бошад. Аз байни онҳо мафҳуми умумӣ ва мурофиавии ҷиноятиро ҷудо кардан мумкин аст.

Байни мафҳуми «гумонбарӣ» ва «гумонбаршавӣ» фарқияти ҷиддӣ вуҷуд надошта, дар асоси он боз ҳамон маънидод (гумонбарӣ) меистад, ки дар назарияи ҳуқуқ як қатор нишонаҳои зарурӣ ва иловагиро дорост.

Барои татбиқи дастгиркунӣ танҳо фикри субективонаи шахси пешбарандаи тафтишот кофӣ нест.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки «гумонбарӣ», ки аз хулосаи иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ бармеояд, аз «шахси барои содир кардани ҷиноят гумонбаршуда» фарқ карда шавад.

Мазмуни гумонбаршуда таъиноти фаъолияти мурофиавиро дорост, ки тибқи қонун муаяйн шудааст. Ҳамчун субъекти мурофиаи ҷиноятӣ вай тибқи қонун дорои ҳуқуқҳои зарурии барои ҳимояи манфиатҳои худ таъин гашта, дар айни замон ӯҳдадориҳои муайян низ пайдо мекунад.

Мавҷуд набудани низоми муайяни масъалаи мазкур дар қонунгузории мурофиаи ҷиноятӣ дар муддати басо тӯлонӣ яке аз сабабҳои арзи вуҷуд кардани нуқтаи назари гуногун оид ба фаҳмиши мафҳуми гумонбарӣ ва гумонбаршуда гаштааст.

Дар мулоҳизаҳои худ ҳамаи муаллифон қайд мекунанд, ки гумонбарӣ нисбати шахси муайян дар асоси далелҳои боэътимод бошад, ки ба содир шудани ҷиноят дахл доштани шахс ва эҳтимолияти гунаҳгории ӯро собит месозанд, ба вуҷуд меоянд, ки он ҳоло барои эълон кардани айб кофӣ нест. Ғайр аз ин, қабул шудани қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати шахс ва ё татбиқ шудани чораи пешгирӣ то эълони айб маънои эҳтимолияти гунаҳгории ин шахсро надорад, ё ин ки шахс пешакӣ айбдор дониста шавад.

Зарурати ба шахси гумонбар додани мақоми гумонбаршуда бо мақсади ба тафтишот ҷалб кардани вай, яъне истифодаи чораҳои мурофиавӣ, ки дар ин ё он дараҷа ҳуқуқ ва озодиҳои шахсии ӯро маҳдуд мекунанд, ба миён меояд.

Муаллифон, ки минбаъд васеъ кардани асосҳои гумонбаршуда шинохтани шахсро пешниҳод мекунанд, лекин як ҳолати басо муҳими онро фаромӯш кардаанд, ки тибқи он гумонбаршуда нисбат ба айбдоршаванда бо он фарқ мекунад, ки ҳолати вай кутоҳмуддат, лаҳзавӣ буда, дар аксари ҳолатҳо иштирокчии ҳатмии фаъолияти мурофиаи ҷиноятӣ намебошад[95].

Хусусияти ба худ хоси вазъи мурофиаивии гумонбаршуда аз он иборат мебошад, ки вай на аз сабаби мавҷуд будани маълумоти муайян, балки аз рӯйи зарурати маҳдудсозии кутоҳмуддати озодиҳои шахсии ӯ, бо назардошти

[95] Ниг.: Григорьев В.Н. Задержание подозреваемого органами внутренных дел. – Ташкент: ТВШ, 1989. – С. 24.

ба вуҷуд омадани ҳолатҳои ногаҳонӣ ва бо мақсади тафтишоти пешакӣ бо ҳуқуқҳо таъмин гашта, ӯҳдадориҳои муайян дорад[96].

Аз ин бармеояд, ки таҳлили вазъи ҳуқуқии гумонбаршуда дар мурофиаи ҷиноятӣ танҳо бар ҷиҳатҳои мурофиавии ҷиноятии вай асос ёфтааст.

Лекин, маҷмӯи воситаҳои ҳуқуқӣ, ки вазъи мурофиавии гумонбаршударо муайян мекунанд, махсусан дар шароити дастгир шудани ӯ хеле васеъ буда, онҳо аз доираи муносибатҳои мурофиаи ҷиноятӣ хеле дур мераванд.

Муҳимияти коркард оид ба такмили мақоми гумонбаршуда дар созишномаҳои байналхалқӣ оид ба ҳуқуқи инсон муайян карда мешавад ва он талаб менамояд, ки қонунгузории миллӣ ва татбиқи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёрҳои маъмули ҳуқуқи байналхалқӣ мутобиқ карда шаванд.

Тибқи меъёри амалкунанда лаҳзаи пайдошавии мақоми ҳуқуқии шахс ба ҳайси гумонбаршуда, бояд на аз лаҳзаи дастгир кардан, балки аз лаҳзаи ба таври расмӣ дар асоси қарори мурофиавӣ гумонбаршуда эълон кардани ӯ, оғози парвандаи ҷиноятӣ ва ё татбиқи чораи пешгирӣ дониста шавад.

Маҳз аз ҳамин лаҳза шахси гумонбаршуда имконияти истифодаи ҳуқуқҳои худ ва муфаттиш имконияти талаб кардани иҷрои ӯҳдадориҳои гумонбаршударо пайдо мекунанд. Маҳз аз лаҳзаи дастгиршавӣ (м. 92 КМҶ ҶТ) дастгиршуда дорои ҳуқуқ барои ҳифзи манфиатҳои худ гардида, ӯҳдадориҳои аз тарафи қонун муқарраркардаро ба зиммаи худ мегирад.

Шахсро танҳо тибқи асосҳои дар моддаҳои 92, 94, 140, 145 КМҶ ҶТ зикршуда, гумонбаршуда ҳисобидан мувофиқи мақсад намебуд. Аз ин рӯ, асосҳое, ки дар ин моддаҳо баён шудаанд, на чун ҳолатҳои ба мавзуи исбот дахл надошта, балки чун асос барои гумонбаршуда донистани шахс ва ба гумонбарӣ дида баромада мешаванд. Барои ин пеш аз ҳама асосҳои шинохтани шахсро ба ҳайси гумонбаршуда ва дуюм асосҳои дастгиркунӣ ва ё

[96] Ниг.: Аверченко А.К. Подозреваемый и реализация его прав в уголовном процессе: дис. ... канд. юрид. наук. – Томск, 2001. – С. 161.

чораҳои пешгирии нисбати ӯро аз ҳам ҷудо карда, онро дар меъёри мурофиаи ҷиноятӣ муттаҳид бояд намуд.

Аз рӯйи табиат, мақсад, таъиноти худ, инҳо асосҳои гуногуни мурофиавӣ буда, на ҳамеша ба ҳамдигар мувофиқат мекунанд. Асосҳои дастгиркунӣ ва чораҳои пешгирӣ хусусияти дуюмдараҷа дошта, дар бораи онҳо, танҳо дар ҳолати мавҷуд будани гумонбарӣ сухан кардан мумкин аст: шахси боздошт ва ё ба ҳабс гирифташуда, ин маънои гумонбар донистани ӯро дорад.

А.Б. Галимжанов зикр менамояд, ки «талаботи қонунгузориро дар бораи он, ки шахсро баъди дастгиркунӣ ва ё нисбати ӯ татбиқ кардани чораи пешгирӣ то айб эълон кардан гумонбаршуда донистан, на он қадар муваффақ арзёбӣ карда мешавад»[97].

Гумонбаршуда ба нишонаҳое, ки ба иштирокчиёни фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ хос аст, яъне иштирок дар фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ; мавҷуд будани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои муайян; ба муносибатҳои мурофиавии ҷиноятии дохил шудан бо иштирокчиёни мурофиа бо ташаббуси худ ва ё аз рӯйи талаботи қонун ҷавоб медиҳад.

Аз ин бармеояд, ки муқаррароти меъёр ва мафҳуми гумонбаршуда дар мурофиавии ҷиноятии ватанӣ бо муайян кардани мавқеи гумонбаршуда аз байни иштирокчиёни фаъолияти мурофиаи ҷиноятӣ ва асосҳои пайдоиши онҳо дар мурофиа алоқамандӣ дорад.

Дар пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ асосҳои ягонаи ҷалби шаҳрвандон барои иштирок дар фаъолияти мурофиаи ҷиноятии кафолатҳои ягонаи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонуни онҳо (моддаҳои 42, 45, 47, 56, 60 КМҶ ҶТ) пешбинӣ шудааст.

Нисбати гумонбаршуда, мантиқан ин қоида вайрон карда шуда, шахс на дар асоси қарори махсус, балки дар асоси санадҳое, ки дар бораи татбиқи маҷбуркунии мурофиавӣ шаҳодат медиҳанд, гумонбаршуда диниста шавад.

---

[97] Галимжанов А.Б. Организационно-тактические особенности расследования преступлений, в условиях расширения прав подозреваемого и обвиняемого на защиту: дис. ... канд. юрид. наук. – Уфа, 2001. – С. 79.

Тартиботи муқарраршудаи ба ҳайси гумонбаршуда эътироф шудани шахс аз як тараф, на ҳамеша бо қоидаҳои умумии пешбурди парвандаи ҷиноятӣ мутобиқ карда мешавад, аз тарафи дигар ба таври дахлдор дараҷаи ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуни шаҳрвандонро таъмин карда наметавонад.

Аз ин бармеояд, ки дар лаҳзаи татбиқи чораи пешгирӣ, шахс гӯё умуман «вазъи ҳуқуқӣ»-и худро надорад.

Дар баробари ин, бояд чораҳои пешгирӣ танҳо баъди аз тарафи соҳиб шудан ба ин ё он ҳолати мурофиавӣ ва фақат дар асоси шартҳое, ки аз тарафи қонун барои мақоми зикршуда, муқаррар карда шудааст, татбиқ карда шаванд.

Л.М. Карнеева ва муаллифони дигар қайд кардаанд, ки пайдоиши шахси гумонбаршуда на дар натиҷаи нисбати ӯ татбиқ кардани чунин чораҳо, балки дар асоси мавҷуд будани далелҳои аз тарафи шахс содир кардани ҷиноят, ки боиси нисбати ӯ татбиқ гардидани чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ мегарданд, муайян карда мешавад[98].

И.Л. Петрухин диққатро ба он ҷалб мекунад, ки танҳо тавассути гумонбарии аввала ва нақши маҷбуркунӣ мантиқан вазъи гумонбаршударо дар мурофиаи ҷиноятӣ пурра ва асоснок баҳогузорӣ кардан мумкин аст[99]. Қарори бе асоси ба ҳайси гумонбаршуда донистани шахс, боиси нисбати ӯ истифода гардидани чораҳои ғайриқонунии маҷбуркунӣ мегардад.

Моддаи 46 КМҶ ҶТ-ро таҳлил карда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар моддаи мазкур танҳо асоси ҳуқуқии ба сифати гумонбаршуда шинохтани шахс мавҷуд аст.

Дар он оид ба, асосҳои воқеӣ чизе гуфта нашудааст. М. 46 КМҶ ҶТ, мисли м. 53, 1 КМҶ ҶШС Тоҷикистон хусусияти ҳаволакунанда ба асосҳои

---

[98] Ниг.: Карнеева Л.М. К вопросу о подозрении в советском уголовном процессе / Л.М. Карнеева // Советская криминалистика на службе следствия. – 1959. – Вып. 12. – С. 78.
[99] Ниг.: Петрухин И.Л. Задержание // Проблемы кодификации уголовно-профессионального права. – М.: Юрлит., 1987. – С. 56-57.

дигарро дошта, асоси воқеии гумонбаршуда донистани шахсро, ки барои қабули қарорҳо асос шудаанд, «пӯшида» медорад.

Аз ҷиҳати мантиқӣ шахсро барои он гумонбаршуда меҳисобанд, ки нисбати ӯ дастгиркунӣ татбиқ шудааст, на барои он ки ба ҷиноят алоқаманд будани ӯ дар асоси далелҳо чунин чора татбиқ гардидааст.

Қароре, ки аз тарафи мо пешниҳод мегардад, шарти ягонаи ба гумонбаршавӣ кашидани шаҳрванд ҳамчун гумонбаршаванда дониста мешавад ва дар ин маврид андешаи зеринро қайд кардан ҷоиз аст:

Дар фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ ҳолатҳое мешавад, ки онҳо ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ аз ҷиҳати объективӣ имконият медиҳад, ки шахсро барои содир кардани ҷиноят гумонбар донанд. Яке аз инҳо, нишон додани шахс дар қарори оғози парвандаи ҷиноятӣ ҳамчун иштирокчии ҷиноят мебошад. Ин дар он ҳолатҳое ба вуҷуд меояд, ки ҳангоми оғози парвандаи ҷиноятӣ «далел» ё асоси ба ҷамъият хавфнок будани шахси содиркунандаи ҷиноят муайян карда нашудааст.

Чӣ тавре, ки дар адабиёти мурофиавӣ омадааст, ҳангоми дастгир кардани гумонбаршуда, аз лаҳзаи оғози парвандаи ҷиноятӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахс хеле наздик мешавад, лекин он ба ҳар ҳол дар як вақт амалӣ намешавад[100].

Гумонбарӣ дар содир кардани ҷиноят, ки дар қарори оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ нисбати шахс зикр шудааст, ҳанӯз барои ба сифати гумонбаршуда донистани шахс асоси воқеӣ шуда наметавонад. Яке аз онҳо ба оғози таҳқиқи ҷиноят имконият дода, мавҷуд будани аломатҳои ҷиноятро муайян мекунад ва дуюмаш вазъи муайяни мурофиавии гумонбаршударо, ҳамчун иштирокчии тафтиши пешакӣ, мансубияти ӯро дар содир кардани ҷиноят муайян мекунад.

[100] Ниг.: Строгович М.С. Курс советского уголовного права. В 2 т. – М., 1968. – Т. 2. – С. 11-12; Рахунов Р.Д. Возбуждение уголовного дело в советском уголовном процессе. – М.: Юриздат., 1954. – С. 25-31.

Аз ин бармеояд, ки муфаттиш бояд баробари қабули қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ ӯҳдадор аст, ки дар бораи ба ҷинояти содиршуда гумонбаршуда дониста шудани шахс низ қарор қабул намояд.

Дар айни замон, ба андешаи Е.Э. Сибарт низ розӣ шудан мумкин нест, ки баъди қабул шудани қарори махсус дар бораи ба сифати гумонбаршаванда ҷалб шудани шахс, мазмуни дақиқи гумонбаршуда пайдо мешавад. Зеро қарор ин танҳо хулосаи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, ки дар рафти тафтишоти пешакӣ баёншуда (сархати 6 м. 6 КМҶ ҶТ) буда, он барои ба ҳайси гумонбаршуда донистани шахс асос шуда наметавонад[101].

Ҳанӯз дар асарҳои М. Ривкин мо бо пешниҳодҳое вомехӯрем, ки мутобиқи он барои гумонбаршуда донистани шаҳрванд қабули қарори асоснок пешбинӣ шуда буд[102].

Минбаъд, муаллифон низ изҳори ақида намуда буданд, ки шакли гумонбаршуда донистани шахс набояд қарор дар бораи татбиқи чораҳои пешгирӣ ва ё протоколи дастгир кардан бошад, балки пешниҳоди қарори мустақил, (ба мисли қарор дар бораи айбдоркунӣ) дар бораи гумонбаршуда донистани шахс ҳисобида шавад. Пешниҳоди қарори мазкур дар натиҷаи амали тафтишӣ ва ё маҷбуркунии мурофиавӣ, ки бо қарор ва протоколҳо асоснок карда шудаанд, метавонад шахсро ба ҳолати гумонбаршуда гузаронад, ва он табиист, ки бо вақти пурсиши гумонбаршуда рост меояд[103].

Танҳо бо ҳамин тарз ба вуҷуд омадани гумонбарӣ аз ҷиҳати ҳуқуқӣ асоснок карда шуда, дар давраи гумонбарӣ шарти зарурии ҳалли ҳамаи масъалаҳои мурофиавӣ, омили эътироф гаштани ҳуқуқи шахс ба вазъи ҳуқуқӣ, имконияти озодшавӣ аз гумонбарӣ ва ғайраҳо мегардад.

Ақидаи пешниҳодшуда дар бобати гумонбаршуда донистани шахс тавассути тартиб додани санади махсус ба чораҳои маҷбуркунӣ имкон

---

[101] Ниг.: Цибарт Е.Э. Процессуальное положение подозреваемого в Российском уголовном процессе: дис. ... канд. юрид. наук. – Оренбург, 2001. – С. 39.

[102] Ниг.: Ривкин М. Положение подозреваемого в процессе предварительного следствия / М. Ривкин // Рабочий суд. – 1924. – №10. – С. 760; Алексеев Н.С., Даев В.Г., Кокарев Л.Д. Очерк развития науки советского уголовного процесса. – Воронеж, 1980. – С. 127.

[103] Ниг.: Смирнов В., Давлетов А. Когда задержаний становится задержанные? / В. Смирнов, А. Давлетов // Российский адвокат. – 1998. – №5. – С. 30.

медиҳад, ки мақомот аз иҷрои вазифаи барояш хос набуда озод гардад ва барои мақсадҳое, хизмат кунад, ки ҳадафи он адолат аст, рафтори зарурии шахсеро, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудааст, то масъалаи муайянсозии гуноҳи ӯро таъмин намояд. Ғайр аз ин, он имконият медиҳад, ки бо таври зарурӣ тартиб додани қарори муфаттиш ва аз он ҷумла муайян кардани ҳолати шахсро баъди соҳиб шудан ба мақоми гумонбаршуда, барои баланд бардоштани масъулияти мақомоти давлатӣ, ки шахсро гумонбаршуда эътироф кардаанд, мусоидат менамояд.

Ҳамин санади махсус аз мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ талаб мекунад, ки қарори худро бо назардошти мавҷуд будани маълумоту далелҳо, новобаста ба татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ, ба роҳ монанд.

Аҳамияти ҳуқуқии санади мазкур аз он иборат мебошад, ки шаҳрванд ба тариқи расмӣ ба мақоми мурофиавӣ соҳиб гашта, ҳуқуқу ӯҳдадориҳои муайян, аз он ҷумла, ҳуқуқ ба ҳимоя, ки тавассути он ӯ метавонад барои беасос будани гумонбарӣ кӯшиш ва амал карда тавонад.

Ҳолати ибтидоии шахс дар мақоми гумонбаршавӣ бо роҳи ба қарор дохил кардани асосҳои воқеӣ сурат мегирад ва дар ҳолати тасдиқ нашудани гумонбарӣ, бояд шахс аз ин мақом озод карда шавад. Татбиқи чораҳои маҷбуркунӣ барои дар мақоми гумонбаршаванда боқӣ мондани шахс асоси гумонбарӣ шуда наметавонад, шаҳрванд дар муддати тӯлони чун гумонбар боқӣ мемонад, Гарчанде, ки ӯ дар ҳолати гумонбаршуда қарор дорад, шинос кардани гумонбаршуда бо қарор низ аз лаҳзаи оғози пурсиши нахустин ва татбиқи эҳтимолии чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ ба роҳ монда шавад.

Ба фикри мо ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои гумонбаршуда дар қарор бояд зикр карда шуда, нусхаи он ба гумонбаршуда супорида шавад. Дар чунин ҳолат зарурати рӯ овардани мақомоти тафтиши пешакӣ баҳри татбиқи чораҳои пешгирӣ (дар доираи таклифи пешниҳодкардаи мо оид ба гумонбарӣ) танҳо баъди чун гумонбар эътироф намудани шахс ва пурсиши вай ба миён меояд.

Дар ин ҷо истифодаи ду ҳолат мумкин аст: 1) Гумонбаршуда дар асоси тартиби муқарркардаи м. 92 КМҶ дастгир нашудааст; 2) Гумонбаршуда дастир шудааст.

Дар ҳолатҳои зикршуда таҳқиқбаранда ва ё муфаттиш баъди пурсиши гумонбаршуда бо назардошти шахсияти ӯ ва дигар ҳолатҳо масъалаи нисбати ӯ татбиқ кардани чораи пешгириро баррасӣ мекунад, ки он рафтори минбаъдаи гумонбаршударо дар тафтиши парвандаи ҷиноятӣ таъмин мекунад.

Агар асос барои интихоб ва татбиқи чораи пешгирӣ мавҷуд набошад, пас мақомоти тафтиши пешакӣ, мутобиқи талаботи қ. 1 м. 103 КМҶ ҶТ нисбати гумонбаршуда, чораҳои дигари мурофиавиро истифода бурда метавонад.

Аз ҷиҳати ҳуқуқӣ асоси гумонбаркунӣ бояд қабули қарори дахлдор бошад. Раванди чун гумонбаршуда шинохта шудани шахс бояд қарори ягона, аз он ҷумла ҳангоми дастгир кардан, оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати шахси муайян то гумонбарӣ бошад.

Ҳуҷҷати пешниҳодшудаи мурофиавӣ ба оғози пешбурди парвандаи ҷиноятӣ хусусияти зоҳирӣ ворид намекунад.

Якум, ин қарор дар бораи ба сифати гумонбаршуда шинохтани шахс, оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ дорад.

Дуюм, дар давраи мазкури тафтиши пешакӣ гумонбаршуда иштирокчии пешбурди парвандаи ҷиноятӣ гашта, дар атрофи ӯ тамоми маводи тасдиққунандаи ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ҷамъ оварда мешаванд.

Азбаски гумонбаршуда ба ин сифат муддати тӯлонӣ қарор гирифта наметавонад, пас тамоми кӯшиши мақомоти тафтиш ва таҳқиқ бояд ба исботи асоси гумонбарӣ ва ё радди он равона карда шавад.

И.С. Галкин ва В.Г. Кочетков қайд менамоянд, ки «барои гумонбарӣ набояд танҳо бо эълон кардани ҷой доштани аломати ҷиноят маҳдуд шуд, балки вақт, ҷой ва дигар ҳолатҳое бояд номбар шаванд, ки муфаттиш бо мақсадҳои ташкилию тактикӣ бо онҳо огоҳ кардани гумонбаршударо зарур

медонад. Моҳияти гумонбарӣ дар як шакли муайян, бо назардошти хусусиятҳои ба худ хоси гумонбаршуда (синну сол, таҷрибаи ҳаётӣ, маълумот ва ғайра) пешбарӣ карда мешавад»[104].

Муаллифон Б.А. Денежкин ва А.Р. Михайленко қайд мекунанд, ки амалияи хабар додани танҳо ҷой доштани аломати ҷиноят ба гумонбаршуда, ҳуқуқи ӯро ба донистани он, ки кадом амали вай дар содир кардани кадом ҷиноят гумонбариро ба вуҷуд овардааст[105], таъмин намекунад.

Ба андешаи мо, барои гумонбаршаванда эътироф карда шудани шахс ҷой доштани асосҳои воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошад. Асосҳои воқеӣ ҳолатҳои мушаххасе мебошанд, ки дар м. 92 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд. Ғайр аз асосҳои дар м. 46 КМҶ ҶТ пешбинишуда, асоси ҳуқуқии гумонбаршуда эътироф кардани шахс бояд бо қабули қарор дар бораи гумонбаршуда эътироф кардани шахс расмӣ гардонида шавад. Чунки қонун ду роҳи оғози парвандаи ҷиноятиро пешбнинӣ мекунад. Агар парвандаи ҷиноятӣ на бо гумони содир кардани ҷиноят нисбати шахс, балки бо ошкор карда шудани аломати ҷиноят оғоз шуда бошад, пас танҳо баъди қабули қарори дахлдор шахсро ба сифати гумонбаршуда ба амалҳои тафтишӣ ҷалб намуда, ё дар тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ ба мӯҳлати то 72 соат ҷойгир ва нигоҳ доштан иҷозат дода шавад ва ё нисбати ӯ бо қарори суд чораи пешгирӣ – ба ҳабс гирифтан, ҳабси хонагӣ ё чораи дигари маҷбуркунӣ татбиқ карда шавад.

Дар амалия баробари оғоз шудани парвандаи ҷиноятӣ бинобар ошкор карда шудани аломати ҷиноят шахсе, ки ҳарчанд расман гумонбаршуда эътироф нашуда бошад ҳам, лекин нисбати вай гумони бевосита мавҷуд бошад, ба сифати шоҳид пурсида мешавад. Дар чунин мавридҳо ин шахс аз имконияти аз ҳуқуқҳои гумонбаршуда истифода бурдан маҳрум мешавад. Вай ҳуқуқи ҳимоя надорад:

---

[104] Галкин И.С., Кочетков В.Г. Процессуанальное положение подозреваемого. – М.: Юрлит., 1968. – С. 5.
[105] Ниг.: Денежкин Б.А., Михайленко А.Р. О процесульном положении подозреваемого и укреплении гарантии защиты его прав / Б.А. Денежкин, А.Р. Михайленко // Межвузовский сборник научных трудов. Выпуск 1. Вопросы уголовного процесса. – Саратов: Изд. Саратовского ун-та, 1977. – С. 27-33.

– бетаъхир аз хизмати химоятгар истифода бурда наметавонад, бидуни мамониат бо ҳимоятгар як ба як, аз ҷумла то оғози пурсиш, мулоқот намекунад;

– бо қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ шинос карда намешавад;

– нишондод диҳад ё надиҳад ва дар ин бора пеш аз пурсиш хабардор карда намешавад. Баракс ҳамчун шоҳид уҳдадор мешавад нишондод диҳад ва хавфи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ кардани аз додани нишондод таҳдид мекунад;

– намедонад, ки барои чӣ ва бо кадом асосҳо гумонбар шудааст;

– имконият надорад гумонро рад намояд ва ё далелҳо пешниҳод кунад;

– дархост изҳор намекунад;

– раддия изҳор карда наметавонад.

Чунки нисбат ба ӯ бо асос ва тартиби муқаррарнамудаи қонун бинобар гумонбар шуданаш дар содир намудани ҷиноят парвандаи ҷиноятӣ оғоз нашудааст, дар ин бора ба ӯ муфаттиш ё таҳқиқбаранда хабар надодааст ё ӯ дастгир карда нашудааст ва ё дар ҳаққи ӯ то пешниҳод кардани айб чораи пешгирӣ татбиқ карда нашудааст.

Дар сурати қабул шудани қарор дар бораи гумонбаршуда эътироф шудани шахс, қоидаҳои гумонбарӣ, ки муаллиф пешбарӣ менамояд аз якчанд ҷиҳат бо тартиби мурофиавии эълон кардани айб монандӣ дошта, аз се давра иборат мебошад: 1) шинос кардани гумонбаршуда бо қарор дар бораи гумонбар эътироф шудани ӯ; 2) фаҳмонидани моҳияти гумонбарӣ ва асосҳои он; 3) фаҳмонидани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои гумонбаршуда.

Баъди шинос кардани гумонбаршуда бо қарор дар бораи гумонбаршуда эътироф шудан, ӯ бояд пурсиш карда шуда, розигии хаттии ӯ дар бораи додани нишондод гирифта шавад.

Тартиби пурсиши гумонбаршуда аз саволи «муносибати ӯ ба гумонбарии пешниҳодшуда чӣ гуна аст» оғоз гашта, дар се ҳолатҳо ҷавобҳо ифода меёбад:

а) «гумонбариро эътироф мекунам»;

б) «гумонбариро эътироф намекунам»;

в) «гумонбариро қисман эътироф мекунам», ки баъди он нишондоди гумонбаршуда гирифта мешавад.

Мавзуи нишондоди гумонбаршударо гумонбарии ба муқобили ӯ пешниҳодшуда, инчунин ҳолатҳое, ки барои парванда аҳамият доранд, ташкил медиҳад. Қайди ба гумонбаршуда эълон кардани он ки дар содир кардани кадом ҷиноят, бо моддаи мушаххаси КҶ ҶТ, гумонбар дониста мешавад, нахуст дар саҳифаҳои протоколи пурсиши гумонбаршуда дарҷ мешавад, чунки меъёрҳои КМҶ ҶТ ин тартибро танзим намекунанд.

Чӣ тавре, ки таҳқиқотҳои мо нишон доданд, ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ 52,5% онҳо бо пурсиши гумонбаршудагон оғоз гашта, дар 5,3% парвандаҳои ҷиноятӣ умуман протоколи пурсиш тартиб дода нашуда, дар 15,8% парванда моҳияти гумонбаршуда дар шакли гузориш дар бораи дастгир кардани гумонбаршуда, дар 5,3% парвандаҳо дар протоколи пурсиш ба моддаҳои КҶ ҶТ истинод шуда, таснифи ҳуқуқи он бидуни моҳияту сабаби гумонбарӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар 15,8% парвандаҳо пурсиши гумонбаршуда бе иштироки ҳимоятгар гузаронида шудааст, агарчанде, ки дар протоколи пурсиш хоҳиши гумонбаршуда дар бораи иштироки ҳимоятгар баён шудааст.

Дар 5,3% парвандаҳо пурсиши гумонбаршуда танҳо аз рӯйи як моддаи КҶ ҶТ таҳия карда шуда, он ҳам бе таснифи ҳуқуқӣ ва фаҳмонидани моҳияти гумонбаршуда ба анҷом расонида шудааст.

Ба фикри мо ба КМҶ ҶТ ба моддаи «Пурсиши гумонбаршуда» иловаи зеринро дар таҳрири зайл дохил кардан зарур аст:

Дар қ. 1: «Муфаттиш, таҳқиқбаранда гумонбаршударо баъди қабули қарор дар бораи гумонбаршуда эътироф шудани ӯ, бо назардошти талаботи сархати 4 м. 46 ва м. 94 КМҶ ҶТ пурсиш намояд».

Дар қ. 2: «Дар оғози пурсиш муфаттиш, бо ишора ба вақт, ҷой ва ҳолатҳои муҳими содиршавии ҷиноят, таснифи ҳуқуқии он мутобиқи КҶ ҶТ, ба гумонбаршуда мефаҳмонад, ки дар содир кардани кадом ҷиноят ӯ гумонбар дониста шудааст, муносибати ӯро ба гумонбарии пешниҳодшуда,

аз рӯйи гумонбарии пешниҳодшуда барои додани маълумоти мушаххас ва бо кадом забон хоҳиш доштани ӯро муайян мекунад».

Қисми 3: «Пурсиш мутобиқи тартиби муқарраркардаи моддаи 199 Кодекси мазкур гузаронида мешавад».

Ҳамин тариқ, андешаҳои баёншуда тақозо менамояд, ки тартиби мавҷудаи гумонбаршуда эътироф намудани шахс такмил дода шаванд:

1. Асоси гумонбаршуда эътироф намудани шахс на татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ ё оғози парвандаи ҷиноятӣ, балки маълумоти асосноки гумонбарӣ мебошанд;

– Барои амалӣ шудани ҳимоя ва татбиқи ҳуқуқҳои шаҳрванд тамоми шароит фароҳам оварда шуда, барои кушодани гиреҳи «аз гумонбарӣ ба гумонбаршаванда» донистан ва аз мазмуни онҳо татбиқи маҷбуркунӣ ва маҳдудиятҳо камтар карда шавад;

– Бо мақсади демократикунонии минбаъдаи мурофиаи ҷиноятӣ, тартиби чун гумонбаршуда шинохта шудани шахс бо низоми умумии пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ алоқаманд карда шуда, барои ҳама парвандаҳои ҷиноятӣ ягона ва умумӣ бошад.

Аз ин хотир, мо ба м. 46 КМҶ ҶТ иловаҳои зеринро мувофиқи мақсад мешуморем. Ҷалби шахси гумонбар дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба сифати гумонбаршуда бо таҳрири зайл пешниҳод карда мешавад:

Қисми 1 м. 46: «Дар сурати мавҷуд будани яке аз ҳолатҳое, ки барои гумонбарӣ асос мешавад, лекин ба эълони айб кофӣ нест ва бинобар зарурати бо гумонбар гузаронидани амалҳои мурофиавӣ, мақомоти таъқиби ҷиноятӣ бояд қарор дар бораи гумонбаршуда эътироф карданро қабул намояд. Қарор бояд қонунӣ, асоснок ва ваҷҳнок бошад.»

Қисми 2: «Бо баробари қабули қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати шахси муайян, таҳқиқбаранда, муфаттиш ӯҳдадор аст, ки дар бораи ба сифати гумонбаршуда донистани шахс қарор қабул намуда, сабабу моҳияти гумонбариро асоснок намояд. Қарори мазкур бояд баъди пурсиши нахустин ва дар ҳолати боздошт ва интиқоли ӯ ба мақомоти таҳқиқ

дар муддати на дертар аз се соат қабул карда шавад. Ба гумонбаршуда моҳияти гумонбарӣ, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои гумонбаршуда, ки дар қонун пешбинӣ шудааст, фаҳмонида шавад».

Гумонбарии эълоншуда бояд бо вақти содиршавии ҷиноят, ҷой ва дигар ҳолатҳое, ки ба бандубасти кирдор ва дараҷаи хавфнокии ҷинояти содиршуда ишора мекунанд, ҳамчунин ҳолатҳое, ки тафтишот муайн кардааст, асоснок карда шавад.

Қисми 3: «Ба гумонбаршуда нусхаи қарор дар бораи ба ҳайси гумонбаршуда донистани ӯ бо ишора ба матни пурраи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои вай супорида шавад.

Эълон шудани гумонбарӣ бо иштироки ҳимоятгар, агар иштироки он ҳатмӣ бошад, ё ки дар бораи иштироки ӯ гумонбаршуда хоҳиш карда бошад, амалӣ карда шавад.

2. Дар қ. 1 м. 46 КМҶ ҶТ «Гумонбаршуда» дар таҳрири зайл пешбинӣ шавад:

Қисми 1: «Шахсе гумонбаршуда дониста мешавад, ки нисбати ӯ аз тарафи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ дар асоси гумонбарӣ қарор дар бораи ба сифати гумонбаршуда эътироф кардани ӯ, қабул шуда бошад».

Қисми 2: «Гумонбаршуда бояд баъди шинос шудан бо қарор дар бораи гумонбаршуда эълон шудан, пурсида шавад. Пеш аз пурсиши нахустин, ӯ ҳуқуқ дорад бо ҳимоятгар вохӯрӣ гузаронад. Дар холатҳои зарурии гузаронидани амалҳои мурофиавӣ бо иштироки гумонбаршуда давомнокии вохӯрии беш аз ду соат мумкин аст аз тарафи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор бо огоҳии пешакии ҳатмии гумонбаршуда ва ҳимоятгари ӯ маҳдуд карда шавад».

Қисми 3: «Муфаттиш, таҳқиқбаранда ва прокурор ӯҳдадоранд, ки хешовандони наздики гумонбаршударо дар ҳолати дастгир кардани ӯ ва ё татбиқи чораи пешгирии ҳабс, огоҳ намоянд».

Қисми 4: «Гумонбаршуда ҳуқуқ дорад: минбаъд аз рӯйи матни таҳрири қ. 4 м. 46 КМҶ ҶТ, ғайр аз: с. 1 бояд дар таҳрири зайл хонда шавад: «донад, ки ӯ

барои чӣ гумонбаршуда дониста шудааст ва нусхаи қарорро дар бораи ба сифати гумонбаршуда шинохта шуданро гирад, протоколи дастгир кардан ҳатман баъди шиносоӣ ба гумонбаршуда супорида шавад»; сархати 3 дар таҳрири зайл ифода шавад: «Бо баробари қабул ва эълони қарор дар бораи гумонбаршуда шинохта шуданаш аз ёрии ҳимоятгар истифода барад ва бо ӯ то пурсиши нахустин воҳӯрӣ дошта бошад»;

Сархати 4, қ. 5 дар таҳрири зайл ифода шавад:

«нисбати судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда ҳуқуқи радкунӣ дорад.

Қисми 5: «Гумонбаршуда ӯҳдадор аст: талаботи қонунии таҳқиқ кунад, муффатиш ва прокурорро иҷро кунад: аз иштирок дар тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судӣ саркашӣ накунад; ба иҷрои қарорҳои мурофиавӣ, тафтишот оид ба парванда дар бобати нобудсозӣ, таҳқиқ, далелҳо, фишороварӣ ба шоҳидон, ҷабрдидагон ва дигар ҳаракатҳои зиддиқонунӣ ё монеа эҷод накунад; бо даъвати мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҳозир шавад».

3. Дар қ. 2 м. 46 КМҶ ҶТ «Истифодаи чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ нисбати гумонбаршуда» :

«Ба гумонбаршуда ҳангоми тафтиши парванда мумкин аст чораҳои зерини маҷбуркунии мурофиавӣ татбиқ карда шаванд: дастгир кардани мурофиавӣ ба муҳлати то 72 соат; чораҳои пешгирӣ, дар ҳолатҳои зарурӣ дар асоси тартиби дар м. 103 КМҶ ҶТ муқарраршуда; чораҳои дигари маҷбуркунии мурофиавӣ, ки дар қ. 1 м. 113 КМҶ ҶТ зикр шудаанд».

4. Талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ дар бораи он ки баробари муфаттиш ва прокурор мақомоти таҳқиқ дастгир кардани гумонбаршударо таъмин намояд ва дар давоми на дертар аз 24 соати аз лаҳзаи боздошт бо ӯ пурсиш гузаронад (қ. 2 м. 46 КМҶ ҶТ); ҳамчунин ӯҳдадории шахси мансабдори тафтишоти пешакӣ дониста шуда, ба дастгиршуда имконият дода шавад, ки дар бораи ҳолатҳои гумонбарӣ ва ҳолати дастгиршудан маълумот (нишондод) диҳад.

5. Нишондоди гумонбаршуда аз як тараф сарчашмаи мустақили далелҳо (м. 75 КМҶ ҶТ) буда, аз тарафи дигар воситаи ҳимоя аз гумонбарии пешниҳодшуда дар бораи иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят, воситаи таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии гумонбаршуда мебошад.

Моҳияти гумонбарӣ, хусусиятҳои фарқкунандаи онро фаҳмонида ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар он аломатҳои шарикӣ дар содир кардани ҷиноят ба мушоҳида мерасад.

6. Таҳлили пайдарҳамии мантиқии амалҳои мурофиавии мақомоти пешбурди таъқиби ҷиноятӣ, ки аз лаҳзаи ошкор шудани аломати ҷиноят ё боздошт шудани шахс дар ҷойи ҳодиса ё маълум гаштани ҳолатҳои дар м.92 КМҶ ҶТ пешбинӣ шуда, иҷро мешаванд, аз он шаҳодат медиҳад, ки онҳо ухдадоранд:

– азбаски тамоми ҳолатҳои дар қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ (ҳамчун асосҳои воқеии дастгир кардан) пешбинишуда ба воқеан ҷой доштани аломати ҷиноят ишора мекунанд, мантиқан бинобар ошкор шудани аломати ҷиноят мақомоти пешбурди таъқиби ҷиноятӣ бояд аввал қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятиро қабул намоянд. Чунки дар ин қарор тибқи м. 146 КМҶ ҶТ на ҳолати ҳуқуқии гумонбаршуда муайян мешавад, балки асос ва сабаби оғози пешбурди парвандаи ҷиноятӣ нишон дода мешавад.

– дуюм, қабул шудани чунин қарор бинобар ошкор шудани аломати ҷиноят ва маълум гаштани ҳолатҳое, ки боиси пешбарии гумонбарӣ мешавад, зарурати қабули қарор дар бораи гумонбаршуда эътироф кардан шахсро ба миён меорад, то ки ҳолати ҳуқуқии дастгиршуда, ҳуқуқу ухдадориҳои мурофиавии вай маълум гардад;

– сеюм, қабул шудани қарор дар бораи гумонбаршуда эътироф кардани шахс ҳолати ҳуқуқии дастгиршударо нишон дода, барои маҳдуд карда шудани имконияти озод амал кардани вай ва муваққатан дар ҷойҳои махсус нигоҳ доштани вай (ба муҳлати то 72 соат) асос пайдо мешавад;

– чорум, баъди қабул шудани қарор дар бораи гумонбаршуда эътироф кардани шахс, бинобар бо далелҳои кофӣ тасдиқ шудани ҷой доштани ҳолатҳое, ки дар м. 102 КМҶ ҶТ (ҳамчун асосҳои татбиқи чораи пешгирӣ)

пешбинӣ шудаанд, таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор ҳуқуқ пайдо мекунанд, қарори интихоб ва татбиқи чораи пешгириро то эълон кардани айб қабул намоянд. Ин қарор низ ба ҳолати ҳуқуқии шахси дастгиршуда оғоз намебахшад, балки уҳдадории мурофиавии гумонбаршавандаро зиёд ва имконияти озодона амал кардани вайро боз ҳам маҳдуд мекунад. Бинобар ин, барои гумонбаршаванда эътироф карда шудани шахс ҷой доштани асосҳои воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳатмӣ аст. Асосҳои воқеӣ ҳолатҳои мушаххаси ҳодиса ё зуҳуроти иҷтимоӣ мебошанд, ки гумонбариро тасдиқ мекунанд ё тақвият медиҳанд. Асоси ҳуқуқии гумонбаршаванда эътироф кардани шахс бояд бо қабули қарор дар бораи гумонбаршуда эътироф кардани шахс расмӣ гардонида шавад. Танҳо баъди қабули чунин қарор шахсро ба тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ ҷойгир карда, нигоҳ доштан ба муҳлати то 72 соат иҷозат дода шавад ва ё нисбати ӯ бо иҷозати суд чораи пешгирии ба ҳабс гирифтан, ҳабси хонагӣ ё чораи дигари пешгирӣ ё маҷбурии мурофиавӣ татбиқ карда шавад.

# БОБИ 2. АСОС ВА ШАРТҲОИ ДАСТГИР КАРДАНИ ШАХС БО ГУМОНИ СОДИР КАРДАНИ ҶИНОЯТ

## 2.1. Асосҳои дастгир кардани гумонбаршуда: мафҳум, намуд, тавсифи назариявӣ, амалияи татбиқи он

Дастгир намудани шахс, яъне ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ овардани ӯ ва ба муҳлати кӯтоҳ дар ҷойҳои махсус бо тартиби муқarrаркардаи

қонунгузорӣ нигоҳ доштан фаҳмида мешавад. Таҳлили қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки моҳияти ин амали мурофиавиро муаллифон ватанӣ ва хориҷӣ ҳар хел шарҳ медиҳанд. Аз ин лиҳоз, оид ба мафҳуми дастгиркунӣ фикру ақидаҳои олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ низ гуногунанд. Масалан, олимони ватанӣ Н.А. Қудратов ва З.И. Холхуҷаев дастгир кардани шахсро чунин маънидод намудаанд: «дастгир кардани шахс чораи маҷбуркунии мурофиавие мебошад, ки дар рафти он шахс ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ оварда шуда ба муҳлати кутоҳ дар ҷойҳои махсус бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ нигоҳ дошта мешавад»[106].

Дар алоқамандӣ бо ин, дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ ду намуди мустақили дастгиркунии шахс дар содир намудани ҷиноят пешниҳод карда мешавад: дастгиркунии воқеӣ («ғасб», «ба даст афтидан», «дастгиркунии ғайримурофиавӣ») ва «дастгиркунии мурофивии ҷиноятӣ»[107].

А. Раҳматҷонов, М. Оқилова дастгиршудаи мурофиавиро амали таъхирнопазири тафтишӣ меноманд. Онҳо қайд мекунанд, ки «моҳияти мурофиавии ҷиноятии дастгиркунӣ ҳамчун амали тафтишӣ дар он аст, ки бо қарори муфаттиш, мақомоти таҳқиқи ибтидоӣ, шахси гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноят ба муддати кӯтоҳ аз озодӣ маҳрум гардида, дар ҳабс нигоҳ дошта мешавад»[108]. Ин ақида аз ихтилофҳои ҷиддӣ холӣ нест.

---

[106] Қудратов Н.А., Холхуҷаев З.И. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми умумӣ. Воситаи таълимӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – С. 180.

[107] Раҳматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Низом ва шакли мурофиавӣ-ҷиноятии амалҳои тафтишотӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2011. – С. 85.

[108] Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Курси лексия. – Хуҷанд: Хуросон, 2008. – С. 90.

Аввал ин, ки дастгир кардан на амали тафтишӣ, балки амали мурофиавии ҷиноятӣ мебошад. Чунки мақсади дастгир кардан ҷамъоварии далелҳо набуда, чораи мурофиавии маҷбуриест, ки нисбати иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ барои таъмини рафтори дурусти онҳо ва пешгирии монеъшавӣ ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ татбиқ мешавад. Асос ва тартиби амалҳои тафтишӣ бошад, аз асос ва тартиби татбиқи дастгир кардан фарқи ҷиддӣ дорад. Дуюм, «маҳрум кардан аз озодӣ» яке аз намудҳои асосии ҷазои ҷиноятӣ эътироф шуда (м. 47 КҶ ҶТ), танҳо бо ҳукми суд, ки эътибори қонунӣ гирифтааст, татбиқ мегардад (м. 58 КҶ ҶТ). Маҳрум сохтан аз озодӣ аз ҷудо кардани шахси маҳкумшуда аз ҷамъият бо роҳи дар колонияҳои ислоҳи сукунат, дар колонияҳои ислоҳи низомашон умумӣ, пурзур, сахт, махсус ё дар маҳбас ҷо кардани ӯ иборат аст. Шахси дастгиршуда на дар колонияҳо, балки дар тавқифгоҳи муввақатӣ нигоҳ дошта мешавад. Сеюм, муҳлати маҳрум кардан аз озодиро КҶ ҶТ кутоҳмуддат ё дарозмуддат муайян накардааст. Тибқи қонун маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз шаш моҳ то бисту панҷ сол ва якумра маҳрум кардан аз озодӣ ҳамчун алтернативаи ҷазои қатл барои содир намудани ҷиноятҳои махсусан вазнин муқаррар мешавад. Дастгиркунӣ бо асосҳои пешбиникардаи КМҶ ҶТ аз 72 соат аз лаҳзаи дастгиркунии воқеӣ зиёд идома ёфта наметавонад. Чорум, ҳабс ё ба ҳабс гирифтан чораи пешгирӣ эътироф мешавад, ки танҳо баъди оғози парвандаи ҷиноятӣ, дар асоси қарори муфаттиш бо розигии прокурор ва иҷозати суд татбиқ гардад. Барои дастгир кардан қоидаҳои мазкур амал намекунанд. Бинобар ин, чунин ақидаро мо дастгирӣ карда наметавонем.

Олимони дигар Р.Р. Юлдошев, Н.А. Нозиров ва Ф.С. Имомназаров дастгиркуниро чунин маънидод менамоянд: «Дастгиркунӣ – ин як намуди чораи маҷбуркунии мурофиавӣ мебошад, ки дар муддати кутоҳ бе иҷозати суд, шахси гумонбар дар содир намудани ҷиноят аз озодӣ маҳрум карда

мешавад. Дастгиркунии гумонбаршуда бо гумони бевосита дар содир намудани ҷиноят барои ҷамъ овардани далелҳо ёрӣ мерасонад»[109].

А.Э. Раҳматулоев мафҳуми дастгир кардани шахсро чунин маънидод кардааст: «Дастгир кардани шахс яке аз намудҳои чораҳои маҷбурии мурофиавӣ аст, ки аз маҷбуран ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ овардан ва дар муҳлати кутоҳ дар ҷойҳои махсус (тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ) бо тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ доштан иборат аст»[110].

Мувофиқи ақидаи Р.Р. Раҳматҷонзода ва Н.А. Қудратов онҳо дастгир кардани шахс яке аз намудҳои чораи маҷбуркунии мурофиавӣ аст, ки аз маҷбуран ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ овардани ӯ ва ба муҳлати кутоҳ дар ҷойҳои махсус бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ доштан иборат аст[111].

Р.Р. Юлдошев бар он ақидааст, ки дастгир намудани шахс – ин як намуди чораи маҷбуркунии мурофиавӣ мебошад, ки дар муддати кутоҳ бе иҷозати суд, шахси гумонбар дар содир намудани ҷиноят аз озодӣ маҳрум карда мешавад. Ба ақидаи Р.Р. Юлдошев, Н.А. Нозиров, Ф.С. Имомназаров дар натиҷаи татбиқ намудани дастгиркунӣ аз озодӣ маҳрум намудани гумонбаршуда ё айбдоршаванда фаҳмида мешавад, ки ин баҳснок аст, ки нисбати гумонбаршуда ва айбдоршаванда то баровардани ҳукми суд принсипи эҳтимолияти бегуноҳии шахс (КМҶ ҶТ, м. 15) амал мекунад, аз озодӣ маҳрум намудан яке аз ҷазоҳои асосие мебошад, ки дар моддаи 58 КҶ ҶТ пешбинӣ шуда танҳо аз тарафи судя ҳангоми гунаҳкор донистани шахс бо баровардани ҳукми суд татбиқ карда мешавад[112].

---

[109] Юлдошев Р.Р., Нозиров Н.А., Имомназаров Ф.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. Қисми умумӣ: курси лексияҳо / Зери таҳрири Р.Р. Юлдошев. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 305 с.
[110] Раҳматуллоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2017. – С. 186.
[111] Ниг.: Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери таҳрири н.и.ҳ., Н.А. Қудратов. – Душанбе, 2016. – С. 183.
[112] Ниг.: Юлдошев Р.Р., Нозиров Н.А., Имомназаров Ф.С. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 171-172.

Дастгир кардани шахсро олимони Россия низ амали тафтишотӣ медонанд, ки аз маҷбуран ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ овардани ӯ ва ба муҳлати кутоҳ дар ҷойҳои махсус (нигоҳдории муваққатӣ) бо тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ нигоҳ доштан иборат аст[113]. Лекин, амали тафтишӣ номбар шудани ин чораи маҷбуркунӣ баҳси дигарро ба вуҷуд меорад.

Ақидаи як гуруҳи олимон ба монанди А.В. Ольшевский, А.Л. Протопопов, Б.Т. Безлепкин, В.Н. Григорьев, В.Ю. Мельников, Е.Г. Васильева ва дигарон дастгир карданро чун чораи маҷбуркунии мурофиавӣ, ки ба мавқеи қонунгузории муосир мувофиқ меояд, тавсиф медиҳанд[114].

Гуруҳи дуюми олимон ба монанди А.В. Гриненко, А.П. Аленин, Б.Я. Гаврилов, Е.А. Пидусов, Н.Н. Ковтун, Э.К. Кутуев ва дигарон дастгир карданро – дар як вақт ҳам чораи маҷбуркунии мурофиавӣ, ки моҳияти он дар муҳлати кутоҳ маҳрум кардани озодии шахс ифода мегардад, ва ҳам амалҳои тафтишие, ки ба ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳо додани далелҳо аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ равона гардидаанд, тавсиф менамоянд[115].

Гуруҳи дигари олимон ба монанди С.А. Шейфер, В.Г. Петровский, Н.П. Кузнецов, В.И. Шиканов, А.А. Протасевич ва дигарон бошанд, дастгир карданро ба шумори амалҳои тафтишотӣ мансуб медонанд. Онҳо чунин мешуморанд, ки дастгир кардан ин ҳаракати мустақили тафтишотӣ мебошад.

Дастгир кардани шахс яке аз амалҳои таъхирнопазири мурофиавӣ ҷиноятие мебошад, ки пеш аз оғози парвандаи ҷиноятӣ гузаронида мешавад, менависанд А. Раҳматҷонов, М. Оқилова Моҳияти мурофиавии ҷиноятии дастгиркунӣ ҳамчун ҳаракати тафтишотӣ дар он аст, ки бо қарори муфаттиш, мақомоти таҳқиқи ибтидоӣ, шахси гумонбаршуда дар содир

---

[113] Ниг.: Уголовный процесс: Учебник для студентов юридических вузов и факультетов / Под ред. К.Ф. Гуценко. – М.: Зерцало, 1996. – С. 137; Аленин А.П. Виды и система следственных действий / А.П. Аленин // Правоведение. – 2004. – №1. – С. 87-102; Комментарий к Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации / Отв. ред. Д.Н. Козак, Е.В. Мизулина. – 2 изд., перераб. и доп. – М.: Юрист, 2004. – С. 257.

[114] Ниг.: Уголовный процесс: Учебник для студентов юридических вузов и факультетов / Под ред. К.Ф. Гуценко. – М.: Зерцало, 1996. – С. 137.

[115] Ниг.: Аленин А.П. Асари зикршуда – С. 87-102; Комментарий к Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации / Отв. ред. Д.Н. Козак, Е.В. Мизулина. – 2 изд., перераб. и доп. – М.: Юрист, 2004. – С. 257.

кардани ҷиноят ба муддати кӯтоҳ аз озодӣ маҳрум гардида, дар ҳабс нигоҳ дошта мешавад»[116]. Лекин, ҳарчанд дастгир кардан то оғози парвандаи ҷиноятӣ имконпазир бошад ҳам, дигар қоидаҳои номбаркардаи муаллифон ғалат аст ва онҳо ба талаботи қонун (КМҶ ҶТ) ҷавобгӯ нестанд. Масалан, тибқи КМҶ ҶТ дастгир кардани гумонбаршуда «амали мустақили тафтишӣ» эътироф намешавад; барои дастгиркунӣ қабули қарори мақомоти таъқиби ҷиноятӣ зарур нест; «маҳрум кардан аз озодӣ» ҷазои ҷиноятӣ эътироф шуда, бо ҳукми суд нисбати маҳкумшуда таъин мешавад, лекин дастгир кардан ҷазоро ифода намекунад; дар натиҷаи дастгир шудани шахс ба сифати гумонбаршуда ҳуқуқу озодии вай муваққатан маҳдуд мешавад, на аз озодӣ маҳрум мешавад; минбаъд баъди гузаштани 72 соати муқарраршуда, нисбати вай ҳабс бо қарори суд иҷозат дода мешавад ё шахс аз тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ озод мешавад. Ба андешаи мо гумонбаршаванда на «аз ҳабс» чи хеле, ки қ.3 м. 92 КМҶ ҶТ пешбинӣ кардааст ва на аз эҳтимоли минбаъд ҷалб шудан ба ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад. Аз ин бармеояд, ки баъди гузаштани муҳлати 72 соат ва аз тавқифгоҳои нигоҳдории муваққатӣ озод карда шудани гумонбаршаванда таъқиби ҷиноятӣ нисбати у хотима намеёбад, аз ҷумла мумкин аст дар ҳаққи у чораи дигари пешгирии дар қонун пешбинишуда татбиқ гардад.

Ҳангоми мавҷуд будани яке аз асосҳои дар м.м. 91, 92, 94-и КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, шахси дар содир намудани ҷиноят гумонбаршуда дастгир карда мешавад. Дар ин хусус фавран дар давоми 3 соати баъди дастгиршавии шахс бояд протокол тартиб дода, ба муфаттиш ё таҳқиқбаранда барои ҳалли масъалаи дастгиршавии мурофиавии ӯ, супорида шавад.

Зери мафҳуми воқеан дастгир кардани шахс, маҳрум кардани ӯ аз имконияти озод гаштан ва анҷом додани ҳаракатҳои дигар тибқи иродаи худ (дастгиршавӣ, ҷисман нигоҳ доштан, дар манзили зист маҳкам кардан,

---

[116] Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. Курси лексия. – Хуҷанд: Ношир, 2008. – С. 90.

маҷбур кардан ба ягон ҷой рафтан ё ин ки дар ҷои худ мондан ва ғайра) фаҳмида мешавад»[117].

Дар КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди шахсоне пешбинӣ гаштааст, ки нисбати онҳо дастгир кардан татбиқ мегардад:

– нисбат ба гумонбаршуда дар содир намудани ҷинояте, ки барои он ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ё нигоҳ доштан дар қисмҳои ҳарбии интизомӣ пешбинӣ шудааст, дар асоси гумони бевосита дар содир намудани ҷиноят;

– нисбат ба айбдоршаванда ва судшавандае, ки қоидаҳои чораи пешгирии нисбат ба ӯ татбиқшударо вайрон намудааст, дар асоси қарори мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ё судя;

– нисбат ба маҳкумшудае, ки дар ҳаққи ӯ пешниҳоди мақомоти ваколатдор дар бораи бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо (м. 71 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан (м. 76 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон), мавқуф гузоштани адои ҷазо (м. 78 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) мавҷуд аст, дар асоси қарори суд, судя.

Аз рӯйи ҳолатҳои дар боло овардашуда чунин мешуморем, ки дар зери сабаби дастгир кардан, бояд хулоса ва ангезаи субъективии шахси мансабдори мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ фаҳмида шавад, ки ба дастгир кардан асос мегарданд. Асоси дастгир карданро чун маълумоти воқеӣ оид ба хавфи дар озодӣ будани шахсе, ки дар содир кардани ҷиноят гумонбар дониста шудааст, аз тафтишот ё таҳқиқ пинҳон шуда метавонад, фаъолияти ҷинояткориашро давом дода истодааст ё ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ монеъ шуда истодааст, мебояд фаҳмид.

Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мафҳуми лаҳзаи воқеан дастгир шудани шахс оварда шудааст (м. 6 КМҶ ҶТ), ки мувофиқи он лаҳзаи воқеан дастгир шудан – ин лаҳзаи маҳдуд шудани озодии ҳаракати шахс ба ҳисоб

[117] Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2009, таҳти №21 // Маҷмуаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2009-2015). Қисми 2. – Душанбе, 2015. – С. 134.

меравад. Минбаъд, дар қ. 1 м. 92 гуфта шудааст, ки баъди ба мақомоти таҳқиқ овардани гумонбаршуда муфаттишро зарур аст, ки дар муддати 3 соат протоколи дастгиркунии гумонбаршударо тартиб диҳад. Аз таҳлили меъёрҳои овардашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки байни боздошт, дастгиркунии воқеӣ, дастгиркунӣ ва овардани гумонбар ба мақомот холигии ҳуқуқӣ мавҷуд аст. Муносибати мурофиавии байни дастгиршуда ва таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор танҳо баъди ба мақомот овардани шахси дастгиршуда оғоз мешавад[118].

Ҳаминро қайд намудан зарур аст, ки дар Дастурамал «Дар бораи дастгиркунӣ»[119], ки 24 октябри соли 2012 бо санади Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, мафҳуми дастгиркунии воқеӣ чунин пешбинӣ карда шудааст: дастгиркунии воқеӣ – лаҳзаест, ки шахси дастгиркунанда озодии гаштугузор ва интихоби амали шахсро маҳдуд менамояд. Муҳлати дастгиркунӣ аз лаҳзаи маҳдудкунии озодии гаштугузор ва интихоби амалҳо ҳисоб карда мешавад.

Дастгир кардан ҳамчун амали мурофиавӣ, дар ҳама ҳолатҳо, танҳо дар асоси тартиби муқарраркардаи қонун (м.м. 92, 94, 95, 97 КМҶ ҶТ) амалӣ мешавад. Ба сифати асосҳои ҳуқуқии дастгир кардани шахс, ба фикри мо, бояд ҳамаи далелҳои воқеиро, ки қонунгузор барои маҷбуркунии мурофиавӣ пешбинӣ карда аст (меъёрҳои диспозитивӣ), номидан мумкин аст.

Маълумоте, ки аз сарчашмаҳои дар м.м. 72, 92 КМҶ ҶТ нишондода гирифта шудаанд, мумкин иттилооти гуногун дошта бошанд. Лекин, барои он ки онҳо барои муайян кардани асоси боздошт истифода бурда шавад, бояд минбаъд асоси дастгир кардани шахси гумонбаршуда барои содир кардани ҷиноят, ки мумкин аст аз озодӣ маҳрум шавад, хизмат намоянд.

---

[118] Ниг.: Мельников В.Ю. Задержание подозреваемого как мера принуждения: от подозрения к подозреваемому / В.Ю. Мельников // Правоведение. – 2005. – №2. – С. 97, 115.
[119] Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгиркунӣ» аз 24 октябри соли 2012, таҳти №5-60 // Маҷмӯи Фармону дастурамалҳои Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015. – С. 156.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ асоси боздошт оид ба гумонбарӣ барои содир кардани ҷиноят, чун муқаррароти қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ маънидод карда шудааст, ки як қисми муаллифон онро дар як вақт, ҳамчун асоси ба вуҷуд омадани гумонбарӣ дар бораи иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят ва асоснок кардани қарор дар бораи дастгиркунӣ ҳисоб мекунанд[120].

Дар қонунгузории амалкунанда дар байни асосҳои гумонбарӣ ва асосҳои боздошт (дастгир кардан) ягон фарқият гузошта намешавад. Агарчанде, ки гумонбарӣ ва дастгиркунӣ бо якдигар иртиботи ягона дошта бошанд ҳам, дар асл онҳо қисмҳои гуногуни фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ мебошанд. Аз ин хотир, матни дар м. 92 КМҶ ҶТ баёншуда таҳрирро талаб мекунад.

Тибқи назари А.Э. Раҳматулоев, Ф.И. Раҷабов гумонбарӣ пеш аз дастгир кардан ба вуҷуд меояд. Дастгир кардан натиҷаи гумонбарӣ аст ва ҳамчун чораи маҷбуркунӣ на аз як амали мурофиавӣ, балки аз маҷмӯи амалҳои мурофиавӣ иборат аст, пайдарҳам ва бо тартиби муайянкардаи қонун амалӣ мешавад, онҳо аз рӯйи мазмун боздошти шахс, дастгиркунӣ ва гумонбар эътироф шуданро муттаҳид мекунанд:

– дар вақти содир кардани ҷиноят ё бевосита баъди содир кардани он бо истифодаи чораҳои дар қонун пешбинишуда боздошт кардани шахс дар ҷойи ҳодиса, маҳрум карда шудани шахс аз амалҳои мустақилона ва озодона;

– маҷбуран, яъне новобаста аз хоҳиш ва иродаи дастгиршуда ҳозир кардани вай ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ;

– ба тариқи шифоҳӣ фаҳмонидани асосҳои дастгир кардан, ҳуқуқу уҳдадориҳо, имконият ба занги телефонӣ ва даъвати ҳимоятгар;

– кофукови шахсии дастгиршуда бо иштироки шахсони холис;

– муоинаи тиббии дастгиршуда бо иштироки мутахассиси соҳаи тиб, ҳимоятгар ва шахсони холис;

– тартиб дода шудани протоколи дастгиркунӣ;

– ҷойгир кардан ба тавқифгоҳи муваққатӣ;

---

[120] Ниг.: Юлдошев Р.Р. Научно-практический комментарий к отдельным главам Уголовно-процесуального кодекса Республики Таджикистан. – М.: «Юстиция», 2016. – С. 21.

– ба тариқи хаттӣ хабар додан ба прокурор;

– хабардор кардани аъзои болиғи оила ё хешовандони наздики дастгиршуда.

Танҳо дар сурати риоя ва иҷрои амалҳои номбаршуда, дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят қонунӣ дониста мешавад[121].

Хулосаи зерин чунин асос дорад, ки таъиноти дастгиркунӣ ва гумонбарӣ тамоман дигар аст. Гумонбарӣ бо мақсади муайян кардани дараҷаи эҳтимолии иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят ва дар асоси он шахси мазкурро ба ҳайси гумонбаршуда дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ бо пешниҳоди ҳуқуқу ӯҳдадориҳои аз тарафи қонун муқарраркардашуда таъмин кардан аст. Табиист, ки дастгиркунӣ чунин мақсадро дар назди худ намегузорад, зеро мақсади гумонбарӣ ва боздошт аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ин ҳолат бояд ба инобат гирифта шавад. Бо роҳи аниқ кардани фаҳмиши ин мафҳумҳо мазмуни фаъолияти таъқиби ҷиноятии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ғанӣ мегардад.

Дар муқоиса Н.А. Козловский андешае баён мекунад, ки мутобиқи он ҳолатҳое, ки дар моддаи 122 КМҶ ИҶШС (м. 92 КМҶ ҶТ) нишон дода мешаванд, на асос барои дастгиркунӣ, балки асос барои гумонбарӣ хизмат мекунад. Азбаски аз ҷиҳати мазмун меъёрҳои он иштироки шахсро дар содир кардани ҷиноят пешбинӣ мекунад, пас рафтори гумонбаршуда пешгӯӣ намешавад. Асоси дастгиркунӣ тибқи талаботҳои дар қ. 1 м. 89 КМҶ ИҶШС (с. 3 қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ) зикршуда эътироф мешавад. Дастгиркуниро бо ҳамин асоснок кардан мумкин аст, ки агар шахси барои содир кардани ҷиноят гумонбаршуда дастгир карда нашавад, ӯ мумкин аст, ки аз тафтиш пинҳон шавад, ё фаъолияти ҷинояткоронаи худро идома диҳад ё ба тафтиши ҷиноят

---

[121] Ниг.: Раҳматулоев А.Э., Сангинов А.Б. Низом ва шакли мурофиавии ҷиноятии амалҳои тафтишотӣ. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2011. – С. 72-76; Раҷабов Ф.И. Асосҳои ҳуқуқӣ ва тартиби дастгир кардани шахс дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ / Ф.И. Раҷабов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ «Робитаҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ: ҳолат ва дурнамо». Қисми 2. – Хуҷанд: Дабир, 2019. – С. 116-120.

монеъ гардад. Ба андешаи Ф.И. Раҷабов барои дастгиркунӣ асосҳои дигар мавҷуд нест[122], ки фикри мо, дуруст аст.

А.И. Сергеев дуруст қайд мекунад, ки ба фикри як қатор муаллифон оид ба асосҳои дастгиркунии гумонбаршуда ҳабси шахс чораи ягона мебошад, розӣ нашудан мумкин нест[123].

Агар барои қабули қарор дар бораи зарурати дастгиркунӣ ба далелҳо ва маълумоти бадастомада такя кунем, ки ҳоло шакли далелҳои мурофиавиро нагирифтааст, пас қабули қарор дар бораи татбиқи чораҳои пешгирӣ барои шахсе, ки барои содир кардани ҷиноят гумонбар шудааст, танҳо дар асоси далелҳои асоснок бояд амалӣ шавад.

Маҳз барои ҳамин қонунгузории ватанӣ чораҳои пешгириро нисбати шахс, ки дар содир кардани ҷиноят гумонбар дониста мешавад бо ҳолатҳои дар м. 92 КМҶ ҶТ нишон додашуда, алоқаманд намекунад. Чунки қабул карда шудани чунин қарорро қонун пешбинӣ накардааст.

Бояд зикр намуд, ки маънидоди қоидаҳои дар қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ баёншуда, аз Оинномаи пешбурди судии ҷиноятии соли 1864 (м. 257) сарчашма гирифта, мутобиқи он асос барои дастгир кардан ва маҷбуран овардани гумонбаршуда набуда, балки шарти инобати аз тарафи политсия истифода бурдани чораи пешгирӣ мебошад (м.м. 256, 416)[124].

Дар байни кормандони амалия ва назария оид ба масъалаи асосҳо барои татбиқи чораи мазкури маҷбуркунии мурофиавӣ фикри ягона мавҷуд нест.

Дар забони русӣ истилоҳи «асосҳо» бо истилоҳи «сабаб» бо маънидоди ягона барои муайян кардани як зуҳурот, ки зуҳуроти дигарро ба вуҷуд меорад, истифода мешавад, то ки онро пайваста боэътимод гардонад[125]. Ба андешаи мо сабаб ва моҳияти манбаъ ишора мекунад, асос ҳолатҳое

---

[122] Ниг.: Раҷабов Ф.И. Асосҳои ҳуқуқӣ ва тартиби дастгир кардани шахс дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ / Ф.И. Раҷабов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ «Робитаҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ: ҳолат ва дурнамо». Қисми 2. – Хуҷанд: Дабир, 2019. – С. 116-120.
[123] Ниг.: Сергеев А.И. Задержание лиц, подозреваемых в совершении преступления, по советскому уголовно-процессуальному закону. – Горький: ГВШ МВД СССР, 1976. – С. 11.
[124] Ниг.: Судоустройство и уголовный процесс России: 1864 год: сборник нормативных актов. – Воронеж: Изд-во Воронежского гос. университета, 1997. – С. 73-246.
[125] Ниг.: Ожегов С.И. Словарь русского языка. – М.: Русский язык, 1983. – С. 422, 554.

мебошад, ки воқеан ҷой доштани онҳо тибқи қонун бояд муайян карда шавад.

А.В. Солтанович қайд мекунад, ки чунин мафҳумҳо ва асосҳои пайдоиши гумонбаршуда қисми муҳимтарини мазмуни ҳолати мурофиавии ӯро ташкил медиҳад. Бидуни пурра ва ҳаматарафа муайян кардани он, масъалаи баррасии ҷиҳатҳои дигари он, пеш аз ҳама кафолати ҳуқуқҳои субъективии гумонбаршуда, ки мутобиқи он вай ҳуқуқ пайдо мекунад, ки нисбати гумонбарии ки ба муқобили ӯ пешбаришуда, чораҳо андешида худро ҳифз намояд[126].

Қисми зиёди муаллифон қайд менамоянд, ки асос барои дастгиркунӣ ин маълумоти дар асоси қонун пешбинишуда аст, ки дар бораи аз тарафи шахс содир намудани ҷиноят шаҳодат медиҳад ва барои содир кардани ҷиноят дар қонун ҷазои маҳрум кардан аз озодӣ пешбинӣ шудааст[127].

Дар адабиёти мурофиавӣ ба саволи дар зери мафҳуми «маълумоти воқеӣ» чӣ фаҳмида мешавад, фикру ақидаҳои мухталиф арзи вуҷуд мекунад. Як қатор муаллифон дар он ақидаанд, ки дар ҳолати мавҷуд будани ин маълумот ба сифати асос мумкин «ҳамаи маълумоти аз сарчашмаҳои гуногун гирифташуда, ки дар қонун пешбинӣ шудааст», яъне далелҳо, истифода бурда шаванд[128].

Чунин андеша қобили қабул нест, зеро он фарогири «фикрониҳои аз ҳад зиёд дар атрофи чунин маълумот буда, барои ҳамчун асоснок кардан истифода мешавад».

Ба фикри ин гуруҳи муаллифон маълумоти пешниҳодшуда на танҳо аз сарчашмаҳои мурофиавӣ, балки аз сарчашмаҳои ғайримурофиавӣ, яъне аз

---

126 Ниг.: Солтанович А.В. Право подозреваемого на защиту в уголовном процессе республики Беларусь: дис. … канд. юрид. наук. – Минск, 1992. – С. 12.
127 Ниг.: Рахимзода Р.Х. Государственная защита участников уголовного судопроизводство. – Душанбе: Ирфон, 2014. – С. 52.
128 Ниг.: Ивлиев Г.П. Основные применения мер процессуанального принуждения: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1998. – С. 69.

сарчашмаҳои хусусияти иттилоотӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯидошта низ, буданаш мумкин аст[129].

Дар сохтори асосҳои дастгиркунӣ ду унсурро ҷудо мекунем:

а) Маълумоте, ки бо қонун муқаррар карда шуда, асоси гумонбар донистани шахс дар содир кардани ҷиноят ба ҳисоб меравад.

б) Маълумоте, ки дар асоси он ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ин шахс аз таҳқиқ ва тафтиш паноҳ бурда, барои исбот кардани ҳолатҳои воқеан ҷойдоштаи ҳодисаи рухдода монеъ мешавад ё фаъолияти ҷиноятқоронаи худро идома медиҳад.

Ҳар яки ин унсурҳо барои қабули қарор дар барои дастгиркунӣ кофӣ нест. Танҳо дар якҷоягӣ онҳо метавонад дар бораи зарурати таъхирнопазири дар тавқифгоҳ муваққатан нигоҳ доштани шахси муайян асоси ягона ба вуҷуд оранд.

Лекин, чунин мавқеъ ба фикри мо номукаммал ва дақиқ нест.

Якум, қонун ба сифати асосҳои мустақил барои дастгиркунӣ на танҳо мавҷуд будани маълумоти бадастомада, балки асосҳои (далелҳои) ҳуқуқиро пешбинӣ мекунад.

Дуюм, мутобиқи қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ қонун талаб мекунад, ки ҳамчун асоси дастгиркунӣ на танҳо маълумоти воқеӣ, балки танҳо сарчашмаҳое, ки аз ин маълумот гирифта мешавад, истифода гардад.

Сеюм, унсури аз с. 3 ҷудокардашуда, яъне асосе мавҷуд аст, ки мақомоти тафтиши пешакӣ онро ҳангоми дастгиркунӣ ҳамчун дастури роҳбарикунанда истифода мебарад. Ба ҳайси асосҳои дастгиркунӣ бояд маълумоти воқеӣ, дар бораи ҷой, иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят собит менамояд, ё он амалҳои мурофиавие, ки аз ҷониби мақомоти тафтиши пешакӣ гузаронида мешавад, дохил карда шаванд.

А.Э. Раҳматулоев чунин меҳисобад, ки агар дастгир кардан баъди оғози парвандаи ҷиноятӣ иҷро шуда бошад, ҳангоми муайян кардани асосҳои

[129] Ниг: Советский уголовный процесс. – М.: ВШ МСБ, 1973. – С. 315.

дастгиркунӣ он ҳолатҳое, ки дар м. 85 КМҶ ҶТ зикр шуда, дар маводҳои парвандаи ҷиноятӣ инъикоси худро ёфтаанд, ҳамчун далел ба инобат гирифта мешавад.

Дастгир карданро бояд чун амали мурофиавӣ барои муайян кардани маълумоте, ки натиҷаро инъикос мекунад, фаҳмидан зарур аст, ки дар м. 85 КМҶ ҶТ ҳамчун аҳамияти мавзуи исбот дониста шудааст[130].

Асоси қонунӣ на аз маълумоти воқеӣ, ки дар бораи аз тарафи шахс содир кардани ҷиноят, балки аз рӯйи сарчашмаҳои, дастрас мегардад, муайян карда мешавад.

Агар маълумот дар бораи аз тарафи маҳз ҳамин шахс содир шудани ҷиноятро инъикос намояд, пас яке аз ҳолатҳое муайян мешавад, ки дар м. 85 КМҶ ҶТ ба сифати мавзуи исбот нишон дода шудааст.

Мутобиқи м. 92 КМҶ ҶТ барои дастгир кардани шахси, гумонбар дар содир кардани ҷиноят мавҷуд будани яке аз асосҳои дар қонун зикршуда, зарур аст.

Таҳлили м. 92 КМҶ ҶТ собит менамояд, ки дар меъёрҳои қонун дар бораи асоси воқеии дастгиркунӣ маълумот нишон дода нашудааст.

Дар моддаи мазкур шаклу усулҳои дигари ба даст овардани маълумоти асоснок истифода мешавад, ки он аз намудҳои дигар ба даст овардани далелҳои дар м.м. 74, 86, 88 КМҶ ҶТ зикршуда, фарқ мекунад.

Чӣ тавре, ки аз ҳолатҳои номбаршуда мебинем, ҳеҷ кадоме аз ин ҳолатҳо дар қонун ҳамчун сарчашмаи далелҳо инъикос нашудааст (қ. 2 м. 72 КМҶ ҶТ), ки ин тасодуф нест.

Аз ҳолат ва сарчашмаҳои дар м. 92 КМҶ ҶТ нишон додашуда, танҳо маълумот дар бораи гумонбар шудани шахс дар содир кардани ҷиноят, инчунин барои қабули қарор дар бораи дастгир кардан асос шуда метавонад.

Асоснокӣ ва воқеӣ будани чунин маълумот бояд мавриди тафтиш ва ва баҳодиҳии ҳуқуқӣ қарор дода шуда, шахсияти нафари барои содир кардани

[130] Ниг.: Раҳматулоев А.Э. Доказывание – как форма деятельности органов дознания и предварительного следствия / А.Э. Раҳматулоев // В сб. науч. трудов «Верховенства закона – основа укрепления государственой независимости». – Худжанд, 2010. – Вып. 2. – С. 30-39.

ҷиноят гумонбаршуда бояд муайян карда шавад. Аз ин рӯ, ҳолатҳое, ки дар асоси он дастгиркунӣ амалӣ мешавад (с. 1 қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ) ва инчунин сарчашмаҳое, ки аз он маълумот гирифтан мумкин аст, барои гумонбарӣ дар содир кардани ҷиноят аз тарафи ҳамин шахс асос шуда метавонад (с. 2 ва 3 қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ).

Барои ба вуҷуд омадани асосҳои бевосита барои дастгиркунӣ, ки дар с. 1 ва 3 қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, бояд маълумоти муайян, ки асоси дастгиркуниро ташкил медиҳад, таҳлил карда шаванд.

Мазмуни ин асосҳо имконият медиҳад, ки қарор дар бораи дастгир кардан қабул карда шавад. «Мустақилият» ва «ҳатмият» - и асосҳо барои дастгиркунӣ, инчунин мавҷуд будани заминаҳои ҳуқуқии дар қонун нишон додашуда, барои иҷрои он асос шуда метавонад[131].

Чун қоида, дастгиркунӣ «ҳангоми содир кардани ҷиноят ё ки баъди бевосита анҷом додани он амалӣ мешавад, чунин маъно дорад, ки дастгиркунӣ дар рафти содир карда шудани ҷиноят, ё ки баъди хотима ёфтан, дар ҷои содир шудани он иҷро шуда метавонад»[132].

Асосҳои мустақил, ки дар с. 1 м. 92 КМҶ ҶТ омадааст, аз ҷиҳати сохтор аз як унсур иборат мебошад. Он тасдиқи аз тарафи шахси муайян содир кардани ҷиноят ё воқеан ҷой доштани аломати ҷиноят мебошад. Истилоҳи «дастгиркунии таъҷилӣ» бинобар мавҷуд будани ин асос ба миён меояд ва хусусияти бетаъхир амалӣ карда шудани дастгиркуниро тақозо менамояд.

Имконияти бо ҳамин асос боздошт шудани шахс дар ҳолатҳои мазкур, дар сурати мавҷуд будани маълумоти зерин амалӣ мешавад:

а) шахс ҳангоми содир кардани ҷиноят боздошт карда шуд.

б) шахс баъди анҷоми бевоситаи ҷиноят дастгир карда шуд.

Ҳолати мазкури қонунро бо дигар шакл маънидод кардан низ мумкин аст: ҳангоми содир кардани ҷиноят дастгир шудан чунин маъно дорад, ки ӯро дар ҳолати омодагӣ ба сӯиқасди содир кардани ин ҷиноят дастгир карданд.

---

[131] Ниг.: Гаврилов А.К., Глазырин Ф.В. Следственная действия. – Волгоград: ВСШ МВД СССР, 1984. – С. 95.
[132] Научно-практический комментарий УПК РСФСР / Под ред. А.Н. Семернова. – М.: Юрлит., 1970. – С. 176.

Ин амалҳо аломати таркибии ҷинояти ба охиррасидаро ташкил мекунад. Пешгирии ҷиноят дар марҳилаи сӯиқасд, нисбат ба марҳилаи тайёрӣ ба он имконият медиҳад, ки самти ҳақиқии амали шахс муайян карда шавад.

Нафароне, ки амалҳои шахсро мушоҳида кардаанд ё ин шахсро дар ҷойи ҳодиса дар чунин ҳолат дарёфтанд, бояд бевосита ҳаракат ё қисми ин ҳаракати содиршударо мушоҳида намуда, мазмуни ҷинояткорона доштаи онро дарк намоянд.

Агар онҳо танҳо натиҷаи ҷиноят ва бо ягон сабабҳои дигар алоқаманд будани онро мушоҳида кунанд, пас дар чунин ҳолат зарурати дастгиркунӣ бевосита баъди анҷоми ҷиноят ба миён меояд.

Шаҳрванд ҳамон вақт баъди анҷоми ҷиноят дастгиршуда ҳисобида мешавад, ки агар он дар ҷои ҷиноятсодиршуда, баъди анҷоми амали ҷинояткорона ва ё дар ҳолати фирор кардан аз ҷои ҳодиса дастгир карда шуда бошад.

Муҳим он аст, ки дар ҳолати дарёфт кардани ҳаракати ғайриқонунии шахси гумонбаршуда он бояд аллакай анҷом ёфта бошад.

Агар ба шахси таъқибшаванда пинҳон шудан муяссар гашта бошад, пас нисбати ӯ дастгиркунӣ мутобиқи м. 92 КМҶ ҶТ бо асосҳои дигар амалӣ карда мешавад.

Ҳама гуна ҳолат аз пайдошавии асосҳои ҳуқуқӣ вобаста мебошад, бевосита баъди анҷоми содиркунии ҷиноят шахс бояд дастгиркарда шавад, агарчанде, ки ӯ ҳангоми амали ҷинояткорона аз оқибати хавфноки ҷамъиятии он даст кашидааст, лекин он амалҳои содир кардаи ӯ нишонаҳои ҷиноятро ташкил медиҳанд.

Дар бораи имконияти дастгир кардани шахс, ки бевосита баъди анҷоми ҷиноят дастгир шудааст, сухан ронда, бояд дар назар дошт, ки қонун он ҳолатҳоеро дар назар дорад, ки шахс аллакай амалҳои ҷинояткорона содир накунад ҳам, лекин дар ҷои ҳодиса дарёфт кардани ӯ, симои ӯ, шароит ва дигар ҳолатҳо дар якҷоягӣ барои дастгир кардан асос шуда метавонад.

Асоси дастгиркунӣ бо тариқи хабар, ариза, гузориш, нишододҳо ва ё дар асоси маълумоти дар протоколи амалҳои тафтишӣ дарчёфта ҳам, муқаррар карда мешавад.

Дар амалия хатогиҳои зерини асосҳои боздоштро вохӯрдан мумкин аст. Масалан, ҳаракатҳои шахсе, ки ҳангоми содир кардани ҳуқуқвайронии маъмурӣ дастгиршуда, рафторҳои зиддиахлоқӣ ва ё амалҳои камаҳамиятие, ки ба нишонаҳои дар қ. 2 м. 17 КҶ ҶТ омада мувофиқат менамояд, ҳамчун амали ҷинояткорона эътироф карда мешаванд.

Дар баъзе ҳолатҳо шахсоне, ки аз ҷои содиршавии ҷиноят на он қадар дуранд, бидуни мавҷуд набудани ягон маълумот дар бораи ҳамроҳ будани ӯ ба ин ҷиноят боздошт карда мешаванд. Лекин, як ҳолати дар наздики маҳалли содиршави ҷиноят қарор доштани шахс, барои дастгир кардани мурофиавии шахс асоси қонунӣ шуда наметавонад, бинобар ин чунин ҳолат бояд барои озод карда шудани гумонбаршуда аз тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ асос дониста шавад.

Қайд карда мешавад, ки асос барои дастгир кардани мурофиавӣ маълумоти воқеӣ дар бораи ҳангоми содир кардани ҷиноят ва ё бевосита баъди содир кардани ҷиноят дастгир кардани шахс, ки дар қонунҳои амалкунанда муқаррар шудааст, дониста шавад.

Чунин маълумот мумкин аст, аз намояндагони ҳокимият, аҳли ҷомеа, шаҳрвандон, ки гумонбаршударо дар ҷои содиркардани ҷиноят дастгир намуда, онро ба мақомоти таҳқиқ ва ё муфаттиш интиқол додаанд ва онро чунин асоси мустақили боздошт ҳисобидан мумкин аст.

Дар чунин ҳолат, ба фикри мо шахс бояд дар асоси муқаррароти сархати 2 қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ боздошт карда шавад. Ин маълумотро низ чун сабаби оғози парвандаи ҷиноятӣ ва инчунин чун хабар дар бораи содир шудани ҷиноят, ки аз сарчашмаҳои дигар ба даст омадааст, ҳисобидан мумкин аст (қ. 1 м. 140 КМҶ ҶТ).

Лекин на ҳама асосҳои боздошт, ки дар қонуни амалкунанда пешбинӣ шудаанд, баҳсро ба вуҷуд меоранд. Танҳо муқаррароти дар сархатҳои 2-3 қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ нишон додашуда ихтилоф ҷой дорад. Ба он дохил мешаванд:

а) маълумоти воқеӣ, ки боздоштро чун иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят, ки барои он ҷазо дар шакли маҳрум кардани шахс аз озодӣ муқаррар карда мешавад, муайян мекунад.

б) сарчашмаҳое, ки онро қонун муайян кардааст.

Маълумоти нишондодашуда яке аз асосҳои боздошт аст, ки чун як ҳолати мустақил дар м. 92 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст.

Мутобиқи сархати 2 қ.1 м. 92 КМҶ ҶТ шахс мумкин аст, боздошт карда шавад, агар ҷабрдида ва ё шоҳид дар бораи аз тарафи ин шахс содир кардани ҷиноятро нишон диҳанд ё бо тартиби пешбининамудаи қонун боздошт намоянд.

Ҳангоми таҳлили асоси мазкур зарур аст, ки мафҳуми «шоҳидон» - и ҷиноят муайян карда шавад. Шоҳид шахсест, ки бевосита ин ё он ҳодисаро дидааст ва ё мушоҳида кардааст, лекин ҳолати ҳуқуқии вай баъди оғози парвандаи ҷиноятӣ муайян мешавад.

Ба мақсад мувофиқ аст, мантиқан шахсеро, ки ҳодисаро мушоҳида кардааст ё дар ин бора маълумот дорад – то оғози парвандаи ҷиноятӣ «шахсони воқиф аз ҳодиса» номида шавад. «Гувоҳ» ё «шахси воқиф аз ҳодиса» то оғози парвандаи ҷиноятӣ пурсиш карда намешавад, лекин баёноти онҳо гирифта мешавад, ки тибқи қонун яке аз амалҳои мурофиавии тотафтишӣ эътироф мешавад. Нисбати гувоҳ қоидаҳои дар м. 56 КМҶ ҶТ ва нисбати шахси аз ҷиноят «зарардида» қоидаҳои дар м. 42 КМҶ ҶТ пешбинӣ шуда амал намекунанд. Дар бораи маълумоти «гувоҳ» (на шоҳид) ва шахсони аз ҷиноят «зарардида» (на ҷабрдида) муаллифон Н.С. Манова, Ю.В. Францифоров, Р.Р. Юлдошев низ қайд кардаанд[133]. Ин шакли ифода дар қонунгузорӣ ва таҷрибаи давлатҳои дигар бевосита мушоҳида мешавад.

---

[133] Ниг.: Манова Н.С., Францифоров Ю.В., Юлдошев Р.Р. Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан. – Душанбе: Андалеб-Р, 2016. – С. 103.

Масалан, м. 132 КМҶ Қазоқистон[134], м. 91 КМҶ ФР[135], м. 94 КМҶ Ҷумҳурии Қирғизистон[136] шоҳидро то оғози парвандаи ҷиноятӣ ҳамчун гувоҳи ҳодиса пешбинӣ мекунад.

Дар зери мафҳуми «шахси воқифи ҳодиса» шахсеро дар назар доранд, ки ҳангоми содир шудани ин ё он ҷиноят дар ҷои воқеа ҳузур дошта, аз тарафи ин ё он шахс содир кардани ҷиноятро тасдиқ менамояд. Баъди оғози парвандаи ҷиноятӣ «шахси воқиф» ба сифати шоҳид пурсиш мешавад. Шахсони аз ҷиноят «зарардида» бо тартиби муқарраркардаи қонун бо қарори мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҷабрдида эътироф шуда, пурсиш карда мешавад[137].

Ба фикри мо, ақидаи муаллифон дар он хусус, ки «бо нишондоди бевоситаи шоҳидон, ки барои боздошт асос мегардад, ҳамин чиз ба инобат гирифта мешавад, ки мутобиқи он нишондоди як ва якчанд шоҳид дар бораи шахсият ва намуди зоҳирии ҷинояткор муайян карда мешавад»[138] на он қадар дақиқ аст, агар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ оғоз нашуда бошад.

Муайян кардани танҳо намуди зоҳирии шахс, маълумоти ӯро дар бораи ҷинояти содир кардаи шахси муайян пурра ифода карда наметавонад. Ба фикри мо «муайян кардани намуди зоҳирии шахсро на барои асоси дастгир кардани мурофиавӣ, балки барои асоси ҷустуҷӯ, мутаалиқ донистан равост.

Ҳолати ҳуқуқии шахси воқиф, нисбат ба ҷабрдида аз тарафи қонун муайян карда нашудааст. Ин имконият медиҳад, ки ҳолати ҳуқуқии гувоҳ бо тариқи гуногун маънидод карда шавад.

Баъзе олимони соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ ба нишондоди «шахси воқиф» танҳо баёноти шоҳидонро, ки бевосита содиршавии ҷиноятро мушоҳида

---

[134] Уголовно-процессуальный кодекс Республики Казахстан. – Акмола, 13 декабря 1997 года, №206-I.
[135] Ниг.: Комментарий к Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации // Отв. ред. Д.Н. Козак, Е.Б. Мизулина. – 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Юристъ, 2004. – С. 92-93.
[136] Уголовно-процессуальный кодекс Кыргызской Республики. – Бишкек, 2001 // В редакции закона КР от 8 августа 2004 года, №111; 22 июля 2005 года, №112.
[137] Ниг.: Алиева П.Х. Правовое положение потерпевшего в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан: монография. – Душанбе: Андалеб-Р, 2016. – С. 20.
[138] Коментарий к УПК РСФСР – М.: Юрлит., 1981. – С. 165.

кардаанд[139], дигарон бошанд ҳам баёноти шоҳидон ва ҳам шарикони ҷиноятро (гумонбаршуда, айбдоршуда) дар бораи иштирокашон ба содиршавии ин ҷиноят маънидод менамоянд.

Бо ҳамин ченак шахси бо ихтиёри худ ба содир кардани ҷиноят иқроршуда низ баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳангоми таҳлили нуқтаи назари мазкур, ба фикри мо «шахси воқиф аз ҳодиса» ва шоҳиди ҷиноят вазъи ягонаи мурофиавӣ надорад ва якхела маънидод карда намешавад.

Якум, дар қонун оид ба «шахси воқиф « гуфта шудааст, на дар бораи шоҳидони ҷиноят, ва дуюм на дар бораи шаҳодати «гумон», балки дар бораи маълумоти онҳо, ки ҳаммаъно нестанд. Маълум аст, ки дар бораи нишондоди ҷабрдида андеша карда, қонунгузор онро дар назар дорад, ки нишондоди ҷабрдида чун шакли мустақили далел, ки дар с. 2 қ. 2 м. 72 КМҶ ҶТ муқаррар карда шудааст, пазируфта мешавад.

Ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятӣ шоҳиди ҳодиса мумкин аст умуман дар ҷои ҳодиса ҳузур надошта бошад, маълумот дар бораи вай мумкин аст минбаъд дар рафти тафтишот муқаррар карда шавад. Дар чунин ҳолат, нишондоди ӯ дар бораи шахси ҷиноят содиркарда, бояд дар протоколи пурсиши шоҳидон қайд карда шавад.

Дар он бояд маълумот дар бораи ҳолатҳои содиршавии ҷиноят аз тарафи шахси муайян зикр карда шавад. Чунин маълумот аҳамияти воқеӣ пайдо мекунад. Талаботи қонун дар бораи нишондоди шоҳид ва ҷабрдида нисбати шахси ҷиноят содиркарда мумкин аст бо роҳи пурсиш, балки бо роҳи амалҳои тафтишӣ низ расмӣ гардонида шавад. Аз ин рӯ, дар баробари кофтукови шахсӣ, пурсиш, ки дар асоси м. 92 КМҶ ҶТ муқаррар карда шудааст мумкин аст, бо роҳи шаҳодаткунонӣ ва нишон додан барои шинохтан муайян карда шавад. Маълумоте, ки аз ҷониби шоҳидон ва ҷабрдидагони ҳодиса гирифта мешаванд, бо роҳи баёни шифоҳӣ ва ё хаттӣ бо даст овардан мумкин аст.

---

[139] Ниг.: Дубинский А.Я. Производство предварительного расследования органами внутренных дел. – Киев: КВШ МВД СССР, 1987. – С. 56.

Мо чунин мешуморем, ки ҳолатҳои боздошт танҳо бо воситаҳои мурофиавӣ ба исботкунӣ кумак карда метавонанд. Лекин, маълумоти тахминии ҷабрдида дар бораи аз тарафи ягон шахс содир кардани ҷиноят барои боздошт кофӣ нест.

Бояд дар назар дошт, ки пеш аз қабули қарор дар бораи боздошт, ки ҳолатро аз ҷабрдида, шоҳид ва шахсони воқифи ҳолатҳои содиршавии ҷиноятро дақиқ ва ҳаматарафа муайян кардан зарур аст. Хабар ё маълумоти онҳоро аз нуқтаи назари эҳтимолияти воқеӣ таҳлил бояд кард.

Қонунгузории амалкунанда талаб намекунад, ки маҳз аз шахси ҷиноятсодиркарда «нишондоди бевосита» гирифта шавад. Дар айни замон, дар зери нишондоди ҷабрдидагон ва гувоҳони ҳодиса бояд розигии муайяни онҳо ба инобат гирифта шавад. Маълумоти онҳо бояд тасдиқ намояд, ки маҳз ҳамин шахс ҷиноят содир кардааст ва ё худ ӯро дар ҷои содиршавии ҷиноят дидаанд. Дар (қ. 1. м. 92 КМҶ ҶТ ) сухан дар бораи «ҷабрдидагон» ва «гувоҳони ҳодиса» дар маҷмӯъ меравад. Лекин, бояд ба назар гирем, ки ҳолати ҳуқуқии ҷабрдида баъди оғози парвандаи ҷиноятӣ ва бо қарори дахлдор муайян мешавад. Бинобар ин, то оғози парвандаи ҷиноятӣ бидуни қарори дахлдор ҷабрдида донистани шахсони зарардида бармаҳал аст. Лекин, ин вазъро айнан фаҳмидан мумкин нест. Дар амалия ҳолатҳое вомехӯрад, ки нишондоди як нафар ҷабрдида ё гувоҳ ҳам метавонад боиси боздошт гардад, масалан, ҳангоми тафтиши таҷовуз ба номус ва ҳолатҳои дигар[140].

Дар ин бобат ба фикри Ю.Б. Чупилкин розӣ шудан мумкин аст, ки «асоси боздошт бояд мутобиқи талаботи с. 2 қ. 1 м. 91 КМҶ ФР (қ. 1-2 м. 92 КМҶ ҶТ) дар асоси нишондоди як нафар ҷабрдида ва ё гувоҳ амалӣ карда шавад»[141]. Ба сифати гувоҳи ҳодиса будани шахси мансабдор ва имконияти

[140] Ниг.: Парванда: №1-171, соли 2022 // Бойгонии суди вилояти Суғд.
[141] Чупилкин Ю.Б. Гарантии прав подозреваемого в Российском уголовном процесе: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 2001. – С. 24.

дар амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ иштирок кардани аз ҷониби як қатор муаллифон баён кардаанд[142].

Ба фикри мо, муфаттиш (таҳқиқбаранда), прокуроре, ки тасодуфан гувоҳи ҳодисаи ҷиноят шудаанд, дар нақши шахсони мансабдор, ки дорои салоҳияти расмӣ мебошанд дар иштирок ва қабули қарорҳои мурофиавӣ ҳуқуқ надоранд. Лекин, онҳо ҳуқуқи дастгир кардани шахси ҷиноят содиркардаро ҳамчун шаҳрванд доранд (м. 93 КМҶ ҶТ). Онҳо ҳамчун кормандони ҳифзи ҳуқуқ ӯҳдадоранд, чораҳои заруририро дар бобати пешгирии ҷиноят ва дастгир кардани шахси гумонбар андешанд.

Бо асоси он, ки пешбурдро кормандони касбӣ мебаранд, имконият фароҳам меорад, ки ҷиноят сари вақт ва пурра ошкор карда шавад.

Боздошт мумкин аст, дар асосҳои пешбининамудаи с. 2 қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ амалӣ гардонида шавад. Дар айни замон бояд зикр намуд, ки ҳангоми дастгир кардани шахси гумонбар баъзан ба хатогиҳо роҳ дода мешавад. Яке аз зуҳурот паҳншудатарин он аст, ки шахси воқиф ё шоҳидон дар протокол кормандони мақомоти таҳқиқ, ки барои боздошт ваколатдор карда шудаанд, ба сифати гумонбар дар содир кардани кирдори хавфнок нишон дода мешаванд.

Дар ин ҳолат шахси воқиф ё шоҳиди содир шудани ҷиноят чун субектони пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ, ки дар пешбурди парвандаи ҷинояӣ ҳамчун шоҳид дониста шудаанд, метавонанд изҳор намоянд, ки ҷиноятро маҳз ҳамин шахс содир намудааст.

Агар кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ шоҳиди содир шудани ҷиноят гашта бошанд, асос барои дастгир кардани ин шахс, на нишондоди онҳо, балки он амалҳое, ки «шахс ҳангоми содир кардани ҷиноят ё бевосита баъди анҷоми он (с. 2 м. 92 КМҶ ҶТ) дастгир карда шудааст» асос дониста мешавад.

Дар айни замон, шахсе ки содир шудани амали ҷиноятколонаро бевосита мушоҳида накардааст ва ҳодисаи мазкур агарчанде, дар ҷои

[142] Ниг.: Мухитдинов А.А. Процессуальное положение следователя в уголовном процессе (по материалам Республики Таджикистан): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Ташкент, 2009. – С. 20.

содиршави ҷиноят бошад ҳам, аҳамият надодааст ва ё аз маркази диққаташ берун мондааст, гувоҳи ҳодиса дониста намешавад.

Ба чунин ашхос, аз он ҷумла кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, шаҳрвандоне, ки бевосита содир намудани ҷиноят ва ё худ лаҳзаҳои алоҳидаи онро мушоҳида накардаанд, дохил намешаванд, агарчанде, ки онҳо шахси гумонбарро ба мақомоти тафтиши пешакӣ маҷбуран ҳозир кардаанд. Онҳо иштирокчии фаъоли ин амал бошанд ҳам, лекин мутобиқи талаботи с. 2 қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ шоҳидони ҳодиса дониста намешаванд.

Агар шахси воқиф ё шоҳидон аз болои ҳодисаи содиршавии ҷиноят ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки боздоштро амалӣ кардааст, маълумот (баёнот) дода бошанд, пас он дар маҷмӯъ асоси боздошт (с. 1, 2 қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ) шуда метавонад.

Натиҷаи дар с. 3 қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ зикршуда, ки тавассути далелҳои номустақи бо роҳи чунин амали тотафтишӣ, масалан, кофтукови шахсӣ, ҷамъ кардани маводҳои гуногун, ки дар натиҷаи он осори гуногуни ҷиноят ёфт мешаванд, ба даст оварда мешаванд.

Барои он, ки чунин амали тафтишӣ гузаронида шавад, асоси воқеӣ бояд вуҷуд дошта (маълумоти воқеӣ) бошад, ки иштироки шахсро дар содир кардани ин ҷиноят инъикос карда метавонад.

Мутобиқи қонун «осор, пай ва ё худ из»-и ҳақиқии ҷиноят на танҳо ошкор ва ё пайдо карда шаванд, зарур аст, ки онҳо мавриди тафтишот қарор гиранд.

Қонунгузор дар бораи «осор, изу пайи баръалои ҷиноят» чизе нагуфтааст ва он аз баҳодиҳии субъективии шахсе, ки таҳқиқ мегузоронад, прокурор, муфаттиш, судя алоқаманд мебошад.

Баробари ин бояд ба инобат гирифт, ки дар зери «осор, изу пайи баръалои ҷиноят» аёнияти он барои ҳама (мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор), аз он ҷумла алоқамандии шахси муайян бо ҳодисаи ҷиноят равшан аст.

Осори баръалои ҷиноят инчунин маводи тавассути воситаҳои техникӣ ба дастомада низ ҳисобида мешаванд.

Бо ҳодисаи содиршавии ҷиноят ҳамаи он маводҳое, ки дар рафти тафтиши ҷиноят ба даст омадаанд ва дар парвандаи ҷиноятӣ инъикос ёфтаанд, дохил мешаванд.

Асоси боздошт мутобиқи талаботи с. 3 қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ дар аксар ҳолатҳо зимни тафтиши парвандаи ҷиноятӣ, ки аллакай бо далелҳои аз дигар сарчашмаҳо гирифташуда аниқ шудаанд, баромад карда метавонанд.

Чӣ тавре, ки таҳқиқоти мо нишон медиҳанд, хатогиҳои дар рафти боздошт роҳ дода шудаанд, дар натиҷаи дақиқ муайян накардани алоқамандии осори ҷиноят бо оқибат ва дигар ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ ба амал омадаанд. Дар амалия истифодаи асоси дастгир кардани мурофиавӣ бояд бо фарқияти байни осори ҷиноят ва далелҳо аниқ карда шавад.

Ошкор кардани «осори хавфу хатар», ҳамчун асос барои дастгир кардани мурофиавӣ ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷуӣ алоқаманд мебошад.

Мавҷуд будани маълумоти оперативӣ, масалан, дар бораи дар манзили шахси гумонбаршуда ёфт шудани маводҳои ошкоркунанда, ё хавфу хатаре, ки шахс дар шакли таҳдид, муқобилияти бо рафтори худ эҷод мекунад, барои кофтуков асос гашта, он минбаъд барои дастгир кардани мурофиавии ин шахс низ асос мегардад.

Дастгир кардани шахсе, ки барои содир кардани ҷиноят гумонбар шудааст, мумкин аст мутобиқи маҷмӯи асосҳое, ки дар қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ муқаррар шудааст, амалӣ карда шавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, асоси дастгир кардани шахс бояд маълумоти воқеӣ, ки аломати ҷиноятро тасдиқ карда, тибқи қонун барои содир кардани чунин кирдор ҷазои маҳрум кардан аз озодӣ пешбинӣ шуда бошад, дониста шавад.

Онҳоро як нишонаи умумӣ – ҳолати асосноки гумонбар шудани шахси муайян дар содир кардани ҷиноят, муттаҳид менамояд. Мо чунин меҳисобем, ки асоси дастгир кардани гумонбаршуда, ки дар м. 92 КМҶ ҶТ нишон дода

шудааст, ҳолатҳои боиси дастгир кардани шахс шуда мебошад, ки он ба фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ мақомоти таҳқиқ ва тафтишотӣ дар марҳилаҳои тосудии мурофиави ҷиноятӣ алоқаманд аст.

Дар адабиёти мурофиавӣ барои ҳолатҳои дастгир кардани воқеӣ ифодаи бадгумон шудан пешниҳод карда шудааст[143].

Дар ҳолати қабули қарор дар бораи ба сифати гумонбаршуда ба ҷавобгарӣ кашидан, ҳалли масъалаи татбиқи чораи пешгирӣ нисбати ӯ, истилоҳи «гумонбаршуда» ба таъиноти худ мутобиқат менамояд.

Ҳамин тариқ пешниҳод мешавад, ки ;

1. М. 92 КМҶ ҶТ бояд «Асосҳои гумонбарӣ ва дастгир кардани шахси гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноят » номгузорӣ карда шавад, зеро дар он асосҳои гумонбарӣ нисбати шахсе, ки ҳоло гумонбаршуда дониста нашудааст, сухан меравад.

Қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ-ро бо таҳрири зерин пешниҳод менамоем: мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор ҳуқуқ доранд ҳангоми пешбарӣ шудани гумонбарӣ (эҳтимолияти асоснок) дар бораи иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят ё бевосита боздошт шудани вай баъди содир кардани ҷиноят ва дар сурати ҷой доштани яке аз асосҳои зерин қарор дар бораи дастгир кардани гумонбаршударо қабул менамоянд:

Қабул шудани қарори дахлдори мурофиавӣ хулосаи мақомоти ваколатдори давлатиро ифода мекунад, ки дар он асоси гумонбарӣ, зарурати маҳдуд карда шудани озодии ин шахс, ногузир ва ба мақсади мурофиавии ҷиноятӣ мутобиқ будани нигоҳ дошта шудани шахс дар тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ нишон дода мешавад.

2. М. 92 КМҶ ҶТ-ро бо қ. 2 пурра кардан зарур аст, ки мутобиқи он ҳангоми дастгир кардани шахси гумонбаршуда, ба ӯ фаҳмонидан зарур аст, ки барои содир кардани кадом ҷиноят дар асоси кадом моддаи КҶ ҶТ ӯ

---

143 Ниг.: Раҳматулоев А.С. Доказательства и вопросы доказывания в отечественном уголовном процессе. – Худжанд: Ношир, 2014. – С. 196.

гумонбар дониста шудааст. Зарур аст, ки ба ӯ ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳояш, ки номгӯйи он дар қонун нишон дода шудааст, эълон карда шавад.

3. Дар қ. 2 м. 92 КМҶ ҶТ «асосҳои дигари кофии гумонбар шудани шахс дар содир намудани ҷиноят» бояд дақиқ пешбинӣ гардад, ки кадом ҳолатҳо, бо кадом сарчашма муайян шудани онҳо, меъёри кофӣ дониста шудани маълумот ё ҳолатҳо барои гумобарӣ ифодаи саҳеҳ ва ягона дошта бошад. Дақиқ пешбинӣ шудани кадом ҳолатҳо ва бо кадом сарчашма муайян шудани онҳо, меъёри кофӣ дониста шудани маълумот ё ҳолатҳо, барои гумонбарӣ ифодаи саҳеҳ ва ягона доштани «асосҳои дигари кофии гумонбар шудани шахс дар содир намудани ҷиноят»-ро таъмин намуда, шарҳу маънидодкунии фардӣ ва гуногуни ғалатро бартараф ва пешгирӣ мекунад. Аз ҷониби дигар, дар амалия татбиқи ягона ва умумии «асосҳои дигари кофии гумонбар шудани шахс дар содир намудани ҷиноят» муяссар мешавад. Ба андешеи мо «асосҳои дигари кофии гумонбар шудани шахс дар содир намудани ҷиноят» чунин маълумоте дониста мешавад, ки аз пешбурди парвандаҳои дигари ҷиноятӣ (хотимаёфта, боздошташуда ё қатъ шуда), чораҳои оперативию ҷустуҷӯӣ, бойгонии мақомоти оперативӣ, тафтишию судӣ, маркази дактилоскопӣ гирифта, омӯхта шуда бошад, ки ба гумонбарии ҳамин шахс дар содир намудани ҷиноят ишора мекунанд, ки дар қисми навбатии рисола асоснок карда мешавад.

4. Қ. 2 м. 92 КМҶ ҶТ то оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ дастгир карда шудани гумонбаршударо иҷозат медиҳад. Масъалаи оғози парвандаи ҷиноятӣ аз тарафи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ дар давоми 12 соат аз лаҳзаи дастгир кардан ҳал карда мешавад. Дар ин муҳлат агар оғози парвандаи ҷиноятӣ ғайриимкон бошад (масалан, бинобар зарурати идома ёфтани санҷиши ариза ё иттилоот дар бораи содир шудани ҷиноят), бояд гумони аз тарафи шахс содир шудани ҷиноят низ рад карда шуда, ин ҳолат бояд дар қарори рад кардан аз оғози парвандаи ҷиноятӣ ё дар қарори алоҳида нишон дода шавад. Ҳалли ин масъала боиси чунин оқибатҳо мешавад:

А) асоси минбаъд дар тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ нигоҳ доштани шахси дастгиршуда аз байн меравад, лекин шахси бинобар тасдиқ

наёфтани гумонбарӣ аз тавқифгоҳи нигоҳдории муаваққатӣ озодшуда, мумкин аст баъди оғози парвандаи ҷиноятӣ дар асоси далелҳои ҷамъовардашуда мавриди таъқиби ҷиноятӣ қарор гирад;

Б) дастгиршуда аз тавқифгоҳи нигоҳдории муаваққатӣ озод карда шуда, мумкин аст, ки баъди (3 шабонарӯз) оғоз шудани парвандаи ҷиноятӣ дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба сифати шоҳид ё ҷабрдида даъват карда шавад;

В) аз лаҳзаи воқеан дастгир карда шудани шахс дар давоми 12 соат рад карда шудани гумонбарӣ муҳлати ниҳоии нигоҳдории шахсро дар тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ то оғози парвандаи ҷиноятӣ муайян кардааст. Ин муҳлати дар тавқифгоҳи муваққатӣ нигоҳ доштани дастгиршуда, набояд барои санҷиши ариза ё иттилоот дар бораи ҷиноят то оғози парвандаи ҷиноятӣ дароз карда шавад.

5. Қ. 3 м. 92 КМҶ ҶТ дар сурати мавҷуд будани ҳолатҳое, ки дар қ.1 м. 92 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ҳуқуқи мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба гумонбарӣ ва боздошт кардани шахсони барои содир кардани ҷиноят гумонбаршударо бояд пешбинӣ кунад, ки дар асоси қарор дар бораи дастгир кардани гумонбаршуда амалӣ гардад.

Пайдарҳам ва саҳеҳ ифода ёфтани чунин тартиби мурофиавӣ ба аниқ муайян карда шудани сарчашмаи маълумот, ба пешбарии гумонбарии асоснок ва асосҳои дастгир кардан кӯмак менамояд.

## 2.2. Таҳлили ҳуқуқии «асосҳои дигари кофӣ»-и дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят

Ба «асосҳои дигари кофӣ»-и гумонбар шудани шахс ба содир кардани ҷиноят сарчашмаи маълумоти дигар, ки ба матни дар сархати 4 қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ тааллуқ дорад, дохил мешаванд.

Ҳолатҳое, ки боиси боздошт мешаванд, мутобиқи қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, вобаста ба тасдиқи иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят, на аз рӯйи шакли ифода, балки бо моҳият ва мазмун фарқ мекунанд.

Дар шакли мурофиявӣ «асосҳои дигари кофӣ» бо маълумот ё асосҳои дигари боздошт, қариб якхела мебошанд.

Азбаски, мазмун ва моҳияти «асосҳои дигари кофӣ» дар ин меъёр саҳеҳ баён нашудааст, қонун амалигардонии боздоштро бо мавҷуд будани шароит ё ҳолатҳои муайян алоқаманд дониста, ба он хусусияти таъхирнопазир дода, дараҷаи эҳтимолияти иштироки шахсро дар содир кардани ҷиноят бештар менамояд ва бо ҳамин васила асосҳои мустақили боздоштро ба вуҷуд меорад.

Саволе ба миён меояд, ки дар зери мафҳуми мавҷуд будани «асоси дигари кофӣ» барои боздошт ё шартҳои иловагии ба «асосҳои дигар», ки гумонбаршударо дастгир кардан мумкин аст, кадом ҳолатҳо фаҳмида мешавад?

Ба қонунгузор лозим меояд, ки ба асоси дигари дастгир кардани гумонбаршуда ҳолатҳоеро, ки дар натиҷаи фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ муайян шудаанд ё шахс аз мақомоти тафтиши пешакӣ ва таҳқиқ панноҳ меҷӯяд, ё ҷои истиқомати доимӣ надорад ва ё дар ҳолати муайян нашудани шахсияти ӯ, дақиқ намояд.

Барои боздошт, инчунин дар доираи қонунгузорӣ мавҷуд будани шарти иловагии «асосҳои дигар» низ хизмат мекунад.

Дар ҳолати дастгир кардани шахси гумонбар, дар сурати мавҷуд будани асос бояд ӯ ба суд ҳозир карда шуда, нисбати ӯ чораи пешгирии нигоҳ доштан дар ҳабс татбиқ карда шавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ дар муддати тулони фикри мухталиф арзи вуҷуд мекард, ки мутобиқи он «асоси дигари дастгир кардани гумонбаршуда» танҳо далелҳо ба шумор мерафтанд[144].

Д.И. Бедняков дар масъалаи баррасишуда мавқеи махсусро ишғол кардааст. Ба фикри ӯ «асосҳои дигар» низ бояд хусусияти мурофиавӣ дошта

[144] Ниг.: Гуляев А.П., Комаров Б.В., Малиновский С.В. Коментарий к «Положению о порядке кратковременого задержения лиц, подозреваемых в совершении преступления». – М.: «Юрлит», 1988. – С. 9.

бошад, яъне, инобат ба муқоиса ба маълумоте, ки мутобиқи сархати 3 қ. 1. КМҶ РСФСР (с. 1-3 қ.1. м. 91 КМҶ ФР) зикр шудааст, қиёс карда шавад[145].

Муаллифони алоҳида, Р.Р. Раҳматҷонзода, А.М. Маҳмадализода, А.Л. Арипов, Э.Ҳ. Каримов қайд менамоянд, ки зери «асосҳои дигар» маълумоти воқеӣ, ки воқеан вуҷуд доштани ҳолати муайян[146] ва ба ҷинояти содиршуда алоқаманд, барои гумонбар кардани шахси муайян дар содир кардани ҷиноят асос мегардад, фаҳмидан мумкин аст[147].

Н.М. Қаҳоров қайд мекунад, ки маълумоте, ки дар зери «асосҳои дигар» омадаанд, дар сарчашмаҳои дар қонун пешбинишуда, пурсиши шоҳидон, ҷабрдидагон, нишондоди гумонбаршудагон ва айбдоршавандагон дар бораи шарикони ҷиноят, маводҳои тафтишшуда, ва инчунин маводҳое, ки ба таври оперативӣ-ҷустуҷӯи ба даст омадаанд, фаҳмида мешаванд[148].

И.С. Галкин, В.Г. Кочетков қайд менамоянд, ки шароитҳои иловагии боздошт бояд бо маълумоти воқеӣ тасдиқ карда шаванд. Пешниҳод карда шуда буд, ки бо иқрори гуноҳ омадани гумонбаршуда низ ба қатори «асосҳои дигар» дохил карда шавад[149].

Лекин, ба фикри мо онро чун асос танҳо дар ҳолати мавҷуд будани далелҳои дигар, ки ба содир кардани ҷиноят гумонбаршуда донистани шахсро тасдиқ намуда, барои оғози парвандаи ҷиноятӣ сабаб мегардад, мавриди баррасӣ қарор додан мумкин аст.

Ба фикри мо, дар доираи қонуни амалкунандаи мурофиавии ҷиноятӣ зери мафҳуми ба «асосҳои дигар», ки дар қонун нишон дода нашудааст, ҳолатҳои зерин фаҳмида мешаванд:

---

[145] Ниг.: Бедняков Д.И. Непроцессуальная информация и расследование преступлений. – М. Юрлит., 1991. – С. 103.

[146] Ниг.: Раҳматҷонзода Р.Р., Маҳмадализода А.М., Арипов А.Л., Каримов Э.Ҳ. Масоили мубрами пешбурди тосудии мавод ва парвандаҳои ҷиноятӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – 96 с.

[147] Ниг.: Уголовний процесс России / Под ред. К.Ф. Гуценко. – М.: Зеркало, 1998. – С. 162.

[148] Ниг.: Кахоров Н.М. Состязательность в уголовном судопроизводстве Республики Таджикистан: правовой аспект. – Худжанд: Ношир, 2020. – С. 102; Коментарий к Федеральному закону «Об оперативно-розыскной деятельности» / Отв. ред. А.Ю. Шумилова. – М.: «Вердикт-М», 1997. – С. 115.

[149] Ниг.: Галкин И.С., Кочетков В.Г. Процессуальное положения подозреваемого. – М. Юриздат., 1968. – С. 21-22; Дубинский А.Я. Производство предварительного расследования органами внутренных дел: Учебное пособие. – Киев: Киевская ВШ МВД СССР, 1987. – С. 55-56.

– маълумоти ҷойи ҳодиса, ки дар бораи аз тарафи шахси муайян содир кардани ҷиноят шаҳодат медиҳад;

– нишондоди шоҳидон (гувоҳ), ҷабрдидагон (зарардидагон), ки худ бевосита ҳодисаи ҷиноятро мушоҳида накардаанд, инчунин дастгиршуда, ки барои шарикӣ дар ҷиноят гумонбар дониста шудаанд; дар ҷои ҳодиса ёфтани ашё, ки чун нишона ба ягон шахси муайян тааллуқ доштани онро тасдиқ мекунад:

– мавҷуд будани монандии шахс ба шахси барои содир кардани ҷиноят гумонбаршуда, ки аз тарафи шоҳидон ва ё ҷабрдида тасдиқ карда шудааст;

– натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ;

– хулосаи ташхис;

– далелҳои шайъӣ;

– протоколҳои амалҳои тафтишотӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда.

Дар зери «асосҳои дигар» инчунин ҳолатҳои зерин фаҳмида мешаванд:

– қасди муқобилият кардан ва фирор;

– кӯшиши несту нобуд ва ё пинҳон кардани изи ҷиноят;

– мувофиқ омадани нишонаҳои аз тарафи шоҳидон ва ё ҷабрдидагон зикршуда бо нишонаҳои гумонбаршуда;

– маълумоте, ки дар маводҳои парвандаи ҷиноятӣ, ариза ва мактубҳои шаҳрвандон, маводҳои чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷуӣ ҳангоми кушодани ҷиноят зикр нашудаанд[150].

Масъалаҳои имконияти дастгир кардани ғайри мурофиавии гумонбаршуда, аз он ҷумла бо роҳи маълумоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ яке аз масъалаҳои мубоҳисавии таърихи муосири мурофиаи ҷиноятӣ, аз он ҷумла замони шӯравӣ ба ҳисоб меравад.

Мақсади тамоми чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷуӣ (м. 7 қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯи») на танҳо муайян кардани шахси дар

[150] Ниг.: Қосимов О.А. Правовое и организационные аспекти взаимодействия следователя с оперативно-розыскными подразделениями органов дознания. – Душанбе: Эр-граф, 2014. – С. 143.

содир кардани ҷиноят гумонбаршуда, балки боздошт ва дастгир кардани ӯ мебошад[151].

Дар ин бобат бояд ду шакли дастгир кардани воқеиро аз ҳам ҷудо кард: 1) дастгир кардани гумонбаршуда то оғози парвандаи ҷиноятӣ, инчунин дар ҳолатҳои зарурӣ баъди оғози парвандаи ҷиноятӣ дар доираи парвандаи оперативӣ; 2) дар ҳолати фаврӣ, дар ҳолати ба вуҷуд омадани вазъи ногаҳони криминалӣ, масалан ҳангоми иҷрои вазифаи ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ аз тарафи кормандони милитсия.

Дар амалияи оперативӣ вақтҳои охир намуди якуми боздошт торафт паҳн шуда истодааст, ки мутобиқи он татбиқи боздошт асосан бо «дастгир» кардани гумонбаршуда дар ҷои содиршавии ҳодиса ба анҷом расонида мешавад.

Дар чунин ҳолат чун қоида аз рӯйи гузориши кормандони оперативӣ тартиб додани протоколи боздошт бошад, чӣ тавре, ки таҳлили парвандаҳои ҷиноятӣ нишон медиҳад дар асосҳои дар с. 1, қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ зикркардашуда ба амал баровардa мешаванд ва он баъди шахси дастгиршударо ба мақомоти таҳқиқ, ба муфаттиш, прокурор интиқол додан ба анҷом расонида мешавад. Лекин, дар КМҶ ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи ФОҶ» (м.м. 2, 7) тартиби ба мақомоти таҳқиқ интиқол додани шахси гумонбаршудаи боздоштшуда чизе гуфта нашудааст. Бояд зикр намуд, ки амалҳои ғайриошкорои ФОҶ барои дастгир кардани мурофиавӣ асос шуда наметавонад. Чунин маълумот барои маҳдуд кардани озодии шахс, бо ҳуқуқу уҳдадориҳои мурофиавӣ таъмин кардани он, ҳамчун асос хизмат карда наметавонад.

Истифодаи натиҷаҳои ФОҶ ба пурра ҳадафҳои мурофиаи ҷиноятӣ раво аст, ки агар онҳо ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, ё суд бо назардошти санадҳои муносиби мурофиавӣ пешниҳод карда шавад (м. 89 КМҶ ҶТ).

---

[151] Закон Республики Таджикистан «Об оперативно-розыскной деятельности» // Ахбор Маджилиси Оли Республики Таджикистан. – 2011. – №3. – ст. 155; Маджитзода ДЖ.З. Коментарий к закону Республики Таджикистан «Об оперативно-розыскной деятельности». – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 7.

Пешниҳоди натиҷаҳои ФОҶ дар асоси қарори роҳбари мақомоте, ки ФОҶ-ро бо тартиби муайян кардаи санадҳои меъёрӣ ба амал овардааст, татбиқ карда мешавад[152].

Мумкин аст, дар якчанд ҳолат ба иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ маводҳои оперативӣ ё хизматӣ пешниҳод карда шавад. Дар байни онҳо, маводҳое, ки барои ба вуҷуд омадан ва инкишофи муносибатҳои ҳуқуқии мурофиавӣ ҷиноятӣ мусоидат менамоянд, низ ҳастанд[153].

Дар ҳолати номбаршуда бо мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва ё прокурор пешниҳод кардани маълумоти хусусияти оперативӣ ҷустуҷуидошта, мумкин аст, барои дастгир кардани гумонбаршуда асос шавад, зеро дар лаҳзаи оғози парвандаи ҷиноятӣ муфаттиш маълумоти мурофиавиро дар даст надорад, ки асос барои иҷрои амали тафтишотӣ гардад.

Муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор асоснок ва қонунӣ будани боздоштро дар асоси маводҳои ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш пешниҳод кардаи сардори мақомоти оперативӣ ҷустуҷуиро баррасӣ карда, имконият пайдо мекунад, ки ба он баҳо диҳад, боварӣ ҳосил кунад, ки маълумоти пешниҳодкарда метавонад барои дастгир кардани шахси барои содир кардани ҷиноят гумонбаршуда асос шуда тавонад.

Он ҳолат, ки боздошт дар асоси натиҷаҳои ФОҶ ба амал бароварда мешавад, ва агарчанде ҳоло далелҳои кофӣ набошанд ҳам, боздоштро ғайриқонунӣ ҳисобидан мумкин нест. Мақомоти таҳқиқ ва муфаттиш маҷбуранд қарори боздоштро баробари шинос шудан бо маводҳои ФОҶ қабул намоянд. Боздошт хусусияти таъхирнопазир дорад. Ба ин муносибат дар байни маълумоти дар сархати 3 қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ ва с. 4 ҳамин модда зикршуда фарқият дида намешавад.

---

[152] Ниг.: Юлдошев Р.Р. Научно-практический комментарий к отдельным главом Уголоно процессуальный кодекс Республики Таджикистан. – М.: Юстиция, 2016. – С. 21.

[153] Ниг.: Москалькова Т.Н. Этика уголовно-процессуального доказывания. – М.: Эксмо, 1996. – С. 82-83.

Қонун бояд талаботи амалия ва имконияти ба вуҷуд омадани вазъиятро, ки мутобиқи он оғози парвандаи ҷиноятӣ ва дастгир кардани гумонбаршударо таъхирнопазир мегардонад, ба инобат гирад.

Бояд онро ба назар гирифт, ки барои асоснок кардани дастгиркунии шахси гумонбаршуда, ҳамон маълумоте, ки бо роҳи оперативӣ ба даст оварда шуда, ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда шудаанд ва барои санҷиши он мутобиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ роҳ дода шудаанд, амалӣ карда шаванд.

То қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи ФОҶ» як қатор муаллифон кушиши асоснок кардани андешаҳои гуногунро доштанд. Фикре, ки мутобиқи он қонун имконияти боздоштро дар асоси маълумоти оперативӣ-ҷустуҷуӣ пешбинӣ намекунад, чунин маънидод карда мешуд, ки ин чораи маҷбуркуни мурофиавӣ бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд мебошад, аз ин рӯ, танҳо ҳолатҳои дар доираи қоидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ муайяншуда асоси боздошт шуда метавонад.

Тафтиш ва баҳогузории аз нуқтаи назари тафтиши пешакӣ, саҳеҳ ва аниқ будани ё набудани маълумоти бо роҳи оперативӣ – ҷустуҷуӣ ғайриимкон мебошад[154].

Вақте, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ФОҶ» (м. 7) дар бораи имконияти истифодаи натиҷаи ФОҶ дар тайёрӣ ва гузаронидани амалҳои тафтишӣ пешбинӣ шуд, баъзе олимони соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ ба чунин хулоса омаданд, ки ин муаммо ҳалли худро ба пуррагӣ ёфт. Масалан, С.Б. Болатов изҳори ақида менамояд, ки Қонун «Дар бораи ФОҶ» масъалаи истифода бурдани маълумоти оперативӣ - ҷустуҷӯиро чун асоси қабули қарор дар бораи боздошт, ки дар м. 122, қ. 2 КМҶ РСФСР (қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ) зикр шудааст, аз байн бурдааст[155].

---

[154] Ниг.: Чистяков В.С. Законность и обоснованность применения мер уголовно-процессуального принуждения. – М.: ВЮЗИ, 1979. – С. 41.

[155] Ниг.: Булатов Б.Б. В кн. Комментарий к уголовного-процессульному кодексу РСФСР / Под ред. В.Т. Томина. – М.: Спарк, 1996. – С. 165, 225.

Лекин, дар айни замон ба фикри як қатор муаллифон, қонун дар бораи ФОҶ аз доираи нишондоди истифодаи маводҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз рӯйи аҳамияти муайянкунандагии худ берун нарафтааст. Масъала дар бораи асосҳои амалҳои тафтишӣ бо назардошти хусусиятҳои ба ҳисобгирии қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ҳаллу фасл карда мешавад.

Дар айни замон қонунгузор ба масъалаи дуруст фаҳмидан ва татбиқи қонунгузорӣ дар бобати истифодаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯи рӯ меорад.

Бо сабаби он, ки мутобиқи қонун асоси боздошт дар протоколи боздошт зикр карда мешавад, фикре ҳаст, ки агар боздошт дар асоси маводҳои оперативӣ амалӣ шуда бошад, пас протоколи боздошт аҳмиятӣ мурофиавии худро гум мекунад. Лекин, дар чунин ҳолат баҳогузории мурофиавии маводҳои мазкур аз даст меравад. Ҳамин тариқ, маънидоди «асосҳои дигари гумонбарӣ» сарчашмаи огоҳкуниро муайян намекунад ва аз ин рӯ асоси боздоштро, чӣ тавре, ки мо дар боло зикр кардем, маълумоти оперативӣ низ ташкил медиҳад.

Дар м. 92 КМҶ ҶТ оид ба далелҳое, ки воқеан ҷой доштани ҳолатҳои пешбиникардаи қонунро инъикос карда, ба сифати асоси ягонаи боздошт баромад кунанд, чизе гуфта намешавад. Дар чунин ҳолат барои муфаттиш, таҳқиқбаранда зарурати тафтиш ва баҳо додан ба натиҷаҳои ФОҶ чун асоси боздошт ва дар протокол қайду мустаҳкам кардани ин маълумот пайдо мешавад, ки бояд ба талаботҳои КМҶ ҶТ мутобик бошад. Маҳз ин нуқтаи назар барои талаботи қонун ва амалия ҷавобгӯ мебошад.

Дар айни замон, агар маълумоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ хусусияти ғайриошкоро дошта, он ба диққати тамоми иштирокчиёни мурофиа расонида нашавад, пас муфаттиш ҳақ надорад, ки онро ба протоколи боздошт дохил кунад[156] ва бо андешаи мо, минбаъд дар қисми баёнию

[156] Ниг.: Азаров В.А. Уголовно-процессуанальные и оперативно-розыскные средства достижения цели раскрытия преступлений / В.А. Азаров // Государство и право. – 1997. – №10. – С. 45.

асосноккунии қарор дар бораи гумонбаршуда донистани шахс низ набояд зикр карда шавад.

Чунин натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (ФОҶ) дар бораи ҷойи будубош, тавсифи шахсият, ҳолати равонӣ хислат, майлу рағбати гумонбар ва ғайраҳо маълумот медиҳад.

Таҳлили адабиёти хориҷӣ дар бораи ба сифати далел истифода кардани натиҷаи чораҳои фаврии ғайриошкоро андешидаи политсия ё хадамоти махсус ба чунин хулоса меорад, ки дар ИМА, Англия, Германия ва давлатҳои дигар тартиботи соддакардашудаи мурофиавии ҷиноятӣ ҷорӣ карда шудааст, ки мутобиқи он истифодаи бевоситаи натиҷаҳои чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ иҷозат дода шудааст. Чун анъана, муаллифон онҳоро ба «далелҳои полисӣ» ҳам меноманд[157]. Бояд зикр намуд, ки дар таҷрибаи политсияи бисёр давлатҳо фарқияти усулҳои ошкоро ва ғайриошкорои ба даст овардани далелҳо мавҷуд нест ва кормандони мақомоти политсияи криминалӣ ва хадамоти махсус дар як вақт ҳамчун детектив ва муфаттиш баромад мекунанд.

Чӣ тавре, ки аз таҳлили фаъолияти мақомоти таҳқиқ ва тафтишот оид ба дастгир кардани гумонбаршудагон бармеояд, натиҷаҳои ФОҶ дар аксар ҳолатҳо ҳангоми баҳо додани ҳолатҳое, ки барои боздошт асос мегарданд, ба инобат гирифта мешаванд.

Дар чунин ҳолатҳо, дар бораи боздошт қарор қабул карда, муфаттишон онро чун асос ва далелҳои ФОҶ-ро дар ҳолати якдигарро пурра гардонидан низ асоси боздошт меҳисобанд.

Дар ҳолати оғози парвандаи ҷиноятӣ дар як вақт бо дастгир кардани шахс аз рӯйи натиҷаҳои ФОҶ амалҳои тафтишӣ барои ба даст овардани далелҳо ва асоснок кардани дастгиркунии шахси гумонбаршуда мусоидаткунанда гузаронида мешаванд.

---

[157] Ниг.: Филимонов Б.А. Основы доказательств в германском уголовном процессе. – М.: Спарк, 1994. – С 128-157.

Аз ин рӯ, муфаттиш, мақомоти таҳқиқ, прокурор, ки сарчашмаи тамоми маълумот дастрас шудааст, ҳақ доранд, ки онро чун «асосҳои дигар», маълумот дар бораи мансубияти шахс дар ҷинояти тафтишшудаистода баррасӣ намоянд[158]. Агар боз ягон шароити иловагие ба вуҷуд ояд, ки ба талаботи сархати 3 қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ мутобиқат менамояд, қарори қабулшуда дар бораи боздошт асоснок ҳисобида мешавад.

Ҳолате, ки аз як тараф, истифодаи натиҷаҳои ФОҶ, аз тарафи дигар бидуни тафтишоти зарурӣ қабул кардани маълумоти оперативӣ ва иваз кардани онро бо далелҳои мурофиавӣ тақозо мекарда бошад, аз аҳамият холӣ нест. Барои ин, аз он ҷумла зарур аст, ки қоидаи пешниҳоди натиҷаҳои ФОҶ, ки дар қонун ва санадҳои зерқонунӣ нишон дода шудааст, бояд дақиқ карда шаванд, ки самти минбаъдаи ин фаъолият ё барои иҷро шудани амалҳои мурофиавӣ, бо мақсади муайян кардани сарчашмаи маълумот хизмат кунад, инчунин тартиби истифодаи маълумоти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ такмил дода шавад.

Чӣ тавре, ки таҳқиқотҳо нишон медиҳанд дар аксарияти ҳолатҳо истифода бурдани кино, видео, аудиомаводҳо, ки натиҷаи амалигардонии чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро сабт менамоянд, чун асоси боздошт дониста мешаванд.

Гӯш кардани гуфтугуҳои телефонӣ, аз каналҳои техникии алоқа ҷудо кардани маълумоти зарурӣ, истифодаи воситаҳои дигари техникӣ имконият медиҳад, ки оид ба алоқа доштани шахс ба содир кардани ҷиноят маълумоти дақиқ ба даст оварда шавад.

Ҳангоми тайёрӣ барои дастгир кардан мумкин аст, маълумоте, ки дар рафти чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ оиди ба муоинаи иншоотҳо, воситаҳои нақлиёт, назорати интиқоли почта, хабарҳои телеграфӣ, гуш

---

[158] Ниг.: Махмудов И.Т. Прокурорской надзор за исполнением законов в оперативно-розыскной деятельности: проблемы теории, практики и законодательной регламенталции. – Душанбе: Ирфон, 2010. – С. 95.

кардани гуфтугуҳои телефонӣ, таҷрибаи оперативӣ ба назар гирифта шаванд[159].

Мазмуни онҳо маълумоти асоснок, ки аз тарафи субъекти ваколатдор дар рафти қабули қарори амали мурофиавӣ ба назар гирифта мешавад.

Дар фаъолияти гуруҳҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пеш аз дастгир кардани гумонбаршуда чунин чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ба монанди пурсиши оперативӣ, мушоҳида, хариди озмоишӣ зарур аст, ки натиҷаҳои он дар як қатор ҳолатҳо маълумоти муфид оид ба муайян кардани сарчашмаи маълумоти дигар медиҳанд.

Ин маълумот оид ба ҷои будубоши шахси аз тафтишот пинҳоншуда, шарикони то ҳол номаълуми ӯ, воситаҳои нақлиёт, силоҳи оташфишон, ки ҳангоми содир кардани ҷиноят истифода шудаанд, инчунин сару либос ва дигар маводҳо шуда метавонанд. Натиҷаи чунин чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, масалан хариду фурӯши ягон намуд мавод низ чун асоси дастгир кардани шахси гумонбаршуда, пурсиши минбаъдаи ӯ муфид мебошад[160].

Чунин натиҷаҳои ФОҶ бо протокол дар бораи дастгир кардани гумонбаршуда, санадҳо дар бораи истифодаи воситаҳои техникӣ ва муоинаи иншоотҳо, биноҳо, сохтмонҳо, қитъаҳои маҳал ва воситаҳои нақлиёт, арзу мурочиат расмӣ гардонида мешаванд.

Дар ҳолатҳое, ки агар қарор дар бораи боздошт, пешакӣ, дар доираи оғози парвандаи ҷиноятӣ, натиҷаҳои ФОҶ, масалан аудиокассета бо аудиосабти гуфтугуҳои телефонӣ, баъди он ки аз тарафи таҳқиқбаранда, муфаттиш омӯхта шуда, ба парванда чун далел ҳамроҳ карда шудааст, метавонанд чун яке асосҳои қабули қарор дар бораи дастгир кардани шахси гумонбаршуда хизмат намояд.

---

[159] Ниг.: Кореневский Ю.В., Токарева М.Е. Использование результатов оперативно-розыскной деятельности в доказывания по уголовным делам. – М.: Юрлит. информ, 2000. – С. 7-8.

[160] Ниг.: Булатов Б.Б., Курбанов М.А. Некоторые проблемы и предупреждения экстремистской террористической деятельности. Профилактика и противодействие экстремизму. – 2010 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: ekstremizm.ru /publikacii/ profil (санаи мурочиат: 28.08.2022).

Бояд фикри зеринро баён кард. Қ. 3 м. 92 КМҶ ҶТ бо қ. 1 ҳамин модда, ки асосҳои дастгир карданро пешбинӣ менамояд, гӯё «мухолифат» мекунад.

Аз нигоҳи мо, ҳангоми таҳияи истилоҳи «асосҳои дигар» иштибоҳе ҷой дорад, чунки дар сархати 4 қ.1 м. 92 КМҶ дар бораи шахсияти гумонбар ва кушишҳои вай сухан рафта, роҳҳои дастрас шудани сарчашмаи ин маълумот пешбинӣ намешавад.

Таҳлили асосҳои дар с. 4 қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ имконият медиҳад ба чунин хулоса оем, ки танҳо кӯшиши пинҳон шудан, набудани ҷойи истиқомати доимӣ, муайян набудани шахсияти гумонбаршуда он ба фикри мо он ҳолатҳое мебошанд, ки умуман боздоштро ногузир мегардонанд. Муайян кардани ин ҳолатҳо, асоси татбиқи боздоштро, муқаррар мекунад[161].

Шахсият чун қоида ҳамон вақт муайяннашуда ҳисобида мешавад, ки агар оид ба ӯ ҳуҷҷати муайянкунандаи шахсият мавҷуд набуда, имконияти тафтиши он мавчуд набошад.

Бояд зикр намуд, ки мақсади асосии дастгир кардан бо гумони содир кардани ҷиноят, на муайян кардани шахсият ва муайян кардани ҷои истиқомати ӯ, балки муайян кардани алоқамандии шахс бо содир кардани ҷиноят мебошад.

Чӣ тавре, ки таҳқиқоти мо нишон медиҳад, дар амалия масъалаҳое ба миён меоянд, ки дар ҳолати мавҷуд будани «асосҳои дигар» гумонбар кардани шаҳрванд дар содир кардани ҷиноят, ки бо ҷазои маҳрум кардан аз озодӣ маҳкум мегардад ва ӯ кӯшиши пинҳон шудан надорад, шахсияташ ва ҷои истиқоматаш маълум аст, чӣ бояд кард?

Номутобиқии қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ ба маънидодкунии гуногуни асоси боздошт, ҳам дар назария ва ҳам дар амалия боис шудааст.

Барои аз байн бурдани ихтилофоти меъёри қонун дар диспозитсияи м. 92 КМҶ ҶТ нишон дода шавад, ки унсури ҳама гуна асосҳо бояд маълумоти

[161] Ниг.: Махмудов И.Т. Прокурорский надзор за исполнением законов в операивно-розыскной деятельности: проблемы теории, практики и законодательной регламентации. – Душанбе: Ирфон, 2010. – С. 121.

асоснок бошад, ки ба гумонбар кардани шахс дар содир кардани ҷиноят, асоси воқеӣ гардад.

Асосҳои иловагие, ки дар сархати 3, қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ (ҷои доимии истиқомат надоштан, шахсияташ муайян нашудааст) бо ҳолатҳои дигаре, ки дар қ. 1 м. 102 КМҶ ҶТ зикр шудааст, мутобиқат менамояд.

Оид ба ин масъала олими рус Ф.М. Кудин изҳори андеша менамояд, ки номушахасии истилоҳи «асосҳои дигар» мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор имконият медиҳад, ки васеъ онро маънидод кунанд[162].

Гуногунмазмун ифода шудани мушахасси хусусият ва моҳияти «асосҳои дигар» дар назария ва амалияи ҳуқуқӣ чунин сабабҳо дорад: – «асосҳои дигар» бо дигар ҳолатҳое, ки дар сархатҳои 1-3 м. 92 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд «рақобати» воқеӣ дорад;

– дастгир кардани гумонбар бо «асосҳои дигар» дар амалия зиёд нест;

– аксарияти вайрон шудани қонун ҳангоми амалӣ кардани ин шакли боздошт, бо сабаби нопурра ва номуайяни маънидодкунии он роҳ дода мешавад.

Таҳлили амалияи тафтишотӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки миқдори парвандаҳои ҷиноятӣ, ки мутобиқи он чунин шакли дасгир кардан амалӣ гардонида шудааст, хело ночиз аст. Ин хусусиятро таҳқиқотҳои аз ин пеш гузаронидашуда низ тасдиқ менамоянд[163].

Дар шароити муосир бо назардошти комёбиҳои илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ мумкин аст, ба муқаррароти моддаи дастгир кардани гумонбаршуда тағйирот ворид карда шавад, аз ҷумла:

1. Ба сифати *сарчашмаи* «асосҳои дигари кофӣ», инчунин *маълумоте* дониста шавад, ки аз пешбурди парвандаҳои дигари ҷиноятӣ (хотимаёфта,

---

[162] Ниг.: Кудин Ф.М. Подозрение, как условия применения мер процессуанального принуждения / Уголовно-процессуанальное принуждение и ответственность, их место в решении задачи предварительного расследования. – Волгоград, 1987. – С. 34-35.

[163] Ниг.: Махмудов И.Т. Прокурорской надзор за исполнением законов в оперативно-розысной деятельности: проблемы, теории, практики и законодательной регламентации. – Душанбе: Ирфон, 2010. – С. 127.

боздошташуда ё қатъ шуда), натиҷаи чораҳои оперативию ҷустуҷӯӣ, бойгонии мақомоти оперативӣ, тафтишию судӣ, маркази дактилоскопӣ гирифта, омӯхта шуда бошад, ки ба гумонбарии ҳамин шахс дар содир намудани ҷиноят ишора мекунанд;

– ин шахс кӯшиши аз мақомоти таъқиби ҷиноятӣ пинҳон шуданро карда истода бошад, дар ҷустуҷӯи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ қарор дошта бошад; кӯшиши фавран иваз кардани ҷои кор ё зистро карда бошад;

– шахс қаблан ба маҳалли содир шудани ҷиноят пайваста ҳозир шуда, барои содир кардани ҷиноят шахсони муайянро бо роҳи таҳдид, моил ва ҳавасманд кардааст (ки шахсияташон муайян карда шудааст) ё омода карда бошад; қаблан ҳамин намуди ҷиноятро содир карда айбдор ё маҳкум шудааст; қобилият ва имконияти ташкил ва ё содир кардани ҳамин намуди ҷиноятро ҳамчун касб дорад ё ба он майл дорад;

– қобилият ва имконияти ташкил ва ё содир кардани ҳамин намуди ҷиноятро ҳамчун касб дорад ё ба он майл дорад; сарчашмаи даромад, ҷойи кори доимӣ надорад; аз оқибати ҳамин ҳодисаи рухдода бештар манфиатдор аст;

– қаблан нисбати ҷабрдида ангезаи бадбинӣ, ғараз, рақобат ё хусумат зоҳир кардааст; бо ҷабрдида ҳамкорӣ, тиҷорат ё муносибати дигаре дошт, ки боиси мунокиша ё хусумат, қасд ё бадбинӣ шудааст;

– маълумот аз шахси ихтиёран бо иқрори гуноҳ ҳозиршуда гирифта шуда, бо ҳолатҳои рух додани ҳодиса, баёноти аризадиҳанда ё шахсони воқиф аз ҳодиса мувофиқат мекунад, ки кирдори хавфнок содир кардани ҳамин шахсро тасдиқ мекунад.

Баъди эълони айб ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ кофӣ нест, айб эълон карда шавад, лекин барои гумонбарӣ кофӣ аст. Бинобар ин, шахси бо иқрори гуноҳ ҳозиршуда дастгир ва ҳолати ҳуқуқии гумонбаршавандаро мегирад. Албатта ин гуна ҳолатҳо кофӣ нестанд, ки шахс дар содир кардани ҷиноят айбдор дониста шавад, лекин кофӣ мебошанд, ки боиси гумонбарӣ ва асоси дигари дастгир кардани шахс эътироф шаванд.

2. Дар таҳрири ба м. 92 КМҶ ҶТ пешниҳод кардаи мо асосҳои боздошт амалҳои мукаммал ва мантиқӣ пешниҳод шуда, ғайр аз ин дар он яке аз шартҳои боздошт «муайян набудани маълумот дар бораи шахсият ва ҷои истиқомати доимӣ» истисно карда мешавад.

3. Бо баробари ин, ба андешаи Ф.И. Раҷабов имкониятҳое, ки аз доираи ҳуқуқи шахс оид ба озодии ҳаракат бо интихоби ҷои истиқомат берун мондаанд, бояд бо назардошти таносуби меъёрҳои дастгир кардани маъмурӣ амалӣ гардонида шаванд[164]. Чунин муносибат ба фикри мо, сарчашмаи ба даст овардани далелҳои шайъӣ ва асосҳои воқеиро оид ба татбиқи дастгир кардани гумонбаршударо дақиқтар муайян менамояд.

## 2.3. Мақсад, ваҷҳнокӣ ва шартҳои дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят

Мафҳуми умумӣ ва мурофиавии мақоми гумонбаршуда чунин унсурҳои ҳатмӣ, ба монанди асос, мақсад, ваҷҳнокӣ ва шартҳои татбиқи дастгир кардани шахсеро, ки барои содир кардани ҷиноят гумонбар дониста мешавад, дар бар мегирад. Мо дар қисматҳои гузаштаи рисола асосҳои воқеӣ ва ҳуқуқии дастгир кардани шахсро бо гумони содир кардани ҷиноят таҳлил намудем. Лекин барои саҳеҳ ва асоснок кардани андешаҳои номбаршуда, таҳлили мақсад, ваҷҳнокӣ ва шартҳои дастгир кардан муҳим ва ногузир боқӣ мемонад.

Мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ татбиқ кардани маҳдудият нисбати шахси боздоштшуда, аз нуқтаи назари мақсади дастгир кардан, барои бевосита бартараф кардани монеаҳо дар рафти тафтишот ё ба суд ҳозир кардан, ё пешгирии давом додани кирдори хавфнок зарур аст.

Қаблан дар замони шӯравӣ ҳадафи боздошт дар вазифа ва тартиби боздошт чун амали мустақил инъикос намегардид, чунки татбиқ шудани

[164] Ниг.: Раҷабов Ф.И. Асосҳои ҳуқуқӣ ва тартиби дастгир кардани шахс дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ / Ф.И. Раҷабов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ «Робитаҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ: ҳолат ва дурнамо». Қисми 2. – Хуҷанд: Дабир, 2019. – С. 116-121.

боздошт, ки дар таносуб иродаи расмии ҳокимият ва маҳдудкунии озодии шахс ифода мешуд.

Муайян кардани айбдории шахс дар содир кардани ҷиноят яке аз мақсадҳои тафтишоти пешакӣ мебошад, лекин татбиқ намудани боздошт бо ин мақсад беасос маҷбуркуниро васеъ намуда, ҳуқуқ ва озодии шахсро маҳдуд мекунад.

Ҳалли масъала оид ба татбиқи чораҳои пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан нисбати гумонбаршуда, оқибатҳои маҳдудкунандаи боздоштро чун чораи маҷбуркунии мурофиавӣ, ки қаблан татбиқ шудааст, амалан идома медиҳад.

Мавқеи муаллифон, ки мақсади дастгир карданро бо асосҳои татбиқи чораҳои пешгирӣ як хел мефаҳмонанд, низ дуруст нест[165].

Тавсифи мақсадҳои боздошт аз рӯйи мазмун, яъне оид ба хусусияти таъсиррасонӣ ба субъект қобили қайд аст.

Худи таъсир мумкин аст ба назар мураккаб намояд, лекин зарур аст ки тарзи таъсиррасониро ба субъект ва тавсифи мазмуни онро ҷудо карда тавонистан муҳим аст.

Пеш аз ҳама, боздошт хусусияти таъсиррасонии ҷисмонӣ дошта, лекин он бештар ба шахс таъсири равонӣ низ дорад.

Як қатор муаллифон мақсади дастгир карданро дар муайян кардани шахсияти боздоштшуда донистa, барои роҳ надодан ба фаъолияти ҷинояткоронаи шахси гумонбаршуда, эҳтимолияти аз тафтишот ва суд пинҳон шудани онҳоро яке аз мақсадҳои боздошт медонанд[166].

Ба фикри мо, ин нуқтаи назар аниқ ва дақиқ нест. Муайян кардани шахсияти гумонбаршуда, аз ҷумла қисми таркибии асосҳои боздошт набуда, мақсади алоҳидаи боздоштро ташкил намедиҳад.

Мавҷуд набудани маълумот дар бораи шахсияти гумонбаршуда, барои аз таъқиби ҷиноятӣ пинҳон шудани у мусоид мешавад.

---

165 Ниг.: Петрухин И.Л. Уголовного-процессуанальное законодательство Союза ССР и РСФСР. Теоретическая модель / Под ред. В.М. Савицкого. – М.: ИГи П АН СССР, 1990. – С. 90.
166 Ниг.: Уголовный процесс: Учебник / Под ред. К.Ф. Гуценко. – М.: «Зерцало», 1996. – С. 137.

Маълумот дар бораи шахсияти гумонбаршуда имконият медиҳад, ки ба идомаи фаъолияти ҷинояткоронаи гумонбар монегӣ карда шавад, саркашӣ ё ғайб задан, пинҳон шудани гумонбар аз таъқиб ва суд пешгирӣ карда шавад, ки бо ваҷҳҳои дастгир кардан алоқамандӣ пайдо мекунад.

«Пешгирӣ кардани фаъолияти ҷинояткорона»-ро низ чун мақсади ягонаи ин чораи маҷбуркунӣ ҳисобидан душвор аст. Бояд зикр намуд, ки ҳадафи боздошт танҳо бо таъмини дурусти рафти мурофиаи ҷиноятӣ маҳдуд набуда, «пешгирӣ кардани фаъолияти ҷинояткорона» низ ҷузъи асоснок кардани татбиқи боздошт дар самти ноил шудан ба ин ҳадаф аст. Аз ин ру, «пешгирӣ кардани фаъолияти ҷинояткорона» дар маҷмӯъ бо вазифаҳои дигар, бешубҳа ба ташаккули фаҳмиши ҳадаф ва зарурати қабули қарор дар бораи татбиқи дастгир кардан мусоидат менамояд. Қаблан мақсади боздошт дар «Низомнома дар бораи тартиби дастгир кардани кутоҳмуддати шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноят гумонбар дониста мешаванд», ки бо фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС аз 13 июли 1976 тасдиқ шуда буд, инъикоси худро ёфта буд[167].

Мутобиқи м. 1 Низомномаи мазкур боздошт бо мақсади муайян кардани алоқамандии боздоштшударо ба ҷиноят ва ҳалли масъалаи нисбати ӯ татбиқ кардани чораи пешгирӣ дар шакли ба ҳабс гирифтан амалӣ гардонида мешуд. Гарчанде Низомномаи номбаршуда амал намекунад, лекин мазмуни меъёрҳои он дар бораи мақсади дастгир кардани гумонбаршуда бо тартиби қонунгузории ҷорӣ пешбинӣ шуда бошад ҳам, муҳокимаи ақидаҳо оид ба ин масъала идома доранд[168].

Бояд ба фикре розӣ шуд, ки мутобиқи он мақсади боздошт «таъмини рафтори дахлдори гумонбаршуда» мебошад[169].

---

[167] Ниг.: Ведомости Верховного Совета СССР. – 1976. – №29. – Ст. 426.

[168] Ниг.: Коментарии к ФЗ о содержании под стражей подозреваемых и обвиняемых в совершении преступлений / Под ред. П.Г. Мищенкова. – М.: Бек, 1996. – С. 5.

[169] Ниг.: Раҳматулоев А.Э. Каландарова М.Д. Принсипҳои адолати судӣ кафолати таъмини адолати иҷтимоӣ. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2012. – С. 10.

Муаллифон мақсади умумии боздоштро таъмини рафтори дахлдори гумонбаршуда, саривақт кушодани ҷиноят, пешгирии оқибатҳои дигар, саривақт кушодани ҷиноят меноманд.

Ба андешаи мо, ноил шудан ба ҳадафи дастгир кардан тавассути иҷрои вазифаҳои алоҳида имконпазир мешавад. Маҷмуи тамоми вазифаҳои алоҳида дар ин ё он самти фаъолият ба мақсади асосӣ нигаронида мешавад.

Мақсади дастгир кардан на аз таъмини бехатарии гумонбаршуда ва ё қонеъ гардонидани хоҳиши ҷабрдида ва шаҳрвандони дигар мебошад. Таъмини амнияти гумонбаршудаaро аз ҳисоби маҳдуд кардани ҳуқуқҳои қонунии ӯ ва дахлнопазирии озодии ӯ амалӣ кардан мумкин нест.

Агар хатари воқеӣ барои ҳаёт ва саломатии гумонбаршуда мавҷуд бошад, ҳалли онро тавассути имкониятҳои дигари ҳуқуқӣ бартараф кардан мумкин аст[170]. Ҷиҳати таъмини ҳимояи давлатӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи давлатии «Таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ барои солҳои 2013-2016»[171] тасдиқ шуда буд. Ин барнома дар асоси таҷрибаи таъқиби ҷиноятии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ таҳия шуда, ба таъмини чораҳои амниятие, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 29 декабри соли 2010 муайян карда шудаанд, равона гардид.

Минбаъд, тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби мусоидат намудан ба шахсони таҳти ҳимояи давлатӣ қарордошта дар иваз намудани ҷойи кор (хизмат) ё таҳсили муваққатӣ ё доимӣ» аз 2 майи соли 2013, таҳти №213 ба вазорату идораҳои дахлдор супориш дода шуд, ки вобаста ба натиҷаҳои фаъолияти худ, ки бо амалисозии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ алоқаманд аст, мусоидат намоянд.

Ҳамин тариқ, низоми таъмини ҳимояи давлатӣ ҳамчун маҷмӯи чораҳои нисбат ба шахсони ҳимояшаванда татбиқшаванда дар сурати мавҷуд будани маълумоте, ки ба вуҷуд доштани таҳдиди воқеӣ ба ҳаёт, саломатӣ ва (ё) молу

---

[170] Ниг.: Маҷидзода Ҷ.З. Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – С. 24.
[171] Барномаи давлатии «Таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ барои солҳои 2013-2016» // Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2012, таҳти №604 тасдиқ шудааст.

мулки ин шахсон бинобар сабаби мусоидати онҳо барои адолати судӣ ишора намуданаш, ҳамчунин маҷмӯи чораҳое, ки барои бартараф намудани оқибатҳои таъсиррасонии зиддиҳуқуқӣ равона гардиданаш, муайян карда мешавад[172]. Онҳоро бо ду асос тасниф намудан мумкин аст:

а) чораҳои амниятие, ки мақсад аз он бартараф ва пешгирӣ намудани таҳдид ба амнияти шахсӣ ва молумулки шахси ҳимояшаванда иборат аст (ҳимояи ҳаёт, саломатӣ ва (ё) молу мулки иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ);

б) чораҳои дастгирии иҷтимоӣ, ки барои бартараф карда шудани оқибатҳои манфии ба шахсони ҳимояшаванда расонда шудааст, равона гардидаанд.

Бояд зикр кард, ки муайян нашудани маълумот дар бораи шахсият гумонбарии шахсро тасдиқ намекунад, ба гунаҳгории ӯ ишора ҳам намекунад, баръакс на асоси гумонбарӣ, балки боиси дастгир кардан мешавад.

Ҳангоми дастгир кардан сухан танҳо дар бораи асоснок ва қонунӣ будани татбиқи он меравад, воқеан ҷой доштани ҳолатҳое, ки асоси дастгир кардан даниста шудаанд, бояд таҳти назорати прокурорӣ ва судӣ қарор дода шавад.

Мақсади дастгир кардани гумонбаршуда, на ҳама гуна маҷбуркунии мурофиавӣ, балки шакли таъсиррасонии ҳуқуқӣ ба рафтори шахс, маҳдуд карда шудани озодии амалҳои вай бо мақсади таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои мурофиавӣ ва таъмини иҷрои вазифаҳои мурофиавии ҷиноятӣ (аз он ҷумла, огоҳкунии ҳуқуқвайронкунӣ ва аз байн бурдани имконияти монеъ шудан ба адолати судӣ) мебошад.

Ба фикри мо, мақсади дастгир кардан мутобиқи нишондоди қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ, бояд муайян кардани воқеияти иштироки шахси гумонбаршуда дар содир кардани кирдори ҷиноятӣ бошад. Чунин фикр кардан мумкин аст, ки

172 Ниг.: Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ. – Душанбе: Ирфон, 2014. – С. 12.

дар як қатор ҳолатҳо мақсади дастгир кардан на аз баҳои объективие, ки аломатҳои кирдори хавфнокии ҷамъиятии шахси гумонбаршударо инъикос мекунад, балки аз омили субъективӣ баҳогузорӣ карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, муайян карда шудани мақсади дастгир кардан имконият медиҳад, ки ба асосҳои гумонбар дониста шудани вай дар содир кардани ҷиноят баҳои хуқуқӣ дода шавад. Баҳогузорӣ ба сарчашмаи маълумот ва ҳолатҳои воқеан ҷойдошта, асосҳои дастгир карданро муайян менамоянд.

Муайян кардани таносуби байни салоҳияти расмии маҷбуркунии мурофиавӣ ва таъмини ҳуқуқ озодии шахс ҳангоми дастгир кардан, тавассути муайян кардани ҳолатҳое, ки асоси дастгир кардан дониста шуда, лекин ба манфиатҳои давлат ва ҷамъият мухолиф набошанд ва кафолатҳои дахлнопазирии озодии шахсро поймол накунанд, муайян карда мешавад.

Чунин ҳолатҳо, ки асосҳои ҳуқуқиро доранд, ба сифати асосҳои дастгир кардан баҳогузорӣ карда шуда, ба вазъияти ҳодисаи рухдода мувофиқ бояд бошанд.

Барои он, ки ҳуқуқ ба дастгир кардан ба ӯҳдадорӣ табдил ёбад, бояд асосҳое мавҷуд бошанд, ки зарурати татбиқи онро дар ҳолати муайян тасдиқ намоянд.

Асосҳои дастгир кардан бо мақсадҳое, ки амалигардони ин чораи маҷбуркунии мурофиавиро талаб мекунад, бояд мувофиқат намояд.

Ваҷҳнокӣ – ин ҳолатест, ки зарурати дастгир карданро тақозо менамоянд. Онҳо бешубҳа самти амали мақсаднокро таҳрезӣ менамоянд.

Мақсад – ин натиҷаи фаъолияти идрок буда, барои ноил шудан ба он, ин ё он фаъолият ва ё амалӣ мешавад.

Гарчанде, ки асос ва мақсад байни худ алоқаи ногусастание доранд, лекин дар байни онҳо фарқият дида шуда, онҳоро чун мафҳумҳои мустақил бояд донист. Ваҳҷ–дарки ҳолате, ки бо иҷрои ягон ҳаракат ва ба натиҷаи он ноил шудан мебошад[173]. Он барои огоҳӣ ёфтан дар бораи бо кадом ҳаракат

[173] Ниг.: Философская энциклопедия / Под ред. Ф.В. Константинова. – М.: С.Э., 1970. – Т. 5. – С. 459.

гумонбар шудани шахс ва аниқ кардани ҳаракати дигари гумонбаршуда муҳим аст.

Мақсади дастгир намудан – муайян намудани алоқамандии шахс ба ҳодисаи ҷиноят мебошад. Аз ҳамин нуқтаи назар, дастгир кардан вазифаҳои мушахасро низ дорост:

– боздошт кардан ва пешгирии идомаи кирдори барои ҷамъият хавфнок;

– бартараф кардани монеа, ҳар гуна халалрасонӣ ба рафти мурофиа ва ғайра. Бе асос дастгир кардани шахс мухолифи талаботи қонун буда, танҳо муайян шудани асос ва риояи қатъии тартиби муайянкардаи қонун татбиқи онро имконпазир менамояд.

Мавҷуд будани ваҷҳҳо барои дастгир кардан аз рӯйи қоидаҳои умумӣ аз рӯйи маълумот дар бораи шахсияти гумонбаршуда муайян карда шуда, он инчунин аз рӯйи рафтори гумонбаршуда дар лаҳзаи дастгиршавӣ ва ба мақомоти тафтиш интиқол додани ӯ муайян карда мешавад.

Ҳангоми тавсифи ваҷҳҳои дастгир кардан, онро аз нуқтаи назари моҳият ва зуҳурот, ки дар рафти он дастгир кардан ба миён меояд, бояд баррасӣ намуд.

Қонун низ ин асосҳо ва теъдоди онро муайян накардааст. Бо назардошти ин, барои кормандони амалия, чӣ тавре, ки таҳқиқотҳои мо собит намуданд, оид ба муайян кардани он як қатор душвориҳо ба вуҷуд меоянд. М. 5 Конвенсияи Аврупо «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосии он» пешбинӣ кардааст, ки асоси дар ҳабс нигоҳ доштани шахси гумонбаршуда то қарори суд инҳо мебошанд:

– пешгирии имконияти пинҳон шудани гумонбаршуда ё айбдоршаванда аз мақомоти тафтишоти пешакӣ; бо фаъолияти ҷиноятkорӣ машғул нашавад.

Дар қ. 2 м. 94 КМҶ ҶТ талабот оид ба протоколи дастгир кардан қайд кардани асосҳо бе тағйир боқӣ мондааст. Гарчанде дар протокол расман дар бораи асосҳои дастгир кардан шарти махсус ҷудо карда нашудааст, таҳқиқбаранда, муфаттишон дар асоси талаботи м. 94 КМҶ ҶТ асосҳои дастгир карданро қайд мекунанд.

Дар айни замон, дар амалия ваҷҳҳои зерини дастгир кардан бештар мушоҳида мешаванд: – дар ҳолати дар озодӣ мондани гумонбаршуда ӯ мумкин аст, ки фаъолияти ҷинояткоронаи худро идома диҳад; ба муқаррар кардани иштирокчиён дар содир кардани ҷиноят халал мерасонад; барои аз байн бурдани осор, изу пайҳои ҷиноят кушиш мекунад; ба муайян кардани ҳолатҳои содиршавии ҷиноят ва ба даст овардани далелҳои зарурӣ монеа эҷод мекунад; маълумот дар бораи муайян шудани шахсияти гумонбаршуда кафолат намедиҳад, ки ӯ аз мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва суд пинҳон шавад.

Аз ин рӯ, ба қатори асосҳои дигари дастгир кардан, инчунин ҳолатҳое дохил шуда метавонанд (масалан, муқобилият нишон додан ба боздошт, қасди гурехтан, пинҳон шудан, кушиши таъсиррасонӣ ба ҷабрдида ва шоҳидон), ки минбаъд нисбати гумонбаршуда татбиқ шудани чораи пешгириро дар намуди ба ҳабс гирифтан имконпазир мегардонад (м.м. 101-103 КМҶ ҶТ).

Хулоса, дар бораи мавҷуд будани ин ё он асосҳои дастгир кардан ба асосҳои дигари он, ки дар маводҳои парвандаи ҷиноятӣ нишон дода шудааст, бояд мутобиқат намояд. Мутаносибан, дар зери мафҳуми асосҳои дастгир кардан, он ҳолатҳое, ки гумонбаршуда кушиши пинҳон шудан (суиқасд ба фирор кардан), надоштани ҷои истиқомати доимӣ ё ки шахсияти ӯ муайян карда нашудааст, дохил мешаванд, кофӣ нест[174].

Қарор дар бораи дастгир кардан бо асоснокии ҳолатҳои ошкоршуда дар алоқамандӣ ифода шуда, тарафи зоҳирии онро инъикос мекунад

Чунин қарорҳо барои аз тарафи иштирокчиёни мурофиа фаҳмидани моҳият ва оқибатҳои қарори қабулшударо осон гардонида, бо ҳамин барои

[174] Ниг.: Давыдов П.М., Якимов П.П. Применение мер процессуального принуждения по Основам уголовного судопроизводства Союза ССР и союзных республик. – Свердловск: Свердловский юридический институт, 1961. – С. 68.

амалӣ гардонидан ҳуқуқҳои онҳо, роҳ надодан ба қабули қарорҳои нодуруст мусоидат менамоянд[175].

Қарори номбаршуда қонунӣ ва асоснок будани дастгир кардан ё боздошт, дар як вақт кафолати қонунӣ ва асоснок будани ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ мегардад, зеро меъёрҳои мурофиавӣ чунин талаботро пешбинӣ кардааст.

Бо ваҷҳҳои дастгир кардан гумонбаршударо ошно сохта, мақомоти тафтишот ба вай имконият медиҳад, ки ин қарорро рад кунад, нисбати он шикоят намояд ва ё онро эътироф намояд. А.А. Чувилев қайд намудааст, ки зарурати дастгир кардан ҳамон вақт ба вуҷуд меояд, ки агар шахс дар озодӣ қарордошта, мумкин аст пинҳон шавад ва ё ҳаракатҳое намояд, ки барои муайян кардани ҳолатҳои содиршавии ҷиноят монеа эҷод намояд[176].

Г.Н. Александров, Г.М. Минковский ва Г.Д. Рахунов нишон медиҳанд, ки «зери ваҷҳ ё сабабҳо маълумоти муайянеро бояд фаҳмид, ки зарурати дастгир карданро дар ҳолати муайян ба миён меорад[177].

А.Ф. Франк чунин меҳисобад, ки дар зери ваҷҳҳо бояд зарурати ноил шудан ба ягон мақсад, на ин ки маълумоти муайяне, ки ба гумонбар кардани шахс нишон медиҳад ва ё ки асоснок кардани зарурати қабули чораи мурофиавии дастгир карданро мефаҳмонад[178].

И.М. Гуткин, ки оид ба таносуби сабаб ва ваҷҳҳои боздошт таҳқиқотҳои доманадор гузаронидааст, қайд мекунад, ки асос чун оғози муайянкунандаи қабули қарор дар бораи дастгир кардан, бояд аз маводҳои парванда зуҳур ёфта, бо далелҳо асоснок карда шаванд[179].

---

[175] Ниг.: Лупинская П.А. Законность и обоснованность решений в уголовном судопроизводстве. – М.: ВЮЗИ, 1972. – С. 74-75.

[176] Ниг.: Чувилев А.А. Прокурорский надзор за исполнением законов при задержании подозреваемых (учебно-методическое пособие). – М.: Воронеж, 2001. – С. 23.

[177] Ниг.: Научно-практический комментарий к Основам уголовного судопроизводства Союза ССР и союзных республик. – М.: Госюриздат., 1960. – С. 185.

[178] Ниг.: Франк Л.В. Задержание и арест подозреваемого (уголовно-процессуальные и криминалистические исследования). – Душанбе, 1963. – С. 43.

[179] Ниг.: Гуткин И.М. Актуальные вопросы уголовно-процессуального задержания. – М.: Юрлит., 1980. – С. 36-37.

Муаллифон А.П. Гуляев, С.А. Донилюк, С.Н. Забарин, қайд мекунанд ки «боздошт… танҳо бо дараҷаи хавфнокии кирдори содиршуда ваҷҳнок дониста мешавад»[180]. Имрӯз агар ба м. 91 КМҶ ҶТ эътибор диҳем, ин чораи маҷбурӣ нисбат ба гумонбаршуда дар содир намудани ҷинояте, ки барои он ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ё нигоҳ доштан дар қисмҳои ҳарбии интизомӣ пешбинӣ шудааст, татбиқ мешавад. Яъне, дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии кирдори содиршуда яке аз ваҷҳҳои ҳуқуқӣ барои татбиқи дасгир кардан дониста мешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ кушишҳои муфассал маънидод кардани ваҷҳҳои дастгир кардан зиёд аст. В.Н. Григорьев, Л.Н. Смирнова қайд мекунанд, ки боздошт ва маҷбуран ҳозир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят баъди ошкор шудани аломати ҷиноят ва оғози парвандаи ҷиноятӣ бояд амалӣ шавад. Онҳо ҳатто ба ҷойи мафҳуми «дастгиршуда» мафҳуми «шахси (маҷбуран) ҳозир кардашударо» истифода бурда дастгиркуниро, ки боиси муваққатан махуд кардани озодии шахс мешавад, баъди оғози парвандаи ҷиноятӣ имконпазир медонанд[181]. Асоснок мешуд, ки дастгир кардани гумонбаршуда аз рӯйи зарурати дарёфт кардани ҷои пинҳонкардаи олоти ҷиноят, амволи бо роҳи ҷиноят бадастомада ва ё ҳолатҳои дигари барои тафтиши парванда, амалҳои тафтишӣ, ки барои ёфтан ва мустаҳкам кардани изи ҷиноят низ, гузаронида мешавад.

Мақсад ин ҳамаи натиҷаи ниҳоие, ки бо умеди расидан ба он мо чораҷӯӣ менамоем. Мақсади дастгир намудан васеъ мебошад:

– муайян кардани алоқаи шахс ба ҷиноят;

– муҳофизат кардани ҳуқуқ ва манфиатҳое, ки аз ҷиноят осеб мемонанд;

– пешгирӣ кардани ҷиноят.

Лекин, дастгир кардан воситаи ошкор, дастрас кардан ва тафтиши чунин маълумот набуда, натиҷаи он танҳо барои ҷамъоварии маълумот шароит

---

[180] Гуляев А.П., Донилюк С.А., Забарин С.Н. Задержание лиц, подозреваемых в совершении поступления. – М.: ВНИИ МВД СССР, 1988. – С. 18.

[181] Ниг.: Смиронва Л.Н. Уголовно-правовое задержание лица, совершившего преступление. – СПб.: Юр. центр «Пресс», 2005. – С. 74-75; Григорьев В.Н. Задержание подозреваемого. – М.: Юринформ., 1999. – С. 118.

фароҳам меоварад. Зарурати гузаронидани чорабиниҳои мазкур дар ҳолати мавҷуд набудани хавфи рафтори нодурусти гумонбаршуда ҳангоми дар озодӣ мондан, маҳрум кардани ӯ аз озодии ҳаракат талаб карда намешавад.

Намояндагони илми психология тасдиқ менамоянд, ки мафҳуми фаъолиятро бо мафҳуми ваҷҳнокӣ бояд пайваст. Лекин, чун қоида ваҷҳро актуалӣ дарк намекунанд… Онҳо танҳо дар шакли бевоситаи изҳори хулоса – дар шакли хоҳиш, ҳиссиёт, кӯшиши расидан ба мақсад баромад мекунанд. Ваҷҳҳо худ аз худ мумкин дарк карда шавад, мумкин аст дарк карда нашавад[182].

Аз ин рӯ, ваҷҳҳои дастгир кардан ба истилоҳи соф субъективӣ тааллуқ доранд, гарчанде, ки онҳо дар асоси маълумоти воқеӣ ба вуҷуд меоянд.

Ваҷҳ – ин ҳамаи асоснок намудан аст. Вале асос нест. Бо чанд асос татбиқи дастгиркунӣ ваҷҳнок карда мешавад.

Аз ин хотир, бо далелҳои муайян, ҳолатҳое, ки ба дастгир кардани шахс мусоидат менамоянд, ваҷҳҳоро монанд ва алоқаманд кардани он нодуруст мебуд.

Ҳолатҳои воқеаи рухдода истилоҳи объективӣ буда, бо нигоҳи субъективӣ алоқамандие надоранд. Бо ин сабаб ба ваҷҳҳо чун истилоҳи субъективӣ ва ҳолатҳое, ки ба рафтори зиддиҷтимоии минбаъдаи гумонбаршуда мусоидат менамоянд, баҳо додан хато аст, зеро дар ин ҷо мафҳуми тамоман дигар, мутлақ мутобиқи ҳуқуқӣ бояд истифода шавад.

Ваҷҳҳо, ки мақомоти таҳқиқ ва тафтишотро барои дастгир кардан водор менамоянд, натиҷаи мантиқии баҳодиҳии маълумоти воқеӣ, ки зарурати боздоштро нишон медиҳанд, ташкил мекунад. Он тарафи асоснокӣ ва иродавии рафтори корманди мақомоти таҳқиқ ва ё муфаттиш, прокурорро муайян мекунад.

Ин тарафи фаъолияти зеҳнии онҳо кӯшиши пешгирӣ кардани ҷиноят, монеъ гаштан ба пинҳон шудани гумонбаршуда аз тафтишот, пешгирии

[182] Ниг.: Леонтьев А.Н. Деятельность, сознание, личность. – М.: Наука, 1975. – С. 102, 201-205.

содир намудани ҷинояти нав ва ё бартараф кардани имконияти таъсири манфии он ба рафт ва натиҷаи тафтиши пешакӣ, умуман ба ҳалли пешбурди судии ҷиноятӣ инъикос менамояд.

Аз ин рӯ, ваҷҳҳои дастгир кардан чунин маъно надорад, ки аз як тараф шахс барои чӣ гумонбар дониста мешавад, аз тарафи дигар ҳолатҳое, ки мумкин боиси рафтори ғайриҳуқуқии гумонбаршуда гардад, дониста шавад.

Ваҷҳҳо ба фикри мо чун ба сифати оғози водоркунандаи ягон амал баромад намуда, зарурати дастгир кардан ва дар ин асос ҳамчун гумонбаршуда эътироф шудани шахс мегарданд. Онҳо чун асоси дастгир кардан, зарур аст, ки аз маълумоти ваҷҳноки дар қонун зикршуда гирифта шаванд. Агар зарурати дастгир кардан танҳо ба хавфнок будани ҷиноят, таъмини амнияти шахси гумонбаршуда, қонеъ гардонидани ҳисси адолати ҷамъиятӣ, ҷуброн кардани зарари моддии расонидашуда алоқаманд бошад, пас мақсади боздошт муайян кардани иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят, ё чун гумонбар эътироф кардани ӯ дар канор мемонад. Агар ҳалли ин масъала бидуни дастгир кардан ба амал бароварда шавад, пас зарурати дастгир кардан худ аз худ аз байн меравад.

Ваҷҳ чун оғози водоркунанда оид ба қабули қарори дастгир кардан мумкин аст, дар зери таъсири маълумоти оперативӣ -ҷустуҷӯӣ дар бораи ниятҳои гумонбаршуда дар бораи пинҳон шудан ва ё идома додани амалҳои ҷинояткорона ба миён ояд.

Дар амалия таъхирнопазирии боздоштро кӯшиши ба даст овардани далелҳо, ки асосҳоро муайян менамоянд, ташкил медиҳанд, лекин на ҳама вақт натиҷаи дилхоҳ медиҳанд. Аз ин хотир, ваҷҳҳо бо мақсадҳои боздошт зич алоқаманд буда, асоси ташаккули онро, ташкил медиҳанд. Фикри баёншуда барои мурофиаи ҷиноятӣ аҳамияти калон дошта, он бо муайян кардани мақсади дастгир кардан алоқаманд мебошад.

Ба фикри мо, муқаррар кардани нишонаҳои амалҳои ҷинояткорона маҳз ба асосҳои дастгир кардан вобастагӣ дорад. Муқаррар кардани нишонаҳои амалҳои ҷинояткорона мақсади дастгир карданро муайян мекунад.

Е.М. Клюков номгӯйи ягонаи ваҷҳҳо ва мақсади дастгир карданро пешниҳод карда, онҳоро чун мафҳумҳои мустақил эътироф намекунад[183].

Н.А. Козловский давъат менамояд, ки «ба фикри З.Ф. Ковригa ҳамроҳ шуда, дар бораи аз м. 122 КМҶ РСФСР (м. 94 КМҶ ҶТ ) хориҷ кардаи талаботи ваҷҳҳо ва ба ҷои он дохил кардани талабот дар бораи мақсади боздошт» иваз карда шавад[184]. Ӯ ин ақидаро бо он асоснок мекунад, ки ваҷҳҳо бо мақсади дастгир кардан ҳаммаъно мебошанд.

Як қатор муаллифон низ қайд менамоянд, ки аз ваҷҳҳои дастгир кардан даст кашида шавад, зеро он бо мақсади дастгир кардан ва мақсадҳои татбиқи чораи пешгирӣ якхела фаҳмида мешавад. Қайд карда мешавад, ки дар зери ваҷҳҳои дастгир кардан, аз он ҷумла ҳолатҳои вокеӣ, ки дар моддаи 89 КМҶ РСФСР (м. 85 КМҶ ҶТ) чун асоси татбиқи чораи пешгирӣ нишон дода шудааст (м. 102 КМҶ ҶТ), низ фаҳмида мешаванд[185].

Аз таҳлили андешаҳои олимон бармеояд, ки дар адабиёт мафҳумҳои мақсад ва ваҷҳҳои дастгир кардан омехта ё маҳдуд шарҳу маънидод карда шудааст. Ба фикри мо, дар ин ҷо на танҳо ба омехтагии асосҳо, ваҷҳҳо ва мақсади татбиқи чораҳои маҷбурӣ роҳ дода шудааст, балки шакли гуногуни баёни фикр ва андешаронихо алоқамандии моҳият, мақсад ва ваҷҳҳоро коҳиш додааст.

Ба андешаи мо, ваҷҳи дастгир кардан, чун категорияи субъективӣ наметавонад кафолати ҳақиқии дастгиркунии қонунӣ гардад ва бо ин васила ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсро ғайриимкон намояд.

Дар ҳақиқат, талаботи қонун оид ба ваҷҳҳои дастгир кардан маҳдуд, истисноӣ ва ногузир будани татбиқи онро, ки танҳо барои ноил шудан мақсади чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ, ҳамчун шакли таъсиррасонӣ ба

---

[183] Ниг.: Клюков Е.М. Меры процессуанального принуждения. – Казань: Казанский ун-т, 1974. – С. 21-22.
[184] Ниг.: Ковригa З.Ф. Уголовно-процессуанальное принуждения. – Воронеж, 1975. – С. 142.
[185] Ниг.: Шадрин В.С. Обеспечение прав личности при расследовании преступлений. – М.: Юрлитинформ., 2000. – С. 28.

рафтори дахлдори шахс нигаронида шудааст, ифода мекунад. Муҳокимаи ин масъала дар назарияи мурофиаи ҷиноятӣ то ҳол боқист ва идома хоҳад ёфт[186].

Дар айни замон, аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба ваҷҳҳо баҳо додан душвор аст, зеро ҳар як асоси дастгир кардан, ки аз маълумоти муайян бармеояд ҷой доштани ҳолати муайянро нишон медиҳад, яъне дар лаҳзаи қабули қарор оид ба дастгир кардан ваҷҳ дар бораи эҳтимолият ва имконияти гумонбаршуда дар бораи саркашӣ кардан аз тафтишот, ё ки идома додани фаъолияти ҷинояткорона маҳз аз ҳамин гуна ҳолат ба миён меояд.

Дар ҳолати баъди дастгир кардани гумонбаршуда ва қабул кардани қарори асоснок дар бораи гумонбаршуда донистани шахс, зарурати номбар кардани ваҷҳҳои боздошт дар қонунгузорӣ аз байн меравад.

Ваҷҳҳо танҳо тарафи иродавии рафтори корманди мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурорро ҳангоми дастгир кардани гумонбаршуда муайян менамоянд.

Қайд кардан зарур аст, ки ифодаи шакли мурофиавии ваҷҳҳои дастгир карда шудани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят барои муайян кардани вазъи ҳуқуқии гумонбаршуда хеле муҳим буда, ҷузъҳои таркиби он, ғайр аз асосҳо ва мақсади ин чораи маҷбурӣ, ваҷҳнокӣ ва шартҳои татбиқи дастгир карданро низ дар бар гирифтааст.

Дар қисми 2 м. 94 КМҶ ҶТ низ пешбинӣ шудааст, ки дар протоколи дастгиркунӣ бояд асос ва ваҷҳҳои дастгир намудан, ҷой ва вақти дастгиркунии воқеӣ, ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ овардани шахс дарҷ гардад. Лекин дар амалияи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ин қоида на ҳамеша риоя ва иҷро мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар аксарияти ҳолатҳо дар протоколи дастгиркунӣ танҳо асосҳои дастгир намудан, ҷой ва вақти дастгиркунии воқеӣ, ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ овардани шахс дарҷ мешаванд.

Дар адабиёт бештар чун ваҷҳои дастгир кардан маҷмуи шароит, оқибат ва ҳолатҳои эҳтимолии фарорасанда, ба монанди дар озодӣ мондани шахс

---

[186] Ниг.: Уголовно-процессуальное законодательство Союза ССР и РСФСР. Теоретическая модель / Под ред. В.М. Савицкого. – М.: Инст. гос. и права АН СССР, 1990. – С. 90-94.

боиси аз ҷониби вай содир шудани ҷинояти дигар, нобуд карда шудани далелҳо, ғайриимкон гаштани исботи иштироки ин шахс дар содир кардани ҷиноят мегардад; ошкор ва гирифтани изу пай, осори ҷиноят дар бадан, либос, ашёи ҳамроҳи шахсбуда, дар чизҳои истифодакарда, манзил, ҷойи кор ё воситаи нақлиёти ӯ, муайян шудани шахсият имконияти саркашӣ ва пинҳон шуданро аз тафтишот ва суд истисно намекунад, ки ба саривақт кушодани ҷиноят ва расмигардонии маълумоти воқеӣ шароит муҳайё мекунанд, номбар шудааст[187]. Мувофиқан ба сифати эҳтимолияти ваҷҳҳои дастгир кардан, аз рӯйи моҳият ҳолатҳое номбар мешаванд, ки минбаъд ба сифати асосҳои интихоб ва татбиқи чораҳои пешгирӣ нисбати гумонбаршуда баромад мекунанд.

Ба ақидаи баъзе аз муаллифон розӣ шудан мумкин нест, ки мутобиқи он дастгир кардани шахсе, ки барои содир кардани ҷиноятe, ки қонун ҷазои маҳрумӣ аз озодиро пешбинӣ намекунад, татбиқ карда шавад, зеро дар чунин ҳолат номутобиқатии натиҷаи тафтишот оид ба татбиқи чораи маҷбуркунии мурофиавӣ ва ҷазои аз тарафи суд таъиншуда ба миён омаданаш мумкин аст[188]. Барои ҳамин ба шартҳои татбиқи ин чораи маҷбурии мурофиавӣ бояд диққат дода шавад.

В.Н. Григорев қайд мекунад, ки ҳолатҳои дастгир кардан дар ҳамбастагии ду шарт ба амал бароварда мешаванд:

1) зарурати маҳдуд кардани озодии гумонбаршуда бо мақсади роҳ надодан ба пинҳоншавии ӯ аз мақомоти таҳқиқ ва ё тафтиши пешакӣ, халал нарасонидан ба муқаррар кардани ҳақиқати воқеӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ ва ё давом надодани фаъолияти ҷинояткорона;

2) номумкин будани татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан бо сабаби мавҷуд набудани асосҳои кофӣ ва ё мавҷуд будани

[187] Ниг.: Лупинская П.А. Законность и обоснованность решений в уголовном судопроизводстве. – М.: ВЮЗИ, 1972. – С. 74-75; Петрухин И.Л. Свобода личности и уголовно-процессуальное принуждение. – М.: Наука, 1985. – С. 81; Чельцов М.В. Советский уголовный процесс. – М.: Госюриздат., 1962. – С. 229; Тарбагаев А.Н. Понятие и цели уголовной ответственности. – Красноярск: Изд-во Красноярского ун-та, 1985. – С. 79.

[188] Ниг.: Алексеев Н.А. и Лукошевич В.З. Дальнейшее укрепление социалистической законности и охраны прав личности / Н.А. Алексеев и В.З. Лукошевич // В сб.: «Вопросы судопроизводства и судоустройства в новом законодательстве Союза ССР. – М.: «Юриздат», 1959. – С. 189.

монеъаҳои объективӣ барои дастгир кардан (масофаи дур, вақти шабона, офатҳои табиӣ) ва ғайраҳо. Агар яке аз ин шартҳо арзи вуҷуд накарда бошад, пас дастгир кардан татбиқ намешавад[189].

Ҷазо дар намуди маҳрум кардан аз озодӣ ҳамон вақт таъин карда мешавад, ки санксияи моддаҳои қисми махсуси КҶ ҶТ ин намуди ҷазоро пешбинӣ кунад, инчунин ҷазои нисбатан қатъӣ – якумра маҳрум кардан аз озодӣ ҳамчун алтернативаи ҷазои қатл низ пешбинӣ шудааст.

Бояд зикр намуд, ки дастгир кардани гумонбаршуда нодуруст мебуд, агар барои содир кардани ҷиноят на танҳо ҷазои маҳрум кардан аз озодӣ, балки қонуни ҷиноятӣ имконияти таъин кардани дигар намуди ҷазоро низ муқаррар мекард. Чунки имконият ва хавфи саркашӣ кардан ё пинҳон шудани вай аз тафтишоти минбаъда ночиз аст. Хуб мешуд, чунин шахсони боздоштшуда баъди муайян карда шудани шахсияти онҳо дар тавқифгоҳ нигоҳ дошта нашаванд.

Дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ асоснок кардани муҳлати кутоҳи маҳрум кардан аз озодӣ ғайримақсад ва беоқибат дониста мешавад[190].

Аз ин рӯ, дастгир кардан ва дар тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ ҷойгир кардани шахс барои содир намудани ҷинояти нисбатан камаҳмият, (ки қонун ҷазои маҳрумӣ аз озодиро то ду сол муқаррар кардааст) одилона нест. Қаблан, қонунгузории шӯравӣ имконияти дастгир карданро аз ҷониби мақомоти таҳқиқ танҳо дар ҳолати аз тарафи шахс содир кардани ҷиноятe, «ки барои он пешбурди тафтишоти пешакӣ ҳатмист», пешбинӣ мекард (м. 100 ва м. 108 КМҶ РСФСР с.1923). Моддаи 103 санади мазкур имконияти боздоштро «барои парвандаҳои ҷиноятие, ки қонун барои онҳо муҳлати ҷазои махруми аз озодӣ зиёда аз як сол пешбинӣ шуда бошад», агар дар он яке аз асосҳои дар м. 100 КМҶ РСФСР пешбинишуда мавҷуд бошад, иҷозат

[189] Ниг.: Григорьев В.Н. Задержение подозреваемого. – М.: Юринформ., 1999. – С. 79.
[190] Ниг.: Карпец И.И. Наказание. Социальные правовые и криминологические аспекты. – М.: Юрлит., 1973. – С. 97-101.

медод. Дар ҳолати мавҷуд набудани ин асос гумонбаршуда уҳдадор карда мешуд, ки дар бораи ҳозир шудан забонхат диҳад[191].

Ба фикри мо, амалӣ шудани танҳо як шарт ҳамчун ҳолати истисноӣ барои дастгир кардани гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноят, ки тибқи қонун ҷазои маҳрумӣ аз озодӣ муқаррар карда шудааст, дар амалия ба зиёдшавии шумораи боздоштҳои беасос оварда мерасонад.

Ҳамин тариқ, таҳлили назариявии ин масъалаҳо имконият медиҳад, ки чунин хулосаҳоеро пешниҳод намоем, ки мазмун ва шакли мурофиавии мақсад, ваҷҳнокӣ ва шартҳои дасгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноятро дар пайвастагӣ бо ҳамдигар саҳеҳ ифода мекунанд:

а) Мақсади ниҳоии ҳамагуна амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ, аз ҷумла дастгир кардан низ таъмин намудани адолати судӣ нисбат ба парвандаҳои ҷиноятӣ ташкил медиҳад, гӯем, хато намекунем. Аз ин лиҳоз, мақсади дастгир карда шудани гумонбаршударо:

– муайян кардани воқеияти иштироки шахс дар содир кардани кирдори ҷиноятӣ мебошад, ки зарурати таъсиррасонӣ ба рафтори вай ва муваққатан маҳдуд карда шудани озодиро ба миён меорад; таъмини иҷрои вазифаҳои мурофиавии ҷиноятӣ оид ба саривақт ва пурра ошкор карда шудани ҷиноят ва ноил шудан ба мақсади мурофиавии ҷиноятӣ ташкил медиҳад.

б) Ваҷҳҳои дастгир карда шудани гумонбаршуда ба қабули қарори дастгир кардан водор мекунад. Муайян карда шудани ваҷҳҳои дастгир кардан кафолати қонунӣ ва асоснок қабул шудани қарори мурофиавӣ ва татбиқ шудани онро таъмин мекунад. Дар қарори мурофиавӣ нишон дода шудани асосҳои воқеии дастгир кардан имконият медиҳад, ки ваҷҳҳои, сабаби қабул шудани чунин қарор мегарданд, аниқ ифода ёбад, гумонбаршуда бо он шинос мешавад ва мувофиқан ҳолатҳои дигарро номбар карда метавонад, ки хулосаҳои гумонбарӣ, асос ва зарурати дастгир карда шуданро бартараф, истисно ё рад мекунанд.

---

[191] Ниг.: Крылов И.Ф., Бастрыкин А.И. Розыск, дознание, следствие. – Ленинград, Изд: Ленинградского университета, 1984. – С. 116.

Ваҷҳнокӣ ифодаи сабаб, ногузирӣ ва зарурати татбиқи ин чораи маҷбуркунӣ аст, ки фаро расидани оқибатҳои эҳтимолиро (содир шудани ҷинояти дигар, нобуд карда шудани далелҳо, ғайриимкон гаштани исботи иштироки ин шахс дар содир кардани ҷиноят; нобуд шудани изу пай, осори ҷиноят дар бадан, либос, ашёи ҳамроҳи шахсбуда, дар чизҳои истифодакарда, манзил, ҷойи кор ё воситаи нақлиёти ӯ, муайян нашудани шахсият, саркашӣ ва пинҳон шуданро аз тафтишот ва суд) пешакӣ бартараф ва пешгирӣ мекунад.

Ба андешаи мо, ваҷҳнокии дастгир намудан бо мақсадии татбиқи он алоқамандии бевосита дошта, он тарафи зоҳирии сабаб ва шароит фароҳам овардан барои ба мақсади ин амали маҷбурии мурофиавӣ ноил шуданро ифода мекунад;

в) Дар қиёс бо мақсад ва ваҷҳнокӣ шартҳои дастгир карданро ба гурӯҳҳо тақсим карда, чунин маънидод кардан лозим аст:

1. Мавҷуд будани маълумот дар бораи содир шудани кирдори ба ҷамъият хавфнок, инчунин гумонбарӣ дар бораи иштироки ҳамин шахс дар содир кардани ҷиноят;

2. Мавҷуд будани аломатҳои таркиби ҷиноят, на ҳаракатҳои гуногуни зиддиахлоқӣ ва ғайриқонунӣ;

3. Мавҷуд будани аломатҳои на ҳама гуна ҷиноят, балки ҷиноятҳое, ки барои содир кардани онҳо тибқи қонун ҷазои маҳрумӣ аз озодӣ ё нигоҳ доштан дар қисмҳои ҳарбӣ пешбинӣ карда мешавад.

4. Шарт нест, ки кӯшиш ва имконияти минбаъдаи дастгиршуда, монанди саркашӣ ва пинҳон шудани шахс аз тафтишот ва суд, имконияти содир шудани ҷинояти дигар аз ҷониби гумонбаршуда, эҳтимолияти нобуд карда шудани далелҳо ва оқибатҳои дигар бо далелҳои ҷамъовардашудаи кофӣ муқаррар шуда бошанд. Фаворасии ин гуна оқибатҳо хусусияти эҳтимолӣ доранд, мантиқан зарурат мавҷуд нест, ки кӯшиш, ғараз ё рафтори минбаъдаи шахси дастгиршуда, пешакӣ бо далелҳо тасдиқ ёфта бошанд.

5. Дар фарқият аз ваҷҳ ва шартҳои дастгир кардани гумонбаршуда, асосҳои интихоб ва татбиқи чораи пешгирӣ, (ки дар м. 102 КМҶ ҶТ пешбинӣ

шудааст) бо далеліои кофии йамъ овардашуда тасдиқ шудани имконият ва кӯшиши гумонбаршавандаро нишон додааст, ки мумкин аст аз тафтишот ва суд саркашӣ кунад ва пинҳон шавад ё бо рафтори худ ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ халал расонад.

6. Маълум набудани шахсият, дар маҳалли дигар зиндагӣ кардан ва ё ҷои зисти доимӣ надоштан набояд шарти татбиқи дастгиркунӣ дониста шаванд.

# БОБИ 3. ТАРТИБИ МУРОФИАВИИ ДАСТГИР КАРДАНИ ГУМОНБАРШУДА БО ГУМОНИ СОДИР КАРДАНИ ҶИНОЯТ

## 3.1. Тартиби мурофиавии расмиёти дастгир кардани гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноят

Таҳқиқбаранда, муфаттиш натиҷаи амалҳои иҷрошударо оид ба дастгир карда шудани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят бо тартиб додани протоколи дастгир кардани гумонбаршуда ҷамъбаст карда, ба таври ҷиддӣ яке аз ҳуқуқҳои муҳими шаҳрванд хуқуқ ба дахлнопазирии шахс ва озодиро маҳдуд мекунанд. Ин ҳуқуқ, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудааст, ба ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳудуди он зиндагӣ мекунад, тааллуқ дошта, ҳама гуна маҳдудкунии ҳуқуқи мазкур танҳо бо асос ва тартиби муқарраркардаи қонун раво дониста мешавад.

Таъиноти асосии санади мурофиавии тартибдодашаванда дар он ифода меёбад, ки дар он на танҳо қарори мақомоти давлатӣ дар бораи истифодаи чораи маҷбуркунии мурофиавӣ ва воқеияти иҷрои қарори мазкур нисбати шахс дарҷ мешавад. Таъиноти дигари муҳими ин санад дар он аст, ки вазъи мурофиавии шахс аз ҳамин лаҳза муайян карда мешавад ва хусусияти муваққатӣ дорад. Дар амалия ин ба ин ҷиҳатҳои муҳим чандон аҳамияти ҷиддӣ дода намешавад.

Бинобар ин, шахси дастгиршуда на ҳама вақт ба аҳамияти ҳуқуқии ин ҳуҷҷат ва тартиби шинос кардани он эътибори ҷиддӣ медиҳад. Ҳол он ки протоколи дастгир кардан чун санади мурофиавӣ, аз нуқтаи назари мурофиавӣ асоснок шудани «дастгир кардани воқеӣ дар ҷойи содир кардани ҷиноят», пайдарҳамии иҷрои ин амал ва қайди муҳимтарин натиҷаҳои онро (фаҳмонидани ҳуқуқу уҳдадориҳо, кофтукови шахсӣ, муоинаи тиббӣ) таъмин мекунад.

Дар аксари ҳолатҳо бо назардошти дар парвандаи ҷиноятӣ мавҷуд будани санади мурофиавии мазкур, дар амал тартиби иҷро ва қайди шакли мурофиавии ин амал риоя карда шудааст ё не, муайян карда мешавад. Ғайр аз ин, ин санад барои таъмини мурофиаи исбот кардани иштироки

гумонбаршуда дар содиркунии ҷиноят шарти зарурӣ дониста шуда, назорати прокурорӣ, санҷиши судӣ ва назорати тобеияти сохторӣ (дар доираи амали мақомот ё воҳиди таҳқиқ ва воҳиди тафтишотӣ) оид ба қонунӣ ва асоснок будани дастгир кардан, дақиқ будани расмиёти иҷрои татбиқи чораи маҷбуриро таъмин мекунад.

Тағйирот ва камбудиҳои ташкилӣ дар фаъолияти мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ошкоршуда нишон доданд, ки танҳо таҳия шудани протоколи дастгир кардан боиси маҳдуд гаштани озодии шахс гардидааст. Ин санад, ки ҷараён, пайдарҳамии иҷрои амалҳои мурофиавӣ ва ҳолатҳои воқеиро ҳангоми дастгир кардан инъикос намояд ҳам, ҳамчун ҳуҷҷати расмии ҷойгир кардани гумонбаршуда ба тавқифгоҳи муваққатӣ дониста шудааст.

Масалан, И.М. Гуткин қайд менамояд, ки «асосҳои дастгир кардан, ки дар протокол қайд гардидааст, на барои исбот, балки барои асоснок кардани қарор дар бораи ба ҳабс гирифтани шахси барои содир кардани ҷиноят гумонбаршуда истифода карда шавад»[192].

Дар қ. 1 м. 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» нишон дода шудааст: «Асоси нигоҳдории шахсоне, ки барои гумонбарӣ барои содир кардани ҷиноят дастгир шудаанд, протоколи дастгир кардан, ки бо тартиби муайянкардаи КМҶ ҶТ тартиб дод мешаванд, ба ҳисоб меравад»[193].

Муаллифони ватанӣ чунин меҳисобанд, ки протоколи дастгир кардан далел оид ба парванда буда, бояд бо риояи ҳамаи талаботе, ки аз тарафи қонунгузорӣ муқаррар кардашуда аст, тартиб дода шавад[194]. Камбудиҳои дар

---

[192] Гуткин И.М. Актуальные вопросы уголовно-процессуального задержания: Учебное пособие. – М.: Академия МВД СССР, 1980. – С. 50.

[193] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июни соли 2011, таҳти №720.

[194] Ниг.: Раҳматҷонов А., Оқилова М. Мурофиаи ҷиноятӣ. – Худҷанд: Хуросон, 2008. – С. 42.

протокол ҷойдошта, аҳамияти мурофиавии онро паст карда, барои муайян кардани ҳақиқати ҳол монеаҳои иловагӣ ба вуҷуд меорад[195].

Қаблан протоколи дасгир кардан дар қонун ҳамчун сарчашмаи мустақили далел дар шакли протоколи амали тафтишотӣ эътироф шуда буд[196].

Муаллифон қайд менамоянд, ки «протоколи дастгир кардан ба тафтишот, аз як тараф воқеан ҷой доштани ҳолатҳои аҳамияти ҳуқуқӣ доштаро нишон медиҳад, аз тарафи дигар ба муфаттиш имкон медиҳад, ки шахси дастгир кардашударо, баъди оғози парвандаи ҷиноятӣ оид ба ҳолатҳои ошкоршудаи содир шудани ҷиноят пурсиш намояд. Сеюм, ба гумонбаршуда имкон намедиҳад, ки воқеан ҷой доштани ҳолатҳои асоси дастгиркунишударо инкор намояд, пурра созад ва дақиқ намояд».

Қаблан пешниҳод шуда буд, ки тартиби расмиёти санади дастгиркуниро тағйир дода, тартиби бақайдгирии далелҳоро, ки шахсро дар содир кардани ҷиноят айбдор меҳисобад, дар протоколи алоҳида инъикос намояд. Баъди он, ки тавассути ин санад асосҳои дастгир кардан муайян карда мешаванд, бояд қарор дар бораи татбиқи чораи мурофиавии маҷбуркунӣ қабул шавад, қайд мекардаанд муаллифони алоҳида[197].

Муаллифони дигар изҳори ақида менамоянд, ки на ҳамаи амалҳои мурофиавӣ азбаски далелҳоро бевосита муайян намекунанд, аз ин рӯ, протоколи дастгиркунӣ низ бевосита ҳамчун сарчашмаи далел хизмат карда наметавонад.

Ба фикри мо, ҷараён ва натиҷаи дастгир кардан набояд ҳамчун воситаи ҷамъоварии далелҳо истифода гардад.

---

[195] Ниг.: Следственные действия (процессуальная характеристика, тактические и психологические особенности). Изд. 2-е / Под ред. Б.П. Смагоринского. – М.: УМЦ при ГУМ МВД РФ, 1994. – С. 98.

[196] Уголовно-процессуальный кодекс Тадж. ССР // В редакции Законов РТ от 28 августа 1990 г., №110; от 27 июня 1991 г., №333; от 1 февраля 1996 г., №237; от 21 мая 1998 г., №576; от 10 декабря 1999 г., №865; от 29 ноября 2000 г., №27; от 10 майя 2002 г., №42; от 15 июля 2004 г., №54.

[197] Ниг.: Питулько К.В. Судебная проверка законности и обоснованности избрания в качестве меры пресечения заключение под стражу и реализация права обвиняемого на защиту в уголовном процессе РФ: дис. ... канд. юрид. наук. – СПб., 2000. – С. 112.

Протоколи дастгиркунӣ аҳамияти мурофиавии худро танҳо чун ҳуҷҷат, ки ҳолати мурофиавии дастгир карданро (вақт, ҷой, асос ва дигар ҳолатҳо) муайян мекунад, нигоҳ дошта, онро ба сарчашмаи дигари далелҳо – ҳуҷҷатҳои дигар мувофиқ донистан мумкин (қ. 2 м.м. 72, 82 КМҶ ҶТ) аст ва маълумоти дар он зикршуда, барои муайян намудани ҳолатҳои с. 1 қ. 1 м. 85 КМҶ ҶТ аҳамият пайдо мекунад.

Аз рӯйи мазмуни қонуни амалкунандаи мурофиавии ҷиноятӣ шахс на аз лаҳзаи дастгир кардан ва ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маҷбуран ҳозир карда шудан, балки баъди аз тарафи шахси ваколатдор тартиб дода шудани протоколи дастгиркунӣ (м. 94 КМҶ ҶТ) расман гумонбаршуда эътироф мешавад, яъне на аз лаҳзаи воқеии дастгир кардан, балки аз лаҳзаи тартиб додани протокол дар бораи дастгир шудан гумонбар ҳисобида шуда, дорои ҳуқуқу уҳдадориҳои мурофиавӣ мегардад.

Қаблан аз ҷониби муаллифони алоҳида дар бораи зарурати дар протокол инъикос кардани вақти воқеан дастгир кардани шахс барои содир кардани ҷиноят гумонбаршуда андешаҳо баён шуда, мутобиқи он ин ҳолат кафолати иловагии ҳуқуқи онҳо дониста мешуд. Зеро нишондоди дастгиршудагон дар аксари ҳолатҳо пеш аз тартиб додани протокол (пурсиш, баёнот) низ гирифта мешуд[198]. Лекин, бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла бинобар нодуруст интихоб кардан ва фаҳмидани асос ва шаклҳои расмии қайд кардани натиҷаи амалҳои мурофиавӣ, ё ҳангоми ба мақомоти корҳои дохилӣ маҷбуран ҳозир карда шудани шахс дар амалияи мақомот санадҳои гуногун, ба монанди санади маҷбуран ҳозир кардан, гузориш дар бораи шахси маҷбуран ҳозиркардашуда, санади натиҷаи мушоҳида, санади ошкор шудани аломати ҷиноят дар кирдори шахсро бо назардошти (умеди – А.М.) минбаъд аз ҷониби муфаттиш тартиб дода шудани санади ҷавобгуи талаботи мурофиавӣ,

---

[198] Ниг.: Григорьев В.Н. Задержание подозреваемого органами внутренних дел. – Ташкент: ТВШ МВД СССР, 1989. – С. 97; Советский уголовный процесс. Возбуждение уголовного дела и предварительное расследование / Под ред. Бородина С.В. и Перлова И.Д. – М.: Изд-во ВШ МВД СССР, 1968. – С. 139.

таҳия мегардид[199]. Нодуруст будани чунин амалҳоро роҳбарияти сохторҳо минбаъд ошкор ва дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ бартараф кардаанд.

Шаҳрвандро аз он лаҳза маҷбуран ба мақомот ғайри хоҳиши вай ҳозир мекунанд, аз ин рӯ дастгир кардан амалан аз лаҳзаи маҳдуд кардани озодии ӯ оғоз мегардад.

Ҳангоми дастгир кардан протокол бояд дар давоми 3 соат тартиб дода, ҳуқуқу ухдадориҳои мурофиавии вай фаҳмонида шавад. Дар протокол бояд лаҳзаи (вақти) дастгир кардани шахс, на вақти маҷбуран ҳозир кардани ӯ ба мақомот зикр карда шавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ дар бораи вақти тартиб додани протоколи дастгир кардан мухлатҳои гуногун пешниҳод мешаванд, аз ҷумла маҳз дар ҷои дастгир кардан:

– баъди 2 соати дастгир кардан; баъди 3 соати интиқоли ӯ ба мақомоти таҳқиқ[200], на кам аз баъди 12 соати баъди дастгир кардан; дар муҳлати як шабонарӯз баъди дастгир кардан ва ғайраҳо[201] санади мурофиавӣ тартиб дода шавад.

Дар протоколи дастгир кардан на танҳо вақти тартиб додани протокол, инчунин вақти дастгир кардани воқеии шахс, ки маҳз аз лаҳзаи маҳдудшавии озодии амал кардан ё ҳаракати шахс вай гумонбар дониста мешавад, бояд қайд карда шавад[202].

Дар айни замон, таҳқиқот собит месозад, ки дар амалия таҳқиқбаранда, муфаттишон дар 74,2% ҳолатҳои пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, дар матни протокол вақти дастгир кардан ва тартиб додани протоколро як хел нишон медиҳанд. Ба фикри мо, дар вақти тартиб додани протоколи дастгиркунӣ дар ҷойи содир шудани ҷиноят, лаҳза ё вақти дастгир кардан ва тартиб дода шудани протокол мутобиқан дақиқ гардонида шавад.

---

[199] Ниг.: Григорьев В.Н. Задержание подозреваемого органами внутренных дел. – Ташкент: ТВШ МВД СССР, 1989. – С. 97-98.
[200] Ниг.: Денежкин Б.А. Подозреваемый в советском уголовном процессе. – Саратов: Знание, 1982. – С. 86.
[201] Ниг.: Давыдов П.М., Якимов П.П. Применение мер процессуального принуждения по основам уголовного судопроизводства Союза ССР и союзных республик. – Свердловск, 1961. – С. 80.
[202] Ниг.: Раҳматулоев А.Э., Қаҳоров Н.М. Расмиёти санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2021. – С. 78-79.

Протоколи дастгир кардан бояд дар давоми се соати ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва ё прокурор ҳозир карда шудани шахси дастгир кардашуда тартиб дода шавад (қ. 2 м. 94 КМҶ ҶТ). Дар айни замон, то тартиб додани протоколи дастгир кардан зарурати гирифтани аризаи ҷабрдида, аз назар гузаронидани ҷойи содир шудани ҷиноят, қабул кардани қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ, хабар додан прокурор оиди оғози парвандаи ҷиноятӣ ва баргаштан ба ҷои ҳодиса зарур мебошад.

Муаллифон қайд мекунанд, ки чунин тартиботро КМҶ ФР ҷорӣ намуда, қонунгузор он ҳолатро ба инобат нагирифта буд, ки барои гирифтани розигии прокурор барои оғози парвандаи ҷиноятӣ, ба муфаттиши ва таҳқиқбаранда лозим меояд, ки барои ҷиноятҳои на он қадар хавфнок низ даҳҳо километрро тай кунад, ки иҷрои он дар давоми 3 соати муқарраркардашуда баъзан тамоман ғайри имкон аст[203].

Мо пешниҳод менамоем, ки протоколи дастгир кардан бояд то оғози парвандаи ҷиноятӣ тартиб дода шавад, ки он асоси татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ – дастгир кардани гумонбаршуда гардад. Дар адабиёти мурофиавӣ чунин нуқтаи назар баён мешавад, ки мутобиқи он қарор дар бораи дастгир кардан баъди тартиб дода шудани протокол қабул карда шавад, яъне тартиб дода шудани протокол боиси қабули қарори асоснок гардад. Қаблан низ дар бораи қабули қарор дар бораи дастгир кардан бо баробари тартиб дода шудани протокол фикри паҳншуда мавҷуд буд[204].

Ба андешаи як қатор муаллифон қабули қарор дар бораи дастгир кардан, мувофиқан дар мавридҳои ҷой доштани ҳолатҳои дар с. 2, 3-и қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ пешбинишуда, бояд амалӣ гардонида шавад[205].

---

[203] Ниг.: Клюков Е.М. Задержание подозреваемого по советскому уголовно-процессуальному праву: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1972. – С. 12.
[204] Ниг.: Мариупольский Л.А. Некоторые правовые вопросы института личного задержания / Л.А. Мариупольский // Труды высшей школы МВД СССР. – М., 1956. – С. 100.
[205] Ниг.: Шейфер С.А. Доказательственное значение задержания подозреваемого / С.А. Шейфер // Социалистическая законность. – 1972. – №3. – С. 56.

Масалан, И.Я. Левчик қайд менамояд, ки «протоколи дастгир карданро таъҷилӣ тартиб додан мувофиқи мақсад нест, зеро баъди тартиб додани он маълумоти наве, ки дар аризаи шоҳид ё ҷабрдида баён шудаанд, ба инобат гирифта намешаванд ё дар канор мемонанд». Ин маълумот ҳангоми гузаронидани амалҳои дигари тафтишӣ, ки баъди дастгир кардан гузаронида мешавад, аз ҷумла кофтукови шахсӣ ба даст оварда мешаванд[206].

И.Л. Петрухин қайд мекунад, ки дастгир кардан тавассути қарори пешакӣ (таъиноти) қабулшуда дар ҳамон ҳолатҳо бояд мавриди амал қарор гирад, ки агар ягон асоси дастгир кардан, ки дар м. 122 КМҶ ФР (мувофиқан м. 92 КМҶ ҶТ) муқаррар карда шудааст, мавҷуд набошад, лекин ҳамагӣ як асос барои татбиқи чораи пешгирӣ мавҷуд бошад, далелҳои исботи ҷинояти шахси муайян арзи вуҷуд карда бошад, он асоси дастгир кардан шуда метавонад[207].

Ин андешаҳо дар бораи он далолат мекунад, ки то эълони айб чораи пешгирӣ бо роҳи дастгир кардан, ба ҳабс гирифтани гумонбар муяссар мешавад.

Бояд зикр намуд, ки протоколи дастгир кардан ва қабули қарор дар бораи татбиқи он, ду санади гуногуни мурофиавӣ мебошанд. Онҳо бо шакл ва мазмун аз ҳамдигар фарқ менамоянд ва дар мурофиаи ҷиноятӣ дорои мазмун, оқибат ва хусусиятҳои ба худ хос мебошанд.

Ҳангоми қабули қарор пешакӣ муайян кардани ин ё он асоси дастгир кардан ва пешбинӣ кардани мутобиқати он бо талаботи м. 92 КМҶ ҶТ душвор аст.

Қарор дар бораи дастгиркуниро на дар ҳама ҳолатҳо қабул кардан зарур аст. Мутобиқи м. 39 КМҶ ҶТ муфаттиш оид ба парвандаи муайян ҳуқуқ дорад, ки ба мақомоти таҳқиқ дар бораи дастгир кардани шахс, аз рӯйи тартиби муқарраркардаи м. 92 КМҶ ҶТ супориш диҳад.

---

[206] Ниг.: Левчик И.Я. Некоторые вопросы задержания / И.Я. Левчик // Сборник Высших курсов. – Минск, 1984. – №21. – С. 149-151.
[207] Ниг.: Петрухин И.Л. Свобода личности и уголовно-процессуальное принуждение. – М.: Наука, 1985. – С. 90.

Ин қарор дар ҳолатҳои зарурӣ ҳангоми гузаронидани ин амал дар маҳалли дигар татбиқ карда мешавад (қ. 4 м. 162 КМҶ ҶТ). Амалигардонии дастгир кардан – ин на танҳо иҷрои амал, балки расмиёти қарори дастгир кардан ва амали мурофиавӣ буда, натиҷаи он дар протокол инъикоси худро меёбад.

Маҳз, бо назардошти табиати ҳуқуқӣ доштани дастгиркунӣ он бояд мутобиқи талаботи м.м. 92, 94 КМҶ ҶТ иҷро шуда, асос ва натиҷаҳои он бояд аз ҷониби мақомоти таҳқиқ дар протокол қайд карда шавад. Дар ҳолатҳои дигари таъхирнопазир қабули қарор дар бораи дастгиркунӣ ва тартиб додани протоколи дастгир карданро мувофиқи мақсад донистан зарур нест.

Мо пешниҳод менамоем, ки протокол чун санади мурофиавӣ инъкоскунанда нуқтаҳои зерин дониста шавад:

– воқеан ҷой доштани ҳолатҳои (асоси) дастгир кардани шахси барои содир кардани ҷинояти гумонбаршуда;

– асос, ваҷҳҳои дастгир намудан, ҷой ва вақти дастгиркунии воқеӣ, ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ овардани шахс, фаҳмонидани ҳуқуқу уҳдадорӣ;

– ҷараён ва тартиби иҷрои амалҳои пайдарҳами таҳқиқбаранда ё мақомоти ваколатдор оид ба кофтукови шахсӣ, муоинаи тиббӣ, ҷойгир кардан ба тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ дониста шавад.

Протоколи дастгир карданро тартиб дода, мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва ё прокурор ба маълумоти дастрас такя намуда, онро ба сифати асоснок кардани қарори қабулкардаи худ аз нуқтаи назари мурофиавӣ баҳо медиҳад.

Ба андешаи мо, мавҷуд будани маълумоти объективӣ оид ба эҳтимоли аз тарафи ҳамин шахс содир карда шудани ҷиноят нокифоя буда, шахсро гумонбар ҳисобидан мумкин нест.

Барои ин асосҳои ҳуқуқӣ, яъне санади мурофиавӣ зарур аст. Ин ба талаботи с. 6 м. 6 КМҶ ҶТ мутобиқат менамояд, ки дар он гуфта мешавад, ки ҳама гуна санади аз ҷониби муфаттиш, прокурор ва ё таҳқиқбаранда ҳангоми тафтиши пешакӣ қабулшуда, бояд талаботи қарорро (ба ғайр аз хулосаи

айбдоркунӣ) дошта бошад[208]. Шахси бо тартиби мурофиавӣ дастгир кардашуда, чӣ тавре, ки мо дар боло иброз доштем, маҳз тавассути қарори дахлдор бояд гумонбаршуда эътироф карда шавад.

Амалан дар чунин ҳолатҳо, мақомоти таҳқиқ ҳангоми тартиб додани протоколи дастгиркунӣ, ҳамчун асоси дастгир кардан ба дастури прокурор ва ё супориши муфаттиш такя менамоянд.

Ин ба талаботи қонун, ки дар ҳама ҳолатҳо ҳангоми тартиб додани протокол нишон додани асос, ваҷҳҳо ва мақсади дастгир карданро талаб мекунад, мухолиф мебошад.

Як қатор муаллифон қайд менамоянд, ки асоснокии қарор маълумот дар бораи ҳолатҳое мебошад, ки ҳангоми дастгир кардани ҷисмонӣ (воқеӣ) ба даст омадааст, на ин ки асоси қабул шудани қарор тартиб додани протоколи дастгир кардан ба ҳисоб равад[209].

Чунин маълумот ҳангоми боздошт дар ҷойи ҳодиса, пеш аз тартиб додани протокол аз шахсоне, ки дастгир карданро амалӣ мегардонанд ва гумонбаршударо ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳозир кардаанд, гирифта мешаванд. Дар ҳолатҳое, ки ҳамчун асоси дастгиркунӣ (м. 92 КМҶ ҶТ) пешбинӣ шудаанд, инъикос ёфтаанд, масалан; рафтори шахс дар лаҳзаи дастгир кардан; нишон додани муқобилият; кушиши фирор каран; нобуд кардани изу пай ва ё пинҳон кардани далелҳо, ҳуҷҷат ва ғайраҳо.

Ҳолатҳое, ки дар асоси он дастгир кардан амалӣ мешавад, аз он шаҳодат медиҳад, ки шахси мазкур барои содир кардани ҷиноят гумонбар дониста шудааст[210].

---

208 Ниг.: Раҳматулоев А.Э., Қаҳоров Н.М. Расмиёти санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2021. – С. 51-52; Манова Н.С., Францифоров Ю.В., Юлдошев Р.Р. Уголовное судопроизводство Республики Таджикистан. – Душанбе: Андалеб-Р, 2016. – С. 21.
209 Ниг.: Шейфер С.А. Сущность и способы собирания доказательств в советском уголовном процессе. – М.: Юрлит., 1972. – С. 44; Комментарий к Федеральному закону РФ Об оперативно-розыскной деятельности / Отв. ред. А.Ю. Шумилова. – М.: Вердикт-1, 1997. – С. 145.
210 Ниг.: Сабиров Х.А. Протоколы следственных и судебных действий как вид доказательств в Российском уголовном процессе: дис. ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 2000. – С. 122.

Вобаста ба ин, бояд дар протоколи дастгир кардан маълумоте қайд карда шавад, ки ҳангоми дастгиркунӣ воқеан ҷой доштанд ва ошкор шуданд[211].

Бояд дар протокол зикр карда шавад, ки ҳангоми дастгир воқеан ба гумонбаршуда ҳуқуқу уҳдадориҳояш фаҳмонида дода шудааст ё не?

То ба имрӯз дар протоколи дастгир кардан матни махсус оид ба ин масъала мавҷуд нест, агарчанде, ки мутобиқи талаботи моддаи 94, қисми 2 КМҶ ҶТ дар протокол бояд ҳолатҳои дастгир кардан пешбинӣ шавад.

Аз ин лиҳоз, дар протоколи дастгир кардан, ба фикри мо, бояд ҳолатҳои воқеии дастгир кардан, ҷой, вақт ва дигар ҳолатҳои ба содиршавии ҷиноят алоқаманд, зикр гарданд. Чӣ тавре, ки тадқиқоти мо нишон дод, ҳангоми дастгир кардани шахс дар ҷойи ҳодиса, яъне то оғози парвандаи ҷиноятӣ, ҳангоми маҷбуран ҳозир кардани шахс ба мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва ё прокурор, мутобиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ашё ё чизҳои ҳамроҳи гумонбаршуда мавҷуд бударо қисман аз назар мегузаронанд, ки ин амалҳо кофтукови шахсӣ номида мешаванд. Натиҷаҳои азназаргузаронии аъзои бадан шахс ва ё сару либос ва чизҳои ӯ, дар протоколи дастгиркунӣ қайд карда мешаванд. Протоколҳои мазкур ба маводҳои парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда шуда, дар маҷмӯъ ҳамчун протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, шаҳодаткунонӣ ва пурсиши шоҳидон, чун сарчашмаи далел ба парвандаи ҷиноятӣ замима карда мешавад. Ба фикри мо, дар ин ҷо омехташавии амалҳои мурофиавӣ дида мешавад, ки ба он роҳ додан мумкин нест.

Ба ҳар ҳол, дар маводҳои парвандаи ҷиноятӣ бояд маълумот оид ба мазмун ва тарзи огоҳкунӣ инъикос карда шавад.

Бо мақсади таъмин шудани сирри тафтиши пешакӣ, пешгирӣ кардани кушиши огоҳ кардани шарикон, огоҳ кардани хешовандони дастгиршуда уҳдадориии муфаттиш, таҳқиқбаранда ва ё прокурор бояд ва танҳо бо

---

211 Ниг.: Андруси Г.В. Процессуальное оформление задержания лица, подозреваемого в совершении преступлений / Г.В. Андруси // Сборник Высших курсов. – Киев, 1978. – №15. – С. 72.

иҷозати онҳо ба дастгиршуда имконияти гуфугӯи телефонӣ дода шавад. Огоҳонии хешовандони дастгиршуда, инчунин бо тавассути ҳимоятгари ӯ амалӣ карда шуда, аз ӯ дар бораи фош накардани маълумоти тафтиши пешакӣ забонхат гирифта шавад (м. 177 КМҶ ҶТ).

Дар баробари огоҳсозӣ дар бораи дастгир кардан, ба фикри мо бояд ба прокурор нусхаи протоколи дастгир кардан дастрас карда шавад. Ғайр аз ин, хабари хаттии дастгир кардан ба прокурор бояд ба таври таъҷилӣ (фавран) пешниҳод карда шавад, на дар давоми 12 соат аз лаҳзаи дастгир кардан.

Ин ҳолат барои аз байн бурдани камбудиҳои ҷойдошта, агар ба он роҳ дода шуда бошад ва инчунин риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсият мусоидат менамояд.

Эълон кардани протоколи дастгиркунӣ ба гумонбаршуда қоидаи ҳатмӣ ба ҳисоб рафта, муносибатҳои ҳуқуқиро дар байни гумонбаршуда, ки дорои ҳуқуқии субъективӣ барои ёрии ҳуқуқӣ мегардад ва мақомотро ба вуҷуд меорад.

Дар принсипи XI «Маҷмӯи принсипҳои ҳимояи ҳама гуна шахсон, ки бо дастгир кардан ва ё ҳабс гирифтор мешаванд», ки аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ аз 9 декабри соли 1988, таҳти №43/173 қабул шудааст, қоидаи зерин сабт шудааст: «Ба маълумоти шахси дастгир кардашуда ва ё ҳимоягари ӯ, агар чунин маълумот мавҷуд бошад, тамоми иттилоот дар бораи ҳама гуна қарор дар бораи дастгир кардан, инчунин дар бораи сабабҳои дастгир кардан ба таври таъҷилӣ пешниҳод карда шавад»[212].

Дар протоколи дастгир кардан, дар бораи зарурати баёноти гумонбаршударо гирифтан ва сабт кардани он талаб карда намешавад, агарчанде, ки ба гумонбаршуда чунин ҳуқуқ дода шуда, дар варақаи протоколи дастгир кардан барои он ҷой ҷудо карда шуда, дар он ном насаб ва имзои ӯ пешбинӣ шудааст. Баёноти гумонбаршуда ҳамчун хабари дастгир кардашуда дар бораи ҳолатҳое, ки барои дастгир карда шудан асос гаштааст ва ҳолатҳои дигар дастгир кардан баён шуданаш мумкин аст. А.Э.

[212] ООН: Свод принципов защиты // Правозащитник. – 1995. – №1. – С. 42.

Раҳматулоев, Н.М. Қаҳоров, В.И. Зажицкий қайд менамоянд, ки «баёнот танҳо дар марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ, ки бо ёрии он аломатҳои ҷиноят ошкор карда мешавад, гирифта мешавад»[213].

Баёноти шифоҳии дастгиршуда, ки ҳангоми дастгир кардан шунида мешаванд, дар ягон ҳуҷҷат зикр карда намешавад ва ба фикри мо дар протоколи дастгир кардан дохил кардани он мувофиқи мақсад аст.

Қонунгузор ҳуқуқи «додани нишондод ва баёнот»-ро (қ. 4 м. 46 КМҶ ҶТ) чунин маънидод менамояд, ки шахси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидашуда, дар ҳамаи ҳолатҳо ҳуқуқ дорад нишондод диҳад. Дар чунин ҳолат баёнот мазмуни як қисмати нишондод аст, ки гумонбаршуда фаҳмиши худро оиди ҳолати содир шудани ҷиноят, ки ӯ барои он гумонбар дониста шудааст, баён менамояд. Дар бораи ҷудо кардани мафҳуми «баёнот» ва «нишондод» андеша ронда, Е.М. Клюков зикр менамояд, ки мақомоти тафтишот ва таҳқиқ вазифадоранд, ки то оғози парвандаи ҷиноятӣ баёноти дастгиршударо гирифта, ҳамчун нишондод танҳо маълумоти ҳангоми пурсиш баёншударо дар протоколи пурсиш зикр кунанд, ки онҳо аз ҳуқуқу имкониятҳои қонунии худ истифода бурдани гумонбаршударо нишон медиҳанд[214].

Бо назардошти он, ки тартиби гирифтан ва додани баёнот ҳангоми тартиб додани протоколи дастгиркунии гумонбаршуда аз ҷиҳати қонунгузорӣ муқаррар карда нашудааст, амалӣ гаштани он мумкин аст боиси вайронкунии қонун гардад. Таҳлили амалияи тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ собит менамоянд, ки дар рафти тартиб додани протоколи дастгир кардан на ҳама вақт шарҳу эзоҳи маълумоти гумонбаршуда доир ба гумонбарии ӯ ва ё аз шарҳу эъзоҳ даст кашидани гумонбаршуда ба инобат гирифта мешавад.

Имконияти зикри баёноти гумонбаршуда дар протоколи дастгир кардан яке аз кафолатҳои ҳуқуқии ӯ оид ба додани баёнот буда, онро то пурсиш,

---

[213] Раҳматулоев А.Э., Қаҳоров Н.М. Расмиёти санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. – Хуҷанд: Ношир, 2021. – С. 94; Зажицкий В.И. Объяснения в уголовном процессе / В.И. Зажицкий // Советская юстиция. – 1992. – №6. – С. 10.

[214] Ниг: Клюков Е.М. Меры процессуанального принуждения. – Казань: Казанский ун-т, 1974. – С. 33.

яъне, то 24-соат пеш аз лаҳзаи дастгир кардани ҷисмонии ӯ ба анҷом расонидан мумкин аст. Ғайр аз ин, додани нишондод на уҳдадории гумонбаршуда, балки ҳуқуқи ӯ мебошад. Ҳамзамон агар гумонбаршуда аз додани нишондод даст кашад, пурсиш гузаронида намешавад. Дар як вақт ӯ аз ҳуқуқи надодани баёнот истифода намуда, метавонад, ки муносибати худро нисбати ҳолатҳои дастгир кардан баён накунад ва ё аз додани хабар дар бораи ин ё он ҳолати муайян саркашӣ намояд, лекин чунин рафтор ба ошкор нашудани ҳолатҳое оварда мерасонад, ки онҳо ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои гумонбар заруранд.

Аз ин лиҳоз, додани баёнот аз ҳуқуқи гумонбаршуда оиди ҳимояи ӯ аз гумонбарӣ ба вуҷудомада ба ҳисоб рафта, барои муайян кардани унсурҳои тарафи субъективии ҷиноят мусоидат мекунад ва барои гирифтани маълумот оид ба шарик будан ва ё набудани ӯ ба содир кардани ҷиноят имконият фароҳам меорад.

Ба назардошти ин ҳолат ба қ. 2 м. 94 КМҶ ҶТ дар протоколи дастгиркунӣ гумонбаршуда имконияти сабти баёноти гумонбаршуда пешбинӣ шуда, баробари ин талаботи қ. 4 м. 46 КМҶ ҶТ ба роҳбарӣ гирифта шавад. Чунин баёнот бояд ихтиёрӣ бошад ва набояд пурсиши гумонбаршударо иваз намояд. Чунки пурсиш пас аз оғози парвандаи ҷиноятӣ имконпазир аст.

Гарчанде, ки дар протокол ҳуқуқҳои гумонбаршуда, ки тибқи қ. 4 м. 46 КМҶ ҶТ номбар шудааст, лекин дар протокол дар бораи эълон шудани гумонбарӣ нисбати шахси дастгиршуда ва гирифтани баёнот дар матни протокол ҳамчун шарти махсус ҷудо карда нашудааст. Дар амал, баёноти гумонбаршуда дар протоколи пурсиши гумонбаршуда дарҷ мешавад. Гумонбаршуда бояд донад, ки барои содир кардани кадом ҷиноят дастгир шудааст, дар протоколи дастгиркунӣ бояд таснифи ибтидоии ҷиноятӣ содиршуда ва асосҳои дастгиркунӣ ифодаи худро ёбад.

Ҳамин тариқ, дар қонунгузории амалкунанда шаклҳои гуногуни чун гумонбаршуда донистани шахс (протокол, қарор) вуҷуд доранд, лекин онҳо

кафолати ҳуқуқ ва мақоми ӯро таъмин карда наметавонад. Чӣ тавре, ки дар боло зикр намудем, шакли ягона ва умумӣ на дар протоколи дастгиркунӣ зикр шудан, балки бояд қарор дар бораи дастгир кардан, ки шахсро ба сифати гумонбаршуда муайян мекунад, дониста шавад, ки он ба асосҳои дар м. 92 КМҶ ҶТ муқарраршуда мутобиқат менамояд.

Бо назардошти дар боло зикршуда м. 92 КМҶ ҶТ ба тариқи зайл, дар зери таҳрири нав ифода карда шавад:

1) Дар қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ пешбинӣ шавад, ки «Дар ҳамаи ҳолатҳо дастгир кардани шахси гумонбаршуда дар асоси муқаррароти м. 92 КМҶ ҶТ амалӣ шуда, мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва ё прокурор ӯҳдадоранд, ки дар протоколи дастгир кардан асосҳои татбиқи он, рӯз ва соат, сол ва моҳ, ҷой ва маҳалли дастгир кардан ва лаҳзаи тартиб дода шудани онро инъикос намоянд.

2) Дар қ. 2 м. 94 КМҶ ҶТ қоидаи «Дар протокол фаҳмонида шудани моҳияти ба вуҷуд омадани гумонбарӣ нисбати шахс, иштироки ӯ дар ҷинояти содиршуда, фаҳмонидан ва шинос кардани гумонбаршуда ба ҳуқуқу ӯҳдадориҳояш, ки дар м. 46 Кодекси мазкур пешбинӣ шудааст ва инчунин натиҷаҳои кофтукови шахсӣ, муоинаи тиббӣ, кофтукови шахсӣ ва дигар ҳолатҳои дастгир карда шудан, бояд зикр карда шавад. Протоколи дастгиркунӣ бо имзои шахсе, ки онро тартиб додааст, гумонбаршуда ва ҳимоятгари ӯ, инчунин шахсоне, ки дар ин вақт ҳузур доштанд, расмӣ гардонида мешавад» пешбинӣ шавад.

3) Дар қ. 3 м. 92 КМҶ ҶТпешбинӣ шавад, ки «Огоҳсозии прокурор ва ё суд, хешовандони наздик ва ё шахси гумонбаршуда, таъҷилан баъди тартиб додани протоколи дастгиркунӣ амалӣ карда мешавад. Аз лаҳзаи қабули хабарнома дар бораи дастгир кардан – прокурор ва ё суд уҳдадоранд новобаста аз овардани шикоят аз ҷониби дастгиршуда ё ҳимоятгар, асоснок ва қонунӣ будани онро аз санҷиш гузаронанд. Хабардор шудани прокурор дар бораи дастгиркунӣ, барои бо ташаббуси мақомоти таҳқиқ ва ё муфаттиш

дар ҳолати мавҷуд будани асосҳо – барои озод кардани дастгиршуда аз тавқифгоҳи нигоҳдории муввақатӣ монеа шуда наметавонад».

4) Дар қ. 4 м. 92 КМҶ ҶТ пешбинӣ карда шавад, ки дар протоколи дастгир кардани гумонбаршуда ҳолатҳои зерин инъикос карда шавад: ҳолатҳои дастгир кардан, мухтасар баён кардани маҳал, вақт, тарзи содир кардани ҷиноят; баёноти шифоҳии шахси гумонбаршуда ҳангоми дастгир кардани ҷисмонӣ; шинос кардани дастгиршуда бо ҳуқуқ ва уҳдорориҳояш; барои содир кардани кадом ҷиноят ӯ дастгир карда шудааст ва дар асоси кадом моддаи КҶ ҶТ шахс дастгир кардан шудааст, бо нишон додани вақт, маҳалли содир шудани ҷиноят, оё дастгир кардашуда барои ҳифзи манфиатҳояш ба ҳимоятгар эҳтиёҷ дорад ё не; фаҳмонда додани талаботи асосии Қонуни ҶТ «Дар бораи тартиб ва шартҳои дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршудагон ва айбдоршавандагон барои содир намудани ҷиноят» ва ғайраҳо.

5) Тибқи қ. 6 м. 94 КМҶ ҶТ дар давоми 12 соат аз лаҳзаи дастгиркунии воқеии шахс ба прокурори дахлдор ба таври хаттӣ хабар додан муҳимияти худро гум мекунад. Ин муҳлат прокурорро аз имконияти саривақт шуруъ намудани назорат оид ба ҷиҳати қонунӣ ва асоснокии дастгир шудани гумонбаршуда, аз таъҷилӣ ошкор ва бартараф кардани вайронкунии қонун ё маҳдудшавии озодии шахс, маҳрум менамояд.

Аз ин рӯ, ба қ. 6 м. 94 КМҶ ҶТ пешниҳод менамоем, ки дар бораи дастгир намудани гумонбаршуда мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда ё муфаттиш уҳдадоранд дар давоми 5 соат аз лаҳзаи дастгиркунии воқеии шахс ба прокурори дахлдор ба таври хаттӣ, бо замима кардани протоколи дастгир кардан, хабар диҳанд.

### 3.2. Таъмини ҳуқуқҳои шахсе, ки бо гумони содир кардани ҷиноят дастгир карда шудааст

Амалияи пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ нишон медиҳад, ҷорӣ шудани талаботи нисбатан қатъӣ оид ба риояи қонун ва асоснок кардани дастгиркунӣ шароит ба вуҷуд овардааст, ки сатҳи вайрон кардани қонун

ҳангоми дастгир кардан бо гумони содир кардани ҷиноят паст шавад[215]. Ҳама гуна дастгир кардан мувофиқи қонун ва мувофиқи мақсад дониста мешавад, ки агар он тибқи талаботи меъёрҳои мурофиавӣ, иҷро шуда бошад.

Дастгир кардан бо гумони содир кардани ҷиноят, ки хусусияти маҷбуркунӣ дорад, бар хилофи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсе, ки нисбати ӯ барои содир кардани ҷиноят гумонбар шудааст, иҷро мешавад. Агар сабаби татбиқи чораи маҷбуркунии мурофиавӣ гумон нисбати шахсе, ки барои содир кардани ҷиноят дониста шавад, пас ҳаракатҳое, ки барои рад кардани он амалӣ мешаванд, мазмуни функсияи ҳимояро мегиранд. Таъмини ҳуқуқи гумонбаршуда ба ҳимоя ба маҷмӯаи амали мақомоти таҳқиқ, муфаттиш, прокурор ва суд марбут буда, он дар эълон, фаҳмондадиҳии барои кадом ҷиноят шахс чун гумонбар дониста шудааст, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои вай, мусоидат кардан барои татбиқи он иборат мебошад.

Ба кафолатҳои ҳуқуқии шахсе, ки мавриди таъқиботи ҷиноятӣ қарор гирифтааст ва дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси худро ёфтааст, инҳо дохил мешаванд:

– ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахс (м. 3 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар[216], м. 9 Паймони байналҳалқӣ оид ба ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ, м. 5 Конвенсияи Аврупоӣ, м. 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– эҳтимолияти бегуноҳӣ (м. 11 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, м. 13 Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ м. 6 Конвенсияи Аврупоӣ, м. 20 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон);

– ҳуқуқ ба муносибати сазовори инсонӣ (м. 5 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, м. 7 Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ[217], м. 3 Конвенсияи Аврупоӣ[218], м. 18 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон);

---

[215] Ниг: Раҳматулоев А.Э., Қаҳоров Н.М. Таҳлили назариявӣ-хуқуқии асосҳои гумонбарӣ ва асосҳои воқеии дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят / А.Э. Раҳматулоев, Н.М. Қаҳоров // Маҷалаи академияи ҳуқуқ. – 2021. – №3 (39). – С. 164-169.

[216] Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948 / Резолютсияи Ассамблеяи Генералии СММ №217А // Маҷмӯи ҳуҷҷатҳои байналмиллалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон. – Душанбе: Мастер-Принт, 2006. – 452 с.

– дахлнопазирии озодии шахс, махфияти ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ, маҳрамияти мукотиба ва ғайраҳо дар давлатҳои хориҷӣ кафолати конститутсионии дахлнопазирии шахсият, ки ба дастгир кардан ва ҳабс алоқаманд мавҷуд мебошанд[219].

Азбаски дастгир кардан бо гумони содир кардани ҷиноят ба маҳдудкунии озодии шахс дахл дорад, вай бояд мутобиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ ва қонунгузории ҷорӣ сурат гирад. Мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлат уҳдадор аст, ки дар ҳама соҳаҳо қадру қиммат, номуси инсону шаҳрванд, арзиши олӣ доштани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои вайро таъмин намояд (м. 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Аз ин бармеояд, ки шахс ва муносибати ӯ бо давлат на чун объекти фаъолияти давлатӣ, балки чун субъектони комилҳуқуқ, ки қобили ҳимояи ҳуқуқии худро бо роҳи манънакардаи қонун амалӣ намуда, бо давлат ва мақомот масъалаҳои ҳалталабро ҳаллу фасл менамояд, баромад мекунад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипҳои муҳимтарини пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ – принсипи дахлнопазирии шахсро муқаррар кардааст (м. 19).

Ҳимояи конститутсионии дахлнопазирии шахс ба тамоми соҳаҳое, ки эҳтимолияти маҳдуд кардани озодии шахс мавҷуд аст, паҳн мешавад.

Бо назардошти ҳолатҳои зикршуда, дар м. 19 Конститутсия истилоҳи «дастгир кардан» истифода карда шудааст.

---

[217] Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои гражданӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966 / Резолютсияи Ассамблеяи Генералии СММ №2200А // Маҷмӯи ҳуҷҷатҳои байналмиллалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон. – Душанбе: Мастер-Принт, 2006. – 452 с.

[218] Конвенсияи Аврупо оид ба ҳуқуқи инсон бо протоколҳои №11 ва №14, ки аз 1 июни соли 2010 эътибор пайдо кардаанд, тағйироту иловаҳо ворид карда шудаанд. Конвенсия оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон. – Рим, 4.XI.1950.

[219] Ниг.: Мюллерсон Р.А. Права человека: идеи, нормы, реальность. – М., Юрид.лит., 1991. – С. 72; Конвенция Содружества Независимых Государств о защите прав человека и основных свобод от 24 сентября 1993 года.

Ба кафолатҳои мурофиавии ҳуқуқ ва манфиатҳои дастгиршуда Ф.И. Раҷабов чунин қоидаҳоро мансуб донистааст[220]: дастгир кардан танҳо дар асоси мавҷуд будани ҳолатҳое, ки дар м. 92 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, амалӣ гардонидани шавад; давомнокии он бояд ба муқаррароти қонун мувофиқат кунад; тартиб додани қарори мурофиавии дастгиркунӣ ҳатмӣ дониста шавад; дар амал татбиқ кардани дастгир кардан таҳти назорати прокурорӣ ва судӣ оид ба асоснок ва қонунӣ будани он амалӣ карда шавад; риояи ҳуқуқҳои дастгиршуда; дар ҳолати мавҷуд набудани асоси дастгир кардан озод ва сафед кардани ӯ ва ғайраҳо.

Баъзе аз имкониятҳои дастгиршударо, ки бешубҳа қонунӣ бошанд ҳам, бо сабабҳои ташкилӣ ва дигар сабабҳои хусусияти ҳуқуқӣ надошта, кафолат додан ғайриимкон аст. Масалан, имконияти дастгиршударо, ки мутобиқи тартиби муқарраркардаи м.м. 91, 92 КМҶ ҶТ дастгир шудааст, ба сифтаи ҳимоятгари ӯ донистани адвокати муайян аз лаҳзаи дастгир карда шудан (м. 46 КМҶ ҶТ) на дар ҳама вақт қонеъ гардонидан мумкин аст[221].

Дар айни замон, имкониятҳои конунии гумонбаршуда дар бораи иштироки ҳимоятгари муайян аз лаҳзаи маҳдуд кардани озодии ҳаракати ӯ аҳамияти махсус доро буда, аз як қатор ҳуқуқҳои субъективии ӯ, ки аз тарафи қонун кафолат дода шудааст,бармеояд.

Дар назарияи умумии ҳуқуқ ва назарияи мурофиаи ҷиноятӣ таносуби меъёрии ҳуқуқ ва уҳдадорӣ накши муҳим дорад, ки он асос ва меҳвари мақоми ҳуқуқии шахс ва мутаносибан мақомоти пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ мебошад[222]. Алоқамандии ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳои шахс дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси худро ёфтааст. Агар чунин

[220] Ниг.: Раҷабов Ф.И. Асосҳои ҳуқуқӣ ва тартиби дастгир кардани шахс дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ / Ф.И. Раҷабов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ «Робитаҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ: ҳолат ва дурнамо». Қисми 2. – Хуҷанд: Дабир, 2019. – С. 116-121.
[221] Ниг.: Искандаров З.Х. К вопросу о начале допуска защитника в уголовном судопроизводстве / З.Х. Искандаров // Власть. Управление. Правопорядок // Сб. науч. статей. – Душанбе, 1995. – Вып. 1. – С. 100-104; Бахромов И.А. К вопросу обеспечения права обвиняемого иметь защитника / И.А. Бахромов // Уголовно-правовая защита прав и свобод личности: материалы Международной научной конференции, посвященной 85-летию со дня рождения Заслуженного деятеля науки Российской Федерации А.Н. Игнатова. – М., 2013. – С. 34-38. Шарифов Ф.М. Иштироки ҳимоятгар дар тафтишоти пешакӣ. – Душанбе: Андалеб-Р, 2012. – 112 с.; Степанов А.М. Проблемы российской адвокатуры. – М.: Спарк, 1997. – С. 21.
[222] Ниг.: Кудратов Н.А. Уголовный процесс. Учебник (на тадж. яз.). – Душанбе: Таджпринт, 2016. – С. 30.

мувозинат вайрон карда шавад, дар ҳама гуна муносибатҳои ҷамъиятӣ зуҳуротҳои номатлуб рӯ ба рӯ мегардад[223].

Аксари ҳукуқ ва уҳдадориҳои гумонбаршуда на аз меъёрҳои муайян, балки аз низоми умумии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ бармеояд, ки татбиқ, иҷрои ягона ва ҳатмии он дар амалия мураккаб шудааст. Ин ҳолат дар амалияи татбиқи меъёри қонунгузорӣ метавонад ба маҳдудшавии беасоси ҳуқуқҳои гумонбаршаванда оварда расонад, ки аз байн бурдани он яке аз масъалаҳои мубрам арзёбӣ мешавад.

Чӣ тавре, ки таҳқиқот нишон медиҳад, дар қиёс аз нигоҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ дастгир кардан дар моддаҳои қонуни ҷиноятӣ (м. 41 КҶ ҶТ) инъикос ёфтааст, мумкин аст дар меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ бо фаҳмиш ва хулосабарории гуногун ифода гардад. Дастгиршуда ба кӯмаки ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳое, ки дар кирдори содиркардаи ӯ аломати ҷиноят ҳаст ё не эҳтиёҷ дорад, ки донистани он барои интихоби мавқеъ дурусти он дастгиршуда мусоидат менамояд. Барои субъекти фаъоли ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ гаштани гумонбаршуда дар мурофиаи ҷиноятӣ дарки ҳуқуқии қоида ва тартиби муқарркардаи қонун муҳим аст.

Ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои гумонбаршуда метавонад, танҳо дар шароите муяссар гардад, ки агар ӯ ба аҳамияти қоидҳои ҳуқуқии мурофиавии ҷиноятӣ дуруст сарфаҳм рафта, ҳолатҳои сабуккунанда ва ё ҳолатҳоеро, ки ҷавобгарии ҷиноятиро истисно мекунанд, фарқ карда тавонад[224].

Ба андешаи мо, ҳуқуқи гумонбаршуда ба ҳимоя ҳамчун институти ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ пазируфта шуда, тавассути ҳуқуқҳои субъективии гумонбаршуда, ваколатҳои ҳимоятгар ва намояндаи қонунии ӯ дар доираи муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ дар шакли «гумонбарӣ – ҳимоя» ва инчунин фаъолияти мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ оид ба таъмини имконияти чунин ҳимоя, бо мақсади пешгирии беасоси

---

[223] Ниг.: Кудряцев В.Н., Васильев А.М. Право: развитие общего понятия / В.Н. Кудряцев, А.М. Васильев // Советское государсство и право. – 1985. – №7. – С. 12; Стецовский Ю.И., Ларин А.М. Конституционный принцип обеспечения обвиняемому права на защиту. – М.: Юрлит., 1988. – С. 151.

[224] Ниг.: Шарифов Ф.М. Иштироки ҳимоятгар дар тафтишоти пешакӣ. – Душанбе: Андалеб-Р, 2012. – С. 10.

минбаъдаи бо сифати айбдоршаванда ҷалб кардани гумонбаршуда мусоидат менамояд.

Муайян кардани номгӯйи ниҳоии ҳуқуқҳои махсуси гумонбаршуда мушкил набошад ҳам, лекин амалӣ гаштани аксари ҳуқуқҳои мурофиавии ӯ масъалаи хеле мураккаб мебошад, зеро он аз маҳорат, дарки ҳуқуқӣ, ирода ва салоҳияти шахсони ваколатдор вобаста аст.

Масалан, мутобиқи талаботи қ. 2 м. 46 КМҶ ҶТ, гумонбаршуда аз лаҳзаи воқеан дастгир карда шуданаш фавран, вале на дертар аз 24 соат, гумонбаршудаи ноболиғ бошад, на дертар аз 12 соат бояд пурсида шавад, лекин ин қоида, на ҳамеша риоя ва иҷро мешавад. Мавҷуд будани як қоида саривақт таъмин шудани ҳуқуқҳои гумоншавандаро бо миён меорад. Масалан, ҳуқуқи гумонбаршуда ба даъвати ҳимоятгар, ҳуқуқи бо ӯ вохӯрдан, вохӯрии як ба як то пурсиши аввалинро ба миён меорад (қ. 4 м. 46 КМҶ ҶТ).

Ба фикри мо, масъалаи ҳимоя пеш аз ҳама ҳолатҳоеро дар бар мегирад, ки гумонбариро инкор намуда, имконият медиҳад, ки беасос ва ғайриқонунӣ будани дастгир кардан муайян карда шавад, мумкин аст ҷавобгарии гумонбаршударо сабук гардонад, инчунин боиси рад кардани гумон ва ё озод кардани ӯро аз ҷазои ҷиноятӣ имконпазир гардонад[225].

Барои таъмини ҳуқуқҳои мурофиавии гумонбаршуда дар навбати аввал огоҳии ӯ аз ҳуқуқҳои худ аз лаҳзаи нисбати ӯ оғоз шудани парвандаи ҷиноятӣ ва муҳайё кардани шароити мурофиавӣ ва риояи пурра ва ҳаматарафаи он аҳамияти махсус дорад.

Лекин, барои он, ки роҳу воситаи самараноки ҳимоя барои субъекти мазкури мурофиаи ҷиноятӣ дарёфт шавад, бояд донист, ки ӯ барои кадом ҷиноят гумонбар дониста мешавад. Барои ҳамин ҳам, ҳуқуқи субъективии ӯро қонун (қ. 4 м. 46 КМҶ ҶТ) ба танзим даровардааст, ки мутобиқи он гумонбаршуда бояд донад, ки барои кадом ҷиноят ӯ гумонбар дониста мешавад.

---

[225] Ниг.: Абдуллоева М.К., Раҳматулоев А.Э. Таҳлили назариявии қоидаҳои дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят / М.К. Абдуллоева, А.Э. Раҳматулоев // Маҷалаи академияи ҳуқуқ. – 2021. – №2 (38). – С. 155-160.

Ба андешаи мо, чунин тарзи фаҳмондадиҳии шифоҳӣ ба гумонбаршуда дар лаҳзаи воқеан дастгир кардани ӯ дар ҷои ҳодиса амалӣ карда шавад. Мутассифона ҳуқуқ ва асоси дастгир кардани худро гумонбаршуда, танҳо баъди се соати тартиб дода шудани протокол ё баъди ба мақомоти таҳқиқ ҳозир карда шудан аз таҳқиқбаранда, муфаттиш ва ё прокурор мефаҳмад (м. 94 КМҶ ҶТ).

Бояд онро ба инобат гирифт, ки шахси дастгир кардашуда, ки ба доираи муносибатҳои мурофиавӣ ворид шудааст, на танҳо маълумоти ҳуқуқӣ, балки маълумоти зарурии умумӣ низ надорад, вай ҳануз дар ҳолати оҷизӣ, тарс, ҳаяҷон ва бехудӣ қарор дорад. Дар чунин вазъият ҳанӯз пеш аз лаҳзаи тартиб додани протоколи дастгиркунӣ ва фаҳмонида додани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ӯ, ба дастгиршуда бояд моҳияти гумонбарӣ, ҳуқуқҳои мурофиавии у фаҳмонида шавад, то ки ӯ минбаъд имконият пайдо кунад, ки аз ҳуқуқҳои ҳимояи худ пурра истифода бурда тавонад. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ин падидаи ҳуқуқӣ бо номи «Коидаҳои Миранда» маъмул гаштааст[226].

Ба ҳолате, ки шахси дастгиршуда мутобиқи талаботи м.м. 92, 94 КМҶ ҶТ дастгир карда шуда, баъд дарҳол озод карда мешавад, аҳамияти ҷиддӣ дода намешавад. Азбаски кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқук, ки дастгир кардани воқеиро ба иҷро мерасонанд, нахустин шуда озодии шахсро маҳдуд менамоянд, маҳз онҳо бояд иштироки дастгиршуда ва ҳимояи ӯро таъмин намоянд, ки ба дастгиршуда вазъи ҳуқуқиашонро дар ҳолати мазкур фаҳмонида, ба амалишавии ҳуҳуқҳои онҳо мусоидат намоянд.

Баъдтар, дар рафти тартиб додани протоколи дастгиркунӣ зарур аст, ки бо таври иловагӣ моҳияти гумонбарӣ пурра фаҳмонида дода шуда, моҳияти кирдори зиддиҳуқуқӣ ва дигар ҳолатҳои ҳукуқӣ ба дастгиршуда, ки барои содир намудани ҷиноят гумонбар дониста мешавад, фаҳмонанд.

---

[226] Ниг.: Пешков М.А., Махов В.И. Сравнительный анализ Уголовно-процессуального закона США и России / М.А. Пешков, В.И. Махов // Следователь. – 1997. – №4. – С. 17; Пешков М.А. Правила Миранды-революция в уголовном процессе США / М.А. Пешков // Юрист. – 1998. – №2. – С. 36.

Ифодаи гумонбарии эълоншуда, бояд ба вақт, маҳалли содиршавӣ ва дигар ҳолатҳои ҷиноят, намуди ҷинояти мазкур ки дар шакли шарикӣ, ки дар рафти санҷиш муқаррар гаштааст, ишора намояд.

Чӣ тавре, ки дида мешавад, дар амалия ҳангоми дастгир кардани шаҳрванд бо тартиби муқарраркардаи м.м. 92, 94 КМҶ ҶТ дар протоколи дастгиркунӣ танҳо асосҳои дастгир кардан нишон дода шуда, ба гумонбаршуда ҳама ҳуқуқҳои ӯ фаҳмонида намешаванд (м. 46 КМҶ ҶТ, м. 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Дар баробари ин, ҳангоми амали дигари тафтишӣ – пурсиши гумонбаршуда, ки танҳо баъди 24 соати дастгир карда шудан гузаронида мешавад, мазмун ва моҳияти дастгир карда шудан, асоси гумонбарӣ маълум ва ё шинос карда мешавад.

Бояд зикр намуд, ки дар қонун дар бораи фаҳмонидани моҳияти гумонбарӣ чизе гуфта нашудааст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ аз руи маълумоти маҳдуд дар бораи маънидод шудани гумонбарӣ хулосаи аниқ мавҷуд нест[227].

Донистани моҳияти гумонбарӣ барои гумонбаршуда, барои оқибатҳои ҳуқуқии онро дарк кардан кӯмак мерасонад. Ба гумонбаршуда дастрас накардани маълумот дар бораи гумонбарӣ вазъиятеро ба вуҷуд меорад, ки мутобиқи он шахс наметавонад аз чӣ худро ва чӣ тавр ҳимоя кунад, минбаъд чӣ гуна баёнот ва нишондод диҳад.

Лекин, ҳангоми эълон кардани ҳуқуқҳои гумонбаршуда, бояд моҳияти гумонбарӣ ва хусусияти онро қайд намуд. Маънии гумонбариро фаҳмида ва мазмуни онро дарк намуда, дастгиршуда низ андешаронӣ менамояд, ки оё гумонбарӣ ба ҳақиқат рост меояд ё не, чӣ бояд кард, ки оқибатҳои он муайян карда шавад. Гумонбаршуда маълумоти аниқ ва пурраро гирифта, сабаб ва асоси дастгир карда шуданро рад мекунад, ё худро ҳимоя мекунад ва ё нақши худро дар содир кардани ҷиноят пинҳон нигоҳ медорад, ё ки иқрор мешавад.

[227] Ниг.: Бекешко С.П., Матвиенко Е.А. Подозреваемый в советском уголовном процессе. – Минск: Высшая школа, 1969. – С. 50.

Ин гуна оқибатҳо дар маҷмуъ ба тафтишоти парванда нисбати ӯ таъсир доранд.

Гумонбаршуда ҳуқуқ дорад баёнот ва нишондод надиҳад, ба саволҳо ҷавоб надиҳад, чунки ҷавоби ӯ мумкин минбаъд муқобили манфиатҳои ӯ истифода бурда шаванд. Ба гумонбар донистани худҳимоякунӣ – ин ҳуқуқ, на ин ки уҳдорории гумонбаршуда аст. Ӯ метавонад фаъолона худро ҳимоя кунад ва дар баробари ин ягон чорае набинад. Лекин, ба ҳимояи ғайрифаъол ва умуман таваҷҷуҳ зоҳир накардани имкониятҳои худ, эътибор надодан ба ҳимояи худ аз тарафи дастгиршуда набояд ба муқобили ӯ баҳо дода шавад. Хомушии гумонбаршуда набояд аломати розигии ӯ бо гумонбарӣ бошад ва чунин ҳолат набояд пешакӣ тасдиқи далели ба ҷиноятӣ содиршуда ширкат доштани гумонбаршуда дониста шавад. Дар натиҷаи таҳлили парвандаҳои ҷиноятӣ муқаррар карда шуд, ки дар протоколҳои дастгир кардан: дар 31,6% ҳолат баёноти дастгиршуда мавҷуд буда, дар он дастгиршуда ба гуноҳи худ пурра иқрор шудааст; дар 35,4% ҳолат дар баёноти дастгиршудагон бармеояд, ки онҳо аз дастгир кардашуданашон даъво надоранд.

Мутобиқи Конститусияи ҶТ ҳуқуқ ба ёрии ҳимоятгар дар ҳама марҳилаҳои мурофиавии судӣ пешбинӣ шудааст. Дар КМҶ ҶТ мо дар қонунгузории соҳавӣ меъёрҳои аниқ ва муайяни талаботҳои конститутсиониро мушоҳида мекунем. Аз ин хотир, ба гумонбаршуда додани ҳуқуқи ҳимоя бояд дар сатҳи талаботи конститутсионӣ қарор дода шавад. Бояд зикр намуд, ки ба қ. 2 м. 19 Конститутсияи ҶТ ба гумонбаршуда чун ба субъекти мурофиаи ҷиноятӣ муносибат карда шуда, он аз ҷиҳати ҳуқуқӣ инъикос карда шавад. Ба андешаи мо, моддаи номбурда бо матни зерин бояд пурра карда шавад: «Ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, маҳкумшуда ва сафедшуда барои ҳимояи манфиатҳои худ ва истифода аз хизмати (ёрии) ҳимоятгар кафолат дода мешавад».

Мутобиқи талаботи дар Конститутсия зикршуда ҳуқуқ ба ҳимоя ба ҳар як шахс новобаста ба мақоми мурофиавии ӯ таалуқ дошта бошад. Ин ҳуқуқ новобаста ба дастгиршуда ва ё гумонбаршуда донистани шахс, ҳатто дар

ҳолатҳое, ки агар мақомоти ваколатдори давлатӣ нисбати ин шахс чораҳои маҷбуриро бо мақсади ошкор кардан ва ё санҷидани мавҷуд будани гумонбарӣ нисбати ӯ татбиқ кардаанд, ё ки озодӣ ва дахлнопазирии шахс, аз он ҷумла маҳдуд кардани озодии ҳаракати ӯро амалӣ карда ва ё андешида бошад ҳам, кафолат дода мешавад.

Мусаллам аст, ки ҳаҷм ва мазмуни ёрии ҳуқуқиро пешакӣ муайян кардан ғайриимкон аст.

Хусусияти ин гуна ёрӣ, дар аксар ҳолатҳо аз хусусияти ба худ хоси парвандаи ҷиноятӣ, намуд ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояте, ки шахс барои содир кардани он гумонбар дониста шудааст, аз сатҳи дарки ҳуқуқии ӯ вобаста мебошад. Ёрии ҳуқуқӣ, ба гумонбаршуда барои ҳалли як қатор масъалаҳо муҳим аст, барои амалӣ гардонидани як зумра мушкилотҳои ҳуқуқӣ нигаронида мешавад: ба гумонбаршуда фаҳмонидани ҳолати ҳуқуқӣ вай дар мурофиаи ҷиноятӣ, моҳияти гумонбарӣ, фаҳмондани аҳамияти ҳолатҳои мусоид ва ғайримусоид барои гумонбаршуда, расонидани кӯмак ҳангоми баррасии арзу шикоятҳо аз амал ё санадҳои мурофиавӣ ва ғайра. Бо ёрии ҳимоятгар, дастгиршуда мавқеи худро оиди парванда муайян карда, бо маводҳои ба прокурор ва суд равон кардашуда, аз нуқтаи назари асоснок ва қонунӣ будани дастгир кардан, далелҳо пешниҳод мекунад, барои беэтибор дониста шудан ва ё бекор кардани қарори барои дастгир қабулшуда кӯшиш мекунад.

Гумонбаршуда ҳуқуқ дорад аз ҳимоятгар на танҳо кӯмаки ҳуқуқӣ талаб намояд, балки аз кӯмаки ӯ даст кашида, ҳимоятгари дигарро даъват намояд (м.м. 50, 52 КМҶ ҶТ), инчунин ҳуқуқ дорад, аз амалҳои ҳимоятгар шикоят кунад.

Ба мавзуи нишондоди гумонбаршуда, ки дар рафти пешбурди тосудии оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, бе иштироки ҳимоятгар гирифта шудааст, аз он ҷумла сабабу ҳолатҳои аз кӯмаки ҳимоятгар ва ё аз хоҳиши ёрии давлатии ҳуқуқӣ даст кашидан низ дохил мешаванд. Дар чунин мавридҳо, ҳимоятгар аз лаҳзаи ба парванда роҳ дода шудан бояд ҳамаи восита ва усулҳои дар қонун

манънашударо истифода барад ва дархост намояд, ки пурсиши гумонбаршуда дар ҳузури вай гузаронида шавад. Чӣ хеле, ки профессор З.Ҳ. Искандаров қайд мекунанд, ҳимоятгар то пурсиши гумонбаршуда бояд бо маводҳои ҷамъоварӣ шуда шинос шавад, ба ҷойи ҳодиса ҳозир шуда, ваъияти рухдодани ҳодисаро бо протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса муқоиса намояд, бо шахсони воқиф сухбат кунад, ин ё он ҳолати ошкоршударо ба навор гирад ё аксбардорӣ намояд, нақша ё намунаҳои осори ҷиноятро тарҳрезӣ намояд[228]. Ин нуқтаро ҷонибдорӣ карда, гуфтан лозим аст, ки амалҳои ҳимоятгар ба меъёрҳои мурофиавӣ мухолифат намекунад, иҷрои амалҳои тафтиширо иваз намекунад ё ҳимоятгар аз салоҳияти муфаттиш оид ба азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ё аз шахсони воқиф баёнот гирифтан, ҷамъоварии далелҳо истифода намебарад. Чунки амалҳои ҳимоятгар, на аз номи давлат, балки аз номи гумонбаршуда, ки ҳамаи восита ва усулҳои дар қонун манънашударо истифода бурда, ҳуқуқу манфиатҳои худро ҳимоя менамояд, иҷро мешаванд. Натиҷаи амалҳои ҳимоятгар:

– ба интихоб ва тақвияти шаклу воситаҳои ҳимоя ёрӣ медиҳад;

– мумкин аст боиси рад карда шудани гумони беасос ё асосҳои дастгир кардан шавад;

– метавонад ҳолатҳоеро маълум намояд, ки воқеан ҷой надоштани асосҳои дастгиркуниро тасдиқ кунанд;

– мумкин аст риоя ва иҷро нашудани қоидаҳои мурофиавии ҷиноятиро, ки м.м. 92, 94 КМҶ ҶТ пешбинӣ кардааст, ошкор намоянд.

Маводҳои ҷамъовардаи ҳимояттгар тибқи м.м. 82, 86 КМҶ ҶТ ба муфаттиш пешниҳод карда мешаванд.

Дар парвандаҳо бояд маводҳои қонунӣ ва асоснокии иштироки ҳимоятгар (иҷозатнома ва ё қарор оид ба ҷудо кардани ҳимоятгар ва ғайра) нигоҳ дошта шавад. Ба фикри мо, агар гумонбаршуда қобилияти ҳимоя кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худро бидуни кумаки ҳимоятгар надошта бошад, муфаттиш набояд дархости ӯро рад намояд. Роҳ надодани

[228] Ниг.: Искандаров З.Ҳ. Асосҳои фаъолияти адвокатӣ. – Душанбе: Эҷод, 2005. – С. 34-35.

ҳимоятгар дар асоси м. 52 КМҶ ҶТ ба шахсе, ки чун гумонбар дастгир шудааст, бояд чун вайроншавии меъёрҳои мурофиавӣ дониста шуда, дар ҳолати баровардани ҳукм, он бояд бекор карда шавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар м. 71 КМҶ ҶТ пешбинӣ шуда ва иштироки ҳимоятгарро рад мекунанд. Лекин, бинобар ҳолатҳои истиснокунанда рад шудани ҳимоятгари даъватшуда маънои онро надорад, ки ҳимоятгари дигар даъват нашавад.

Ҳамин тариқ, қонунгузор нишон додааст, ки суистифода ё вайронкунии қонун ҳангоми пурсиш гумонбаршудагон ва айбдоршавандагон дар марҳилаи тафтиши пешакӣ монеаҳои дигарро эҷод менамояд. Дар айни замон, бо сабаби ворид кардани тағйиротҳо ба м. 50.1 КМҶ ҶТ дар бораи пардохти ҳаққи хизмати ҳимоятгар аз ҳисоби давлат имконияти бартараф кардани монеаҳо пайдо шуд[229].

Ба гумонбаршуда бояд фаҳмонида шавад, ки агар ӯ хоҳиш аз кумаки ҳимоятгар истифода бурдан дошта бошад, лекин барои ин маблағи кофӣ надошта бошад, пас мақомоти таҳқиқ уҳдадоранд, ки ӯро аз ҳисоби давлат бо ҳимоятгар таъмин намоянд. Иҷро накардани ин уҳдадорӣ аз тарафи Суди Олии ҶТ ҳамчун вайрон кардани ҳуқуқи конститутсионии шахс ба ҳимоя ва меъёрҳои қонуни мурофиавии ҷиноятӣ эътироф шудааст[230].

Гумонбаршуда ҳуқуқ дорад, ки бо ҳимоятгар то пурсиши нахустин танҳо ва бемаҳдудияти давомнокии вақт вохӯрад. Шахсе, ки тафтишотро мебарад, наметавонад ин дархости гумонбаршударо рад кунад, зеро он вайрон кардани хуқуқи гумонбаршуда дониста мешавад.

Чӣ тавре, ки амалия нишон медиҳад, бо назардошти тағйиротҳо ба матни м. 94 КМҶ ҶТ, саволҳое ба вуҷуд меоянд, ки оё ҳимоятгар бо гумонбаршуда баъди танаффуси муайян, масъалан, ҳангоми аз муоинаи тиббӣ гузаштани гумонбаршуда, вохӯриро давом дода метавонад ё не. Ба вақти гузаронидани вохӯрӣ пеш аз пурсиши якум, ба фикри мо, муҳлати

---

[229] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 29.01.2021, таҳти №1755, аз 20.04.2021, таҳти №1777.

[230] Ниг.: Қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. «Дар бораи амалияи судии аз нав дида баромадани парвандахои ҷиноятӣ дар марҳилаи кассатсионӣ» // Маҷмӯаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Матбуот, 2012. – С. 490.

муайян гузоштан мумкин нест. Дар ҳолати қабули қарори дар рисола пешниҳодшуда дар бораи гумонбаршуда эътироф шудани шахс, бояд ҳимоятгар иштирок намояд.

Қисми 2 м. 94 КМҶ ҶТ иштироки ҳимоятгарро ҳангоми тартиб додани протоколи дастгиркунӣ ҳатмӣ ифода намекунад, ки ба фикри мо он нодуруст аст. М. 46 КМҶ ҶТ иштироки ҳимоятгарро дар пешбурди парванда аз лаҳзаи воқеан дастгир карда шудани шахс пешбинӣ мекунад, вале дар аксари ҳолатҳо дар протоколи дастгиркунии гумонбаршуда ҳимоятгар дар қатори иштирокчиёни дигари ин чораи маҷбурӣ алоҳида пешбинӣ намешавад. Ҳимоятгар бояд на танҳо ҳангоми пурсиши гумонбаршуда, балки ҳангоми тартиб додани протоколи дастгир кардан низ иштирок намояд. Барои таъмини ҳуқуқи гумонбаршуда барои ҳимоя бояд дар протоколи дастгиркунӣ ҳамеша зикр намуд, ки оё дастгиршуда барои ҳимояи манфиатҳои худ ба ҳимоятгар ниёз дорад ё не[231].

Ба фикри мо гумонбаршудаи дастгиршуда ҳуқуқ дорад дар бораи аз хизмати тарҷумон (м. 59 КМҶ ҶТ), коршинос (м. 58 КМҶ ҶТ), мутахассис (м. 57 КМҶ ҶТ) даст кашидан арз намояд. Бояд ба м.м. 123, 175 КМҶ ҶТ тағйирот илова кард, ки мутобиқи он муҳлати дида баромадани ин арзу дархост ё шикояти гумонбаршуда набояд аз 24 соат зиёд бошад. Агар бо сабаби пешниҳоди ин арзу дархост зарурати гузаронидани амалҳои тафтишӣ ба миёнояд, пас муфаттиш уҳдадор аст, ки онро дар доираи муҳлати дастгир кардан иҷро намояд.

Мутобиқи м. 46 КМҶ ҶТ гумонбаршуда ҳуқуқ дорад нисбати иштироки судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда арзи раднамоӣ баён намояд. Бо назардошти ин саволе ба миён меояд, ки оё нисбати сардори воҳиди таҳқиқ талаботи м. 66 КМҶ ҶТ дар бораи он ки таҳқиқбаранда бо назардошти талаботи м. 61 КМҶ ҶТ дар тафтиши парванда иштирок карда наметавонад,

[231] Ниг.: Питулько К.В. Судебная проверка законности и обоснованности избрания в качестве меры пресечения заключение под стражу и реализация права обвиняемого на защиту в уголовном процессе РФ: дис. ... канд. юрид. наук. – СПб., 2000. – С. 133.

паҳн мешавад ё не? Ба фикри мо, рад кардани иштироки шахсони дар боло зикршуда асоснок мебошад, зеро маҳз мақомоти таҳқиқ, аз он ҷумла сардори воҳиди таҳқиқ ҳуқуқ дорад шахсро барои содир кардани ҷиноят дастгир намуда, нисбати ӯ чораҳои таъхирнопазири маҷбурӣ андешад. Дар ҳолати асоснок будани раддия, ин масъала бояд аз тарафи прокурори назораткунанда ҳал карда шавад ва ё бо роҳи ирсоли парванда ба мақомоти дигар дар ҳудудии маъмурӣ аз тарафи прокурори болоӣ ба анҷом расонида шавад. Ба ин роҳ масъалаи рад кардани сардори шӯъбаи тафтишотӣ низ бояд ҳаллу фасли худро ёбад.

Тартиби умумии дида баромадани шикоят аз тарафи прокурор (м. 122 КМҶ ҶТ) дар ҳолатҳое, ки гумонбаршуда дар бораи қонунӣ будани дастгир кардан муроҷиат кардааст, қобили қабул мебошад. Лекин, ба фикри мо, бояд дар қонунгузорӣ муайян карда шавад, ки санҷиши шикояти дастгиршуда аз тарафи прокурор бояд дар давоми 12 соати аз лаҳзаи пешниҳоди аризааш гузаронида шавад. Аз прокурор инчунин талаб карда мешавад, ки ӯ боварӣ ҳосил намояд, ки маводҳои ба ӯ пешниҳод карда шуда, барои гумонбарӣ асоснок мебошанд. Дар ҳолати қонеъ накардани аризааш дастгиршуда ҳуқуқ дорад, ба суд оид ба масъалаи қонунӣ будан ва асоснок будани дастгир шуданаш муроҷиат намояд.

Дар ҳақиқат, ҳама гуна ҳолати маҳдудсозии озодӣ ва дахлнопазирии шахс, аз он ҷумла дар ҳолати мавҷуд будани асосҳои қонунии имконияти ба суд шикоят кардан вуҷуд дорад. Он имконият медиҳад, ки баррасии шикоят аз лаҳза ва ё давраи дастгир кардан, татбиқи чораи пешгирӣ ба ҳабс гирифтанро интизор нашуда, оғоз карда шавад. Ба фикри мо, бояд таъмини ба дастгиршуда фаҳмонида додани ҳуқуқу уҳдадориҳояш дар рафти тартиб додани протокол ба ӯ додани ҳуқуқи шинос шудан бо қонунӣ ва асоснокии онро тасдиқкунанда ва маводҳои ба суд ирсолшаванда зарур аст[232].

[232] Ниг.: Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1996, таҳти №2 «Дар бораи амалияи шикоят ва санҷиши судии қонунӣ ва асоснокии ҳабс ё тамдиди мӯҳлати ҳабс» // Маҷмӯаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2004. – С. 289.

Дар бораи зарурати баррасии судӣ оид ба қонунӣ ва асоснок будани амал (ва ё беамалии) ва қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор дар бораи дастгир кардан, дар давоми 10 шабонарӯзи аз рӯзи ворид шудани аризаи шикоятӣ ба маҷлиси судӣ (қ. 3 м. 124 КМҶ ҶТ) дида баромадани он барои дастгиршуда имконнопазир мебошад. Ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки қонунгузор дар амал мӯҳлати воқеии баррасии шикоятро оид ба дастгир кардани гумонбаршуда ба инобат нагирифтааст, зеро дастгир кардан то 72 соат давом ёфта, дар ин муддат дастгиршуда мумкин аст, ки озод карда шавад, мумкин нисбати ӯ чораи пешгирӣ – ба ҳабс гирифтан ва ё дароз кардани мӯҳлати дастгир кардан татбиқ карда шавад (м. 103 КМҶ ҶТ).

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба гумонбаршуда имконияти ҳимояро на танҳо аз гумонбарӣ, балки аз таҷовуз кардан ба шаъну эътибор, ҳаёт ва саломатӣ, ба озодии шахсӣ ва моликият дода, истисно ё маҳдуд карда шудани онҳоро аз ё дахолати ҳама гуна амали мақомоти таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ, пешбинӣ менамояд. Чӣ тавре, ки В. Жуковский ва В. Шуман дуруст қайд мекунанд, мавзуи ҳимояи гумонбаршуда ҳамчун гумонбарӣ дар содир кардани ҷиноят ва маҳдудсозии ҳуқуқу озодист, ки бо дастгир кардан алоқамандӣ дорад, чун идомаи гумонбарӣ донистa мешавад[233].

Таҳлили ин масъала нишон медиҳад, ки барои иҷрои самараноки вазифаҳо оид ба саривақт ва пурра ошкор кардани ҷиноят, дастгир кардани гумонбаршуда ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони ҷиноят содир карда, на танҳо дониши ҳуқуқӣ, инчунин интизоми қатъии хизматӣ, риоя ва иҷрои дақиқи қонун ногузир аст. Риоя накардани талаботи қонун, сарфи назар аз он ки дар кадом асос роҳ дода шудааст, иҷозат дода намешавад ва боиси масъулияти муқаррарнамудаи қонун гардида, санадҳои ғайриқонунӣ қабулшуда беэътибор донистa, бекор карда мешаванд»[234]. Маҳз риоя ва иҷро накардани талаботи қонун аз ҷониби мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ҳангоми

---

[233] Ниг.: Жуковский В., Шуман В. Много ли прав у защитника / В. Жуковский, В. Шуман // Советская юстиция. – 1991. – №1. – С. 11.

[234] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №12. – мод. 815-816; Қонун ҶТ аз 25.03.11. – №692; аз 02.08.17. – №755; – №1696; аз 04.07.2020. – №1702. – Душанбе: Матн, 2020. – 538 с.

дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят, вайрон карда шудани ҳуқуқу озодиҳои гумонбаршуда, ғайриқонунӣ дар тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ ҷойгир кардани ӯ мавзуи шикояти гумонбаршударо баҳри ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои худ ташкил дода метавонад. Ҳуқуқҳои алоҳида вобаста ба ҳолатҳои муайян, ки ба гумонбаршуда кафолат дода мешаванд мумкин аст, ки аҳамияти мурофиавӣ ва ё ғайримурофиавӣ дошта бошад. Масалан, ҳуқуқи бо шикоят муроҷиат кардан ва ба мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор дар бораи амал, беамалӣ ё санадҳои зиддиҳуқуқии шахсе, ки пешбурди парвандаро ё маъмурияти ҷойи нигоҳдории муваққатиро ба зимма дорад[235].

Пушида нест, ки дар ҷараёни дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ низ ба хатогиҳо роҳ дода мешаванд, ки ба ғайриқонунӣ «маҳдуд шудани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон оварда мерасонад»[236].

Аз ин рӯ, бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои худ дар қонун имконияти шахси бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршуда оид ба шикоят аз амал (беамалӣ) ва санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ дар ҳама марҳилаи мурофиаи ҷиноятӣ нисбати тамоми санад ва амалҳои мурофиавӣ кафолат дода шудааст[237]. Ин қоида яке аз асосҳои адолати судӣ мебошад, ки ба риоя ва иҷро шудани тартиби муқарракардаи қонун оид ба татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ мусоидат мекунад.

Бинобар ин, тибқи м. 23 КМҶ ҶТ ба иштирокчиёни мурофиа, инчунин, ба шахси бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршуда ҳуқуқ дода шудааст, ки мутобиқи тартиб ва муҳлати муқаррарнамудаи КМҶ ҶТ аз амал, беамалӣ ё санадҳои суд, судя, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда шикоят кунанд. Лекин, ба зиммаи прокурор ва судяе, ки аз амали онҳо мавзуи шикоятро ташкил додаанд ва инчунин ба зиммаи шахси мансабдоре, ки амалро иҷро ё

---

[235] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2011, таҳти №720.

[236] Раҳматҷонзода Р.Р., Маҳмадализода А.М., Арипов А.Л., Каримов Э.Ҳ. Масоили мубрами пешбурди тосудии мавод ва парвандаҳои ҷиноятӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – С. 68.

[237] Ниг.: Искандаров З.Ҳ. Асосҳои фаъолияти адвокатӣ. – Душанбе: Эҷод, 2005. – С. 126.

қарори аз он шикоятшударо қабул кардааст, вогузоштани баррасии шикояти гумонбаршуда нодуруст аст.

Доир ба ҳамин масъала, қайд кардан зарур аст, ки дар м.м. 38, 41 КМҶ ҶТ ба салоҳияти сардори воҳиди таҳқиқ ва сардори воҳиди тафтиш оид ба баррасии арзу шикояти иштирокчиёни пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, аз ҷумла шахси бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршуда нисбати амал, беамалӣ ва санадҳои ғайриқонунӣ ва беасоси таҳқиқбаранда ва муфаттиш пешбинӣ карда шаванд, чунки тибқи муқаррароти меъёрҳои номбаршуда онҳо имконият доранд, на танҳо бо ташаббуси худ, балки дар натиҷаи баррасии арзу шикоятҳои иштирокчиён, аз ҷумла шикояти шахси бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршуда ба прокурор дар бораи бекор кардани қарорҳои беасос қабул кардаи муфаттиш ё таҳқиқбаранда дархост пешниҳод кунанд ва вайронкунии ошкоршудаи қонунро бетаъхир бартараф намоянд.

Қайд кардан зарур аст, ки салоҳияти сардори воҳиди таҳқиқ ва сардори тафтиши пешакӣ дар бораи ба прокурор ҷиҳати бекор кардани қарори ғайриқонунӣ ё беасоси таҳқиқбаранда ё муфаттиш оид ба рад кардани оғози парвандаи ҷиноятӣ пешниҳод кардани дархост, ки дар қонун пешбинӣ шудааст, беасос ва баҳснок аст. Чунки, ин қоида сардори воҳиди таҳқиқ ва тафтиши пешакиро аз салоҳияти пешниҳод кардани дархост оид ба бекор кардани натиҷаи амалҳои ғайриқонунӣ ва тамоми қарорҳои дигари ғайриқонунӣ ё беасоси таҳқиқбаранда ва муфаттиш маҳрум кардааст. Аз ин бармеояд, ки қарорҳои дигари ғайриқонунӣ ё беасоси таҳқиқбаранда, ки сардори воҳиди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ аз рӯйи шикоят муайян мекунад, барои бекор кардан аз прокурор дархост намешаванд. Бинобар ин, дар амалия ҳангоми ошкор шудани ягон хатогиҳо эродҳо аввал ба фаъолияти сардори воҳиди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ оварда мешавад[238].

Шикояти шахси бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршуда нисбати амал, беамалӣ ё қароре, ки шахси ваколатдори таъқиби ҷиноятӣ ё суд бар хилофи тартиби муқарраркардаи қонун анҷом додааст ё қабул кардааст,

[238] Ниг.: Раҳматҷонзода Р.Р., Маҳмадализода А.М., Арипов А.Л., Каримов Э.Ҳ. Масоили мубрами пешбурди тосудии мавод ва парвандаҳои ҷиноятӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2019. – С. 69.

оварда мешавад. Агар маълумоти дар шикояти шахси бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршуда овардашуда дар натиҷаи баррасӣ тасдиқи худро наёбад ё норозигии гумонбаршуда ғайриқонунӣ бошад, қонеъ кардани он рад карда мешавад. Дар акси ҳол, агар маълумоти дар шикояти шахси бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршуда овардашуда дар натиҷаи баррасӣ тасдиқи худро ёбад, дар натиҷаи баррасии он камбудӣ, қонуншиканӣ ва ё ихтилофҳо саривақт бартараф карда мешаванд, ки барои таъмин ва барқарор карда шудани адолат ва ҳуқуқу озодиҳои гумонбаршуда хеле муҳим аст.

Прокурор ё судяе, ки шикоятро баррасӣ мекунад вазифадоранд дар доираи ваколати худ барои барқарор намудани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии вайроншудаи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин шахси бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршуда чораҳо андешанд[239].

Албатта ин қоидаҳо барои саривақт ва ҳамаҷониба ҳалли қонунии худро ёфтани арзу шикоятҳо хеле мусоидат мекунанд, лекин аз амалияи мақомоти таҳқиқ ва тафтишӣ дида мешавад, ки такмил дода шудани ин қоидаҳо ногузиранд. Масалан, А.Э. Раҳматулоев, М.Д. Қаландарова қ. 1 м. 124 КМҶ ҶТ ва таҳлил намуда, қайд мекунанд, ки агар шикоят аз ҷониби прокурор, прокурори болоӣ қонеъ нашуда бошад ва ё дар муҳлати муайянкардаи қонун ҳал нашуда бошад, шахси бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршуда ҳуқуқ дорад дар бораи рад кардани қабули шикоят ё рад кардани қонеъ кардани он ба суд шикоят кунад. Бо шикоят ба суди маҳалли ҷойгиршавии мақомоти прокуратура дар давоми як моҳ аз рӯзи гирифтани огоҳиномаи прокурор дар бораи рад намудани қонеъ гардонии он ё аз рӯзи гузаштани муҳлати як моҳи баъди додани шикоят, ба шарте, ки ба он ҷавоб нарасида бошад, арз кардан мумкин аст. Лекин муҳлати дар ин қоида пешбинишуда ба саривақт барқарор шудани ҳуқуқу манфиатҳои шахси бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршуда, бинобар дар муҳлати 72 соат дар тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ ҷойгир карда шудани ӯ мусоидат ва мувофиқат ҳам намекунад. Ба андешаи муаллифон, шикоят аз болои қарори прокурор на ба суди маҳалли ҷойгиршавии мақомоти прокуратура, балки *ба* суди марҳилаи

[239] Ниг.: Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ / Зери назари Раҳимзода Р.Ҳ. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – С. 84.

болоӣ ирсол гардад, то ки холисона баррасӣ ёфтани шикояти гумонбаршуда таъмин карда шавад[240]. Ин ақида бояд дастгирӣ ёбад.

Ғайр аз ин, муқаррароти қонун ба такмил ниёз дорад, чунки қ. 1 м. 124 КМҶ ҶТ имконияти иштирокчиёни мурофиаро, аз ҷумла шахси бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршуда танҳо бо шикоят овардан ба суд «оид ба рад кардани қабули аризаашон дар хусуси ба ҷиноят ё вайрон кардани қонун ҳангоми оғоз ё қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ» маҳдуд кардааст. Аз ин талаботи қонун бармеояд, ки амал, бамалии дигар ё қарорҳои дигари ғайриқонунӣ қабул кардаи мақомоти таҳқиқ, тафтишот ва прокуратура (ба ғайр аз қабули ариза оид ба ҷиноят ё вайрон кардани қонун ҳангоми оғоз, боздоштан ё қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ), инчунин нисбати шахси бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршуда аз доираи масъалаҳое, ки мавзуи шикоят хориҷ шудаанд, ки комилан бе асос аст[241]. Ғайр аз ин, ба андешаи мо, ин қоида ба м. 23 КМҶ ҶТ ва м.м. 19, 30 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф аст.

Тарафи дигари масъала, муҳим аст, ки минбаъд иштироки судяе, ки шикояти гумонбаршударо баррасӣ кардааст, дар вақти моҳиятан баррасӣ кардани парвандаи ҷиноятӣ, агар мавзуи шикоят бо ҳамин парвандаи ҷиноятӣ алоқамандӣ дошта бошад, бояд истисно карда шавад. Бинобар ин, аз ҷониби судя баррасӣ шудани ариза ва шикояти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла шахси бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршуда нисбати амал ё санадҳои ғайриқонунӣ ва беасоси мурофиавии прокурор ва ё мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, дар м. 62 КМҶ ҶТ ба сифати ҳолате, ки иштироки такрории судяро дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ истисно мекунанд, эътироф карда шавад. Дар айни замон, қ. 5 м. 124 КМҶ ҶТ низ ба тағйирот ниёз дорад, ки дар матни он бояд, ба ғайр аз ибораи «...қарори прокурор…», муқаррароти «қарор ва амал ё беамалии мақомоти таъқиби ҷиноятӣ…» нишон дода шавад, ки беасос маҳдуд шудани доираи масъалаҳои дигаре, ки мавзуи шикояти гумонбаршударо бартараф мекунад.

---

[240] Ниг.: Раҳматулоев А.Э. Қаландарова М. Принсипҳои адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ-кафолати таъмини адолати иҷтимоӣ. – Хуҷанд: Меъроҷ, 2012. – С. 99.
[241] Ниг.: Раҳматулоев А.Э. Мурофиаи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2. – Хуҷанд: Хуросон, 2019. – С. 106.

Ҳамин тариқ, имконияти шахси бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршуда оид ба шикоят нисбати амал, беамалӣ ва санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ на танҳо кафолати ҳимояи ҳуқуқу манфиати гумонбаршаванда, балки яке аз принсипҳое мебошад, ки ба риоя гаштани тартиби муқарраркардаи қонун оид ба татбиқи чораҳои маҷбурӣ, иҷрои амалҳои мурофиавӣ, саривақт иҷро шудани вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, барои пурра, ҳамаҷониба ва холисона муқаррар кардани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ва ниҳоят риоя, иҷро ва амалӣ гаштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд шароити мусоид фароҳам меорад.

Аз ҷониби дигар, шикояти шахси бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршуда барои саривақт ошкор ва бартараф карда шудани вайроншавии қонун, барқарор кардани ҳуқуқҳои вайроншуда; қонунӣ, асоснок ва одилона ҳал гаштани масъалаҳои мурофиавӣ ёрӣ мерасонад; масъулиятшиносии кормандони ваколатдори давлатиро то дараҷае баланд мебардорад; яке аз имкониятҳои воқеии иштироки намояндагони аҳли ҷамъиятро дар ба амалбарории адолати судӣ оиди парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин менамояд. Шикояти шахси бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршуда барои дар амал дуруст татбиқ гаштани чораҳои маҷбурии мурофиавӣ, риояи ҳадди маҳдудшавии ҳуқуқу озодӣ ва дар интиҳо ба амалишавии меъёрҳои мурофиавӣ ва моддӣ мусоидат менамояд.

Фаҳмонидани ҳуқуқҳои номбаршуда ва уҳдадориҳои дастгиршуда, ба таври пурра ба уҳдаи шахси мансабдор, ки протоколи дастгиркуниро тартиб медиҳанд, вогузор мешавад. Дар ин ҳолат, як қисми ҳуқуқҳо, ки табиати мурофиавӣ надоранд, мумкин аст аҳамияти ҳуқуқӣ дошта бошанд. Масалан, иштироки гумонбаршуда дар муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ ва аҳдҳои ҳуқуқии гражданӣ ё аз тарафи гумонбаршуда харидорӣ намудани озуқаворӣ, инчунин маводи мавриди ниёзи аввал ва дигар молҳои саноатӣ ва ғайраҳо бо низом ва тартиботи дохилии тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ алоқаманд аст. Хусусияти кутоҳмуддат доштани дастгир кардани мурофиавии ҷиноятӣ аз гумонбаршуда донистани ҳамаи қоидаҳои имконпазирро, ки ҳатто табиати мурофиавӣ надошта бошад ҳам, талаб мекунад, зеро механизми татбиқи

чораҳои маҷбурии мурофиавӣ ба арзи вуҷуд кардани маҳдудиятҳои ба ин низом вобаста, зич алоқаманд мебошад.

Ҳамин тариқ, гумонбаршуда баёнот ва нишондод дода, далелҳоро пешниҳод карда, беасос будани гумонбариро нисбаташ тасдиқ карда, ба он мусоидат менамояд, ки шахси бегуноҳ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида нашавад. Чунин шароит дар он вақт амалӣ карда мешавад, ки агар барои татбиқи ҳуқуқҳои гумонбаршуда ягон монеа эҷод нашавад.

З.Ҳ. Искандаров қайд мекунад, ки функсияи ҳимоя дар давраи тафтиши пешакӣ то пешниҳоди айб ин фаъолияти мурофиавии гумонбаршуда ва ҳимоятгари ӯ, ки барои рад кардани гумонбарӣ, дарёфти ҳолатҳое, ки гумонбариро истисно менамояд, ҷавобгарии ӯро сабук мекунад ва инчунин ҳуқуқҳои шахсӣ ва молумулкии ӯро ҳифз мекунад, иборат мебошад[242].

Бинобар ҳолатҳои таҳлилшуда пешниҳод менамоем:

1) Қонун муҳлати маҳдуд карда шудани озодии шахсро, инчунин муҳлати иҷрои амалҳоеро, ки ҳангоми дастгир кардан амалӣ мешаванд, бо соат муқаррар кардааст. Бинобар ин, дар м. 123 КМҶ ҶТ пешбинӣ карда шавад, ки прокурор вазифадор аст, ки шикояти гумонбаршуда ва ё ҳимоятгари ӯ дар бораи ғайриқонунӣ ва ё беасос ба сифати гумонбаршуда дастгир шуданро дар давоми се соат аз лаҳзаи гирифтани шикоят баррасӣ кунад. Дар ҳолатҳои истисно, агар барои санҷиши шикоят зарурати талаб карда гирифтани маводи иловагӣ ё андешидани чораҳои дигар пеш ояд, мумкин аст, ки шикоят дар муҳлати то ҳашт соат баррасӣ гардад ва дар ин бора шахси шикояткарда ва манфиатдор огоҳ карда шаванд.

2) Дар м. 124 КМҶ умуман дар бораи баррасии судии шикояти гумонбаршуда ягон қоида пешбинӣ нашудааст, ки мухолифи принсипҳои адолати судӣ аст (м. 23 КМҶ ҶТ). Бинобар ин, дар м. 124 КМҶ пешбинӣ карда шавад, ки агар шикояти гумонбаршуда аз ҷониби прокурор, прокурори болоӣ қонеъ нашуда бошад ва ё дар муҳлати муайянкардаи

---

242 Ниг.: Искандаров З.Х. Обжалование защитником действия дознавателя, следователя и прокурора / З.Х. Искандаров // Государство и право. – Душанбе, 1996. – №1. – С. 105-112.

Кодекси мазкур ҳал нашуда бошад, ӯ ҳуқуқ дорад дар бораи рад кардани қонеъ гардонии шикоят оид ба вайрон кардани қонун ҳангоми дастгир кардан ва ё низоми нигоҳдории тавқифгоҳи муваққатӣ ба суд шикоят кунад.

3) Бо мақсади баррасии холисонаи шикояти гумонбаршуда дар бораи амал ё санадҳои беасос ва ғайриқонунӣ, бояд дар қонун пешбинӣ гардад, ки шикояти гумонбаршуда аз болои қарори прокурор дар бораи рад кардани қонеъ кардани шикоят на дар суди маҳалли ҷойгиршавии мақомоти прокуратура, балки дар суди зинаи болоӣ дар давоми 24 соат аз лаҳзаи гирифтани огоҳиномаи прокурор дар бораи рад намудани қонеъгардонии шикоят баррасӣ гардад.

4) Ба моддаи 124 КМҶ ҶТ меъёре, илова карда шавад, ки мутобиқи он судя дар бораи қонунӣ ва асоснок будани амал, беамалӣ ва қарори таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурорро вобаста ба дастгир кардан дар муҳлати на кам аз 3 соати аз лаҳзаи ба суд пешниҳод шудани аризаи шикоятӣ ё то ба охир расидани муҳлати дастгиркунӣ дар маҷлиси судӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад.

5) Судя аризаи шикоятиро мавриди баррасӣ қарор дода, бояд воқеан хабардор кардани гумонбаршударо бо низом ва тартиботи дохилии тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ дар шакли хаттӣ бо имзояш аз маъмурияти ҷойи нигоҳдории муваққатии дастгиршуда талаб намояд. Нусхаи хабарнома ба суд пешниҳод шуда, ба маводҳои судӣ ҳамроҳ карда шавад.

6) Дар ҳолати ба суд пешниҳод накардани маводи зарурӣ ва аризаи шикоятии дастгиршуда ва ё ҳимоятгари ӯ дар бобати санҷиши қонунӣ ва асоснок будани дастгиркунӣ, судя бояд дар маҷлиси судӣ дар бораи қатъ ё манъ карда шудани татбиқи чораи маҷбуркунӣ қарор қабул намуда, шахси дастгиршударо аз тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ озод намояд. Асоси бекор кардани қарори судя аз тарафи суди болоӣ, минбаъд беасос ва ё беадолатона будани қарори судяро, ки шикояти гумонбаршударо баррасӣ кардааст, тасдиқ мекунад.

7) Тибқи м. 30 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқид манъ аст. Аз ин лиҳоз, дар м.20 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» пешбинӣ карда шавад, ки таклиф ва арзу шикояти гумонбаршуда, айбдоршаванда, ки ба дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, инчунин ҳимоятгар ирсол гардидаанд аз тарафи маъмурияти ҷойҳои нигоҳдории муваққатӣ, ҷойи дар ҳабс нигоҳ доштан баррасӣ шуда, вобаста ба мансубият на дертар аз 24 соат аз лаҳзаи супоридани онҳо фиристода шаванд.

Таъмини ҳақиқии риоя ва иҷрои принсипи конститутсионии дахлнопазирии шахс дар пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ ҳамон вақт имконпазир мегардад, ки низоми кафолати ҳуқуқӣ ва манфиатҳои қонунии шахсони дар мурофиа иштироккунанда, аз ҷумла шахси бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршуда аз рӯйи меъёрҳои ҳуқуқии миллӣ ва санадҳои байналмилалӣ марбут ба ин масъалаҳо, қатъиян риоя карда шавад.

### 3.3. Озод кардани шахсе, ки бо гумони содир кардани ҷиноят дастгир шудааст

Прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда, судя бо тартиби муқарраркардаи КМҶ ҶТ уҳдадоранд, ки ҳар як шахси ғайриқонунӣ ва беасос дастгиршударо фавран озод намоянд. Инро кафолати манфиатҳои ҳифзи ҳуқуқи шахс, вазифаҳои мақомоти давлатӣ, ки бояд адолатро барқарор намоянд, тақозо менамояд (м. 2 КМҶ ҶТ).

Дастгиршуда озод карда мешавад, агар дар муҳлати аз тарафи қонун муқарраркардашудаи дастгиркунӣ, муайян шавад, ки ӯ дар содир кардани ҷиноят иштирок надорад (м. 99 КМҶ ҶТ). Ин асос, ҳамон вақт ба инобат гирифта мешавад, ки ҳангоми тафтишот муайян шавад, ки шахс ба ҳодисаи ҷиноят алоқамандие надорад ва дар амали ӯ аломатҳои ҷиноят ошкор нашудааст, ё ҳолатҳое ошкор мешаванд, ки ҷиноят будани кирдори ӯро истисно мекунад. Дар чунин ҳолатҳо оғози парвандаи ҷиноятӣ рад карда шуда, ё пешбурди он қатъ карда шуда, дар асоси он дастгиршуда сафед (м.

234 КМҶ ҶТ) ва бо назардошти аз байн рафтани гумонбарӣ озод карда мешавад. Дар қарор дар бораи қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ (м. 27, 235 КМҶ ҶТ) гумонбаршуда ботаври хаттӣ дар бораи қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ ва таъқиби ҷиноятӣ бояд огоҳ карда шавад. Агар гумонбарӣ дар содир кардани ҷиноят тасдиқи худро наёбад, таҳқиқбаранда, муфаттиш, дастури прокурорро интизор нашуда, бо ташаббуси худ дастгиршударо озод карда метавонанд.

Дуюм ҳолати озодкунӣ (м. 99 КМҶ ҶТ) ҳамон вақт ба мушоҳида мерасад, ки гумонбарӣ тасдиқи худро ёфтааст, лекин дар рафти тафтишот асос барои татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан ва ё агар суд қабули қарори охиринро, дар асоси муқаррароти (қ. 5 м. 111 КМҶ ҶТ) ба таъхир мондааст, амалӣ мешавад.

Шахсе, ки таҳқиқро мебарад, муфаттиш аз рӯйи қоидаҳои умумӣ бояд гарчанде, ки муҳлати 72 соати дастгиркунӣ ба анҷом нарасида бошад ҳам, лекин иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят муайян нашуда бошад, дастгиршударо озод намоянд. Албатта онҳо уҳдадоранд, дар муҳлати муайяншуда иштироки шахсро дар содир кардани ҷиноят муайян намоянд, лекин агар гумонбарӣ тасдиқ нагардад, пас дастгиршуда бояд ҳатман озод карда шавад.

Ҳолати сеюми озодкунӣ – агар дастгир кардан бо вайрон кардани талаботи м. 94 КМҶ ҶТ амалӣ шуда бошад. Ин чунин маъно дорад, ки барои дастгир кардан асоси воқеӣ мавҷуд набуда, он ғайриқонунӣ иҷро шудааст.

Асоси аз ҳабс озод кардани гумонбаршуда қарори муфаттиш, мақомоти таҳқиқ ва ё прокурор (м. 104 КМҶ ҶТ) ба ҳисоб меравад. Дар ҳолати якум, агар парвандаи ҷиноятӣ нисбати шахси муайян, тафтиш карда шавад, асоси ба сифати айбдоршаванда донистани шахси дастгиршуда мавҷуд набошад, пас қарор дар бораи қатъ кардани таъқиби ҷиноятӣ нисбати гумонбари дастгиршуда ва умуман парвандаи ҷиноятӣ қабул карда мешавад (м. 234 КМҶ ҶТ). Агар дастгиршудагон аз 2 нафар ва зиёда аз он бошанд, онҳо аз тавқифгоҳ озод кардашуда, таъқиби ҷиноятии онҳо, парвандаи ҷиноятӣ

нисбати онҳо қатъ карда мешавад. Ин ҳолат барои тақвияти кафолати манфиатҳои ҳуқуқӣ, маънавӣ ва ахлоқии гумонбаршуда ва минбаъд сафедкунии он мусоидат менамояд. Дар ҳолати дуюм, нисбати гумонбаршуда қарори муфаттиш, мақомоти таҳқиқ ва ё прокурор дар бораи нисбати ӯ татбиқ намудани чораи пешгирӣ (ғайр аз ҳабс) (м. 103 КМҶ ҶТ) ё ки чораи дигари маҷбуркунии мурофиавӣ (м. 113 КМҶ ҶТ) қабул карда мешавад. Дар ҳолати сеюм, боиси озодкунии гумонбаршуда таъиноти суд ва ё қарори прокурор, судя дар бораи қонеъ гардонидани шикоятии ӯ дар бораи беасос ва ё ғайриқонунӣ будани дастгиршавӣ, шуда метавонад.

Таҳқиқбаранда, муфаттиш ҳангоми муқаррар кардани ғайриқонунӣ будани дастгиркунӣ, ки бо вайронкунии талаботи м. 94 КМҶ ҶТ ичро шудааст, вазифадоранд, ки дастгиршударо ҳатман озод намоянд. Бо назардошти ин ҳолат, асос барои қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ, ки аз муқаррароти қ. 1 м. 27 қ. 1 м. 234 КМҶ ҶТ бармеояд, ба миён меояд (масалан, дастгир кардани ғайриқонунӣ, ки оқибати ҷавобгарии ҷиноятиро истисно мекунад). Мо таклиф менамоем, ки ба КМҶ ҶТ меъёре дохил карда шавад, ки дар ҳолати вайрон кардани талаботи моддаи 94 КМҶ ҶТ ва мавҷуд будани асос барои он, мутобиқи талаботи қ. 1 м. 234 КМҶ ҶТ қарор дар бораи қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ ва таъқиби ҷиноятӣ қабул карда шавад.

Сардори ҷое нигоҳдории гумонбаршуда уҳдадор аст, ки то гузаштани муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда бояд мақомот ва шахсеро, ки масъули ба баррасии парвандаи ҷиноятӣ мебошад ё прокурорро дар бораи қабули чунин қарор хабардор намояд. Ба фикри мо, бо мақсади барқарор кардани тартиби ягонаи мурофиавии озодкунии гумонбаршуда мутобиқи талаботи м. 99 КМҶ ҶТ, ба м. 103 КМҶ ҶТ илова ворид карда шавад, ки баробари ба охир расонидани муҳлати дастгир кардан, пешниҳод накардани қарор аз тарафи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор дар бораи озод кардани гумонбаршуда, қарори суд дар бораи нисбати гумонбаршуда рад нашудани чораи пешгирӣ – дар намуди ба ҳабс гирифтан ва ё дароз кардани

муҳлати дастгиркунӣ сардори ҷои нигоҳдории гумонбаршуда бо қарори асоснок карда шуда метавонад дастгиршударо озод намояд.

Чӣ тавре, ки қаблан қайд намуда будем, дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мешавад, ки аз тавқифгоҳ озод кардани гумонбаршуда на ҳама вақт маънои аз байн рафтани асоси гумон ва дастгир карданро дар назар дорад[243].

Дар рафти тафтишоти минбаъда мумкин аст, ки далелҳое ҷамъ оварда шаванд, ки иштироки гумонбаршударо дар содир кардани ҷиноят муайян мекунад, гарчанде, ки нисбати ӯ қаблан парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда шудааст. Дастгир кардани такрорӣ бо ҳамон ҳолатҳое, ки аз рӯйи асосҳои нав ба сифати гумонбаршуда донистани шахс ба миён омадааст ва фаъолияти ҷинояткоронаи ӯро собит месозанд, ҳамон вақт амалӣ мешавад, агар қарори қаблан дар бораи қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ ва ё таъқиботи ҷиноятӣ бекор карда шавад. Баъди озод шудан аз гумонбарӣ шахс дар ҳама ҳолатҳо аллакай гумонбар дониста намешавад. Ӯ мумкин аст, дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҳамчун шоҳид пурсида шавад ва ё умуман аз доираи қоидаҳо ва муносибатҳои мурофиавӣ берун карда шавад. Дар ҳолати якум гумонбаршуда дар муносибатҳои мурофиавии ҷиноятии мазкур чун шоҳид баромад мекунад. Агар нишондоди гумонбаршудаи қаблан ҷалб шуда дақиқ ва эътимодбахш набошад, пас баъди озодшавӣ аз гумонбарӣ, шахс умуман аз мурофиаи ҷиноятӣ дур карда шуда, иштирокчии он ба ҳисоб намеравад.

Натиҷаи таҳқиқот мутаассифона собит менамояд, дар амалияи тафтишотӣ ҳолатҳое дучор мешаванд, ки муфаттиш гумонбаршударо то ба охиррасии муҳлати 72 соат дар бораи он, ки ӯ ҷиноят содир кардааст, донад ҳам, ӯро ба сифати шоҳид мепурсад ва баъд далелҳои кофиро ҷамъ намуда, ӯро чун айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ мекашад. Дар асл, чунин амал ба қонуни амалкунанда мухолифат накунад ҳам, лекин он талаботи эҳтимолияти бегуноҳиро сарфи назар менамояд.

[243] Ниг.: Чувелев А. Анализ статистических данных о законности задержания подозреваемых / А. Чувелев // Социалистическая законность. – 1973. – №10. – С. 65-66.

Бинобар ин зарурати ворид шудани иловаро ба м. 56 КМҶ ҶТ, ки мутобиқи он шоҳид ухдадор нест дар бораи ҳолатҳое, ки кирдори содиркардаашро фош менамояд ё нишондоди худайбдоркунӣ диҳад, зеро муфаттиш наметавонад саволҳое ба миён гузорад, ки шоҳидро ба худайбдоркунӣ водор менамояд. Ин ба талаботи қонун, ки имконияти гузоштани ӯҳдадории исботи бегуноҳиро ба шахсе, ки минбаъд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, мухолиф аст.

Бинобар ин пешниҳод менамоем, ки ба м. 56 КМҶ ҶТ иловае дохил карда шавад, ки мутобиқи он шоҳид уҳдадор нест дар бораи ҳолатҳое, ки кирдори содиркардаашро фош менамояд ё нишондоди худайбдоркунӣ диҳад. Муфаттиш наметавонад саволҳое ба миён гузорад, ки шоҳидро ба худайбдоркунӣ водор менамояд. Ин ба талаботи қонун, ки имконияти гузоштани уҳдадории исботи бегуноҳиро ба шахсе, ки минбаъд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, мухолиф аст.

Дар мавриди ошкор шудани ҳолатҳои нав ҳангоми тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ва пайдо шудани асосҳо барои гумонбар шудани шахс дар содир кардани ҷиноят, зарур аст, ки шаҳрванд ба мақоми гумонбаршуда баргардонида шавад (м. 46 КМҶ ҶТ) ва ӯ на ҳамчун шоҳид, балки чун гумонбаршуда пурсида шавад.

Озодкунии шахсе, ки барои содир кардани ҷиноятҳои на чандон хавфнок ё камаҳамият дастгир шудааст, ба идомаи иҷрои амалҳои тағйирнопазири тафтишӣ монеа намешавад. Чунки қонун дастгир карданро нисбати шахсоне пешбинӣ кардааст, ки дар содир намудани ҷиноят, ки дар қонуни ҷиноятӣ барои он ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ё нигоҳ доштан дар қисмҳои ҳарбии интизомӣ пешбинӣ шудааст, гумонбар шуда бошанд. Яъне ҳама гуна дастгиркунии гумонбаршуда барои ҷиноятҳои橫 начандон хавфнок ё дар содир намудани ҷиноят, ки дар қонуни ҷиноятӣ барои он ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ё нигоҳ доштан дар қисмҳои ҳарбии интизомӣ пешбинӣ нашудааст, бояд ғайриқонунӣ дониста шавад.

Асоси озодкуниро дар ин ҳолатҳо, бо назардошти талаботи қонун (қ. 1 м. 99 КМҶ ҶТ) муайян кардан зарур аст. Ба фикри мо, дар чунин мавридҳо барои озодкунии шахсони дастгиршуда дастури хаттии муфаттиш, прокурор ё қарори судя зарур нест.

Бо ин асос дар ҳолати аз ҷониби прокурор рад карда шудани додани розигӣ ба дархости татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан, шахси дастгиршуда наметавонад озод карда шавад. Агар аз тарафи прокурор додани розигӣ ба чораи мазкури пешгирӣ рад карда шавад, бояд он дар шакли қарори асоснок таҳия шуда, дархости муфаттиш бояд ба суд фиристода шавад. Агар прокурор дар бораи додани розигӣ барои татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан то эълони айб муқобил бошад, пас ин ҳолат метавонад сабаби озодкунии гумонбаршудааз тавқифгоҳ гардад.

А.К. Аверченко қайд намудааст, ки шахс баъди қатъ карда шудани чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ ҳам, ҳангоми иҷрои амалҳои тафтишӣ, ки барои ошкор кардани иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят ичро мешаванд, мақоми гумонбаршударо дошта метавонад[244].

Ба андешаи мо, фикри Э. Боровский дар бораи он ки дар як қатор ҳолатҳо гумонбаршуда дар мӯҳлати номуайян дар ҷойҳои махсус нигоҳ дошта мешавад, хато мебошад[245].

Танҳо озодкунии шахс бо сабаби тасдиқ нашудани гумонбарии ӯ дар содир кардани ҷиноят маънои сафед кардани ӯро дорад (с. 1 қ. 1 м. 99 КМҶ ҶТ). Дар ҳолати мазкур бояд барои барқарор кардани ҳуқуқ ва шаъну эътибори озодшуда чораҳои зарурӣ андешида шавад. Дар айни замон, озодкунии гумонбаршудаи дастгиршуда бидуни қатъи таъқиби ҷиноятӣ шаҳрвандро то он вақте гумонбаршуда медонад, ки тафтиши парвандаи ҷиноятӣ хотима наёбад. Ҳангоми татбиқи асосҳои дигари озодкунӣ, шахс

[244] Ниг.: Аверченко А.К. Подозреваемый и реализация его прав в уголовном процессе: дис. ... канд. юрид. наук. – Томск, 2001. – С. 239.
[245] Ниг.: Боровский Э. Понятие подозреваемого в советском уголовном процессе / Э. Боровский // Вестник Московского Университета. Серия Право. – 1963. – №1. – С. 34.

метавонад чун гумонбаршуда боқӣ монад ва ҳолати ҳуқуқии ӯ дар рафти тафтишоти минбаъда (м. 103 КМҶ ҶТ) муайян карда шавад. Дар ин ҳолат шаҳрванд мавқеи гумонбаршударо дар мурофиа нигоҳ медорад, чунки қонуни мурофиавии ҷиноятӣ тартиби расмии бекор кардани гумонбариро муайян накардааст.

Ин ҷо боз як масъалаи баҳснок ҷой дорад. Бояд зикр намуд, ки фаҳмиши қонуни мурофиавии ҷиноятӣ ё меъёрҳои алоҳидаи он барои кормандони амалия душворӣ эҷод мекунад. Тибқи м.м. 92 қ. 3 ва 99 қ. 1 КМҶ ҶТ баъди гузаштани муҳлати боздошт дастгиршуда, бояд аз ҳабс озод карда шавад. Дар ин қоида истилоҳи «ҳабс» нофаҳмиро ба вуҷуд меорад, чунки дар ҳабс нигоҳ доштан чораи пешгириро ифода мекунад. Ба андешаи мо дар қ. 3 м. 92 КМҶ ҶТ истилоҳи «аз ҳабс озод кардан» аз тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ озод карданро ифода мекунад[246].

Чунки дар қ. 3 м. 92 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, ки «Шахсро бо асосҳои пешбининамудаи қ. 1 ҳамин модда аз лаҳзаи боздошт зиёда аз 72 соат боздоштан мумкин нест. Баъди гузаштани ин муҳлат дастгиршуда бояд аз ҳабс озод карда, ё дар ҳаққи ӯ чораи дигари пешгирии дар Кодекси мазкур пешбинишуда татбиқ карда шавад…». Ҳамин тариқ, дар қ. 3 м. 92, қ. 1 м. 99 КМҶ ҶТ қоидаи «аз ҳабс озод кардан» истифода шудааст, ки шарҳу маънидодкуниҳои гуногунро ба вуҷуд оварда, имконияти дар ҳаққи гумонбаршуда татбиқ шудани чораи дигари пешгирии дар Кодекси мазкур пешбинишударо асоснок кардааст. Ғайр аз ин, нисбати дастгиршуда воқеан татбиқ шудани «ҳабс», баъди гузаштани муҳлати муайянкардаи ҳамин меъёр (72 соат) «аз ҳабс озод кардан» ва ғайр аз ба ҳабс гирифтан имконияти татбиқи «чораи дигари пешгирии»-ро ифода карда истодааст. Ба фикри мо, аз матни қ. 3 м. 92 КМҶ ҶТ бояд истилоҳи «аз ҳабс озод кардан» хориҷ карда шавад. Чунки шахси бо гумони содир кардани ҷиноят дастгиршуда дар қисми навбатдории ШВКД дар тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ ҷойгир

---

[246] Ниг.: Раҳматулоев А.Э., Абдуллоева М.К. Таҳлили назариявии қоидаҳои дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят / А.Э. Раҳматулоев, М.К. Абдуллоева // Маҷалаи академияи ҳуқуқ. – 2021. – №2 (38). – С. 155-160.

карда мешавад. Дар чунин мавридҳо ҳоло нисбати дастгиршуда чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан ё чораи дигари пешгирӣ тибқи талаботи м.м. 103, 111 КМҶ ҶТ бо иҷозати суд татбиқ нашудааст. Бинобар ин, дар матни қ. 3 м. 92 КМҶ ҶТ дар шакли зерин бояд пешбинӣ шавад: «Баъди гузаштани ин мӯҳлат дастгиршуда бояд аз тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ озод карда ё дар ҳаққи ӯ яке аз чораҳои пешгирии дар Кодекси мазкур пешбинишуда татбиқ карда шавад». Дар қ. 1, м.99 КМҶ ҶТ қоидаи «аз ҳабс озод кардан», мувофиқан ба тағйири зерин - «аз тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ озод карда шавад» ниёз дорад.

В.С. Шадрин қайд мекунад, ки аз лаҳзаи қатъ кардани таъқиби ҷиноятӣ ба шаҳрванд бояд ҳуқуқи рӯёнидани тамоми намудҳои ҷуброни зарари моддӣ ва маънавӣ, дар ҳолати ғайриқонунӣ будани дастгир кардан, фаҳмонида шавад[247].

Дар с. 5 м. 5 Конвенсияи Аврупоӣ дар бораи ҳимояи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосии он гуфта мешавад, ки «касе, ки бо вайронкунии қоидаҳои муқарраршуда ҳабс ва ё дастгир шудааст, ҳуқуқ ба тартиби таъмини он ва ҷуброни онро дорад».

Умуман қоидаи сафедкунии дастгиршуда дар м. 461 КМҶ ҶТ нишон дода шудааст, ки мутобиқи он ҳар касе, ки бо амалҳои ғайриқонунӣ, ки бо ҳаракатҳои (беҳаракатии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор гирифтори зарари моддӣ гардидааст ба ҷуброни ин зарар ҳуқуқ дорад.

Ба масъалаи сафедкунии шахсони, ғайриқонунӣ ба мурофиаи ҷиноятӣ ҷалб шудаанд, дар адабиёти ҳуқуқӣ диққати махсус дода шудааст. Қайд карда мешавад, ки таиноти ниҳоди сафедкунӣ аз бартараф кардани хатогиҳои тафтишотӣ ва судӣ иборат буда, он бояд шаҳрвандро бо тартиби муқарраркардаи қонун, бо ҳуқуқҳои пештарааш барқарор намояд[248].

---

[247] Ниг.: Щадрин В.С. Обеспечение прав личности при расследовании преступлений. – М.: Юрлитинформ., 2000. – С. 122.
[248] Ниг.: Давлетов А., Войт В. Институт подозрения нуждается в совершенствование / А. Давлетов, В. Войт // Законность. – 1996. – №7. – С. 26.

Масъала дар бораи зарурати тағйир додани меъёрҳои қонун оид ба қоидаҳои қатъ кардани парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати гумонбаршудагоне, ки бо ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд, асоснок ба миён гузошта шудааст. Асоси сафедкунии чунин шахс бояд дар қарор дар бораи қатъ шудани парвандаи ҷиноятӣ нисбати ӯ инъикос гардад (м.м. 27, 234-235 КМҶ ҶТ). Дар ҳолате, ки қатъи пешбурди парванда нисбати гумонбаршуда бо қатъи парвандаи ҷиноятӣ дар як вақт ба амал ояд, оид ба он қабули як қарор кофӣ аст. Инчунин қайд карда мешавад, ки дар ҳолати тасдиқ нашудани шарик будани гумонбаршуда дар содир шудани ҷиноят, хулосаи онро дар ҳуҷҷати алоҳидаи мурофиавӣ бояд инъикос кард. Чунин ҳуҷҷат қарори асосноки муфаттиш ва ё таҳқиқбаранда шуда метавонад, ки нусхаи он ба шахси сафедкардашуда бо имзои шахсиаш супорида шуда, як нусхаи он ба прокурор равона карда шавад. Дар ин қарор бояд чораҳои зарурии ҷуброн кардани зарари моддӣ ва маънавии ба гумонбаршуда расонида шуда, барқарор кардани ҳуқуқҳои меҳнатӣ, нафақавӣ, манзилӣ ва дигар ҳуқуқҳои вайроншуда, агар чунин ҳолатҳо ҷой дошта бошад, зикр карда шаванд[249]. Қайд мешавад, ки ҳуқуқ ба ҷуброни зарури расонидашуда ба шаҳрванд набояд бо ҳуқуқи мурофиавии гумонбаршуда якхела фаҳмида шавад. Ҳуқуқи мазкур ба шахси муайян, танҳо баъди тасдиқи ғайриқонунӣ дастгир кардан, он вақте, ки ӯ аз гумонбарӣ озод карда мешавад, дода шавад[250]. Аз ин рӯ, ҳуқуқи мазкури шахси дар мақоми гумонбаршуда қарор дошта, он на ба мушкилоти иштирокчии мурофиаи ҷиноятӣ, балки ба хусусияти ҳуқуқии ниҳоди сафедкунӣ ва эҳтимолияти бегуноҳӣ алоқаманд мебошад.

Дар қоидаҳои ҷуброни зарар, ки ба шаҳрванд расонида шудааст, мутобиқи КМҶ ҶТ дар ҳолати аз ҷониби мақомоти таҳқиқ, тафтишот, прокуратура вайрон кардани қоидаҳои дастгир кардан, яъне ғайриқонунӣ

[249] Ниг.: Пастухов М.И. Институт реабилитации: на пути законодательству регулированию / М.И. Пастухов // Государство и право. – 1993. – №12. – С. 56.
[250] Ниг.: Юлдошев Р.Р. Научно-практический комментарий к отдельным главам Уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан. – М.: ЮСТИЦИЯ, 2016. – С. 46-47. (227 с.).

дастгир кардан, ки боиси зарар мешавад, дастгиршуда ҳуқуқ дошт, ки бо даъво аз болои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба суд муроҷиат намояд.

Мутобиқи он тартиби дида баромадан ва қабули қарор ба қатъ гардонидани талаботи даъво ба миён гузошташуда, аз рӯйи қоидаҳои пешбурди мурофиаи граждании дар асосҳои умумӣ ба роҳ монда шудааст. Аз амалҳои ғайриқонунӣ шахси зарардида, аз чунин чораҳои «имтиёзнок» бо шартҳои зерин истифода бурда метавонад:

1) зарар бояд натиҷаи санад ё амал, беамалии ғайриқонунӣ (аз он ҷумла қарор) бошад;

2) зарари расонидашуда натиҷаи на ҳама амалҳои ғайриқонунӣ, балки ҳамаи ҳолат ё асосҳое, ки дар қонун нишон дода нашудааст (ғайриқонунӣ дастгир кардан, маҳрумкунии ғайриқонунӣ, ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан, ғайриқонунӣ татбиқ кардани чораи пешгирӣ ба ҳабс гирифтан ва ғайраҳо) мебошад.

Танҳо чунин амалҳои ғайриқонунӣ асоси моддии ҳуқуқӣ барои татбиқи тартиби «имтиёзнок»-и ҷуброни зарар шуда метавонад.

Дар с. 23 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри 2010, таҳти №33 «Дар бораи ҳукми судӣ» қайд карда мешавад, ки «Мутобиқи талаботи қонун бо сафедкардашуда ҳуқуқи ӯ барои гирифтани ҷуброни зарари дар натиҷаи ғайриқонунӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ӯ расонида шудааст, фаҳмонида дода шуда, дар бораи он дар протоколи маҷлиси судӣ қайд карда шавад»[251].

Уҳдадории мақомоти тафтишот аз он иборат аст, ки ҳар як гумонбари сафедшуда, ки нисбати ӯ парвандаи ҷиноятӣ қатъ карда шудааст, кафолати ҳимояи ҳуқуқии беасос ба сифати гумонбаршуда кашиданро таъмин намоянд. Бояд бо андешаи А.Л. Шило розӣ шуд, ки зери мафҳуми сафедкунӣ на танҳо ҳолати аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардан ва ё аз тарафи суд

[251] Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри 2010, таҳти №33 «Дар бораи ҳукми судӣ» // Маҷ. қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Матбуот, 2012. – С. 238.

бегуноҳ эълон шудани шахс, балки беасос ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ва оқибатҳои ҳуқуқии онро низ ба инобат гирифт[252].

Сафедкунӣ дар пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ пешбинӣ менамояд, ки ҳуқуқҳои шахси беасос айбдоршуда, бояд аз нав барқарор карда шуда, номи неки ӯ, шаъну эътибори ӯ ҳифз карда шавад. «Ҳатто дар ҳолати қатъ карда шудани парвандаи ҷиноятӣ дар марҳилаи тосудӣ – навиштааст А.Ф. Конӣ, дар аксари ҳолат зарари маънавии ба шахси беасос ва аз шитобкорӣ расонидашударо рӯйпӯш кардан ғайриимкон аст»[253].

Аз ҳолатҳои зикршуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҷуброни зарари беасос ва ғайриқонуни расонидаи мақомоти таъқиби ҷиноятӣ, унсури муҳими сафедкунӣ ва қисми тартибии он мебошад. Лекин, дар қонун мафҳуми «сафедшуда» нишон дода шудааст. Аз ин бармеояд, ки шахс ҳамон вақт «сафедшуда» эътироф карда мешавад, ки нисбати ӯ пешбурди сафедкунӣ пурра ба анҷом расонида шуда, ҳамаи унсурҳои он амалӣ гардонида шуда бошад. Аз ин рӯ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки шахси ҳуқуқи ҷуброни зарарро пайдо карда, на танҳо бо ҳукми суд сафедшуда, балки то мурофиаи судӣ сафедшаванда дониста шавад. Шахси сафедшуда гуфта, қонунгузор шахсеро, ки хоҳиши талаби ҷуброни зарарро надорад, эътироф намекунад. Дар ҳолати мазкур қонунгузор ба раванди сафедкунӣ ҷуброни зарарро ба инобат намегирад. Ҷуброни зарар, ки ба шахс ҳангоми дастгир кардани ғайриқонунӣ, ба ҷавобгарии ҷинояти кашидани он, ғайриқонунӣ татбиқ кардани чораи пешгирӣ – ба ҳабс гирифтан, маҳкумкунии ғайриқонунӣ расонида шудааст, ҳоло сафедкуниро пурра фарогир нест.

Аз м. 461 КМҶ ҶТ бармеояд, ки ҷуброни зарари моддӣ ва маънавӣ яке аз унсурҳои ҳуқуқ ба сафедшавӣ мебошад. Ба шахсе, ки ин ҳуқуқ дода шудааст, ин ҳуқуқ маҷбуран вогузор нашуда, ӯ танҳо соҳиби ин ҳуқуқ дониста мешавад, яъне ӯ ҳуқуқи даъво карданро барои рӯёнидани ҷуброни зарар

---

[252] Ниг.: Шило Н.Я. Проблемы реабилитации на предварительном следствии. – Ашхабад: Ылым, 1981. – С. 16.

[253] Кони А.Ф. Собрание соч.: В 8 т. – М.: Наука, 1967. – Т. 4. – С. 171.

пайдо мекунад. Масъала дар бораи он, ки шахси мазкур аз ин ҳуқуқ истифода мебарад ё не кушода боқӣ мемонад. Лекин, дар ин ҷо ихтилофе ба миён меояд, ки на танҳо сафедкунӣ бо ҷуброни зарар алоқаманд дониста шудааст, балки озод шудани дастгиршуда ё ҳабсшуда бо сабаби тасдиқ нагардидани гумон дар содир кардани ҷиноят низ бо руёнидани товони зарар вобаста карда шудааст.

Ба андешаи А.А. Подопригора «мо мегӯем, ки ҷуброни зарари дар натиҷаи таъқиби беасос ва ғайриқонунии ҷиноятӣ расонидашуда, бояд ба мафҳуми сафедкунӣ дохил карда шавад ва дар айни замон зикр менамоем, ки мо ҳаққи маҳрум кардани шахсро аз имконияти мустақилона ҳал кардани ин масъала надорем»[254].

Агар сафедшаванда хоҳиши худро дар бораи ҷуброни зарар баён кунад, ӯ метавонад бо ариза, ки қонун пешбинӣ мекунад ба мақомоти дахлдор муроҷиат намояд.

Ҳуқуқ ба сафедшавӣ, аз он ҷумла ҳуқуқ ба ҷуброни зарар, ки ба таъқиби ҷиноятӣ алоқаманд мебошад ба ҳар як гумонбаршуда, ки нисбати ӯ таъқиби ҷиноятӣ, ки мутобиқи талаботи м. 27 КМҶ ҶТ қатъ карда шудааст, дода шудааст.

Қ. 2 м. 461 КМҶ ҶТ бори нахустин ҳуқуқ ба ҷуброни зарарро ба ҳама гуна шахсе, ки гирифтори чораҳои маҷбуркунии мурофиавии ғайриқонунӣ ва беасос шудаанд, пешбинӣ менамояд. Дар айни замон, дар ин модда танҳо «озод шудани дастгиршуда ё ҳабсшуда бо сабаби тасдиқ нагардидани гумон дар содир кардани ҷиноят» чун асос ифода шуда, ҳолати «ғайриқонунӣ дастгир кардани гумонбаршуда» чун асоси ҷуброни зарар дониста намешавад ва он дар қонун бевосита инъикоси худро наёфтааст. Ба андешаи мо, дар зери мафҳуми «ба шахс» дар ҳолати мазкур на танҳо дастгиршуда ва ё ҳабсшуда, балки ҳамаи шахсоне, ки ба ғайр аз қ. 2 м. 461 КМҶ ҶТ зикр шудааст, инчунин шахсоне, ки дар натиҷаи татбиқи чораҳои маҷбуркунии

[254] Подопригора А.А. Опыт и проблемы применения нового УПК РФ / А.А. Подопригора // Материалы Всероссийского «круглого стола» (27-28 февраля 2003). – Ростов н/Д., 2003. – С. 76.

мурофиавӣ зарар дидаанд (масалан, аз ҳабси молу мулк, суратҳисоб, пасандоз ё аз муваққатан дур кардан аз вазифа) дохил карда шаванд. Ба фикри мо, ба қ. 2 м. 461 КМҶ ҶТ ҳама шахсоне, ки на танҳо иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ буда, балки хешовандони наздики онҳо ва нафароне, ки ба онҳо ғайриқонунӣ бо татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ зарар расонида шудааст, инъикос карда шаванд.

Аз рӯйи эҳтимолияти бегуноҳӣ зарурати сафедкунии пурраи гумонбаршуда, яъне эътирофи расмии бегуноҳии шахс дар содир кардани ҷиноят ба миён меояд. Дар ин ҳолат, зарурати на танҳо озод кардани дастгиршуда, балки барқарор кардани шаъну шараф, обрӯю эътибор, ҷуброни зарар ва ба таври расмӣ бегуноҳ донистан, яке аз вазифаҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад.

Дар аксари ҳолатҳо масъалаи шарик будан ва ё набудани шахс дар содир кардани ҷиноят, дастгир кардан ва озод кардани ӯ танҳо дар рафти тафтиши пешакӣ ҳалли худро меёбад. Як қатор олимон дар асарҳои худ таъкид менамоянд, ки дар қонун қоидаи тартиб додани қарор дар бораи қатъ намудани пешбурд нисбати гумонбаршаванда, ки ба айб эълон нашудааст, новобаста аз минбаъд пайдо шудани асосҳо, дохил карда шавад. Чунин қарор бояд дар муҳлати 10 шабонарӯз, аз лаҳзаи гумонбар шудани шахс, дар ҳолати дастгир шудани ӯ, аз лаҳзаи нисбати ӯ татбиқ кардани чораи маҷбуркунии мурофиавӣ бояд қабул карда шавад. Агар минбаъд, ҳолатҳои наве, ки қаблан гумонбаршавандаро дар шарикӣ дар ҷиноят айбдор медонанд ё ошкор шаванд, қарор дар бораи қатъи таъқиби ҷиноятӣ бекор карда шуда, нисбати ӯ парвандаи ҷиноятӣ аз нав оғоз карда шавад.

Ба андешаи мо, ҳангоми озодкунии гумонбаршуда, дар ҳолатҳое, ки дар муқаррароти қ. 1 м. 99 КМҶ ҶТ дар бораи қатъи таъқиби ҷиноятӣ ва асосҳои дар қ. 1 м. 27 КМҶ ҶТ зикр шудааст, масъалаи сафедкунии он ва ҷуброни зарар, новобаста аз ҳолатҳое, ки шахс баъди содир кардани ҷинояти дигар чун гумонбар дониста мешавад, ҳалли худро ёбад.

Қаблан, чунин хулоса ҳо ҷой доштанд, ки ҳар як гумонбарӣ ҳатман ба айбдоркунӣ бурда мерасонад. Дар КМҶ ҶТ амалкунанда тартиби озодкунии шахс аз гумонбарӣ пешбинӣ шудааст. Муаллифони алоҳида пешниҳод менамоянд, ки санадҳои мурофиавӣ дар бораи озод кардан ё қатъи гумонбарӣ, ки шахсан онро бо имзо ба шахси гумонбаршудаи сафедшуда ва прокурор месупоранд, бояд асоси аз ҷавобгарӣ озод кардани шахс бошад[255]. Ин андешаҳоро ҷонибдорӣ намуда, илова менамоем, ки номи дақиқи ин қарор бояд «қарор дар бораи озодкунӣ аз гумонбарӣ» бошад.

Агар ҳангоми тафтишот гумонбарии пешниҳодшуда тасдиқи худро наёбад, пас мақомоти таъқиби ҷиноятӣ уҳдадор аст, ки бо қарори махсуси худ шахсро аз гумонбарӣ озод намояд ва онро бо қабули қарор дар бораи қатъи парвандаи ҷиноятӣ ва ё таъқиби ҷиноятӣ алоқаманд нагардонад. Ин қарор набояд бо қарори дар бораи қатъи парвандаи ҷиноятӣ ва таъқиби ҷиноятӣ пайваста ва умумӣ бошад.

Бо назардошти ҳолатҳои таҳлилшуда таклиф менамоем:

1) ба КМҶ ҶТ моддаи «қарор дар бораи озодкунӣ аз гумонбарӣ» илова карда шавад, ки дар он матни зерин оварда шавад:

Дар қ. 1 ҳамин модда пешбинӣ карда шавад, ки «Дар ҳолате, ки агар гумонбарӣ тасдиқи худро наёбад, барои айбдоркунӣ асоси воқеӣ мавҷуд набошад, таҳқиқбаранда, муфаттиш ва ё прокурор уҳдадоранд бо қарори махсус шахсро аз гумонбарӣ озод намоянд».

Дар қисми 2 ҳамин модда пешбинӣ карда шавад, ки «Дар қарор бояд нишон дода шавад:

1. Моҳияти гумонбарии пешниҳодшуда;

2. Мавҷуд набудани асос барои пешниҳоди айбдоркунӣ;

3. Қарори мақомоти таъқиби ҷиноятӣ дар бораи аз шахси мазкур бардоштани гумонбарӣ».

---

[255] Ниг.: Денежкин Б.А. Подозреваемый в советском уголовном процессе. – Саратов: Саратовский ун-т, 1982. – С. 33.

Нусхаи қарор дар бораи озодкунӣ аз гумонбарӣ бо имзои шахсе, ки гумонбаршуда дониста шуда буд, супорида ва ба прокурор равона карда мешавад.

Ҳамин тариқ, гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноят ва дастгир кардани минбаъдаи он ҳамон вақт ба анҷом расида ҳисобида мешавад, ки агар он аввал бо протоколи дастгиркунӣ, сониян қарор дар бораи ба сифати гумонбар донистани шахс ва дар охир бо қарор дар бораи озодкунӣ аз гумонбарӣ амалӣ карда шавад. Дар ҷамъбаст, мурофиаи ҷиноятӣ бояд ба як низоми ягонаи бо ҳамдигар алоқаманд табдил ёбад ва аз унсурҳои зерин иборат бошад:

1) ҳалли масъала дар бораи тартиби мурофиавии ҷиноятии дастгир кардани гумонбаршуда;

2) ба сифати гумонбаршуда эътироф кардани шахс;

3) пурсиши гумонбаршуда;

4) ҳалли масъала дар бораи татбиқи чораи пешгирӣ нисбати гумонбаршуда;

5) анҷоми гумонбарӣ.

Пайдарҳамӣ ва пуррагии ин сохтор дар он зоҳир мегардад, ки ҳама гуна унсур бо ҳамдигар пайваст, вобаста ва алоқаманд буда, вайрон кардани пайдарҳамии ин унсурҳо ба натиҷаҳои манфӣ оварда мерасонад ва он натиҷаи фаъолияти ғайриқонунӣ ва нодурустро инъикос менамояд.

2) Қисми 3 м. 92 КМҶ ҶТ дар шакли зерин бояд пешбинӣ шавад: «Баъди гузаштани ин муҳлат дастгиршуда бояд аз тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ озод карда ё дар ҳаққи ӯ яке аз чораҳои пешгирии дар Кодекси мазкур пешбинишуда татбиқ карда шавад».

3) Дар матни қ. 1 м. 99 КМҶ ҶТ истилоҳи «ҳабс» бо ибораи «тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ» иваз карда шуда, дар с. 2 моддаи номбаршуда қоидаи «асосҳои минбаъд дар дар тавқифгоҳи нигоҳдории мувваққатӣ нигоҳ доштан аз байн рафта бошанд» ҷорӣ карда шавад.

4) Дар қ. 1 м. 461 КМҶ ҶТ на танҳо гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, балки тамоми иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин шахсони дигаре, ки иштирокчии бевоситаи мурофиаи ҷиноятӣ набуданд, лекин дар натиҷаи татбиқ шудани чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ ба онҳо зарар расонида шудааст, бояд нишон дода шаванд.

5) Қисми 2 м. 461 КМҶ ҶТ қоидаи «ҳуқуқи рӯёнидани товони зарар дар ҳолатҳои зерин ба вуҷуд меояд», чунин пешбинӣ карда шавад:

«– дар сурати ғайриқонунӣ дастгир шудани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят, аз тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ озод шудани дастгиршуда ё гумонбаршудае, ки нисбати вай ғайриқонунӣ чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан татбиқ шудааст, инчунин бинобар тасдиқ нагардидани гумон дар содир кардани ҷиноят».

# ХУЛОСА

Дар хулосаи диссертатсия дар асоси маҷмуи консепсияҳои ҳаммонанди олимони ватанӣ ва хориҷӣ, қонунгузорӣ ва амалияи чандинсолаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бо назардошти таҷрибаи кишварҳои дигар, муқаррароти илмӣ коркард шуда, натиҷаҳое дастрас шудаанд, ки онҳо дар маҷмуъ вазифаи муҳимми илмиро оид ба хусусиятҳои татбиқи институти дастгиркунӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳал мекунанд. Дар таҳқиқот як қатор муқаррарот ва хулосаҳои нав такмил карда шудаанд, ки аҳаммияти назаррас ба назарияи мурофиаи ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқӣ доранд. Инсон, ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии ӯ дар Тоҷикистон ҳамчун арзиши олӣ эътироф мешаванд (м. 5 Конститутсия), муқаррар ва таъмини он вазифаи асосии давлат мебошад. Ҳар як шахс ҳуқуқ ба озоди ва дахлнопазирии шахсӣ дорад, аммо озодии шахси алоҳида на ҳама вақт мутлақ мебошад, зеро он бояд бо назардошт ва мувофиқатии ҳуқуқ ва озодиҳои дигар шахсон дар ҷамъият амалӣ шавад. Зарурати ҳимояи ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шахс имконияти татбиқи чораҳои маҷбуркунии муваққатиро нисбати шахсони ҷиноят содир карда дорад.

Дар диссертатсия маҷмуи масъалаҳои асосии вобаста ба татбиқи дастгиркунии шахсе ки барои содир намудани ҷиноят гумонбар шудааст, эътироф кардани шахс ҳамчун гумонбаршуда, мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Дар натиҷа як қатор камбудӣ ва номувофиқатиҳо дар қонунгузории амалкунанда ошкор шуда, пешниҳодҳо барои бартараф намудани онҳо, ба хусус дар танзими ҳуқуқиии соҳаи пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ, асоснок карда шудаанд.

Дар рафти таҳқиқот муаллиф ба чунин хулосаҳое омадааст, ки онҳо метавонанд дар таҳқиқотҳои минбаъда ва амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ истифода карда шаванд.

**Хулосаҳое, ки аҳаммияти назариявӣ доранд:**

1. Бо назардошти хусусияти соҳаи пешбурди ҷиноятӣ, ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ метавонад танҳо тибқи асосҳо ва шартҳои дар қонунгузорӣ пешбинӣ шуда, ба хусус дар ҳолати афзалият додани ҳимояи манфиатҳои шахсони дигар, давлат ва ҷамъият маҳдуд карда шавад, аммо фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба мавҷудияти мухолифатҳо ва номутобиқатиҳои қонунгузорӣ шаҳодат медиҳад. Аз як тараф ин ба вайрон кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шахсият, аз тарафи дигар бошад ба таъмини ноҷои ҳуқуқҳои шахсони мансабдори ваколатдор оварда мерасонад.

2. Муайян кардани омилҳои таърихии ташаккул ва рушди ҳуқуқии институти дастгиркунии шахс алоқаи канданашаванда бо амал кардани он ҳамчун ҷузъи таркибии чораҳои хусусияти маҷбуркунӣ дорад. Масъалаи таърихи ташаккули ҳуқуқии институти дастгиркунии шахсро равандҳои муайяни таърихӣ мураккаб мекунанд. Омӯзиши комплексии таърихи ташаккули ин институт шарти зарур барои муайян кардани моҳияти он, мақсад ва асосҳои дастгир кардани шахсе, ки дар содир кардани ҷиноят гумонбар, инчунин такмил додан ва баланд бардоштани самаранокии амалияи ҳуқуқтатбиққкунӣ мебошад. Аниқ карда шудааст, ки омилҳои назаррас дар ба вуҷуд омадани асосҳои гуманистии институти ҳуқуқии дастгир кардани шахс, дар натиҷаи гузаронидани ислоҳоти судӣ ҷой доштанд. Ақидаи марҳилаи нави ташаккули институти дастгир кардани шахс бо қабул шудани КМҶ амалкунанда дар соли 2009 алоқаманд мебошад.

3. Шарти дастгир кардан гумонбарӣ мебошад, ки он ба маълумоти мақомоти таъқиби ҷиноятӣ оид ба дахлдории шахс дар содир кардани ҷиноят асос мегирад. Минбаъд гумонбарӣ ба айбдоркунӣ оварда мерасонад **[1-М].**

4. Тағйироти куллие, ки дар солҳои гузашта дар натиҷаи ислоҳоти соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ рӯй доданд, татбиқи муқаррароти моҳиятан нави амалии қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистонро талаб мекунанд, зеро аксари онҳо навгонӣ буда, ҳам ба назарияи мурофиаи ҷиноятӣ ва ҳам ба фаъолияти амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва суд нигаронида шудаанд.

Доктринаи муосири мурофиавии ҷиноятӣ ба муқаррароти риояи бечуну чарои қонуният ва асоснокии қабули қарор оид ба пешбурди ҷиноятӣ, аз ҷумла дастгир кардани шахс, ҳамчун гарави иҷрои вазифаҳои он мебошад. Аз ин гуфтаҳо аз хусусияти мурофиаи судии ҷиноятӣ бармеоянд, зеро иштирокчиёни он метавонанд, маҳдудкунии муваққатии ҳуқуқ ва озодиҳоро паси сар кунанд, ба хусус ҳуқуқ ба озодии ҳаракат ва дахлнопазирии шахсӣ, ки онҳо дар тамоми ҷаҳон ҳамчун заминавӣ эътироф шудаанд.

**Хулосаҳо вобаста ба танзими ҳуқуқӣ:**

5. Ба КМҶ ҶТ моддаҳои зерин илова карда шаванд: «Ба сифати гумонбаршуда эътироф кардани шахс», «Гумонбаршуда», «Татбиқи чораи маҷбуркунии мурофиавӣ нисбати гумонбаршуда».

6. Асоси дастгир кардан бояд маълумоте бошад, ки сарчашмаи он дар қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд. Ин маълумотҳо танҳо асоси гумонбар донистани шахс ва қабули қарор дар бораи дастгиркунӣ мебошад. Асоснокӣ ва боэътимод будани ин маълумотҳо бояд баҳогузорӣ ва санҷида шавад.

7. Лозим аст, ки дар қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ муқаррароте илова карда шавад, ки мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва ё прокурорро барои дастгир кардани шахс бо гумонбарӣ дар содир кардани ҷиноясте, ки барои он ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ пешбинӣ шудааст, ҳангоми мавҷуд будани маълумоти аз сарчашмаҳои мурофиавӣ дастрас шуда, уҳдадор кунад.

8. Ба қ. 2 м. 92 КМҶ ҶТ илова дохил карда шавад, ки ҳангоми дастгир кардани шахси гумонбаршуда ба ӯ бояд ба таври шифоҳӣ фаҳмонида шавад, ки барои содир кардани кадом ҷиноят ва дар асоси кадом моддаи муайяни КМҶ ҶТ ӯ дастгир шудааст.

9. Ба қ. 2 м. 92 КМҶ ҶТ илова карда шавад, ки тибқи он ҳуқуқҳои гумонбаршуда аз лаҳзаи қабули қарор дар бораи дастгиркунӣ, инчунин аз лаҳзаи дастгиркунии воқеӣ, амалӣ мешаванд.

10. Номувофиқатии м. 92 КМҶ ҶТ ба маънидоди мухталифи мафҳуми дастгиркунӣ оварда расонид. Чунончи, истилоҳи ҳуқуқии «асосҳои дигари

кофӣ» хело васеъ маънидод карда мешавад. Дар қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ муайян карда нашудааст, ки боз кадом маълумот метавонад барои дастгиркунӣ асос гардад ва чӣ гуна фаҳмида мешавад, ки он барои дастгиркунӣ кофӣ мебошанд. Ғайр аз ин, надоштани ҷойи зисти доимӣ, кӯшиши пинҳон шудан ё ин ки ғайриимкон будани муайян кардани шахсияти гумонбаршуда, мутобиқи м. 92 КМҶ ҶТ, шартҳое мебошанд, ки боиси асоснок кардани дастгиркунӣ мебошанд (б. 1-3 қ. 1 м. 92 КМҶ ҶТ), ки аз ҷониби муаллиф инкор карда мешаванд.

11. Аз тарафи қонунгузор ба қ. 2 м. 92 КМҶ ҶТ, ворид кардани тағйирот дар бораи имконияти зикри баёноти дастгиршуда дар протоколи дастгир кардани гумонбаршуда, ки онро б. 2 қ. 4 м. 46 КМҶ ҶТ талаб мекунад, мувофиқи мақсад аст.

12. Дар қ. 3 м. 92 КМҶ ҶТ калимаҳои «аз ҳабс» ба калимаҳои «аз тавқифгоҳи муваққатӣ» иваз карда шаванд.

13. Зарурати ворид кардани муқаррарот дар м. 94 КМҶ ҶТ оид ба дарҳол ба расмият даровардани протоколи дастгиркунӣ ҳангоми ҳангоми дастгиркунии воқеии гумонбаршуда ё ин ки бо гузашти як соат аз лаҳзаи ҳозир кардани дастгиршуда ба мақомоти ваколатдор бо иштироки адвокат. [2-**М]**.

14. Ворид кардани моддаи алоҳида ба КМҶ ҶТ – «Пурсиши гумонбаршуда».

15. Дар м. 123 КМҶ ҶТ бояд зикр намуд, ки шикояти дастгиршуда (новобаста аз маъмурияти ҷойҳои нигоҳдорӣ) бояд бевосита ба прокурор фиристода шавад. Ғайр аз ин шикояти дастгиршуда бояд аз тарафи прокурор дар муддати 12 соат (то хотима ёфтани муҳлати 72 соата) баррасӣ карда шавад [**4-М]**.

16. Ба м. 124 КМҶ ҶТ муқаррарот ворид карда шавад, ки мутобиқи он судя уҳдадор аст, ки дар давоми 8 соат аз лаҳзаи ворид шудани шикоят қонунӣ ва асоснок будани амал ва қарорҳои мақомоти таъқиби ҷиноятиро баррасӣ намояд [**9-М]**.

17. Ба м. 56 КМҶ ҶТ муқаррарот ворид карда шавад, ки мутобиқи он пурсиши шоҳид дар бораи ҳолатҳое, ки иштироки ӯро дар содир кардани ҷиноят фош мекунанд, нораво мебошад.

**Хулосаҳо оид ба такмил додани амалияи тафтишотӣ ва судӣ:**

18. Мақомоти ваколатдор бо баровардани қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати шахси муайян уҳдадоранд дар як вақт қарор дар бораи гумонбар донистани шахс қабул кунанд. Қарори якум ба пешбурди тафтиши ҷиноят оғоз бахшида, дуюм вазъи мурофиавии гумонбаршударо тасдиқ менамояд [**2-М].**

19. Протоколи дастгиркунӣ бояд тартиби амалӣ кардани дастгиркуниро инъикос кунад. Дар протокол бояд, ки ҳар маълумот, ки ҳангоми дастгиркунӣ дастрас шудааст, қайд карда шавад, инчунин қайд дар хусуси фаҳмонидани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо ба дастгиршуда анҷом дода шавад. [**2-М]**

20. Дар ҳолате, ки гумонбарӣ тасдиқ намегардад, мақомоти ваколатдор ухдадор аст, ки таъқиби ҷиноятро қатъ намояд (м. 27 КМҶ ҶТ). Барои ин лозим аст, ки ба КМҶ ҶТ моддаи «Қарор дар бораи озод кардан аз гумонбарӣ» илова карда шавад.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот:**

1. Моддаи 92 КМҶ ҶТ бояд «Асосҳои дастгир карданани шахси гумонбар» номида шавад.

2. Дар м. 53 КМҶ ҶТ лозим аст, ки илова оид ба иштироки ҳатмии ҳимоятгар ҳангоми ҷалб кардани шахс ба сифати гумонбаршуда ворид карда шавад.

3. Пешбинӣ намудани ҳуқуқи гумонбаршуда дар сатҳи қонунгузорӣ оид ба изҳори раддия ба шоҳид, ки он бояд асоснок карда шавад.

4. Дар м. 120 КМҶ ҶТ муқаррароти зерин бояд ворид карда шавад: муҳлати баррасии шикояти дастгиршуда - 24 соат мебошад.

5. Сабабҳои ба суд пешниҳод шудани аризаи шикоятӣ оид ба дастгир кардан набояд бо асосҳои татбиқи дастгир кардан алоқаманд бошанд. Дар КМҶ бояд муқаррарот ворид шавад, ки мутобиқи он ба судя ҳуқуқи бекор кардани чораи маҷбуркунӣ ва озод кардани дастгиршуда дода шавад.

6. Ба КМҶ ҶТ меъёре ворид карда шавад, ки мутобиқи он дар ҳолате, ки агар дастгиркунӣ бо вайрон кардани талаботи м. 94 КМҶ ҶТ ва мавҷуд будани асосҳои дар м.м. 27, 234 КМҶ ҶТ пешбинишуда анҷом дода шуда бошад, қарор дар бораи озод кардани гумонбаршуда аз тавқифгоҳи нигаҳдории муваққатӣ бароварда мешавад.

Таклифҳои пешниҳодшуда бо натиҷаҳои таҳқиқот асоснок карда шудаанд, лекин хусусияти тавсияви доро мебошанд. Метавон гуфт, ки онҳо метавонанд оид ба такмили қонунгузорӣ дар самти беҳтар кардани фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи пешбурди мурофиавии ҷиноятӣ мусоидат намоянд.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

### I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.
2. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19.01.2000 с., таҳти №1 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2000. – №4. – М. 108.
3. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25.06.2005 с., таҳти №107 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2005. – №7. – Мод. 398.
4. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26.07.2014 с., таҳти №1084 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2014. – №7. – Қ. 1. – Мод. 380.
5. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №12, мод. 815-816; Қонун ҶТ аз 25.03.11, таҳти №692; аз 02.08.17, таҳти №755; №1696, аз 04.07.2020, таҳти №1702. – Душанбе: Матн, 2020. – 538 с.
6. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 августи соли 1961, таҳти №110 // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/ru/legislation/legislation-base/ (санаи муроҷиат: 26.01.2021).
7. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 с., таҳти №574 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – №9. – Мод. 68-69.
8. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми 1 аз 30.06.1999 с. [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1999. – №6. – Мод. 153-154.
9. Конвенция против пыток и других жестоких, бесчеловечных или унижающих достоинство видов обращения и наказания от 10.12.1984 г.

[Текст] // СССР и международное сотрудничество в области прав человека: Документы и материалы. – М., 1989. – С. 41-48.
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25.03.2011 с., таҳти №687 [Матн]. – Душанбе, 2011. – 210 с.
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиб ва шароити дар ҳабс нигоҳ доштани гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшаванда» аз 28.06.2011 с., таҳти №720 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2011. – №6. – Мод. 433.
12. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.11.1996 с., таҳти №2 «Дар бораи амалияи шикоят ва баррасии судӣ оид ба қонунӣ ва асоснокии ҳабс ё тамдиди муҳлати ҳабс» [Матн] // Маҷмӯаи қарорҳои Пленуми Суди Олии РСС Тоҷикистон. – Душанбе, 2004. – 289 с.
13. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12. 2011 с., таҳти №10 «Дар бораи таҷрибаи татбиқи қонунҳое, ки судҳо иштироки ҷабрдидаро дар мурофиаи ҷиноятӣ танзим мекунанд» [Матн] // Ст. Қарорҳои Пленуми Суди Олии РСС Тоҷикистон, 1999-2012. – Душанбе, 2012. – 244 с.
14. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.12. 2002 с., таҳти №6 «Дар бораи таҷрибаи судӣ дар баррасии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон» [Матн] // Маҷмӯаи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2004. – 289 с.
15. Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.06.2010 с., таҳти №12 «Дар бораи таҷрибаи судӣ, баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар марҳалаи кассатсионӣ» [Матн] // Ст. Қарори Пленуми Суди Олии РСС Тоҷикистон. – Душанбе, 2012. – 490 с.
16. Қарори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12.06.2001 с. «Дар бораи муайян кардани мутобиқати қ. 5 м. 329 ва қ. 2 м. 339 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон» [Матн] // Маҷмӯаи санадҳои ҳуқуқӣ ва қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2002. – 232 с.

17. Қарори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.12.2012 с. «Дар бораи муайян кардани мутобиқати қ. 5 м. 123 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] // Маҷмӯаи санадҳои ҳуқуқӣ ва карорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2012. – 232 с.
18. Минимальные стандартные правила обращения с заключенными, от 30.08.1955г., принятыми на первом Конгрессе ООН по предупреждению преступности и обращению с правонарушителями. Одобрены Экономическим и Социальным Советом (ЭКОСОС) ООН и одобренных в его резолюциях 663 С (XXIV) от 31.07.1957 г., 2076 (XII) от 13.05.1977 г. и 1984/47 от 25.05.1984 г. [Текст] / В.Н. Андреев, Т.Н. Москалькова // Содержание под стражей. Сборник нормативных актов и документов. – М.: Спарк, 1996. – С. 206-229.
19. Минимальные стандартные правила обращения с заключенными, от 30.08.1955г., принятыми на первом Конгрессе ООН по предупреждению преступности и обращению с правонарушителями. Одобрены Экономическим и Социальным Советом (ЭКОСОС) ООН и одобренных в его резолюциях 663 С (XXIV) от 31.07.1957 г., 2076 (XII) от 13.05.1977 г. и 1984/47 от 25.05.1984 г. [Текст] / В.Н. Андреев, Т.Н. Москалькова // Содержание под стражей. Сборник нормативных актов и документов. – М.: Спарк, 1996. – С. 206-229.
20. Основы уголовного судопроизводства СССР [Текст] // Ведомости съезда народных депутатов СССР и Верховного Совета СССР. – 1990. – №16. – Ст. 272.
21. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар. Резолютсияи 217А Ассамблеяи Генералии Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳида аз 10 декабри соли 1948 У/СССР ва ҳамкории байналхалқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон. Ҳуҷҷатҳо ва маводҳо (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – М.; Юрлит., 1989. – С. 11-18.
22. Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ // Қарори 2200 Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид аз 16 декабри соли

1966 (бо қарори Президиуми Совети Олии СССР 18 сентябри соли 1973 тасвиб шудааст, 23 марти соли 1976 эътибор пайдо кардааст) [Матн] // Ведомостҳои Шӯрои Олии СССР. –М., 1976. – №17. – С. 291.

23. Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи тантанавӣ бахшида ба Рӯзи таъсисёбии мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 марти соли 2018 // Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 13.03.2018).
24. Свод принципов защиты всех лиц, подвергнутых задержанию или заключению в какой бы то ни было форме. Принят резолюцией 43/173 Генеральной Ассамблеи ООН 09.12.1988 г. [Текст] // Права человека: Сборник международных договоров. Универсальные договоры. – Нью-Йорк и Женева: ООН, 1994. – Т. 1. – Ч. 1. – С. 300-312.
25. Уголовно процессуальное законодательство Союза ССР и РСФСР. Теоретическая модель [Текст]. – М., 1990. – 94 с.
26. Фармони Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.03.1996 с. «Дар бораи ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқат кардан» Указа Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 ноябри соли 1996, таҳти №134 «Дар бораи ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат кардан, боздоштани амали моддаҳои 6, 28, 48, 49, 53, 85, 90, 92, 97, 221 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон №944 аз 28 декабри соли 1996 тасдиқ шудааст» [Матн] // Маҷмӯаи санадҳои ҳуқуқӣ ва қарорҳои Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2002. – 232 с.
27. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.06.2007 с., таҳти №271 «Дар бораи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010» // Махзани мутамаркази иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 26.01.2023).

28. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.01.2011 с., таҳти №976 «Дар бораи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013» // Махзани мутамаркази иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 26.01.2023).
29. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.01.2015 с., таҳти №327 «Дар бораи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2017» // Махзани мутамаркази иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 26.01.2023).
30. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.04.2019 с., таҳти №1242 «Дар бораи Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021» // Махзани мутамаркази иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 26.01.2023).

**II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, тафсирҳо, васоити таълимӣ**

31. Адаменко, В.Д. Сущность и предмет защиты обвиняемого [Текст] / В.Д. Адаменко. – Томск: Томский университет, 1983. – 158 с.
32. Алексеев, Н.С., Даев, В.Г., Кокорев, Л.Д. Очерк развития науки советского уголовного процесса [Текст] / Н.С. Алексеев, В.Г. Даев, Л.Д. Кокорев. – Воронеж, 1980. – 251 с.
33. Алексеев, С.С. Проблемы теории права. Курс лекций. В 2 т [Текст] / С.С. Алексеев. – М.: Юрид.лит., 1973. – Т.2. – 401 с.
34. Батюк, В.Н. Задержание и заключение под стражу в стадии предварительного расследования. Учебное пособие [Текст] / В.Н. Батюк. – Киев: НИ и РИО Киевской высшей школы МВД СССР, 1990. – 92 с.
35. Бедняков, Д.И. Непроцессуальная информация и расследование преступлений [Текст] / Д.И. Бедняков. – М.: Юрлит., 1991. – 205 с.

36. Безлепкин, Б.Т. Уголовный процесс России. Общая часть и досудебное производство [Текст] / Б.Т. Безлепкин. – М.: Межд. Универст. Бизнеса и Управления, 1998. – 319 с.
37. Бекешко, С.П., Матвиенко, Е.А. Подозреваемый в советском уголовном процессе [Текст] / С.П. Бекешко, Е.А. Матвиенко. – Минск: Высшая школа, 1969. – 128 с.
38. Боботов, С.В. Буржуазная юстиция. Состояние и перспективы [Текст] / С.В. Боботов. – М.: АН СССР, Ин-т госуд. и право, 1989. – 253 с.
39. Ветрова, Г.Н. Уголовно-процессуальная ответственность [Текст] / Г.Н. Ветрова. – М.: Наука, 1987. – 112 с.
40. Гаврилов, А.И., Стремовский, В.А. Законность и обоснованность возбуждения уголовного дела в советском уголовном процессе. Пособие для работников МООП [Текст] / А.И. Гаврилов, В.А Стремовский. – Ростов-н/Д, 1968. – 105 с.
41. Гаврилов, А.К. Раскрытие преступлений на предварительном следствии [Текст] / А.К. Гаврилов. – Волгоград: ВСШ МВД СССР, 1976. – 207 с.
42. Гаврилов, А.К., Глазырин, Ф.В. Следственные действия. Учебное пособие для вузов МВД СССР [Текст] / А.К. Гаврилов, Ф.В. Глазырин. – Волгоград: ВСШ МВД СССР, 1984. – 238 с.
43. Галкин, И.С., Кочетков, В.Г. Процессуальное положение подозреваемого [Текст] / И.С. Галкин, В.Г. Кочетков. – М: Юрлит., 1968. – 64 с.
44. Григорьев, В.Н. Задержание подозреваемого [Текст] / В.Н. Григорьев. – М.: Юринформ, 1999. – 541 с.
45. Гродзинский, М.М. Обвиняемый, его обязанности и права в процессе [Текст] / М.М. Гродзинский. – М.: Право и жизнь, 1926. – 124 с.
46. Гуляев, А.П. Процессуальные сроки в стадиях возбуждения уголовного дела и предварительного расследования [Текст] / А.П. Гуляев. – М: Юрлит., 1976. – 143 с.
47. Гуляев, А.П., Данилюк, С.А., Забарин, С.Н. Задержание лиц, подозреваемых в совершении преступления: Учебное пособие [Текст] / А.П. Гуляев, С.А. Данилюк, С.Н. Забарин. – М.: ВНИИ МВД СССР, 1988. – 44 с.

48. Гуляев, А.П., Комаров, Б.В., Малиновкин, С.М. Комментарий к Положению о порядке кратковременного задержания лиц, подозреваемых в совершении преступления [Текст] / А.П. Гуляев, Б.В. Комаров, С.М. Малиновкин. – М.: Юрлит., 1982. – 56 с.
49. Гуткин, И.М. Актуальные вопросы уголовно-процессуального задержания: Учебное пособие [Текст] / И.М. Гуткин. – М.: Академия МВД СССР, 1980. – 89 с.
50. Гуткин, И.М. Меры пресечения в советском уголовном процессе [Текст] / И.М. Гуткин. – М., 1963. – 43 с.
51. Гуткин, И.М. Развитие законодательства, регламентирующего деятельность органов следствия и дознания в свете Конституции СССР. Учебное пособие [Текст] / И.М. Гуткин. – М.: Академия МВД СССР, 1986. – 81 с.
52. Гуткин, И.М. Советский уголовный процесс [Текст] / И.М. Гуткин. – М.: Госюриздат., I960. – 319 с.
53. Давыдов, П.М. Обвинение в советском уголовном процессе [Текст] / П.М. Давыдов. – Свердловск: Средне-Уральское книжн. изд, 1974. – 135с.
54. Давыдов, П.М., Якимов, П.П. Применение мер процессуального принуждения по Основам уголовного судопроизводства Союза ССР и союзных республик [Текст] / П.М. Давыдов, П.П. Якимов. – Свердловск: Свердловский юрид. ин-т, 1961. – 11 с.
55. Даль, В. Толковый словарь живого великорусского языка: В 4 т-х [Текст] / В. Даль. – М.: Русский язык, 1982. – Т.З. – 555 с.
56. Денежкин, Б.А. Подозреваемый в советском уголовном процессе [Текст] / Б.А. Денежкин. – Саратов: Саратовский ун-т, 1982. – 142 с.
57. Дубинский, А.Я. Исполнение процессуальных решений следователя. Правовые и организационные проблемы [Текст] / А.Я. Дубинский. – Киев: Наукова думка, 1984. – 182 с.
58. Дубинский, А.Я. Производство предварительного расследова-ния органами внутренних дел: Учебное пособие [Текст] / А.Я. Дубинский. – Киев: НИ и РИО Киевской высшей школы МВД СССР, 1987. – 84 с.

59. Жогин, Н.В., Фаткуллин, Ф.Н. Предварительное следствие в советском уголовном процессе [Текст] / Н.В. Жогин, Ф.Н. Фаткулин. – М.: Юрлит., 1965. – 367 с.
60. Законность в досудебных стадиях уголовного процесса России [Текст] / Колл. авт. Соловьев А.Б., Токарева М.Е., Халиулин А.Г., Якубович Н.А. – Кемерево: НИИ проблем укрепления 150 законности и правопорядка Генеральной прокуратуры РФ, 1997. – 161 с.
61. Зинатуллин, З.З. Уголовно-процессуальное принуждение и его эффективность [Текст] / З.З. Зинатуллин. – Казань: Казанский ун-т, 1981. – 136 с.
62. Искандаров, З.Ҳ. Асосҳои фаъолияти адвокатӣ [Матн] / З.Ҳ. Искандаров. – Душанбе: Эҷод, 2005. – 128 с.
63. Искандаров, З.Х. Конституционно-правовые основы защиты прав человека и гражданина в уголовном процессе Республики Таджикистан [Текст] / З.Х. Искандаров. – Душанбе: Ирфон, 2008. – 181 [2] с.
64. Карнеева, Л.М. Привлечене к уголовной ответственности. Законность и обоснованность [Текст] / Л.М. Карнеева. – М.: Юрлит., 1971. – 133 с.
65. Карпец, И.И. Наказание. Социальные, правовые и криминологические аспекты [Текст] / И.И. Карпец. – М.: Юрлит., 1973. – 287 с.
66. Клюков, Е.М. Меры процессуального принуждения [Текст] / Е.М. Клюков. – Казань.: Казанский ун-т, 1974. – 110 с.
67. Ковалев, М.А. Прокурорский надзор за обеспечением прав личности при расследовании преступлений [Текст] / М.А. Ковалев. – М.: МГУ, 1981. – 167 с.
68. Коврига, З.Ф. Дознание в органах милиции [Текст] / З.Ф. Коврига. – Воронеж: Воронежский ун-т, 1964. – 59 с.
69. Коврига, З.Ф. Уголовно-процессуальное принуждение [Текст] / З.Ф. Коврига. – Воронеж; Воронежский ун-т, 1975. – 175 с.
70. Комментарий к Уголовному Кодексу Российской Федерации [Текст] / Под ред. А.В. Наумова. – М., 1997. – 716 с.

71. Комментарий к Уголовному Кодексу Российской Федерации.Общая часть [Текст] / Под ред. Ю.И. Скуратова, В.М. Лебедева. – М.: Инфра М-Норма, 1996. – 814 с.
72. Комментарий к Уголовно-процессуальному кодексу РСФСР [Текст] / Под ред. Агутина А.В. – М.: Вердикт, 1996. – 726 с.
73. Комментарий к Уголово-процессуальному кодексу РСФСР [Текст] / Под ред. Рекунова А.М. и др. – М.: Юрлит., 1981. – 536 с.
74. Комментарий к УПК РФ [Текст] / Отв.ред. Д.Н. Козак, Е.Б. Мизулина. – М.: Юристъ, 2002. – 1039 с.
75. Комментарий к Федеральному закону РФ Об оперативно-розыскной деятельности [Текст] / Отв. ред. А.Ю. Шумилова. – М.: Вердикт-М, 1997. – 205 с.
76. Кони, А.Ф. Собрание сочинений: В 8 т-х [Текст] / А.Ф. Кони. – М.: Юрлит., 1967. – Т.4. – 543 с.
77. Конституция СССР и правовое положение личности [Текст]. – М.: АН СССР Ин-т Гос. и право, 1979. – 174 с.
78. Кореневский, Ю.В., Токарева, М.Е. Использование результатов Оперативно-розыскной деятельности в доказывании по уголовным делам [Текст] / Ю.В. Кореневский, М.Е. Токарева. – М.: Юрлитинформ, 2000. – 143 с.
79. Короткий, Н.Н. Процессуальные гарантии неприкосновеннос-ти личности подозреваемого и обвиняемого в стадии предварительного расследования: Научно-практическое пособие [Текст] / Н.Н. Короткий. – М.: Б.и., 1981. – 96 с.
80. Ларин, А.М. От следственной версии к истине [Текст] / А.М. Ларин. – М.: Юрлит., 1976. – 198 с.
81. Леонтьев, А.Н. Деятельность, сознание, личность [Текст] / А.Н. Леонтьев. – М.: Политиздат, 1975. – 304 с.
82. Лившиц, Ю.Д. Меры пресечения в советском уголовном процессе [Текст] / Ю.Д. Лившиц. – М.: Юрлит., 1964. – 138 с.

83. Лупинская, П.А. Законность и обоснованность решений в уголовном судопроизводстве [Текст] / П.А. Лупинская. – М.: ВЮЗИ, 1972. – 79 с.
84. Матузов, Н.И. Правовая система и личность [Текст] / Н.И. Матузов. – Саратов: Саратовский ун-т, 1987. – 293 с.
85. Москалькова, Т.Н. Этика уголовно-процессуального доказывания [Текст] / Т.Н. Москалькова. – М.: Спарк, 1996. – 124 с.
86. Мюллерсон, Р.А. Права человека: идеи, нормы, реальность [Текст] / Р.А. Мюллерсон. – М.: Юрлит., 1991. – 160 с.
87. Научно-практический комментарий к Основам уголовного судопроизводства Союза ССР и союзных республик [Текст] / Под ред. В.А. Болдырева. – М.: Госюриздат, 1960. – 280 с.
88. Научно-практический комментарий УПК РСФСР [Текст] / Под ред. Л.Н. Смирнова. – М., 1970. – 558 с.
89. Ожегов, С.И. Словарь русского языка [Текст] / С.И. Ожегов. – М., 1970. – 900 с.
90. Ожегов, С.И. Словарь русского языка [Текст] / С.И. Ожегов. – М.: Госизд-во иностр. и нац. словарей, 1952. – 848 с.
91. Петровский, А.В. Общая психология [Текст] / А.В. Петровский. – М., 1976. – 479 с.
92. Петрухин, И.Л. Неприкосновенность личности и принуждение в уголовном процессе [Текст] / И.Л. Петрухин. – М.: Наука, 1989. – 256 с.
93. Петрухин, И.Л. Проблемы российской адвокатуры [Текст] / И.Л. Петрухин. – М.: Спарк, 1997. – 250 с.
94. Петрухин, И.Л. Свобода личности и уголовно-процессуальное принуждение [Текст] / И.Л. Петрухин. – М.: Наука, 1985. – 239 с.
95. Права человека: Сборник универсальных и региональных международных документов [Текст] / Под ред. Шестакова Л.Н. – М.: МГУ, 1986. – 231 с.
96. Права человека: Сборник универсальных и региональных международных документов [Текст] / Под ред. Шестакова Л.Н. – М.: МГУ, 1990. – 202 с.
97. Практика применения уголовно процессуального законодательства Республики Таджикистан и рекомендации по его совершенствованию

[Текст] / Под ред. Маджитова А.М., Камоловой Е.Д. – Душанбе: Дониш, 2012. – 228 с.
98. Проблемы кодификации уголовно процессуального права [Текст] / Под ред. В.М. Савицкого. – М.: ИГ и АН СССР, 1987. – 130 с.
99. Рахунов, Р.Д. Возбуждение уголовного дела в советском уголовном процессе [Текст] / Р.Д. Рахунов. – М.: Госюриздат, 1954. – 88 с.
100. Рахунов, Р.Д. Участники уголовно-процессуальной деятельности [Текст] / Р.Д. Рахунов. – М.: Госюриздат, 1961. – 277 с.
101. Раҳимзода, Р.Ҳ. Ҳимояи давлатии иштирокчиёни пешбурди судии ҷиноятӣ [Матн] / Р.Ҳ. Раҳимзода. – Душанбе: Ирфон, 2014. – 52 с.
102. Раҳимзода, Р.Ҳ. Чорабиниҳои оперативӣ-ҷустҷӯӣ: асосҳои ҳуқуқӣ [Матн] / Р.Ҳ. Раҳимзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 52 с.
103. Раҳматуллоев, А.Э. Иноятова, А.И. Ташкили қонунгузории ватанӣ оид ба пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ дар солҳои истиқлолият [Матн] / А.Э. Раҳматуллоев, А.И. Иноятов. – Душанбе: Хелветас, 2016. – 172 с.
104. Раҳматуллоев, А.Э. Мурофиаи ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ [Матн] / А.Э. Раҳматуллоев. – Хуҷанд: Нашр, 2010. – 57 с.
105. Раҳматуллоев, А.Э. Мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Э. Раҳматуллоев. – Хуҷанд: Хуросон, 2011. – 655 с.
106. Раҳматуллоев, А.Э. Назарияи далелҳо ва масъалаҳои исботнамоӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / А.Э. Раҳматуллоев. – Хуҷанд: Ношир, 2014. – 300 с.
107. Раҳматуллоев, А.Э. Низом ва шакли мурофиавии ҳаракатҳои тафтишотӣ мутобиқи Кодекси нави мурофиаи ҷиноятии ҶТ [Матн] / А.Э. Раҳматуллоев. – Хуҷанд; Меъроҷ, 2016. – 165 с.
108. Раҳматҷонов, А. Оқилова, М. Мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / А. Раҳматҷонов, М. Оқилова. – Хуҷанд; Хуросон 2008. – 412 с.
109. Раҷабов, С. Инкишофи қонунгузории мурофиаи ҷиноятии шӯравӣ дар Тоҷикистон [Матн] / С. Раҷабов. – Душанбе: «Ирфон» ,1974. – 192 с.

110. Розин, Н.Н. Уголовное судопроизводство [Текст] / Н.Н. Розин. – СПб.: Право, 1914. – 547 с.
111. Российское законодательство X-XX веков. В 9 т-х. Законодательства периода расцвета абсолютизма [Текст] / Под общей редакцией О.И. Чистякова. – М.: Юрлит., 1987. – Т. 5. – 276 с.
112. Рыжаков, А.П. Следственные действия и иные способы собирания доказательств. Учебное пособие [Текст] / А.П. Рыжаков. – Тула, 1996. – 318 с.
113. Рыжаков, А.П., Сергеев, А.И. Субъекты уголовного процесса [Текст] / А.П. Рыжаков, А.И. Сергеев. – Тула, 1996. – 320 с.
114. Савицкий, В.М. Очерк теории прокурорского надзора в уголовном судопроизводстве [Текст] / В.М. Савицкий. – М.: Наука, 1975. – 383 с.
115. Савицкий, В.М. Язык процессуального закона. Вопросы терминологии [Текст] / В.М. Савицкий. – М.: АН СССР Ин-т Гос. и права, 1987. – 286 с.
116. Сергеев, А.И. Задержание лиц, подозреваемых в совершении преступления, по советскому уголовно-процессуальному законодательству: Лекция [Текст] / А.И. Сергеев. – Горысий: Высшая школа МВД СССР, 1976. – 32 с.
117. Следственные действия (процессуальная характеристика, тактические и психологические особенности) [Текст] / Под ред. Б.П. Смагоринского. – 2-е изд. – М.: УМЦ при ГУКМВДРФ, 1994. – 240 с.
118. Советский уголовный процесс. Возбуждение уголовного дела и предварительное расследование. Учебное пособие [Текст] / Под ред. С.В. Бородина и И.Д. Перлова. – М., 1968. – 304 с.
119. Соловьев, А.Б., Токарева, Н.Е., Халиулин, А.Г. Прокурорский надзор за исполнением законов при расследовании преступлений [Текст] / А.Б. Соловьев, Н.Е. Токарева, А.Г. Халиулин. – М.: Юрлитинформ., 2000. – 172 с.
120. Стецовский, Ю.И., Ларин, А.М. Конституционный принцип обеспечения обвиняемому права на защиту [Текст] / Ю.И. Стецовский, А.М. Ларин. – М.: АН СССР Инст. гос. и право, 1988. – 316 с.

121. Стремовский, В.А. Участники предварительного следствия в советском уголовном процессе [Текст] / В.А. Стремовский. – Ростов н/Д.: Ростовский ун-т, 1966. – 260 с.
122. Строгович, М.С. Курс Советского уголовного процесса. В 2 т-х [Текст] / М.С. Строгович. – М., 1968. – Т. 2. – 516 с.
123. Строгович, М.С. Уголовное преследование в советском уголовном процессе [Текст] / М.С. Строгович. – М.: Академия наук СССР, 1951. – 191 с.
124. Судоустройство и уголовный процесс России: 1864 год: Сборник нормативных актов [Текст]. – Воронеж: Изд-во Воронежского гос. университета, 1997. – 252 с.
125. Тарбагаев, А.Н. Понятие и цели уголовной ответственности [Текст] / А.Н. Тарбагаев. – Красноярск: Красноярский ун-т, 1985. – 120 с.
126. Тахиров, Ф.Т. Становление советского права в Таджикистане [Текст] / Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: Дониш, 1987. – 192 с.
127. Тоҳиров, Ф.Т. Ташаккули ҳуқуқи шӯравӣ дар Тоҷикистон [Матн] / Ф.Т. Тоҳиров. – Душанбе: Дониш, 1987. – 192 с.
128. Уголовно-процессуальное законодательство Союза ССР и РСФСР. Теоретическая модель [Текст] / Под ред. В.М. Савицкого. – М.: Инст. гос. и права АН СССР, 1990. – 316 с.
129. Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: Учебник [Текст] / Под ред. К.Ф. Гуценко. – 2-е изд. – М., 1997. – 509 с.
130. Уголовный процесс [Текст] / Под ред. Баскова В.И., К.Ф. Гуценко. – М.: Зерцало, 1998. – 584 с.
131. Уголовный процесс: Учебник [Текст] / Под общ. ред. Лупинской П.А. – М.: Юристь, 1995. – 544 с.
132. Уголовный процесс: Учебник [Текст] / Под ред. К.Ф. Гуценко. – М.: Зерцало, ТЕИС, 1996. – 509 с.
133. Философская энциклопедия [Текст] / Под ред. Ф.В.Константинова. В 5 т-х. – М.: Сов.энциклопедия, 1970. – Т.5. – 740 с.

134. Франк, Л.В. Задержание и арест подозреваемого (уголовно-процессуальные и криминалистические исследования) [Текст] / Л.В. Франк. – Душанбе, 1963. – 236 с.
135. Чельцов, М.А. Советский уголовный процесс [Текст] / М.А. Чельцов. – М.: Госюриздат, 1951. – 512 с.
136. Чельцов, М.А. Советский уголовный процесс. 4-е изд. [Текст] / М.А. Чельцов. – М.: Госюриздат, 1962. – 503 с.
137. Чистяков, В.С. Законность и обоснованность применения мер уголовно-процессуального принуждения: Учебное пособие [Текст] / В.С. Чистяков. – М.: ВЮЗИ, 1978. – 63 с.
138. Чувилев, А.А. Прокурорский надзор за исполнением законов при задержании подозреваемых (учебно-методическое пособие) [Текст] / А.А. Чувилев. – М.-Воронеж: НПО Модэк, 2001. – 31 с.
139. Шадрин, В.С. Обеспечение прав личности при расследовании преступлений [Текст] / В.С. Шадрин. – М.: Юрлитинформ, 2000. – 228 с.
140. Шейфер, С.А. Сущность и способы собирания доказательств в советском уголовном процессе. Учебное пособие [Текст] / С.А. Шейфер. – М.: Юрлит., 1972. – 130 с.
141. Шиканов, В.И. Проблемы совершенствования тактики и методики расследования преступлений [Текст] / В.И. Шиканов // Сборник науч. тр. Иркутского ун-та. – Иркутск, 1980. – 138 с.
142. Шило, Н.Я. Проблемы реабилитации на предварительном следствии [Текст] / Н.Я. Шило. – Ашхабад: Ылым, 1981. – 200 с.
143. Юлдошев, Р.Р. Научно-практический комментарий к отдельным главам уголовно-процессуального кодекса Республики Таджикистан [Текст] / Р.Р. Юлдошев. – М.: Юстиция, 2016. – 225 с.
144. Юлдошев, Р.Р. Шарҳи илмӣ-амалӣ оид ба бобҳои алоҳидаи КМҶ ҶТ [Матн] / Р.Р. Юлдошев. – М.: Юститция, 2016. – 211 с.

**III. Мақолаҳо ва маърӯзаҳо**

145. Абдуллоева, М.К., Раҳматулоев, А.Э. Таҳлили назариявии қоидаҳои дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят [Матн] / М.К.

Абдуллоева, А.Э. Раҳматулоев // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. Силсилаи илмҳои чомеашиносӣ. – 2021. – №2 (38). – С. 155-159.
146. Азаров, В.А. Уголовно-процессуальные и оперативно-розыскные средства достижения цели раскрытия преступлений [Текст] / В.А. Азаров // Государство и право. – 1997. – №10. – С. 45-49.
147. Алексеев, В., Ведерников, А. Рецензия на книгу: Стецовский В.И. Советская адвокатура [Текст] // Социалистическая законность. – 1990. – №4. – С. 78.
148. Алексеев, Н.С. и Лукашевич, В.З. Дальнейшее укрепление социалистической законности и охраны прав личности [Текст] / Н.С. Алексеев и В.З. Лукашевич // Вопросы судопроизводства и судоустройства в новом законодательстве Союза ССР. – М.: Госюриздат, 1959. – С. 184-211.
149. Андруси, Г.В. Процессуальное оформление задержания лица, подозреваемого в совершении преступлений [Текст] / Г.В. Андруси // Сборник Высших курсов. – Киев, 1978. – №15. – С. 70-76.
150. Афанасьев, В., Иванов, М. О практике использования материалов оперативно-технических мероприятий в качестве доказательств по уголовному делу [Текст] / В. Афанасьев, М. Иванов // Вестник контрразведки. – 1994. – №23. – С. 27-29.
151. Ахпанов, А.Н. Система гарантий прав личности в сфере процессуального принуждения [Текст] / А.Н. Ахпанов // Проблемы предварительного следствия и дознания // Сборник ВНИИ МВД СССР. – М., 1987. – С. 5-10.
152. Боровский, Э. Понятие подозреваемого в советском уголовном процессе [Текст] / Э. Боровский // Вест. МГУ. Серия X. Право. – М., 1963. – №1. – С. 31-36.
153. Булатов, Б.Б. Основания задержания подозреваемого по УПК РФ [Текст] / Б.Б. Булатов // Материалы международной научно-практической конференции, посвященной принятию нового УПК РФ / Отв. ред. П.А. Лупинская. – М., 2002. – С. 110-112.
154. Голунский, С.А. Вопросы доказательственного права в Основах уголовного судопроизводства Союза ССР и союзных республик [Текст] /

С.А. Голунский // Вопросы судоустройства и судопроизводства в новом законодательстве Союза ССР. – М., 1959. – С. 150-156.

155. Горожанкин, Б., Рябов, В. Материалы ОТМ в качестве доказательств [Текст] / Б. Горожанкин, В. Рябов // Вестник контрразведки. – 1993. – №10. – С. 21-23.

156. Гуляев, А.П. Понятие процессуального задержания лиц, подозреваемых в совершении преступления [Текст] / А.П. Гуляев // Тр. ВНИИ МВД СССР. – М., 1975. – Вып. 35. – С. 92-99.

157. Давлетов, А. Войт, В. Институт подозрения нуждается в совершенствование [Текст] / А. Давлетов, В. Войт // Законность. – 1996. – №7. – С. 23-27.

158. Денежкин, Б.А., Михаиленко, А.Р. О процессуальном положении подозреваемого и укреплении гарантий защиты его прав [Текст] / Б.А. Денежкин, А.Р. Михаиленко // Вопросы уголовного процесса. – Саратов, 1977. – С. 56-64.

159. Доклад о деятельности Уполномоченного по правам человека в РФ [Текст] / О.О. Миронова // Российская газета. – 2003, 15 июля.

160. Доклад о деятельности Уполномоченного по правам человека в РФ в 1999 году [Текст] // Российская газета. – 2000, 16 мая.

161. Дорохов, В.Я. Процессуальное положение подозреваемого в советском уголовном процессе [Текст] / В.Я. Дорохов // Вестник Высшей школы. – 1958. – №3. – С. 29-32.

162. Дьяченко, М.С. Задержание подозреваемого [Текст] / М.С. Дьяченко // Советский уголовный процесс. – М.: Юрлит., 1980. – С. 231-235.

163. Жуковский, В., Шуман, В. Много ли прав у защитника [Текст] / В. Жуковский, В. Шуман // Советская юстиция. – 1991. – №1. – С. 9-13.

164. Зажицкий, В.И. Объяснения в уголовном процессе [Текст] / В.И. Зажицкий // Советская юстиция. – 1992. – №6. – С. 10-12.

165. Зажицкий, В.И. Представление результатов оперативно-розыскной деятельности органам предварительного расследования или в суд [Текст] / В.И. Зажицкий // Вестник контрразведки. –1997. – №63. – С. 81-86.

166. Искандаров, З.Х. Подозреваемый в уголовном процессе [Текст] / З.Х. Искандаров // Известия Академии наук Республики Таджикистан. Серия: философия и правоведение. – 1995. – №1. – С. 81-85.
167. Карасев, В.Ю. О подозреваемом на предварительном следствии [Текст] / В.Ю. Карасев // В сб.: Проблемы совершенствования советского законодательства и деятельности государственных органов. – Минск, 1969. – С. 189-194.
168. Карнеева, Л.М. К вопросу о подозреваемом в советском уголовном процессе [Текст] / Л.М. Карнеева // Советская криминалистика на службе следствия. – М.: Госюриздат, 1959. – Вып. 12. – С. 8-12.
169. Кашепов, В.П. Концепция развития законодательства об уголовном судопроизводстве [Текст] / В.П. Кашепов // Концепция развития российского законодательства. – М., 1998. – С. 234-242.
170. Кехлеров, С.Г. Исправленному верить [Текст] / С.Г. Кехлеров // Российская газета. – 2003, 10 июля;
171. Кокорев, Л.Д. Участники уголовного процесса [Текст] / Л.Д. Кокорев // Сб. научных трудов. Проблемы кодификации уголовно-процессуального права. – М.: АН СССР Ин-т Гос. и право, 1987. – С. 66-72
172. Коммунистическое оппонирование концепции и содержание кодекса [Текст] // В сб. Судебная реформа и становление правого государства в Российской Федерации. – М., 2003. – С. 208-216.
173. Кудин, Ф.М. Подозрение, как условия применения мер процессуального принуждения [Текст] / Ф.М. Кудин // Уголовно-процессуальное принуждение и ответственность, их место в решении задачи предварительного расследования: Сб. науч. тр. / Высшая следственная школа МВД СССР. – Волгоград, 1987. – С. 34-45.
174. Кудинов, Л. Задержание подозреваемого [Текст] / Л. Кудинов // Социалистическая законность. – 1979. – № 4. – С. 51-57.
175. Кудрявцев, В.Н., Васильев, А.М. Право: развитие общего понятия [Текст] / В.Н. Кудрявцев, А.М. Васильев // Советское государство и право. – 1985. – №7. – С. 3-13.

176. Левчик, ИЛ. Некоторые вопросы задержания [Текст] / И.Л. Левчик // Сб. Высших курсов. – Минск, 1984. – №21. – С.149-151.

177. Лупинская, П.А. Ходатайства и жалобы [Текст] / П.А. Лупинская // Проблемы кодификации уголовно-процессуального права. – М.: АН СССР. Инст. гос. и право. – 1987. – С. 65-78.

178. Мальцев, Г.В. Права личности: юридические нормы и социальная действительность [Текст] / Г.В. Мальцев // Конституция СССР и правовое положение личности. – М., 1979. – С. 48-50.

179. Мариупольский, Л.А. Некоторые правовые вопросы института личного задержания [Текст] / Л.А. Мариупольский // Тр. Высшей школы МВД СССР. – М., 1956. – С. 77-101.

180. Масленникова, Л.Н. Нормы уголовно-процессуального кодекса Российской Федерации – это не произвольные установления законодателя [Текст] / Л.Н. Масленникова // Судебная реформа и становление правого государства в Российской Федерации. – М., 2003. – С. 156-160.

181. Миньковский, Г.М. Правовые и тактические вопросы использования оперативно-розыскных данных следователем [Текст] / Г.М. Миньковский // Проблемы повышения эффективности предварительного следствия. – Вильнюс, 1996. – С. 110-116.

182. Михаиленко, А.Р. Подозреваемый при возбуждении уголовного дела [Текст] / А.Р. Михаиленко // Ученые записки СЮИ. – Саратов, 1970. – Вып. 19. – Ч. 2. – С. 252-253.

183. Морщакова, Т.Г. Общие проблемы судебной власти [Текст] / Т.Г. Морщакова // Судебная реформа и становление правого государства в Российской Федерации. – М., 2003. – С. 63-68.

184. Павлухин, Л.В. К вопросу о подозреваемом в советском уголовном процессе [Текст] / Л.В. Павлухин // В сб.: Развитие прав граждан СССР и усиление их охраны на современном этапе коммунистического строительства. – Саратов, 1962. – С. 108-110.

185. Пастухов, М.И. Институт реабилитации: на пути к законодательному регулированию [Текст] / М.И. Пастухов // Государство и право. –1993. – №12. – С. 56-62.
186. Петрухин, И.Л. Задержание [Текст] / И.Л. Петрухин // Проблемы кодификации уголовно-процессуального права. – М., 1987. – С. 65-90.
187. Петрухин, И.Л. Задержание подозреваемого [Текст] / И.Л. Петрухин // Уголовно-процессуальное законодательство Союза ССР и РСФСР. Теоретическая модель / Под ред. В.М. Савицкого. – М.: ИГиП АН СССР, 1990. – С. 89-97.
188. Пешков, М.А. Правила Миранды-революция в уголовном процессе США [Текст] / М.А. Пешков // Юрист. – 1998. – №2. – С. 36-39.
189. Пешков, М.А., Махов, В.И. Сравнительный анализ Уголовно-процессуального закона США и России [Текст] / М.А. Пешков, В.И. Махов // Следователь. – 1997. – №4. – С. 17-19.
190. Подопригора, А.А. Опыт и проблемы применения нового УПК РФ [Текст] / А.А. Подопригора // Материалы Всероссийского «Круглого стола» 27-28 февраля 2003 г. – Ростов н/Д., 2003. – С. 74-77.
191. Ривкин, М. Положение подозреваемого в процессе предварительного следствия [Текст] / М. Ривкин // Рабочий суд. – М., 1924. – №10. – С. 760-762.
192. Смирнов, В., Давлетов, А. Когда задержанный становится задержанным? [Текст] / В. Смирнов, А. Давлетов // Российский адвокат. – 1998. – №5. – С. 28-38.
193. Строгович, М. О подозреваемом [Текст] / М. Строгович // Социалистическая законность. – 1961. –№ 2. – С. 33-38.
194. Чувилев, А. Анализ статистических данных о законности задержания подозреваемых [Текст] / А. Чувилев // Социалистическая законность. – 1973. – №10. – С. 61-68.
195. Шейфер, С.А. Доказательственное значение задержания подозреваемого [Текст] / С.А. Шейфер // Социалистическая законность. – 1972. – №3. – С. 54-58.

196. Якуб, М.Л. О совершенствовании уголовно-процессуального законодательства [Текст] / М.Л. Якуб // Вестник МГУ. Право. – М., 1964. – №2. – С. 26-31.

**Диссертатсия ва авторефератҳо**

197. Аверченко, А.К. Подозреваемый и реализация его прав в уголовном процессе [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Аверченко Александр Критэрьевич. – Томск, 2001. – 239 с.
198. Александровский, А.Г. Задержание подозреваемого в совершении преступления и применение в отношении лица меры пресечения в виде заключения под стражу до предъявления ему обвинения [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Александровский Александр Григорьевич. – Киев, 1992. – 233 с.
199. Баулин Ю.В. Право граждан за задержание преступника по советскому уголовному законодательству [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Баулин Юрий Васильевич. –Харьков, 1981. – 16 с.
200. Богинский, В.Е. Система тактических приемов допроса подозреваемого [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Богинский Валерий Евгеньевич. – Харьков, 1980. – 225 с.
201. Галимханов А.Б. Организационно тактические особенности расследования преступлений в условиях расширения прав подозреваемого и обвиняемого на защиту [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Галимханов Азат Булатович. – Уфа, 2001. – 218 с.
202. Григорьев В.Н. Непосредственное обнаружение признаков преступления органом дознания, следователем, прокурором, судом [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Григорьев Виктор Николаевич. –Л., 1982. – 17 с.
203. Гусельникова Е.В. Заключение под стражу в системе мер пресечения [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Гусельникова Елена Владимировна. – Томск. 2001. – 242 с.

204. Денежкин Б.А. Подозреваемый в советском уголовном процессе [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Денежкин Борис Александрович. – Саратов, 1975. – 177 с.
205. Ивлиев, Г.П. Основания применения мер процессуального принуждения [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Ивлиев Григорий Петрович. – М., 1986. – 219 с.
206. Клюкова, М.Е. Задержание подозреваемого по советскому уголовно-процессуальному праву [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Клюков Марина Евгеньевна. – М., 1972. – 14 с.
207. Козловский, Н.А. Подозрение в советском уголовном процессе [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Козловский Николай Аполинарович. – Свердловск, 1989. – 166 с.
208. Колосович, С.А. Правовой статус подозреваемого и проблемы его совершенствования [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Колосович Сергей Александрович. – М., 1991. – 240 с.
209. Крашенинников, Н.И. Получение оперативно-процессуальной информации о преступлениях и порядок назначения оперативно-розыскных мероприятий, а также использование их результатов по делам оперативного учета и в следственно-судебной практике [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Крашенинников Николай Иванович. – СПб., 2003. – 37 с.
210. Ксендзов, Ю.Ю. Задержание и заключение под стражу подозреваемого [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Ксендзов Юрий Юрьевич. – Спб., 2010. – 26 с.
211. Лазарев, В.А. Возбуждение уголовного дела как акт правового реагирования на преступные посягательства [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Лазарев Вадим Алексеевич. – Саратов, 2001. – 224 с.
212. Лисицин, Р.Д. Защитник подозреваемого на стадии предварительного расследования [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Лисицин Руслан Дмитриевич. – М., 1998. – 190 с.

213. Луговец, Н.В. Задержание подозреваемого и иные меры процессуального принуждения [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Луговец Николай Владимирович. – Саратов, 2004. – 32 с.
214. Мельников, В.Ю. Задержание подозреваемого [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Мельников Виктор Юрьевич. – Краснадор, 2004. – 28 с.
215. Михайленко, А.Р. Вопросы теории и практики возбуждения уголовного дела в советском уголовном процессе [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Михайленко Александр Романович. – Саратов, 1971. – 17 с.
216. Напреенко, А.А. Гарантии прав подозреваемого в советском уголовном процессе [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Напреенко Александр Александрович. – М., 1982. – 239 с.
217. Пантелеев, И.А. Проблема совершенствования института подозрения в уголовном процессе России [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Пантелеев Игорь Анатольевич. – Екатеринбург, 2000. – 160 с.
218. Петровский, В.Г. Организационные и тактические основы проведения ОРМ и следственных действий при задержании подозреваемого [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Петровский Владимир Григорьевич. – М., 1999. – 236 с.
219. Пивень, А.В. Право подозреваемого на защиту в Российском уголовном процессе [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Пивень Алексей Васильевич. – Краснодар, 1999. – 166 с.
220. Питулько, К.В. Судебная проверка законности и обоснованности избрания в качестве меры пресечения заключение под стражу и реализация права обвиняемого на защиту в уголовном процессе Российской Федерации [Текст]: дис. …канд. юрид. наук: 12.00.09 / Питулько Ксения Викторовна. – СПб., 2000. – 256 с.
221. Резник, В.Ю. Теоретические основы деятельности адвоката на предварительном следствии [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Резник Владислав Юрьевич. – Краснодар, 1998. – 186 с.

222. Ретюнских, И.А. Процессуальные проблемы задержания лица по подозрению в совершении преступления [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Ретюнских Ирина Алексеевна. – Екатеринбург, 2001. – 172 с.
223. Рудич, В.В. Механизм применения мер пресечения в российском уголовном судопроизводстве [Текст]: автореф. дис. … д-ра юрид. наук: 12.00.09 / Рудич Валерий Владимирович. – Ульяновск, 2020. – 60 с.
224. Сабиров, Х.А. Протоколы следственных и судебных действий как вид доказательств в Российском уголовном процессе [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Сабиров Хуснутдин Ахмедович. – Краснодар, 2000. – 182 с.
225. Солтанович, А.В. Право подозреваемого на защиту в уголовном процессе Республики Беларусь [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Солтанович Андрей Владимирович. – Минск, 1992. – 200 с.
226. Третьяков, В.И. Участие защитника на предварительном следствии и в судебном производстве [Текст]: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Третьяков Владимир Иванович. – Краснодар, 1998. – 263 с.
227. Цибарт, Е.Э. Процессуальное положение подозреваемого в Российском уголовном процессе [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Цибарт Евгений Эдуардович. – Оренбург, 2001. – 176 с.
228. Чувилев А.А. Институт подозреваемого в Советском уголовном процессе [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.09 / Чувлиев Александр Александрович. – М., 1968. – 294 с.
229. Чупилкин, Ю.Б. Гарантии прав подозреваемого в Российском уголовном процессе [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.09 / Чупилкин Юрий Борисович. – Краснодар, 200. – 24 с.

**Захираҳои электронӣ [электронный ресурс]**

230. Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 // Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005 тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=130946 (санаи муроҷиат: 28.02.2023).

231. Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 17 августи соли 1961, таҳти №110 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http:mmk.tj/ru/legislation (санаи муроҷиат: 20.03.2022).

## ФЕҲРИСТИ
## ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1-М]** Абдуллоева, М.К., Раҳматулоев, А.Э. Таҳлили назариявии қоидаҳои дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят [Матн] / М.К. Абдуллоева, А.Э. Раҳматулоев // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2021. – №2 (38). – С. 155-159; ISSN 2305-0535.

**[2-М]** Абдуллоева, М.К. Процессуальное оформление задержания подозреваемого в совершении преступления [Текст] / М.К. Абдуллоева // Академический юридический журнал. – 2022. – №1 (41). – С. 152-155; ISSN 2305-0535.

**[3-М]** Абдуллоева, М.К. Кафолатҳои конститутсионии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳангоми дастгир кардан бо гумони содир намудани ҷиноят [Матн] / М.К. Абдуллоева // Осори академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – №1 (53). – С. 152-155; ISSN 2412-141X.

**[4-М]** Абдуллоева, М.К. Тартиби мурофиавии дастгир кардан бо гумони содир кардани ҷиноят [Матн] / М.К. Абдуллоева // Осори академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – №4 (56). – С. 72-74; ISSN 2412-141X.

**[5-М]** Искандаров, З.Ҳ., Абдуллоева, М.К. Кафолатҳои ҳуқуқии боздоштшуда зимни содир кардани ҷиноят [Матн] / З.Ҳ. Искандаров, М.К. Абдуллоева // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – №2 (30). – С. 198-208; ISSN 2414-9217.

### II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[6-М]** Абдуллоева, М.К., Авезова, З.Б. Доир ба масъалаҳои таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷараёни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ [Матн] /М.К. Абдуллоева, З.Б. Авезова // Масъалаҳои

татбиқи қонунгузорӣ дар замони муосир: назария ва амалия (маҷмуаи мақола ва маводҳои конференсияи илмию назариявии ҷумҳуриявӣ (28 ноябри 2013)). – Хуҷанд, 2013. – С. 74-78;

**[7-М]** Абдуллоева, М.К. Вопросы правового регулирования задержания по подозрению в совершении преступления [Текст] / М.К. Абдуллоева // Материалы международной научно-практической конференции, на тему «Актуальные проблемы юридической науки: вопросы теории и практики» (25 октября 2018 г.). – Казахстан, 2018. – С. 184-186;

**[8-М]** Абдуллоева, М.К. Риояи ҳуқуқҳои гумонбаршуда ва масъалаҳои назариявии дастгир кардан [Матн] / М.К. Абдуллоева // I-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ». Маводи конференсия бахшида ба 70-умин солгарди рӯзи қабули эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (7 декабри соли 2018). – Душанбе, 2018. – С. 6-8;

**[9-М]** Абдуллоева, М.К., Иноятова, А.И. Такмили қоидаҳои дастгиркунӣ тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.К. Абдуллоева, А.И. Иноятова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-методӣ дар мавзуи «Масоили мубрами илми ҳуқуқшиносии муосир ва роҳҳои ҳалли онҳо: назария ва амалия» (29-30 ноябри соли 2019). – Хуҷанд, 2019. – С. 162-165;

**[10-М]** Абдуллоева, М.К., Ҷумаев, Н.Ҷ., Илҳом, Д. Ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиа ҳангоми хотима ёфтани тафтиши пешакӣ [Матн] / М.К. Абдуллоева, Н.Ҷ. Ҷумаев, Д. Илҳом // Илм фурӯғи маърифат. Маҷмуи мақолаҳои ҳайати профессорону омӯзгорони факултети №4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар конфренсияи байнидонишгоҳӣ бахшида ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд, 2021. – С. 36-42;

**[11-М]** Абдуллоева, М.К. Риояи ҳуқуқҳои гумонбаршуда ва масъалаҳои назариявии дастгир кардан [Матн] / М.К. Абдуллоева // 5-умин конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалии «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ». Маводи

конференсия бахшида ба рӯзи ҳуқуқи инсон (10 декабри 2022). – Душанбе, 2010. – С. 13-18.